**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ**

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**
**ЮРИДИЧЕСКИЙ ФАКУЛЬТЕТ**

# Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ»

# Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Роль Президента Республики Таджикистан, Основателя мира и национального единства - Лидера нации Эмомали Рахмона в укреплении национального единства»

**Душанбе**
**15-16.06.2017**

**ББК 67.99(2 тоҷик)01**
**УДК Тадж:342**

**Ҳайати таҳририя:**
**Редакционная коллегия:**
**Раҳмон Д.С., Абдуллоев П.С., Диноршоҳ А.М., Саидов Ҳ.**

**Муҳаррири масъул:**
**Ответственный редактор**
**Раҳмон Д.С.**

**Маводҳои Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» // зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2017. – 203 саҳ.**

**Материалы Международной научно-практической конференции на тему: «Роль Президента Республики Таджикистан, Основателя мира и национального единства - Лидера нации Эмомали Рахмона в укреплении национального единства» // под редацией к.ю.н., доцента Рахмона Д.С. – Душанбе, 2017. 203 с**

Дар маҷмӯаи мазкур маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмии иштирокчиёни конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи: «Нақши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ваҳдати миллӣ» оид ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ ва устувории сохтори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омили устувори ваҳдати миллӣ, масъалаҳои мубрами фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ ва мубориза бо ҷинояткорӣ дар заминаи ваҳдати миллӣ, инчунин танзими ҳуқуқии фаъолияти иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун самараи ваҳдати миллӣ ҷой дода шудааст.

Маводҳои маҷмӯа ба донишҷӯён, аспирантон, олимон ва устодон тавсия карда мешавад.

Ҳайати таҳририя барои мазмуни мақолаҳо масъулият надорад.

**© Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**Мундарича**


| | | |
|---|---|---|
| *Раҳмон Д.С.* | **ВАҲДАТУ СУБОТИ СИЁСӢ КАФИЛИ РУШДИ УСТУВОР ВА ТАЪМИНИ НИЗОМИ КОМИЛИ ҲУҚУҚӢ** | **6** |
| *Маҳмудов И.Т.* | **НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ** | **10** |
| *Ализода З.,* | **БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЭЪЛОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН** | **15** |
| *Акбаров С.* | **НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | **18** |
| *Идиев Ф.Ф.* | **ВКЛАД ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ДОСТИЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ЕГО УСИЛИЯ В РЕАЛИЗАЦИИ «ПОВЕСТКИ ДНЯ ДЛЯ МИРА» ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЁННЫХ НАЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН.** | **26** |
| *Самиев Х.* | **СУЛҲИ ТОҶИКОН ВА ҲОФИЗАИ ТАЪРИХИИ МО.** | **31** |
| *Шарипов Т.Ш.*<br>*Миралиев Э.Б.* | **ИНСТИТУТИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯВӢ** | **36** |
| *Кощеев В.Ю.* | **УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ И ЕДИНСТВА** | **41** |
| *Хокироев А.М.* | **АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ ҲАМЧУН БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ, СУЛҲ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ БОСУБОТИ ҶОМЕА** | **43** |
| *Абдуллозода Ф.У.* | **МАВҚЕИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ** | **46** |
| *Сафарзода А.И.*<br>*Мирзоахмедов Ф.А.* | **МАСОИЛИ ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-МУҚОИСАВИИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗБАНДӢ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ УЗВИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ** | **50** |
| *Абдуллоев П.С.* | **МАСОИЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИИ ҶАНБАИ БАЙНАЛМИЛАЛИДОШТА** | **54** |
| *Сангинов Д.Ш.* | **ПЕШВОИ МИЛЛАТ – АСОСГУЗОРИ ҚОНУНГУЗОРИИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** | **58** |
| *Мирзоев П.З.* | **ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА КАЧЕСТВА ТОВАРА, РАБОТ И УСЛУГ** | **61** |

| | | |
|---|---|---|
| *Кабутов Э.Д.* | ЭКОНОМИКО-ПРАВОВАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ТРУДОУСТРОЙСТВА: ПОНЯТИЕ И ОРГАНИЗАЦИОННО – ПРАВОВЫЕ ФОРМЫ | 68 |
| *Мирзоев А.М.* | НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ ИСТИФОДАБАРИИ ОБ | 75 |
| *Муминов Н.И.* | ЗАЩИТА ПРАВ ПОТРЕБИТЕЛЕЙ НА НАДЛЕЖАЩЕЕ КАЧЕСТВО ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ В СФЕРЕ ВЫСШЕГО ПРОФЕССИОНАЛЬНОГО ОБРАЗОВАНИЯ В ДОГОВОРНЫХ ОТНОШЕНИЯХ | 77 |
| *Назарзода Р. Г.* | К ВОПРОСУ О ПОЖИЗНЕННОМ ЛИШЕНИИ СВОБОДЫ В РТ | 86 |
| *Раҳмонзода Ш.Қ.* | НАҚШИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР РУШДИ ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲИФЗИ МУҲИТИ АТРОФ | 89 |
| *Фозилов Н.Н.* | К ВОПРОСУ О НЕКОТОРЫХ ПРОБЛЕМАХ ИСПОЛНИТЕЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 92 |
| *Салихов З.И.* | ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ВОЗДУШНЫХ ПЕРЕВОЗОК ГРУЗОВ ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 101 |
| *Пирзода П.Р.,* | ПРАВОВЫЕ МЕХАНИЗМЫ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН | 105 |
| *Саидов Ҳ.М.,* | БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ АЛОҲИДАИ «ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ОБ» | 113 |
| *Саъдизода Ҷ.* | АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ОСОРИ ҶОМӢ | 120 |
| *Саломов И.И.,* | ҶАҲОНИШАВӢ ВА ДУРНАМОИ ПАДИДАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН | 122 |
| *Камолов Ш. Х.,* | ТАШКИЛЁБИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 125 |
| *Имомов Ҳ.Ш.,* | ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАРКИБИ ҲУҚУҚИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ИДОРАКУНИИ КОРҲОИ ДАВЛАТӢ | 128 |
| *Ойев Х.,* | БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ОБИ НӮШОКӢ | 130 |
| *Мирзоев А.М.,* | ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ АҲДҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ | 137 |
| *Кодиров Ҷ. Ш.,* | БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ ВА ПЕШБУРДИ ИСТЕҲСОЛОТ ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ | 142 |
| *Давлатов Д.Д.,*<br>*Қодиров Д.С.* | ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ БА МАҚОМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ МУСОИДАТКУНАНДА | 146 |
| *Раҷабов К.Д.,* | ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ ВА ОМИЛҲОИ БАРТАРАФ НАМУДА- | 149 |

| | | |
|---|---|---|
| | НИ ОН | |
| *Амренова Ш.,* | ХУСУСИЯТҲОИ БАСТАН, ИҶРО КАРДАН ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ ҲАВОИИ БОР ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 152 |
| *Негматов Б.С.,* | ТАРТИБИ СОДДАКАРДАШУДАИ ТАФТИШИ СУДӢ ДАР ЗАМИНАИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ | 155 |
| *Саидов С.,* | МАВҚЕИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ | 160 |
| *Ҷалолов Х.Ғ.,* | СОХТИ ҶИНОЯТКОРИИ ЗАНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | 163 |
| *Фозилов Н.Н.* | РАЗВИТИЕ СУБЪЕКТИВНЫХ ГРАЖДАНСКИХ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРАВ И ОБЯЗАННОСТЕЙ ЛИЦ, УЧАСТВУЮЩИХ В ДЕЛЕ ПО ГПК ТАДЖИКСКОЙ ССР 1963 ГОДА И ГПК РТ 2007 ГОДА) | 164 |
| *Шоқулова С.И.* | ИСЛОҲОТИ СУДӢ ДАР ЗАМИНАИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ | 169 |
| *Курбонзода Б. Ш.* | ПРОТИВОДЕЙСТВИЕ ЭКСТРЕМИЗМУ В РАМКАХ СОТРУДНИЧЕСТВА ГОСУДАРСТВ-УЧАСТНИКОВ ШОС | 172 |
| *Саидов Ҷ.* | ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ САВДОИ ОДАМОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ МАМЛАКАТҲОИ ИДМ: ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ | 176 |
| *Кодиров Н. А.* | ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ОДАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ -ҲУҚУҚӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ | 181 |
| *Шокирзода Г.* | ОБ ОСОБЕННОСТЯХ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ОСУЖДЕННЫХ ЖЕНЩИН В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ. | 186 |
| *Солехзода Г. Д.,* | ПОНЯТИЕ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА | 190 |
| *Мизробов Ш. Ш.* | СОВРЕМЕННОЕ ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ ПРАВ РЕБЁНКА ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН | 194 |
| *Имомов Ҳ.Ш.* | РОҶЕЪ БА МАФҲУМ ВА АҲАМИЯТИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚӢ – КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ | 200 |

# ВАҲДАТУ СУБОТИ СИЁСӢ КАФИЛИ РУШДИ УСТУВОР ВА ТАЪМИНИ НИЗОМИ КОМИЛИ ҲУҚУҚӢ

***Раҳмон Д.С.,***
***декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,***
***номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент***

Муҳайё сохтани низоми комили ҳуқуқӣ бо фарогирии арзишҳои пешқадами ҳуқуқӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи давлатҳои муосир ба шумор меравад. Махсусан, агар ишора ба фазои ҳуқуқие равад, ки дар он шахсияти инсон ва ҳуқуқҳои ӯ арзиши олӣ эълом гардида бошанд, гуногунрангии мафкуравию сиёсӣ таъмин бошад, стратегияву консепсияҳо бобати таъмини тадриҷии ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ чун ҳуҷҷатҳои ояндасоз баҳри эъмори давлати воқеан иҷтимоӣ, ки рисолати ниҳоиаш ташкили шароити арзандаи зист барои ҳар як сокини он таҳия ва қабул шуда бошад. Мақсад ва мароми давлатҳои ҷудогона дар самти эъмори низоми мувофиқи ҳуқуқӣ дар марҳилаҳои мухталифи рушди онҳо тағйирпазир буда, мунтазам таҷдид мегардад. Вале ғояҳое, ки ишора шуданду ҷанбаи инсонпарварона доранд ва ҳадафашон гиромидошти фитрати азалии инсон бо кулли аркони бо он марбута аст, ҳамоно якрангу бетағйир ва мутлақ боқӣ мемонанд. Зимнан ҳамин воқеият бояд пайваста таъйиду талқин шавад, ки зуҳуроти сиёсиву ҳуқуқӣ ба ҳам дар робитаи занҷирӣ ва ба таври ногусастанӣ қарор дошта, яке заминагузори ҳастии дигарест. Манзури мо муҳтавои масъалаи матраҳшуда, яъне робитаи падидаҳое мисли ваҳдату суботи сиёсӣ бо ташкилу таъмини низоми комили ҳуқуқӣ дар ҷомеа мебошад. Касе инкор карда наметавонад, ки бидуни сулҳу осоиштагӣ ва ваҳдату оромӣ дар ҷомеа расидагӣ ба аҳдофи нодири ҳуқуқӣ имконнопазир ва татбиқнашаванда боқӣ мемонанд. Гувоҳи баръалои ҳамин ҳолат таърихи нангини ҷанги шаҳрвандӣ ва таҷрибаи талхи солҳои аввали истиқлолияти давлатии Тоҷикистон аст.

Аз он лаҳзае, ки Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатӣ қабул гардид, ба қавле дурнамои ташаккули низоми худмухтор ва ҳамзамон ҷадиди ҳуқуқии кишвар бо назардошти пешқадамтарин арзишҳо, аз ҷумла таҷзияи ҳокимият ба шохаҳо, дахлнопазирии моликияти хусусӣ, озодии виҷдон ва эътиқоди динӣ ва ғ. ба таври оқилона тарҳрезӣ гардид. Вале ҷангу нифоқ, низоъҳои байнихудӣ, кашмакашиҳои беҳуда, ихтилоф атрофи идеяҳои таҳмилӣ кишварро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ ворид ва сарҳади парокандагиву нестӣ наздик намуда, расидан ба ин идеяҳои ормониро ба тахайюлот мубаддал сохт. Чунин авзоъ асос барои таъкиду тасдиқи боисрори ҳамин воқеият аст, ки бидуни ваҳдату субот ҳеҷ як навъ низоми идорӣ ва ҳуқуқии комил бунёд нашояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1991 пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ иттифоқӣ истиқлолияти давлатии худро эълон намуд, вале дере нагузашта фазои амниятии Тоҷикистон халалдор гардида, дар қаламрави кишвар нооромӣ сар зад. Гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша дар дохили мамлакат бо дастгирии таҳмилгарони хориҷӣ – душманони миллати кӯҳанбунёди тоҷик мустақилияти сиёсии онро таҳаммул карда натавониста, бо яроқу аслиҳаи ҳарбӣ мусаллаҳ гардида, ҳукумати вақтро бесалоҳият хонда, давлатро порча-порча намуда, ҳар кадоме дар ҳар ҳудуде ба навъе худро «ҳукмрон» эълон дошта, бинобар кинаву адоват ва ғаразҳои шахсиву гурӯҳии худ даст ба зулму истибдод заданд то ҷое, ки хуни бародари худро ба ҳамдигар ҳалол карда, ба ҷони якдигар дарафтоданд ва дар натиҷа оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга гирифта, тамоми фазои ободу осуда ва бечангу ғубори ин сарзамини таърихиро фаро гирифт. Иддае дар зери тиру туфанг ҷон бар сар печида, дар ҳолати тарсу ваҳшат ва гуруснагӣ ба сар бурданд, зумраи дигар аз хона бадар гашта, дар ба дар, ғарибу бекас ва дур аз хоки муқаддаси диёри хеш монданд.

Дар чунин шароит касе ҷуръати ба даст гирифтани зимоми роҳбарӣ ва ба эътидол овардани вазъияти баамаломадаро дар қаламрави кишвар намекард, зеро ин кор, албатта, аз як тараф ҷасорат, дили васеъ, мардонагӣ, шуҷоат ва зиракии баланди сиёсӣ ва аз тарафи дигар савияи баланди дониш, ақлу хирад ва тафаккури баланди созанда-

гиро талаб менамуд. Мардуми сарсону саргаштаи тоҷик интизори абармарде буданд, ки тавонад алангаи ҷанги хонумонсӯзро дар қаламрави давлат хомӯш намояд ва онҳоро аз тамоми нуқоти олам ба сарзамини биҳиштосои худ баргардонад.

Дар он лаҳзаҳои хеле мураккаб ташкил ва баргузор намудани Иҷлосияи XVI Шӯрои олӣ ва зимни он интихоби муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан тасмими тақдирсоз буд. Мақомоти тозаинтихобшудаи ҳокимияти давлатӣ, алалхусус Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон дарҳол пас аз баргузории Иҷлосия ба амалӣ намудани қарорҳои он шурӯъ намуда, дар ин кори басо муҳим ва тақдирсоз азму иродаи қавӣ нишон доданд. Дар муддати кӯтоҳтарин баҳри хотима гузоштан ба ҷанги бародакуш, таъмини ваҳдати миллӣ, баргардонидани гурезаҳо, барқарор намудани хоҷагии аз ҷанг харобгашта тадбирҳои таъхирнопазир андешида шуданд. Иштирокдорони Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб дарк мекарданд, ки бе таъмини ризоияти миллӣ ягон ҳадафи дигари Иҷлосия амалӣ шуда наметавонад. Аз ин рӯ, дар Иҷлосия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 дар минтақаҳои мухолифат ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд», инчунин Қарор «Дар бораи ҳимояи иҷтимоии шахсоне, ки бар асари мунокишаҳои мусаллаҳонаи минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ зарар дидаанд» қабул шуд. Тибқи Қонуни махсус рӯзи 26 ноябр Рӯзи сулҳ ва ризоияти миллии халқи Тоҷикистон эълон гардид. Вале омилҳои зиёде барои хотимаи ҷанг монеагӣ карданд ва ризоияти ниҳоии миллӣ санаи 27 июни соли 1997 сурат гирифт. Саъю талошҳои бепоёни роҳбарияти нави давлати Тоҷикистон таҳти сарварии Эмомалӣ Раҳмон буд, ки дар сарзамини тоҷикон сулҳ, амният, назму суботи ҷомеа ва ваҳдати миллӣ таъмин гашта, ҳазорҳо гурезаҳо ба хонаҳои худ аз хориҷи кишвар баргаштанд. Эмомалӣ Раҳмон – марди майдони набардҳои сиёсӣ шахсиятес, ки бунёди давлатдории миллӣ пас аз ҳазор соли бедавлатии миллати тоҷик бо номи ӯ сахт вобастагӣ дорад. Эмомалӣ Раҳмон ҷони худро дар хатар гузошт то ҷони миллионҳо нафар мардуми шарифи Тоҷикистонро аз чанги душман раҳо намояд ва хобро ба худ ҳаром намуд то роҳи расидан ба рӯзгори осоиштаву ободро барои халқи ҷафодидааш рою тадбир намояд.

Лозим ба тазаккур аст, ки зарурати нав намудани асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат ҳанӯз аз рӯзҳои аввали касби истиқлолияти давлатӣ эҳсос мешуд. Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали сари қудрати сиёсӣ омадан роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро интихоб намуда, инкишофи минбаъдаи Тоҷикистонро танҳо дар ҳамин пайраҳа медид. Ба ҳайси раиси тозаинтихобшудаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Мурочатномаи хеш ба халқи шарифи Тоҷикистон, ки дар Иҷлосияи таърихӣ эълон мешавад, изҳор мекунанд: «асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст».

Масъалаи мазкур ба таври қонунӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 мустаҳкам карда шуд, ки баробари қабули он роҳи нави рушду тараққиёти кишвар муайян гардид. Аз Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол марҳилаи гузариш аз ҷомеаи сотсиалистӣ ба шаҳрвандӣ ва аз давлати шӯравӣ ба давлати ҳуқуқбунёд оғоз гардид.

Ҳамин тариқ, қабл аз қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI -уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократӣ чун самти стратегии инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мешавад.

Ҳанӯз дар рӯзҳои нахустини роҳбариашон дар баромадҳои Сарвари нави давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳои асосӣ ва стратегии давлати Тоҷикистон, аз ҷумла арзишҳои пазируфташудаи ҳуқуқӣ муайян шуданд. Эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ва дунявӣ, ташкили ҳокимияти нави давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва давлат, зиндагии арзандаи ҳар як сокини ҷумҳурӣ, ривоҷи соҳибкорӣ ва ша-

клҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, гуногунии сиёсӣ ва мафкуравӣ, гузаштан ба низоми нави сиёсӣ, фаъолияти озоди иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ, волоияти қонун, риояи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, сиёсати хориҷӣ дар асоси эҳтироми присипҳои аввалнидараҷаи ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама дахолат накардан ба кори ҳамдигар ва эҳтироми манфиатҳои тарафайн дар маҷмӯъ аз ҷумлаи он арзишҳои ҳуқуқӣ буданд, ки ҳанӯз дар рафти фаъолияти Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда буданд.

Солҳои минбаъда борҳо собит намуданд, ки рушди ҷомеа ва давлат дар шароити сулҳ ва ваҳдати миллӣ, волоияти Конститутсия ва қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, ҳаёти осудаҳолонаи халқ, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дарки манфиатҳои миллӣ, масъулияти баланди шаҳрвандӣ имконпазиранд.

Ҳамзамон аён буд, ки бе заминаҳои кофии ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ ғайриимкон буд. Барои ҳамин зарурати нав намудани асосҳои ҳуқуқии ҳаёти ҷомеа ва давлат дар ҳамон солҳо хуб ва бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ эҳсос мешавад. Моҳияти ин масъала маҳз пеш аз ҳама дар суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кушода мегардид. Аз ҷумла, таъкид мешуд, ки асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳалли масъалаҳои азнавсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқ намудани қонунгузории ҷумҳурӣ ба меъёрҳо ва присипҳои пазируфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва омода намудани заминаҳои ҳуқуқии давлати демократии ҳуқуқбунёдро дар назар дорад.

Бояд зикр намуд, ки такя ба ҳуқуқу қонунгузорие, ки аз анъанаву таомул ва тафаккуру шуури миллӣ реша мегирад, ба Эмомалӣ Раҳмон имкон дод, ки дар муддати хеле кӯтоҳи таърихӣ на танҳо як кишвари ба коми нестӣ наздикрасидаро дубора эҳё намояд, балки онро ба як давлате табдил диҳад, ки аз лиҳози демократисозии ҳама ҷанбаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, аз ҷумла эътирофи ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, озодии моликияти хусусӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва гуногунандешии сиёсиву мафкуравӣ, худшиносиву ташаббускорӣ ва ислоҳоти батадриҷи ҳуқуқӣ намунаи олии кишварҳои дигари минтақа гардад.

Дар ин радиф таносуби ҳадафҳои иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқиро мувофиқ гардонида, ба баланд гаштани эътибори ҳуқуқ ва қонуният дар қаламрави кишвар мусоидат намуд. Намунаи ин гуна таносуби дақиқ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ дар соли 1997 мебошад. Дар асоси ин санади муҳим ва тақдирсози миллат ҳамоҳангии амиқ миёни аҳдофи ҷомеа ва тартиботи ҳуқуқӣ барқарор карда шуд, ки натиҷаи ниҳоии он ваҳдат ва ризоияти миллӣ, тинҷиву осудагӣ, мувозинати неруҳои сиёсӣ, пешгирӣ аз ҷунбишҳои ҷудоиандозӣ кафолати ҳуқуқҳои асосии инсон ва шаҳрванд, андухтани таҷрибаи маданияти демократӣ ҳангоми қабули қарорҳо, муваффақ шудан ба консенсус ва монанди инҳо мебошад.

Ҳамин тавр, Эмомалӣ Раҳмон бо дастгирии халқи озодандеши хеш ва бо такя ба хиради азалӣ тавонист дар масири интихобнамудаи худ чун кӯҳҳои сар ба афлоккашидаи Тоҷикистон бовиқору устувор ва побарҷо монда, бар душманони дохиливу хориҷӣ пирӯз гардида, истиқлолияту амнияти давлатиро ҳифз намояд ва Тоҷикистони порча-порча гардидаро ба як кишвари воҳид мубаддал гардонида, мардуми берун аз он мондаро сарҷамъ намояд ва ин марзу буми барои мо чун мардумаки чашм азизро хонаи умеди тамоми тоҷикони рӯйи олам созад ва чароғи меҳру ихлос, сафову самимият, дустиву рафоқат ва сидқу садоқатро дар он фурӯзон гардонад. Ин муваффиқияти мардуми тоҷик на фақат барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақа ибратомӯз буда, дар навъи худ мислу монанде надорад.

Бесабаб нест, ки таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон чандин маротиба аз минбари баланди Маҷмааи умумии Созмоин Милали Муттаҳид ҳамчун сабақ барои тамоми халқҳои ҷангзадаи дунё муаррифӣ гардидааст.

Бо ҳамин минвол маҳз дар натиҷаи консенсус имкони бо роҳи конститутсионӣ ҳал кардани масъалаҳои сиёсӣ имконпазир гардид. Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки  соли 1999 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ворид карда шу-

данд, на танҳо вазъи сиёсиро боз ҳам муътадил намуданд, балки ба инкишофи конститутсионии давлат низ мусоидат карданд.

Таъсиси парлумони дупалатагӣ ва яке аз онҳо касбии доимоамалкунанда, таъсиси Шӯрои адлия, тартиби нави низоми интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, парлумон ва маҷлисҳои маҳаллӣ, такмили низоми судӣ ва плюрализми сиёсӣ аз зумраи масъалаҳое буданд, ки дар Конститутсияи мамлакат инъикоси худро ёфтанд.

Дар заминаи шароити фароҳамоварда Сарвари давлат аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории худ истифода бурда, ба қабули як қатор қонунҳое, ки аҳамияти муҳими ҳуқуқӣ, арзиши иҷтимоӣ ва маънавӣ дошта, ба талаботи шароити нави иҷтимоӣ, демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва махсусан баланд бардоштани маданияти сиёсиву демократии аҳли ҷомеа нақши ҳаётан муҳим доранд, мусоидат намуд.

Аз ҷумла, якум, санадҳое, ки ба устувории ҳокимияти судӣ равона карда шудаанд, ба монанди қонунҳо дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2000), Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳарбӣ» (2000), Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2001).

Дуввум, санадҳое, ки ба устувории пояҳои иқтисодии давлат ва ҷорӣ намудани муносибатҳои нави иқтисодӣ равона шудаанд. Чунончи, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол», «Дар бораи заминсозӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» ва ғ.

Саввум, санадҳое, ки ба масъалаҳои гуманизатсияи қонунгузории ҷиноӣ дахл доранд ба мисли қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боздошти татбиқи ҷазои қатл», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғ.

Чаҳорум, санадҳое, ки ҷанбаи маънавӣ доранд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи авфи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии маблағҳояш», «Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ва ғ.

Қобили зикр аст, ки ташаббусҳои Сарвари давлат дар мавриди эҷоди қонунҳо хусусияти муттасил ё худ динамикӣ дошта, дар натиҷаи омӯзиши амиқи воқеияти иҷтимоӣ ва зина ба зина мутобиқ гардонидани муносибатҳои иҷтимоӣ бо шароити нав ҳосил мегарданд, вале ташаббусҳои созандаи Роҳбари давлати тоҷикон на танҳо дар дохили кишвар балки берун аз он низ чашмрас мебошанд.

Аз ҷумла, дар партави ваҳдату ҳамдигарфаҳмии саросарии дохилидавлатӣ ташаббусҳои Роҳбари воломақоми кишвар дар роҳи дастгирии сулҳу амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, муборизаи беамон бар зидди терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, ҷинояткории муташаккилона, одамрабоӣ, сарбардории гурӯҳҳои тундрави терористиву эктсремистӣ зери ливои Ислом ва ҳамчунин бонги изтироб задан аз кам шудани захираҳои оби нӯшиданӣ дар миқёси ҷаҳон шуҳрати ҷаҳонии Тоҷикистонро боло бурд ва онро ҳамчун кишвари сулҳдӯст дар арсаи байналмилалӣ маъруф кард.

# НАҚШИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Маҳмудов И.Т.,***
***мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ***
***ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии***
***ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент***

Интиҳои садсолаи гузашта ва ибтидои ҳазорсолаи нав қисмат мардуми сарбаланду кӯҳанбунёди тоҷикро ба сабақҳои сангини таърихӣ дучор кард. Бо амри таърих баъд аз ҳазор соли бедавлатӣ миллати аз таърих ранҷбурда ва ҷафодидаи тоҷик 9-уми сентябри соли 1991 арзишмандтарин ва волотарин неъмат – истиқлолияти давлатиро ба даст овард. Агарчанде касби соҳибихтиёрии давлатӣ барои ҳар як фарзанди бонангу номуси ин сарзамини аҷдодӣ мояи ифтихору сарфарозӣ буд, вале ҳодисаву воқеаҳо ва тағйироту таҳаввулотҳои босуръати солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ мардуми тоҷикро дар роҳи ҳифзу нигаҳдошти арзишҳои ин неъмати бебаҳо ба душвориву мушкилиҳои сангин мувоҷеҳ кард. Пош хӯрдани давлати абарқудрати Шӯравӣ ба кандашавии робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои пасошӯравӣ боис гардид. Ин омил тамоми самтҳои хоҷагии халқи мамлакатро ба буҳронҳои шадиди сиёсиву иқтисодӣ дучор намуд. Гузашта аз ин якбора боло рафтани рӯҳияи озодфикрию гуногунандешии сиёсӣ, таъсиси гурӯҳу ҷунбишҳои гуногун, надоштани таҷрибаи кофии сиёсии идории кишвари соҳибихтиёр аз ҷониби роҳбарони давр ба авҷи майдоншиниҳо, хатари парокандашавии миллат, тамомияти арзӣ ва ҷудоиандозии минтақаҳои кишвар оварда расонид. Аз ҳама нангинаш он буд, ки бо айби гурӯҳу ҳизбҳо, афроди алоҳида ва дахолати бевоситаи аҷнабиён Тоҷикистон ба коми оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ давлати навтаъсиси тоҷикон ва миллати фарҳангсолори тоҷик дар чорсӯйи тақдир дар ҳолати яъсу навмедӣ қарор гирифта, роҳу равиши минбаъда ва дурнамои пешрафташ зери суол қарор гирифта буд. Вазъияти баамаломада зарурати оҷилан андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, сарҷаъмии миллат, таъмини оромию субот ва ба суйи ҳаёти муътадил раҳнамун кардани мардуми тоҷикро тақозо менамуд. Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд заминаҳои хело мусоиди ҳуқуқиву сиёсиро барои ба вуқӯъ пайвастани дигаргуниҳои азим дар ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон асос гашт. Ин иҷлосия дар қалби ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ шуълаи умедро ба сӯйи фардои неки давлатдории миллӣ, таъмини рӯзгори босаодату пурнишоти мардуми кишвар фурузон намуд. Бузургтарин дастоварди ин иҷлосияи тақдирсоз он буд, ки Парвардигори Олам ба бахти миллионҳо нафар тоҷикони рӯйи олам фарзанди бонангу номус, далеру ҷасур, покзамиру нексиришт ва ғурури баланди миллидошта Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Сарвари давлат тавлид намуд. Ин фарзанди фарзонаи миллат ҷон дар каф бо як далериву ҷасорати бемисл масъулияти баланди роҳбариро ба душ гирифта, ба наҷоти миллату давлати тоҷикон камари ҳиммат баст. Дар натиҷаи азму талош, кушишу пайкорҳои бемисл ва хизмату заҳматҳои арзандаи шабонарӯзии ин шахсияти барҷастаи таърихӣ дар як муддати кутоҳи таърихӣ алангаи ҷанги шаҳрвандӣ хомӯш карда шуда, хатари парокандашавии миллати тоҷик ва Давлати тоҷикон сарбаландона рафъ карда шуд. Миллати тоҷик дар симои Эмомалӣ Раҳмон - шахси хирадманду дурандеш, роҳбари оқилу тавоно, қаҳрамони асил ва Пешвои ҳақиқии хешро пайдо намуд. Дар воқеъ таърихи навини давлатдории тоҷиконро бе заҳмату талош, хизматҳои арзандаву шоистаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тассавур кардан имконнопазир аст. Бояд ҷавонмардона эътироф намуд, ки ба зима гирифтани масъулият ба кори давлатдориву давлатсозӣ дар ҷойи хушку холӣ, бе заминаҳои муайяни устувори молиявию моддӣ, иқтисодиёти фалаҷгашта саҳлу осон набуд. Танҳо

нафаре метавонист ба ин корҳо дастболо шавад, ки бо дарки ғуруру ҳуввияти баланди миллӣ тамоми ҳастиву вуҷуди хешро ба миллату сарзамини хеш фидо кунад. Дар заминаи қабули қарорҳои таърихию тақдирсоз, роҳандозӣ намудани ташаббусҳои созандаву сиёсати ҳадафмандона ва андешидани силсилаи тадбирҳои мақсадноки фарзанди содиқу вафодори миллат - Сарвари маҳбуби тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқии кишвар дигаргуниҳои куллӣ ба вуқуъ пайваста, заминаҳои боэътимоду устувори бунёди аркони давлатдории миллӣ гузошта шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёд, соҳибихтиёр, демократӣ, дунявӣ ва ягонаро пеш гирифта, дар як муҳлати кутоҳи таърихӣ соҳиби Конститутсия, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, асъори миллӣ ва тамоми рукнҳои давлатдории миллӣ гашт.

Пеш аз ҳама, бо дарназардошти авзои ноороми кишвар дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ, фалаҷ гаштани фаъолияти сохторҳои давлатӣ, қарор доштани шаҳрвандон дар ҳолати яъсу ноумедӣ зарур буд, ки қонуну қарорҳои қабулшуда барои таъмини сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмии комил ва фазои орому субот дар кишвар мусоидат намуда, дар дили ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон гулхани умеду бавариро ба сӯйи оянда дурахшони ин давлату сарзмин бедор менамуд. Дар робита ба ин масъала яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи навини давлати ҷавони Тоҷикистонро ин ба имзо расонидани Созишномаи умумии истикрори сулҳ ва ризоияти миллӣ соли 1997 ташкил медиҳад. Баъд аз баргузории чандин даври музокирот ва гуфтушунид миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагони Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсиони Тоҷикистон 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москав созишномаи мазкур ба имзо расонида шуд. Воқеан санаи 27 июни соли 1997 дар таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол абадан бо ҳарфҳои заррин сабт хоҳад шуд. Ба имзо расидани созишномаи мазкур заминаҳои муайяни ҳуқуқӣ ва ташкилиро дар самти амалисозии ислоҳотҳои низоми давлатдорӣ рӯйи кор овад. Дар заминаи ҳуҷҷатҳои созишии номбаршуда бо мақсади таъмини механизми назорат ва татбиқи созишномаи умумӣ сохтори махсуси машваратӣ Комиссияи оштии миллӣ таъсис дода шуд. Комиссияи оштии миллӣ дар давоми ду соли фаъолият корҳои муайянеро ба нафъи пешрафти Тоҷикистони азиз ба анҷом расонид. Комиссия ба хотири таъмини суботи сиёсӣ дар кишвар лоиҳаи тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки яке аз масъалаҳои меҳварии онро таъмин ва таҳкми ваҳдати миллӣ ва ризояти ҷомеа ташкил медод. Дар заминаи амалишавии ислоҳоти конститутсионӣ 26 сентябри соли 1999 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки дар роҳи устувор гардонидани пояҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва таҳкими ваҳдати миллӣ қадами устувор гузошта шуд.

Маҳз натиҷаи фаъолияти комиссияи оштии миллӣ дар кишвар дар умум ба усувории сулҳу ваҳдати миллӣ, ташаккули парламенти касбӣ, ҷудо намудани 30 фоизи ҷойҳо дар сохторҳои давлатӣ барои намояндагони мухолифин, ба ватан баргардонии тамоми гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, халъи силоҳ, азнавсозии сохторҳои низоми давлатӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи амалкунанда, ба Қонун дар бораи интихобот, Қонун дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ, қабули Қонун дар бораи авфи умумӣ ва ғайра мусоидат намуда, дар роҳи ба ҳам омадани миллати тоҷик шароитҳои арзандаро фароҳам овард.

Бо шарофати дастуру супоришҳо ва ҳидоятҳои бевоситаи Пешвои миллат корҳои созандагиву бунёдкорӣ дар кишвар вусъати тоза ва бесобиқа пайдо намуданд. Дар натиҷаи амалисозии сиёсати сулҳҷӯёна ва бомароми хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти манфиатҳои миллӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун қисмати ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон имрӯз аз ҷониби зиёда 151 давлатҳои дунё ба расмият шинохта шуда, бо беш аз 126 давлатҳои дунё ҳамкориҳои неки дипломатиро ба роҳ монда, ба аъзогии 51 созмонҳои бонуфузтарини байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ пазируфта шудааст. Беш аз 350 санади ҳуқуқи байналмилалии бисёртарафа ва беш 1200 санади ҳуқуқи байналмилалии дутарафаро Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонидааст, ки онҳо асоси

ҳуқуқии муносибату ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳ ва форматҳои гуногун таъмин менамоянд. Мо аз он ифтихормандем, ки бо азму талошҳои пайгиронаи Сарвари маҳбуби ватанамон Тоҷикистонро ҷаҳон шинохт, миллати тоҷик дар дунё муаррифӣ гашт, овози тоҷик ба гӯши аҳли башар расид ва садои тоҷик аз минбарҳои баланди созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ танинандоз гашт. Ҷойи фахр аст, ки аксарияти ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли масъалаҳои глобалии сайёра, хосатан оид ба оби тоза ва дигар мушкилоти экологӣ аз ҷониби Созмони Миллали Муттаҳид бо қаноатмандӣ қабул шудаанд. Давлати Тоҷикистон муаллифи чор ташаббуси бузург дар соҳаи об, аз ҷумла «Соли байналмилалии оби тоза 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» солҳои 2018-2028» мебошад, ки имрӯз дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта ва амалӣ шуда истодааст. Гузашта аз ин тули солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ Тоҷикистон ба як макони асосии баргузории чорабиниҳои муҳими сиёсӣ ва ҳаммоишҳои сатҳи баланди байналмилалӣ табдил ёфтааст. Хизматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти эҳё ва эҳтироми суннату арзишҳои миллӣ, зинда гардонидани номи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ, муттафакирони оламшумули тоҷику форс, чеҳраҳои шинохтаи динӣ ва аҳли илму адаб беназиранд. Иқдомҳои амалинамудаи Пешвои миллат дар ин ҷода беихтиёр ба шинохт ва эътирофу эҳтироми дастовардҳои таърихии миллати тоҷик, гиромидошти мероси бою пурғановати ниёгонамон, густариши ҳуввияти миллӣ ва боло рафтани ғуруру нангу номуси меҳанпарастӣ мусоидат намуданд. Таъмини сулҳ, ваҳдати сартосарӣ, ризоияти миллӣ, оромию субот дар ҷомеа, хомӯш кардани ҷанги шаҳрвандӣ, баргардонидани тамоми гурезагони иҷборӣ ба Ватан, аз вартаи нестӣ ва парокандагӣ наҷот додани давлату миллати тоҷик, аз бузургтарин ва беназиртарин хизматҳои тақдирсозеанд, ки Пешвои миллат барои давлату миллати тоҷик анҷом додаанд. Маҳз бо шарофати хизматҳои барҷаставу арзандаи таърихии ин абармарди бузурги саҳнаи сиёсат дар самти таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ, хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва рафъи хатари парокандашавиии миллату заволёбии давлат бо дастгириву ташаббусҳои бевоситаи халқи Тоҷикистон якдилона бо қалби саршор аз меҳру муҳаббат ба ӯ мақоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат лоиқ даниста шуда, аз тариқи қонун танзими ҳуқуқӣ пайдо кард. Итминон дорем, ки кохи муҳташами сулҳи тоҷикон, ки бевосита бо дастони ин чеҳраи сиёсии эътирофшудаи сатҳи байналмилалӣ бунёд шудааст, ҳазорсолаҳо бегазанд хоҳад монд. Бовар дорем, ки таҷрибаи бузурги сулҳоварӣ ва давлату миллатсозии Пешвои тоҷикони ҷаҳон садсолаҳо мавриди омӯзиш, пазириш ва таваҷҷуҳи ҳамешагии давлатҳои олам ва аҳли башар қарор хоҳанд гирифт. Яке аз ҳадафҳои асосӣ ва меҳварии фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар солҳои истиқлолияти давлатӣ ин бунёди давлати иҷтимоӣ ва зина ба зина боло бурдани сатҳу зинадагонии мардуми кишвар ташкил медиҳад. Дар пайвандӣ ба ин масъала мо шоҳиди ҳолем, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ғамхоронаи Ҳукумати кишварро ин таъмини шароити арзанда ва муносиби зиндагонии хуррам ва пурнишоти мардуми кишвар, дастгирии ҳамешагии маъюбону ятимон, бепарасторону бенавоён ва кафолати таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд такшил медиҳад. Бо қаноатмандӣ ва изҳори хушнудӣ месазад қайд намуд, ки мардуми сарбаланду заҳматкаши тоҷик дар асоси роҳандозии сиёсати бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми самтҳои фаъолияти давлатӣ ба дастовардҳои беназиру арзишманд муваффақ гашт. Аз баракати истиқлолияти давлатӣ ва бо шарофати хизматҳои содиқона, ҷонфидоиву фаъолияти сарбаландона ва иқдому ташаббусҳои неки созанда ва ҳидоятҳои ҷавонмардонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мардуми шарифу сарбаланд, меҳнатдӯсту тамаддунофар, фарҳангсолору матиниродаи тоҷик, дар роҳи расидан ба

ҳадафҳои стратегии мамлакат – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ қадам ба қадам гомҳои устувор гузошта истодааст. Дар заминаи амалисозии ин ҳадафҳои олӣ сабади истеъмолии мардуми кишвар ғанӣ гашта ба ҳар як хонадони тоҷик дастурхони пур аз нозу неъмат таъмин гардидааст. Гузашта аз ин бунёду таъмир ва ба истифода додани роҳу нақбҳои нав барои раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мусоидат намуда, имкон фароҳам овард, ки дар чор фасли сол миёни тамоми минтақаҳои кишвар рафту омади сокинони он таъмин карда шавад. Бунёди роҳҳои байналмилалӣ барои пайвастшавии бемайлони Тоҷикистон ба кишварҳои дунё ва бозори ҷаҳонӣ заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Басо рамзист, ки соли 2016 аз нигоҳи баргузории рӯйдодҳои муҳими ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ барои мардуми сарбаланди тоҷик соли фаромушнопазир буд. Зеро санаи 29-октябри ҳамон сол бо ибтикору ташаббусҳои бевосита ва созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба бунёди сарбанди нерӯгоҳи барқӣ-обии Роғун, ки муҳимтарин ва азимтарин иншооти аср ба ҳисоб меравад, ҳусни оғоз бахшида шуд. Бешубҳа оғози ин марҳилаи навбатии муҳимми сохтмони Нерӯгоҳи барқӣ-обии Роғунро метавон яке аз муҳимтарин ва бузургтарин дастоварди даврони соҳибихтиёрии кишвар таҳти сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзёбӣ намуд. Мо ҳамагон шоҳиди он будем, ки чи гуна бо як ҷасорату шуҷоати бемисл Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бевосита, шахсан савори булдозер ду соҳили дарёи Вахшро ба ҳам пайваста, маҷрои онро иваз карданд ва бунёди сарбанди иншооти муҳими стратегӣ – Неругоҳи барқӣ-обии Роғунро асос гузоштанд. Тамошои ин лаҳзаҳову манзараҳои нотакрори таърихӣ, амалҳои ҷавонмардонаву ғаюронаи фарзанди банангу номуси миллат он лаҳзаҳо тавассути ҳамаи шабакаҳои телевизионӣ ба кас ҳаловату илҳоми тоза бахшида, беихтиёр дар қалби ҳар як фарди бедордил ва заррае аз ҳисси баланди миллию меҳанпарастӣ бархурдор, масъулияти баланди инсониву шаҳрвандӣ ва хизмати содиқонаву садоқати беандоза ба Ватану сарзамини аҷдодӣ ва вусъати корҳои ободкориву созандагиро бедор намуд. Таърихи инсоният кам дар кам мавридҳоеро ёд дорад, ки Сарони давлату ҳукумат ва ё Пешвоёни миллат худ бевосита бо дастони худ ба бунёду сохтмони ин ва ё он ишооти муҳими стратегӣ камари ҳиммат банданд. Аҳсан ба модаре, ки чунин як Рустами таҳамтан ва фарзанди бонангу номусро тавлид намудааст. Дар воқеъ сохта ва истифода додани ин иншооти муҳими энергетикӣ ба таъмини истиқлолияти комили энергетикӣ дар Тоҷикистон, бунёди корхонаҳои саноатӣ, пешравии истеҳсолот,таъмини ҷойҳои нави корӣ ва таъмини зиндагонии босаодати мардуми тоҷик мусоидат менамояд. Ин неругоҳ ба ҳар як хонадони тоҷик нур ва шодмонию сурур мебахшад. Ба ҳар нияту мақсаде, ки Президенти кишвар даст задаанд, ҳатман ҷомаи амал пушидааст. Боварии комил дорем, ки бо дуои хайри ин фарзанди нексиришту покзамир дар наздиктарин муҳлат Неругоҳи барқий-обии Роғун ба фаъолият ва тавлиди неруи барқ оғоз карда, ба мояи ифтихори миллии ҳар як тоҷику Тоҷикистонӣ табдил хоҳад ёфт.

Боиси сарфарозию шодмонист, ки мо дар арафаи таҷлили ҷашни шукӯҳманди 20-солагии Ваҳдати миллӣ қарор дорем. Ҳанӯз 20-сол муқаддам, рӯзи 27-июни соли 1997 дар шаҳри Москави Федератсияи Россия Созишномаи умумии сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расида буд, ки дар таърихи навини давлатдории миллӣ саҳифаи наву тозаро боз кард. Ҳанӯз аз рӯзҳои аввали расман шурӯъ кардан ба иҷрои вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба халқи Тоҷикистон савганд ёд карда, ваъда дода буданд, ки тамоми кушишу ҳастиву хешро баҳри сарсабзию хуррамӣ ва пешрафти давлату миллати тоҷик равон хоҳанд кард. Гузашти солҳо собитқадамона собит намуданд, ки ҳар он чизеро ки Сарвари Давлат ба миллати хеш ваъда карда буданд, фаррохтар ва бештар аз он иҷро намуданд. Офарин ба як фарзанди миллат, ки ба нафъи пешрафти давлату миллати хеш ин қадар корҳои бузургу амалҳои таърихиро анҷом медиҳанд. Дар асл таърих гувоҳ аст, инсоният шоҳид аст, ки Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист, ки киштии умеди мардуми тоҷикро ба соҳилҳои мурод расонад.

Пас биёд ҳамдиёрону дӯстони азиз дар чунин марҳилаи ҳассоси таърихӣ бо назардошти вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва авзои нооромии сайёра бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ, ифтихори волои ватандорӣ, ҳисси баланди миллӣ атрофи сиёсати созанда, бомаром, бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид шуда, ҳамчун рамзи садоқат ба Тоҷикистони азиз, Пешвои муаззами миллат барои  таҳкими ваҳдати миллӣ ва ободию пешрафти кишварамон содиқонаву софдилона хизмат намоем.

Дар чунин лаҳзаҳои фараҳбахш бо камоли эҳтирому сарфарозӣ ҳамаи Шумо ҳозирини муҳтарамро ба ифтихори таҷлили ҷашни 20-солагии Ваҳдати миллӣ самимона фархунда гуфта, бароятон саломативу сарбаландӣ, саодатмандию пирӯзӣ, ободиву осоиш, хушҳоливу хушрӯзӣ ва ба Тоҷикистони азиз пешрафту инкишофро орзумандам.

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ ЭЪЛОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН


*Ализода З.,*
*Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон*
*дар Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ*


Аз байн рафтани Иттиҳоди абарқудрати Шӯравӣ ва соҳибистиқлол гаштани собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ як рӯйдоди ҷаҳонии асри 20 мебошад. Ин ҳодиса ҷаҳонро дигаргун сохт, тавозуни қувваҳои асосии сиёсӣ (капитализм ва сотсиализм) ба ҷониби капитализм гузашт, миллионҳо одамон аз ин парокандашавӣ зарари ҷиддии моддӣ ва маънавӣ диданд. Собиқ ҷумҳуриҳои иттифоқӣ-узви федератсияи СССР бо бисёр вазнинию танқисӣ роҳи рушди минбаъдаи худро интихоб карданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба сифати яке аз ин ҷумҳуриҳои иттифоқӣ соҳибистиқлолии худро эълон кард ва роҳи минбаъдаи рушди давлатдории худро интихоб намуд.

Ҷараёни соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар қатори он равандҳои умумие, ки барои ҳамаи ҷумҳуриҳои узви Иттиҳоди Шӯравӣ хос буд, инчунин дорои баъзе аз хусусиятҳои хоси худ мебошад. Ин хусусиятҳо асосан ба сатҳи рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию сиёсии он алоқаманд мебошад.

**Якум**. Яке аз заминаи соҳибистиқлолиии Тоҷикистон ва аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ-ин бозсозӣ ва демократикунонии ҷомеаи шӯравӣ мебошад. Бозсозӣ ва демократикунонӣ боиси гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ ва озодиии воситаҳои ахбори омма гардид, ки дар натиҷа тамоми камбудиву норасоиҳои сохти шуравӣ ба рӯи об баромад. Аз ҷумла, камбудиҳои ҷиддӣ дар масъалаҳои миллӣ-давлатӣ-бо ном давлати федеративӣ будани СССР, дар асл давлати унитарии марказонида будани он, маҳдуд кардани ҳуқуқҳои ҷумҳуриҳои иттифоқӣ, забон ва одату анъанаҳои миллӣ ва дигарҳо буданд.

Бинобар сабаби зери назорати қатъӣ ва марказонидашуда қарор доштани масъалаҳои сиёсӣ, талошу муборизаҳои ҷумҳуриҳо дар аввал вобаста ба маҳдуд будани забони миллӣ, фарҳанг ва урфу одатҳои миллӣ оғоз гардиданд.

Ин талошу муборизаҳо боиси пайдо шудани созмону ҳаракатҳои нав, ки пайгири масъалаҳои дар боло зиргардида буданд, гардиданд. Аз ҷумла, созмонҳои «Рӯ ба рӯ», «Ошкоро», «Эҳёи Хуҷанд, «Дирафши Ковиён», «Таҷдид», «Бохтар», «Куруши Кабир», «Растохез», «Суғдиён», «Ваҳдат», «Пайванд» ва дигарҳо зуҳур карданд.

Ҳамон тавре дар боло қайд гардид, дар аввал ин созмонҳо ба масъалаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла ба забони тоҷикӣ додани статуси забони давлатӣ машғул шуданд. Дар ин масъала камбудию норасоиҳои зиёд мавҷуд буданд. Асосан дар фаъолияти мақомоту сохторҳои давлатӣ забони русӣ истифода бурда мешуд, бо забони тоҷикӣ аҳамияти зарурӣ дода намешуд, ки ҳамаи онҳо барои рушди забон имкон намедоданд.

Дар натиҷаи ин талошу муборизаҳо Қонуни ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи забони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон» 22-юми июли соли 1989 аз ҷониби Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид[1]. Яке аз масъалаҳои марказии қонун-ин ба забони тоҷикӣ додани вазъи ҳуқуқии (статуси) забони давлатӣ буд. Дар моддаи якуми қонун баён шудааст, ки «Забони давлатии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон-забони тоҷикӣ(форсӣ) мебошад»[2]. Бинобар забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ (форсӣ) дар пешгуфтори қонун қайд гардидааст, ки «Қонуни забони Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии забони тоҷикӣ (форсӣ) ва истофодаи онро ба сифати забони давлатӣ дар тамоми ҳудуди

[1] Қонуни забони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон-Ведемостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, с.1989, №15, мод.102.

[2] Дар ҳамон ҷо.

Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон муайян мекунад, ҳамчунин кафолати ҳуқуқии амали озоди забони русиро чун забони муошибрати байни халқҳои СССР ва забонҳои миллии дигар халқҳое, ки дар сарзамини Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон зиндагӣ доранд, таъмин менамояд»[1].

Дар навбати худ қонун мақоми ҳуқуқӣ ва истемоли дигар забонҳоро низ муайян карда буд. Масалан, дар моддаи 4-уми Қонун омада буд, ки «Ин қонун мақоми ҳуқуқӣ ва соҳаҳои истеъмоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ, қирғизӣ, туркманӣ ва дигар забонҳоро дар ҷумҳурӣ муайян мекунад, ҳамчунин ҳуқуқу кафолати гражданинҳоро дар интихобу ҳимояи забонҳо муқаррар менамояд»[2]

Қонун инчунин доираи мунисобатҳоеро муқаррар кардааст, ки онҳоро мавриди танзим қарор намедиҳад. Дар қисми дуюми моддаи чорум таъкид шудаст, ки «Ин қонун истифодаи забонҳоро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, рӯзгор, муомилаи байни аъзоёни коллективҳои меҳнатӣ, корхонаҳо, муассисаву ташкилотҳо, ки феҳрасти онҳоро Совети вазирони ҶШС Тоҷикистон тартиб додаст, инчунин дар фаъолияти диндорон ва ба ҷо овардани русуми динӣ танзим намекунад»[3].

Ҳамон тавре дар боло ишора шуд, якум, ин қонун яке аз аввалин қонуне мебошад, ки оид ба забони давлатӣ дар ҳудуди собиқ СССР қабул шуда буд. Дуюм, қонун нишон дод, ки дар давлати федеративӣ бояд хусусиятҳои давлатҳои аъзои иттифоқ (ҷумҳуриҳои иттифоқӣ), аз ҷумла хусусиятҳои забон, фарҳанг, урфу одатҳои миллӣ ва дигарҳо бояд ба инобат гирифта шаванд. Сеюм, қонун муҳимияти масъалаи забони давлатиро собит сохт, ки дар оянда ин масъала ба масъалаи конститутсионӣ табдил ёфт ва дар сатҳи конститутсияи давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди танзим қарор дода шуд. Чорум, қонун аввалин қонуне мебошад, к ибо забони тоҷикӣ ва тибқи қолабу меъёрҳои он таҳия шудааст.

**Дуюм**. Ҳодисоту воқеият ва кушишҳои соҳибистиқлолшавӣ асосан зери таъсири ҳодисоту воқеияти шаҳрҳои маркази СССР ва ҷумҳуриҳои назди Балтик ривоҷ карданд. Хусусан, созмону ҳаракатҳои навзуҳур, ки таҷрибаю малакаи муборизаҳои сиёсиро надоштанд ба бисёр камбудию норасоиҳо роҳ доданд. Аз ин бетаҷрибагии онҳо дигар қувваҳои иртиҷоии дохилӣ ва берунӣ истифода бурда, оқибат Тоҷикистонро ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд.

Таъсири ин камбудию норасоиҳо инчунин ба ҳадафу мақсадҳо ва ба андешаҳои соҳибистиқлолхоҳӣ низ таъсир расонид. Аз ҷумла, ин вазъ дар санадҳо дар бораи соҳибистиқлолии Тоҷикистон инъикос шудааст. Дар онҳо дида мешавад, ки Тоҷикистон ҷонибдори дар ягон шакл нигоҳ доштани СССР мебошад (тарафдори Иттиҳод дар шакли Иттиҳоди давлатҳои соҳибихтиёр (ССГ) ва бастани шартномаи нави иттифоқӣ (ССГ) буданд).

**Сеюм**. Зери таъсири ин ҳодисоту воқеиот ва амри тақдир 9 сентябри соли 1991 Тоҷикистон дар қатори дигар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравӣ худро пурра соҳибистиқлол эълон кард. Бояд қайд кард, ки ин амр (қабули санадҳо дар бораи эълони соҳибистиқлолӣ ) танҳо эълони ин ҳодисаи таърихӣ буд, мушкилиҳо ҳоло дар пеш буданд.

Минбаъд ҳаёт худ собит сохт, ки давлатдорӣ, идораи давлат, таъмини мудофиа, амният, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ кори осон набуда, меҳнату заҳмати зиёд, садоқат ба миллату Ватан ва ҷуръату ҷонфидоиро тақозо менамояд.

Мутаассифона, шахсоне, ки дар ин давра дар роҳбарии мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, дар сатҳи ҷумҳуриявӣ қарор доштанд, бештар таҷрибаи иҷрои супориши марказ, яъне онҳо солиёни дароз супоришҳоро аз Марказ (Москва) иҷро мекарданд. Бинобар ин, барои онҳо бисёр ҳам мушкил буд, ки мустақилона, бо масъулияти том давлати соҳибистиқлолро роҳбарӣ намоянд. Беҷуръатӣ, бетаҷрибагӣ ва дар вазъияти нави сиёсӣ (гуногунандешӣ, ошкорбаёнӣ, пайдо шудани сохтору қувваҳои сиёсии мухолиф ва

[1] Дар ҳамон ҷо.
[2] Дар ҳамон ҷо.
[3] Дар ҳамон ҷо.

дигарҳо) идора карда натавонистани давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон, оқибат боиси кашмакашиҳои сиёсӣ ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ гардиданд.

**Чорум.** Эълон гардидани Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ низ дорои баъзе хусусиятҳои худ буд.

Ин воқеят низ ба давраи бозсозӣ ва демократикунонии ҷомеаи советӣ тавъам аст, зеро яке аз мақсадҳои ин ҷараён эъмори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд буд ва баъди парокандашавии СССР ин раванд дар собиқ ҷумҳуриҳо мақсади бунёди давлатдории ояндаи онҳо гардид.

Дар ин ҷо як нуқтаи дигарро низ бояд қайд кард, ки ин раванд раванди ҷаҳонӣ буда, давлатҳои мутамаддини муосир ин роҳро интихоб карданд. Собиқ СССР ва ҷумҳуриҳои аъзои он, ки талоши дигаргуниҳои куллиро доштанд, яъне ислоҳи ҷомеаи шуравӣ ва пайвастан ба арзишҳои умумиинсониро доштанд (демократия, ҳуқуқи инсон, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқбунёдии давлат, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигарҳо) ин роҳро интихоб карданд.

Вобаста ба хусусияти дунявии давлати Тоҷикистон ҳаминро бояд қайд кард, ки ин меъёр баъдтар ба Конститутсияи Тоҷикистон ҳамроҳ гардид. Ин тағйирот дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 1991 дар асоси пешниҳоди Комитети назорати конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсия дохил карда шуд[1]. Қобил ба зикр аст, ки ворид шудани ин истиллоҳ ба сифати унсури моҳияти давлат бо воқеияти ҳаёти онвақтаи Тоҷикистон низ алоқамандӣ, зеро қувваҳое низ буданд, ки орзу ва талоши барпо кардани давлати исломиро доштанд. Бинобар ин, ворид шудани истиллоҳи «давлати дунявӣ» ба андешаи муаллифони он яке аз кафолатҳои пешгирии барпо кардани давлати исломӣ буд.

Ҳамин тариқ, хусусиятҳои номбаргардидаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар таърихи бунёди давлатдории навини Тоҷикистон таъсири манфӣ ва мусбии худро гузоштанд.

---

[1] Ведемостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон, с.1991, №5, мод.56

# НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Акбаров С.,*
*муовини Сардори Раёсати таҳлил ваояндабинии сиёсати дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники мустаъфӣ*

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва таҳкими Артиши миллӣ ва ҷузъу томҳои мамлакат, таҳкиму барқарорсозии сохти конститутсионӣ, тартибу низом, таъмини амнияту суботи кишвар, таъмини волоияти қонун калидӣ мебошад.

Аз таърихи тайкардаи инсоният мо медонем, ки дар давраҳои гуногуни ҳаёти зиндагӣ марҳалаҳои гузариши давлатдорӣ аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохтори дигар бо сабабу омилҳои гуногуни айнӣ ва зеҳнӣ вазъи сиёсӣ, шохаҳои роҳбарии таъминкунандаи амнияту ваҳдат, риояи қонунҳои амалкунанда, рушди иқтисодию иҷтимоӣ чӣ гуна халалдор гардида, боиси нобасомониҳо, хунрезию парокандагӣ ва ҳатто сабабгори нобудшавии қавму миллатҳо ва давлатҳо гардидааст. Миллати тоҷикро дар масири таърих борҳо хатарҳои парокандагию нобудшавӣ таҳдид карда буд, аммо дар тӯли бештар аз ҳазор сол ҳувият, фарҳанги миллӣ ва забони давлатии худро аз маҳвшавию парокандагӣ наҷот дода тавонистааст.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ яке аз воқеаи муҳими таърихӣ ба шумор меравад. Танҳо бо шарофати истиқлолияти комили давлатӣ Тоҷикистон тавонист ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи байналмилалӣ худро ба ҷаҳониён муаррифӣ кунад, ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳон шинохта шавад. Пешвои миллат аҳамияти таърихии беандоза муҳими истиқлолияти давлатиро барои халқи тоҷик ва тамоми тоҷикистониён чунин баҳогузорӣ кардааст: «Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум ба шумор меравад, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, бо вуҷуди баъзе беадолатиҳои марзию ҷуғрофӣ, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккулу инкишоф ёфт, сабзид ва ба камол расид».[1] [1,121].

Истиқлолияти давлатӣ назди миллати тоҷик масъулияти басо муҳим ва тақдирсозро гузошт, ки умдатарини онҳо таъсису пешрафти Артиши миллӣ ва ҷузъу томҳои низомии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аммо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон бадхоҳони дохилию хориҷӣ бо дахолати мамлакатҳои манфиатдор бо баҳонаи риояи аслҳои демократӣ, истифода аз гурӯҳҳои алоҳидаи сустирода ва зархарид, ки аллакай дар кишвар пайдо гардида, мавқеи худро дарёфта буданд, мекушиданд суистифода намоянд. Онҳо таҳти таъсири андешаҳои тундгароёнаи ҳурофотӣ бо омезиши омилҳои манфии маҳалгароӣ ва мансабхоҳӣ тавонистанд миллати тоҷикро ба вартаи ҷанги шадиди шаҳрвандӣ, майдонишиниҳо, задухӯрдҳо ва ғоратгарию хунрезиҳо кашанд.

Аввалҳои соли 1992 аз бетаҷрибагии мардум саросари кишварро рӯҳияи ҷаспуталошҳо дар қолаби демократӣ ва тафаккури динӣ фаро гирифт. Чунин шакл гирифтани рӯҳияи сиёсӣ муносибати ҷудоиандози мардумро ба гурӯҳҳои гуногуни минтақавӣ тақсим шудан асос гузошт. Алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва муқовимату задухӯрдҳои яроқнок тамоми Тоҷикистонро фаро гирифт. Ҳолати фалаҷ гардидани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва риоя нагардидани қонунҳои амалкунанда мансабталошиҳо пурра ба назар мерасиданд. Аз вазъияти ба амал омада истифода бурда, бо ном қумандонҳои яроқноки мардумӣ ва ҷонибдорони онҳо пайдо гардида, роҳбариро ба зиммаи худ гирифта, вазъи сиёсии минтақаҳоро ноором нигоҳ

---

[1] Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих.–Душанбе: Ирфон, 1999.–257с.

медоштанд. Дар як муддати кӯтоҳ тавонистанд ба сохторҳои роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфии худро расонанд, ки барои пешгирии алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ чорае андешида натавонистанд.

Аз ҷониби роҳбарияти он вақта Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № ФП–14, аз 4 январи соли 1992 Кумитаи мудофиа, таҳти № 363 аз 30 сентябри соли 1992 баҳри иҷрои фармони Президенти ҶТ аз 17 сентябри соли 1992, №ФП–188 «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиа» қарорҳо қабул карда шуда буданд. Аммо вазъи ба амал омада тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ба душворию буҳрони шадид гирифтор намуда буд. Ҳамзамон, васеъ гардидани муқовимати яроқноки ҷанги шаҳрвандӣ имкони амалӣ гардонидани ин қарору фармонҳоро ба таъхир гузошт.

Тавре ҳамагон огаҳи доранд бо талошу дастгирии қувваҳои солими ҷомеаи кишвар 16–уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI–уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, сохти конститутсионӣ эҳё карда шуд. Дар ин Иҷлосияи таърихӣ фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олӣ ва роҳбари давлати Тоҷикистон интихоб гардид.

Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияте масъулияти Сарварии давлатро ба зимма гирифт, ки Тоҷикистон дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ сӯхта истода, дар ҳолати парокандагӣ ва маҳву нобудӣ қарор дошт. Дар нахустин барномаи тарҳрези гардида, роҳи давлатдории миллии тоҷиконро муайян намудан ва онро аз вартаи нобудӣ наҷот додан, дар пеши худ мақсад гузошт. Ӯ чунин иброз намуда буд: «Ҷонибдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ба даст овардани сулҳу ваҳдат, баргардонидани тамоми гурезагоне буд, ки аз задухурдҳои дохилӣ Ватанро тарк карда, ба хориҷӣ кишвар ё аз макони зисташон ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фирор намуда буданд. Мақсади ягона дар ин лаҳзаҳои ҳасос пешгирӣ ва хомӯш кардани алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ, ба созишу мувофиқа овардани гурӯҳҳои яроқноки бо ҳам муқовиматдошта ва ҷустуҷӯйи роҳҳои наҷот додани давлат аз вартаи нобудшавӣ ва парокандагии миллат равона карда шуд».[1]

Қарорҳои қабул намудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои мусбати худро доданд. Сохтори фалаҷ гардидаи ҳокимияти давлатӣ барқарор карда шуд, пеши роҳи хатари нобудшавии халқу миллат гирифта шуд, оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба тадриҷ хомӯш гардид, ба марҳалаҳои ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон заминаи мусоид гузошта шуд.

Баъди интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ ва роҳбари давлати Тоҷикистон истиқлолият аз нав тавлид шуд. Агар ба таърихи 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, мебинем, ки:

**Аввалин** кору пайкори абармарди шоҳроҳи сиёсат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба бо зиёиён, уламои динӣ, занону ҷавонони кишвар мулоқоти судманд баргузор намуд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳими ҳифзи амнияту субот, Ваҳдати миллӣ, Барномаҳои рушди кишвар, тарбияи наврасону ҷавонон, пешгирии падидаҳои номатлуб аз қабили хурофотпарастӣ, тундгароӣ, ифротгароӣ ва ғайра баррасӣ ва арзёбӣ гардиданд. Таъмини суботи кишвар муҳимтарин омили рушди давлатдорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳким бахшидани заминаҳои рушди устувори ҷомеа яке аз масъалаҳои аҳамияти стратегӣ дошта маҳсуб меёбад.

**Дуюм,** пас аз ба кор шурӯъ намудани Ҳукумати қонунӣ дар Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули қарору қонунҳои мушаххас барои бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар ҷаласаи мазкур 18-уми декабри соли 1992, таҳти №3, қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** қабул карда шуд, ки заминаи асоси ҳуқуқии ташкилу таъсиси Артиши миллиро фароҳам овард.

---

[1] Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сол.Теҳрон –2003. –204с

Дар он замон аз набудани Артиши миллӣ, вазъи мудофиавию амниятии кишвар дар ҳолати ногувор гирифтор шуда буд, хатари воқеии парокандашавии давлати тоҷикон возеҳу равшан ба мушоҳида мерасид.

Тоҷикистон таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи худро бе ягон заминаи моддию техникӣ дар шароити бениҳоят вазнини иҷтимоию иқтисодӣ аз сифр оғоз намуд, ки дар минтақаҳои кишвар ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт. Норасоиҳои миқдории зиёди техникию таҷҳизоти ҷангӣ, шумораи ангушт шумори мутахассисони соҳиб таҷрибаи низомӣ дар кишвар ба мушкилот гирифтор буд. Дигар кишварҳои узви ИДМ бошанд, дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиби сармояи гарони иншооти ҳарбӣ, лавозимоти техникии гуногун гардида буданд, аммо кишвари мо ҳамчун кишвари сағирмонда бесарпараст дар гирдоби моҷароҳои сиёсӣ соҳиби ягон саҳми ҳамзистии ҳафтодсола дар ҳайати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нагардид.

Дар баробари ин,ба зиммаи роҳбарияти давлати тоҷикон масъулияти бениҳоят бузург меистод ва афсарону сарбозони кишвар бо сабру тамкин тавонистанд бори вазнини ин масъулиятро мардонавор ба дӯш гиранд. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, Артиши миллӣ дар набардҳои вазнини барқарор намудани сулҳу оромии сартосарӣ дар минтақаҳои кишвар баҳри ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии мамлакат талошу ҷонбозиҳои шоистаро анҷом дода тавонист.

Аввалин паради ҳарбии Артиши миллии Тоҷикистон 23–уми феврали соли 1993 доир гардид, ки ҷавонони ватанпарасти кишварамон бо як ҷаҳон ифтихори миллӣ дар сафи он гузаштанд. Барои тарбияи мутахассисони касбии ҳарбӣ садҳо ҷавонони тоҷикро ба омӯзишгоҳҳои олии низомии Федератсияи Русия ва дигар кишварҳо фиристода шуданд, ҳамчунин, дар Тоҷикистон муддати кутоҳтарин коллеҷу омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, сарҳадӣ, донишкадаи олии ҳарбӣ таъсис дода шуданд.

Сохтору фаъолияти Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фармону дастурҳои оқилона ва иҷрои саривақтӣ, тибқи муқаррароти низомӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин зарурат Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки 23 июли соли 1993, таҳти №296–13 қарореро ба тавсиб расонад, ки тибқи он сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайяну мушаххас созад. Инчунин, зимни ин қарор Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори Дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи кишварамонро тасдиқ намуд. Дар рафти таъсиси нахустин раёсатҳо қисмҳои низомӣ ва ҷузъу томҳои ҳарбӣ зарурати ворид кардани тағйироту иловаҳо ба қарори мазкур ба миён омад. Ин буд, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми августи соли 1994 ин масъаларо аз сари нав мавриди баррасӣ қарор дода, сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти вазъияту шароити муосир зимни қарори № 440–9 мутобиқ гардонида, тағйироту иловаҳо ворид намояд. Тибқи санади мазкур сахтори роҳбарият, Дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарситоди Артиши миллии кишвар мушаххасу муайян карда шуд.

Ҳамзамон, ба тадриҷ мақомоту хадамот, раёсату шуъбаҳои роҳбарикунандаи Қувваҳои Мусаллаҳ таъсис гардида, ташаккул ёфтанд. Дар асоси сохтори тасдиқгардида, барои такмили мудофиави неруҳои хушкигард, ҳарбии ҳавоӣ, ҳимояи зиддиҳавоӣ, бригадаи зарбазани десантӣ, бригадаҳои таъйиноти махсус, тӯпчиён, раёсатҳои тиббию ҳарбӣ, кимиёвӣ, сохтмонӣ, муҳандисӣ, алоқа, кашфи ҳарбӣ ва ғайра таъсис дода шуда, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

**Сеюм,** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 –ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Конститутсия барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои расидан ба Ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гузошта, ба марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ, ки асосҳои рукнҳои давлатдории тоҷикон буданд, нақши тақдирсозу заминаи ҳалкунанда гузошт.

Ба маҷмӯи қонунҳои қабулгардида баҳри мутобиқати онҳо ба раванди ҷомеа чандин маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, барои иҷро ва риоя пешкаши халқи тоҷик гардонида шуданд. Дар моддаи 43–и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

омадааст: **«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».**[1]

Имрӯз вақте Ватан мегӯем, пеш аз ҳама, муҳофизати Ватан ва тамомияти арзии кишварамонро дар назар дорем. Вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар афзудан ба дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ мебошад. Яке аз рукнҳои асосии он Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар заминаи уҳдадории умумии ҳатмӣ бо мақсади мудофиаи давлат ташкил карда мешавад. Мудофиаи кишвар вазифаи муҳими давлат, халқ ва ҳар як шаҳрванд аст.

**Марҳалаҳои муҳими ташаккул ва рушди Артиши миллӣ**

**Якум,** мақсади асоси таъсис ва ташаккули неру ва қувваи нави ҳарбии миллие буд, ки ба ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қодиру содиқ бошад, тавонад дар ҳама ҳолат озодию манфиатҳои мардуми кишварро таъмину нигаҳбон бошад. Вобаста ба таъйиноти мазкур, қӯшунҳои муташаккили зудамал дар сохторҳои қудратии кишвар таъсис дода шуда, ба фаъолият шурӯъ карданд, ки вазифаи асосиашон муқовимат ба қувваҳои дохилии зиддиҳукуматӣ ва ҳифзи сохти конститутсионии кишвар равона карда шуда буданд.

**Дуюм,** ин таъсиси сохтори таркибии Артиши миллӣ, ҳаллу фасл ва такмили корҳои ташкилию ташаккули номгӯйи вазифаҳои муайян кардаи онҳо ба анҷом мерасад. Дар ин давра баъди таъсис навъҳои гуногуни Артиши миллӣ, аз қабили қӯшунҳои хушкигард, қӯшунҳои ҳарбию ҳавоӣ, қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ рушду инкишоф ёфтанд, бахусус, ташкили қӯшунҳои зудамал ва таъйиноти махсус дар сохторҳои қудратӣ аҳамияти хосса зоҳир карда шуд.

**Сеюм,** ин давраи хотимавии таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ байни Ҳукумати кишвар ва роҳбарияти мухолифин оғоз гардид. Дар ин марҳала ба сохтори таркибии Артиши миллӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ ба ҳайати штатии онҳо ворид карда шуд.

Бахри амалӣ гардидани қарордодҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон афсарону сарбозони Иттиҳоди неруҳои опозитсиони тоҷик (ИНОТ), ки теъдоди онҳо зиёда аз 5 ҳазору 500 нафарро ташкил медод, баъди гузаронидани ташхиси тиббӣ ба ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда шуданд. Чунин миқдор аз рӯйи тартиби муайян ба Вазорати мудофиа, Вазоратҳои қудратӣ, Кумитаҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, шомил гардонида шуда, дар сафҳои он адои хизмат ва кору фаъолият намуданд. Тибқи муқаррароти КОМ баъди гузаштани комиссияи аттестатсионӣ, ки аз ҷониби ҳар ду тараф баробар таъсис дода шуда буд, қисми зиёди онҳо ихтиёран хизмати мулкиро интихоб намуданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо заҳматҳои шабонарӯзии худ барои раҳо намудани мардум аз вартаи ҷанги хонумонсӯз пайваста Паёму барномаҳои худро бахри муҳайё намудани сулҳи устувор, оштии миллӣ, якдигарбахшӣ, поянда нигоҳ доштани аҳдномаи Ваҳдати миллӣ равона гардонида буд. Сарвари давлат дар ҳолатҳои ҷангӣ, вазъи ноустувори сиёсӣ, чандин маротиба ба хориҷи кишвар ва минтақаҳои даргири дохилӣ сафарҳо намуда, бо мардуми осоишта гуфтушунидҳо баргузор намуда, онҳоро ба сарҷаъми оштӣ, афву ҳамдигарбахшӣ даъват намуда, ба савганди қабулкардааш содиқ монд. Таҷрибаи роҳи ҳаллу фасли мунокишаҳои дохилии кишвар ҳосилкардаи ӯро аз ҷой доштани ақидаҳои гуногун, бархӯрди қувваҳо, истифодаи усул ва механизми ба танзим даровардани вазъу ҳолати сиёсии ҷойдошта ҳамчун дастоварди истиқрори сулҳу субот дар нуқтаҳои доғи дигар кишварҳои ҷаҳон қобили омӯзиш пазируфтанд.

Сиёсати пешгирифтаи Роҳбари хирадманд таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон,омили асили сулҳ ва истиқлолияти комили давлатӣ мебошад, ки имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи

---

[1] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 06 ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳои 22.05.2016с).

байналмилалӣ гардидааст, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург дошта, ҳамеша дар ҳолатҳои душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худододӣ истифода намуда, худро аз вартаи ҳалокатбор наҷот дода метавонад. Ба қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан: «Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон овարданд».[1]

**Чорум,** бо роҳбарӣ ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохтанд, дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қадамҳои устувори худро гузошта тавонист, сохтори системаи давлатдории тоҷиконро аз нав асос гузошта, барои насли оянда мукаммал гардонид.

Вазифаҳои минбаъдаи ҳар як сохтори қудратӣ дар асоси талаботҳои Конститутсия муайяну мушаххас карда шуданд. Дар назди кормандони Вазорати корҳои дохилӣ масъулияти муҳофизату ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъияту давлатӣ вогузор карда шуданд. Дар назди ин Вазорат Раёсати қӯшунҳои дохилӣ таъсис дода шуд, ки барои пешгирӣ кардани ҳама гуна низоъҳои тасодуфии дохилӣ кишвар сафарбар карда мешавад.

Ба кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти вазифаҳои таъмини амнияти миллии дохилию хориҷии кишвар, омӯхтани раванди вазъи сиёсӣ, ақидатии дохилию берунии кишвар, ҷустуҷӯ ва муайян намудани ҳизбу созмонҳои террористию экстримистӣ, ҳаракатҳои сиёсии мухолифатангез, ки аз берун дохил гардида буданд, баҳри сари вақт пешгирӣ кардани ҳама гуна шакли таҷовузи аз берун ба дохили кишвар сафарбар гардида, вогузор карда шудаанд. Баҳри ҳимоя ва мустаҳкамии ҳудуди сарҳади кишвар Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукаммалу таҷҳизодонида шуд ва соли 2004 масъулияти пурраи ҳимояи ҳифзи сарҳади давлатӣ ба зиммаи онҳо вогузор карда шуд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини таъсис ёфтанашон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумат ва Сарфармондеҳи Олии кишвар қарор доранд, ҳамеша баҳри рушди таъминоти онҳо чораҳои мушаххаси саривақтӣ андешида шудаанд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “доктаринаи ҳарбӣ” ва як қатор қонунҳои дахлдори давлатиро барои фаъолияти сохторҳои низомӣ таҳия карда, ба тасвиб расонид, шакли сохтори замонавии Қувваҳои Мусаллаҳро муайяну мушаххас ва тасдиқ намудааст, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошанд.

Нақши Артиши миллӣ дар ҷомеа пеш аз ҳама ҳимояи манфиатҳои давлату миллат дар сатҳи байналмилалӣ, мустаҳкам кардани асосҳои мудофиавии дохили кишвар, ягонагии қаламрав ва Истиқлолияти давлатиро ҳимоя ва нигоҳ доштан аст. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта ва мунокишаҳои берунию дохилии мавҷуда, рушди санъати ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ вобаста ба тағйироти географӣ ва геополитикӣ, иқтисодӣ ва дигар шароитҳо ба талаботи раванди тараққиёти ҷаҳони муосир ҷавобгӯй гардонида шуд.

**Панҷум,** бо сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ба ҳомии марзу бум ва давлатдории миллӣ мубаддал гардид. Зимни суханронии худ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми Артиши миллиро чунин баҳогузорӣ намудааст: «Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар роҳи ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба эътидол овардани вазъи мамлакат ва пуштибонии сулҳу субот, фурӯ нишондани ошӯбҳои исёнгарона ва зарбаи қатъӣ задан ба ҳамлаҳои берунӣ, несту нобуд сохтани гурӯҳҳо ва дастаҳои мусаллаҳи ҷинояткор, пешгирии табаддулоти ҳарбӣ ва қочоқи маводи мухаддир хизмати беназир намудаанд»[2]

---

[1] Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ.Ҷилди 3.–Душанбе: Дониш, 2007.–375с

[2] Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сол. –Душанбе: Ирфон,2008.– 325с.; Военная доктарина Республика Таджикистан, Душанбе – 1999.

Имрӯз бо итминони комил метавон ёдовар шуд, ки Артиши миллӣ чун неруи муқтадири кафили амнияту осоиш, сулҳу суботи кишвар ташаккул ёфтааст.

**Шашум,** саҳми Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ иштирок дар муборизаҳои шадид ва набардҳои сангин баҳри таъмини амният, сулҳу суботи кишвар бениҳоят калон аст. Дар ин раванд санъати ҷангиро омӯхта, обутоб ёфтааст. Баҳри ҳамкории минбаъдаи ҳарбӣ ба даҳҳо созмонҳои байналмилалӣ шомил гардида, созишномаҳоро ба тавсиб расонидааст. Дар айни замон бо созмонҳои СААД, ИДМ, СҲШ, СММ, НАТО, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва ғайра ҳамкориҳои судманд дар чаҳорчӯбаи уҳдадориҳои дуҷониба ташкил карда шуда, як қатор меморандум ва самти минбаъдаи ҳамкориҳои ҳарбӣ ба имзо расонида шудаанд.

Дар доираи СААД аз моҳи майи соли 1992 созишномаи ҳамкорӣ баста шудааст, ки дар асоси қарори Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри соли 2002 номи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъиро гирифтааст. Мақсади асосии СААД нигоҳ доштани мустаҳкамии сулҳ, таъмини устувории амнияти байналмилалӣ дар минтақа, муҳофизат дар асоси мустақилияти дастаҷамъӣ, якпорчагии минтақавӣ ва соҳибистиқлолии давлатҳои узви ин созмон равона карда шудааст. Баталиони махсусгардонидашудаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар машқҳои муштараки низомии ҷузъу томҳои артишҳои кишварҳои узви СААД ва СҲШ фаъолона ширкат варзида, афсарону сарбозони тоҷик донишу малака ва таҷрибаи худро сайқал дода, ба нишондодҳои назаррас ноил гардида истодаанд. Дар чунин машқҳои муштараки комплекси низомӣ, ба монанди “Сипари Ҷанубии Иттиҳод–2000”, “Ҷануб–Зиддитеррор 2002”, “Сарҳад–2005”, “СҲШ–2006”, “Раъд–2015” дар машқгоҳи вилояти Хатлону Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо иштирок намуда, таҷрибаи ҷангии худро мукаммал намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 зери санади барномаи “Ҳамкорӣ ба хотири сулҳ” имзо гузошта, аз ҳамон лаҳза ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо блоки НАТО шурӯъ гардидааст. Тоҷикистон бо НАТО асосан, дар масъалаҳои мубориза бо терроризм, пурқувват гардонидани неруи сулҳпарваронаи кишвар, андешидани чораҳои башардӯстонаи безараргардонии минтақаҳои сарҳадӣ аз минаҳо ва дигар самтҳо ҳамкориҳои самарбахш ба тасвиб расонидааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз шарикони стратегии давлати мо Федератсияи Русия буда, ҳамкориҳои ҳарбӣ дар ҳама самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон базаи ҳарбии 201-уми Русия ба муҳлати муайян мустақар гаштааст ва мавҷудияти он ба хотири пойдор мондани сулҳу оромӣ дар минтақа равона гардида, он ба манфиатҳои дарозмуддати Тоҷикистон ва Русия хизмат хоҳад кард.

Тайи 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми сохтор ва ҷабҳаҳои давлатдории кишвари мо дастовардҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуқуъ пайвастанд. Бо дастгириҳои пайгиронаи Сарвари давлат маҳз бо хизматҳои содиқона ва бошарафонаи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ артиши қобили мудофиаи ҳифзи қаламрави Ватан ва Истиқлолияти давлатӣ ба камол расонида шуд, ки барои ин даҳсолаҳо лозим буд. Аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар лаҳзаҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз борҳо тавонистанд садоқати худро ба Ватан ва миллати худ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит созанд.

Имрӯзҳо вобаста ба вазъи мураккаби печида ва ҳассоси ҷаҳони муосир, буҳрони шадиди геополитикии сайёра, афзоиши таҳдиду хатарҳои минтақавию умумиҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, густариш ёфтани падидаҳои нангину хатарноки терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ рӯй ба афзоиш овардаанд. Дар назди ҳайати шахсии тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифаҳои ниҳоят муҳиму тақдирсоз гузошта шудааст, ки иҷрои онҳо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, хизмати ҳушёронаи шабонарӯзӣ, фидокорӣ ва мутобиқсозии оқилонаву муассири фаъолияти ҳар як неруи дифоии мамлакатро тақозо мекунад.

Солҳои охир таваҷҷуҳи асосии Фармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланди омодагӣ нигоҳ доштани ҳамаи ҷузъу томҳои низомӣ равона карда шудааст. Баланд бардоштани масъулияту самаранокии фаъолияти хадамоти идоракунанда, дараҷаи омодагии касбии ҳайати шахсӣ, таҳия намудани нақшаҳои оперативӣ дар самтҳои хатарнок, ҷорӣ кардани усулҳои нави истифодаи қӯшунҳо ҳангоми ташкил ва гузаронидани амалиёти муштараки сохторҳои низомии мамлакат бо неруҳои ҳарбии СААД ва СҲШ ба таҳким ёфтани тайёрии мудофиавии кишварамон мусоидат намудааст. Мақсади асоси баргузории чунин чорабиниҳои сатҳи байнидавлатӣ муқовимат бар зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби барои ҷомеа хатарзо ва дар маҷмӯъ ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Айни замон ба зиммаи Ситоди генералӣ вазифаҳои муҳимтарин, қабл аз ҳама, роҳбарии мутамарказ ба ҳамаи ситодҳои сохторҳои қудратии мамлакат, омӯзиши вазъи ҳарбию сиёсӣ, муайян кардани дараҷаи таҳдиду хатарҳои дохилию берунӣ ва баланд бардоштани омодагии оперативию тактикии ситоду қӯшунҳо вогузор карда шудааст. Бо мақсади таъмини идоракунии муосири ҳифзи сарҳади давлатӣ заминаи ду сохтори низомӣ: Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳайати он Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадӣ таъсис дода шуд. Мустаҳкамӣ ва ҳимояи ҳудудии кишвар бар зиммаи онҳо вогузор карда шудааст.

Гузаронидани машқҳои муштарак бо иштироки ҷузъу томҳои Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи шаҳрвандӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳиме мебошанд, ки ба болоравии сатҳи маҳорату малакаи ҷангии Артиши миллӣ ва таҳкими қобилияти мудофиавии давлати миллӣ мусоидат менамоянд. Зарур аст, ки ин анъанаи хуб дар оянда низ пайваста давра ба давра ташкилу идома дода шавад.

Дар самти сиёсати хориҷӣ робитаҳои байналмилалии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо кишварҳои узви СААД, махсусан, бо Русия ва Қазоқистон, сохторҳои низомии давлатҳои ҳамсоя, Чин, Фаронса, Ҳиндустон, ИМА ва Эрон хеле густариш ёфтааст, кумаку дастгириҳои моддию техникии тарафайн барои мустаҳкамии ҷузъу томҳои низомӣ расонида мешавад.

Ба масъалаи тарбияи кадрҳои ҳарбӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, сафҳои он бо хатмкунандагони академияҳои гуногун, афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ ва ҳарбии махсус, инчунин, дастпарварони кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олӣ хеле такмил дода шудааст. Дар айни замон беш аз 600 нафар хизматчии ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҳарбии кишварҳои Русия, Қазоқистон, Чин, Ҳиндустон ва ғайра таҳсилро идома медиҳанд.

Ҳамкориҳои низомию байналмилалии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи фаъолияти худ зиёда аз 60 аҳднома ва созишномаи дутарафа ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва дигар кишварҳои хориҷии дур таҳия намудааст, ки аксари онҳо то имрӯз давра ба давра амалӣ гардида истодаанд. Чунин паймону созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Белорусия, Эрон, Фаронса, Чин, Олмон, Англия, ИМА дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ ба имзо расонида шуда, кумакҳо давра ба давра ворид мегарданд.

Масъалаи таъминоти ҷузъу томҳо бо биноҳои замонавӣ, захираҳои моддию техникӣ, озуқаворӣ, сару либос ва техникаву таҷҳизот тадриҷан ба андозаи имкон ҳаллу фасли худро пайдо кардааст. Таъминоти иҷтимоию маишӣ ҳамасола ба зиёда 250–300 нафар оилаи афсарон бо хонаҳои истиқоматии замонавӣ таъмин карда мешаванд. Барои ноил шудан ба нияту нақшаҳои тарҳрезӣ кардашуда зарур аст, ки суботи сиёсию иҷтимоиро мисли гавҳараки чашм ҳифз кунему Ваҳдати миллиро рӯз то рӯз мустаҳкам намоем ва дар ҷомеа эҳтироми қонун ва волоияти қонунро таҳким бахшем.

Мо ҳама дар назди халқу Ватан вазифадор ҳастем, ки сулҳи пойдор ва тамомияти арзию якпорчагии Тоҷикистони азизро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем, зеро хизмат

кардан ба Ватан шарафи бузург ва қарзи шаҳрвандии ҳар як ҷавонони бонангу номуси миллат аст.

Вазифаи муҳимтарини дигар ин мустаҳкам кардани тартибу низом дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Артише, ки низоми қатъӣ надорад, артиши қобили ҳарбу зарб ва арзандаи эҳтиром буда наметавонад. Тавре Сарфармондеҳи Олӣ зимни суханронии худ пайваста таъкид менамояд: **«Аз аскари қаторӣ сар карда, то генерал, аз хизматчии одӣ то вазир, бояд ба таври қатъӣ ва бечунучаро талаботи оинномаҳои сафороии ҳарбиро пурра иҷро намоянд».**[1]

Артиш – симои миллат ва бақои умри давлат аст. Вазифаи асосии он таъмини амнияти Ватан, нигаҳдории сулҳу субот дар кишвар ва тамомияти арзии он мебошад. Эътимоди мардум бояд комил бошад, ки Артиши миллии мо барои ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва амнияти мамлакатамон баҳри пешгирии ҳама гуна дастдарозии аҷнабиён қодир аст. Артиши миллии Тоҷикистон бояд артише бошад, ки ба меъёрҳои низомии ҳарбии имрӯз ва фардо пурра ҷавобгӯ бошад, ки ба манфиати давлату миллат ва ҷомеаи демократӣ хидмати содиқона карда тавонад.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» № 208, аз 4 ноябрисоли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –1995. № 23–24; Оинномаи интизомии ҳарбӣ, Душанбе: – 2004. – 87с.

## ВКЛАД ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ДОСТИЖЕНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ЕГО УСИЛИЯ В РЕАЛИЗАЦИИ «ПОВЕСТКИ ДНЯ ДЛЯ МИРА» ОРГАНИЗАЦИИ ОБЪЕДИНЁННЫХ НАЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН.

***Идиев Ф.Ф.,***
***доцент кафедры международного права юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук***

В 90-е годы XX века вместе с межгосударственными конфликтами международному миру и безопасности начали угрожать внутренние вооруженные конфликты. Вооруженные конфликты в Колумбии, Сомали, Афганистане, Руанде, бывшей Югославии, Нагорном Карабахе, Приднестровье, а также Республике Таджикистан возникли тогда, когда Организация Объединенных Наций – самая универсальная Организация по поддержанию международного мира и безопасности не имела опыта регулирования таких конфликтов.

С целью поддержания международного мира и безопасности Совет Безопасности ООН в своем заявлении от 31 января 1992 года предложил Генеральному секретарю ООН Б. Бутрос-Гали подготовить к 1 июля 1992 года, «анализ и рекомендации относительно путей укрепления и повышения эффективности - в рамках и в соответствии с положениями Устава - потенциала Организации Объединенных Наций в области превентивной дипломатии, миротворчества и поддержания мира»[1]. На основе данного заявления Генеральный секретарь ООН Б. Бутрос-Гали 2 июля 1992 года выступил с программным документом, посвященным вопросам обеспечения международного мира и безопасности и получившим название «Повестка дня для мира: превентивная дипломатия, миротворчество и поддержание мира». Б. Бутрос-Гали в докладе подчеркивает, что с момента создания Организации Объединенных Наций в 1945 году в мире произошло более 100 крупных конфликтов, в которых погибло около 20 миллионов человек. Организация Объединенных Наций была лишена возможности что-либо сделать во многих из этих кризисных ситуаций из-за тех - в общей сложности 279 - вето, которые были использованы в Совете Безопасности и которые явились наглядным отражением противоречий того периода[2]. Он продолжает, что наши цели для урегулирования конфликтов и сохранения мира состоят в том, чтобы:

- пытаться на самой ранней - из возможных - стадии выявлять ситуации, чреватые конфликтами, и пытаться, используя средства дипломатии, ликвидировать источники опасности до того, как произойдет вспышка насилия (*Иными словами, использовать превентивную дипломатию, курсив мой - И.Ф.Ф.)*;

-при возникновении конфликта предпринимать миротворческие усилия, направленные на решение проблем, ставших причиной конфликта;

- в рамках усилий по поддержанию мира делать все для сохранения мира, пусть даже хрупкого, там, где боевые действия остановлены, и содействовать выполнению соглашений, достигнутых с помощью примирителей;

-быть готовыми содействовать миростроительству в его различных аспектах: восстановлению институтов и инфраструктур в странах, истерзанных гражданской войной и конфликтами; и установлению мирных взаимовыгодных отношений между нациями, которые до этого воевали друг с другом;

---

[1] Повестка дня для мира. Превентивная дипломатия, миротворчество и поддержание мира. Доклад Генерального секретаря в соответствии с заявлением, принятым 31 января 1992 года на заседании Совета Безопасности на высшем уровне. Документ ООН A/47/277, S/24111. URL www.un.org (дата обращения 26.05.2017)
[2]Документ ООН A/47/277, S/24111. URL www.un.org (дата обращения 26.05.2017).

- и в самом широком смысле, принимать меры в отношении глубинных причин конфликтов: экономической безысходности, социальной несправедливости и политического притеснения1.

Кроме того, в докладе рассмотрена теснейшим образом связанная с вышеизложенной концепцией миростроительства в постконфликтный период - концепция действий по выявлению и поддержке структур, которые будут склонны содействовать укреплению и упрочению мира в целях предотвращения рецидива конфликта. Превентивная дипломатия направлена на урегулирование споров до того, как происходит вспышка насилия; миротворчество и поддержание мира призваны остановить конфликт и обеспечить сохранение мира, как только он будет достигнут. В случае успеха они повышают шансы на миростроительство в постконфликтный период, которое может предотвратить повторные вспышки насилия между странами и народами.

Основные понятия, использующиеся в докладе Генерального секретаря ООН Б. Бутрос-Гали, являются - превентивная дипломатия, миротворчество, поддержание мира и миростроительство в постконфликтный период. Превентивная дипломатия - это действия, направленные на предупреждение возникновения споров между сторонами, недопущение перерастания существующих споров в конфликты и ограничение масштабов конфликтов после их возникновения.

Миротворчество - это действия, направленные на то, чтобы склонить враждующие стороны к соглашению, главным образом с помощью таких мирных средств, которые предусмотрены в главе VI Устава ООН (путем переговоров, установления фактов, посредничества, примирения, арбитража, судебного разбирательства, обращения к региональным органам или соглашениям, или иными мирными средствами по своему выбору (ст.33) - И.Ф.Ф.)

Поддержание мира - это обеспечение присутствия Организации Объединенных Наций в данном конкретном районе - что до сих пор делалось с согласия всех заинтересованных сторон, - которое, как правило, связано с развертыванием военного и/или полицейского персонала Организации Объединенных Наций, а нередко и гражданского персонала.

Таким образом, Генеральный секретарь ООН Б. Бутрос-Гали для ООН и мирового сообщества представил расширенную программу по поддержанию международного мира и безопасности, а также урегулированию конфликтов. Ниже рассматривается реализация данной программы в Республике Таджикистан по урегулированию самого тяжело управляемого внутригосударственного конфликта.

9 сентября 1991 г. Постановлением Верховного Совета Таджикистана была провозглашена государственная независимость Республики, а также заявление о стремлении войти в международное сообщество в качестве полноправного субъекта международного права[2]. Участие любого нового государства в международных отношениях зависит от его признания другими государствами и членства в международных организациях[3]. С этой целью был предпринят ряд шагов по присоединению Республики к международным организациям. Так, Таджикистан выполнил все требования, предъявленные к бывшим союзным республикам в рамках Комитета старших должностных лиц СБСЕ/ ОБСЕ в январе 1992 г.: принятие заключительного акта в Хельсинки, Парижской хартии для Новой Европы и всех других документов СБСЕ; полное принятие всех обязательств и ответственности, определенных в этих документах, и решимость действовать в соответствии с их положениями. После посещения Республики специальной миссией докладчика от имени Председателя Совета министров СБСЕ и доклада миссии о прогрессе на пути полного выполнения обязательств по СБСЕ Республика Таджикистан была принята в члены этой организации[4].

---

[1] Там же.
[2] Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1991. №18. С. 239.
[3] Идиев Ф.Ф. Право европейского союза (на тадж. языке). Душанбе.2014. с.6.
[4] См.: Лазебникова О.В., Вяткин К.С. От Хельсинки до Будапешта.История СБСЕ/ОБСЕ в документах. 1973 – 1994 гг. В 3-х т. Т.III. М., 1997. С.131.

Также Правительство Республики обратилось в Совет Безопасности с просьбой о принятии ее в членство ООН. На своем 3044-м заседании Совет Безопасности рекомендовал Генеральной Ассамблее принять Республику Таджикистан в члены ООН[1]. 2 марта 1992 г. Генеральной Ассамблеей на 82 - м пленарном заседании Таджикистан был принят в члены ООН[2].

Таким образом, Республика Таджикистан приняла на себя все международные обязательства в рамках ООН. В число основных обязанностей РТ входила реализация основных целей ООН, которыми согласно ст.1 Устава являются поддержание международного мира и безопасности, развитие дружественных отношений между нациями, поощрение и развитие уважения к правам человека и основным свободам и т.д.

Республика Таджикистан стала суверенным государством и членом ряда известных международных организаций, когда на её территории происходили политические разногласия между правительственными и оппозиционными блоками, позднее превратившиеся во внутренний кровавый вооруженный конфликт.

В условиях гражданской войны вполне естественно, что выполнять международные обязательства в рамках международных организаций было невозможно, и нужны были твердые шаги для урегулирования конфликта и сохранения РТ как суверенного государства на карте мира. Единственным выходом из этого было одно - с помощью международного сообщества заключить мирный договор с руководством Объединенной таджикской оппозиции (далее ОТО), и вернуть всех беженцев из соседнего Афганистана. Главным идеологом примирения являлся Э. Рахмон, избранный на созванной 16-й сессии Верховного Совета 16 ноября 1992 г. главой государства и председателем Верховного Совета Республики.

Одним из первых действий главы государства стало призвать конфликтующие стороны к мирному решению внутреннего вооруженного конфликта и обеспечить безопасность беженцев при их возвращении. Позднее, 20 декабря 1992 г. Э. Ш. Рахмонов обратился *к Генеральному секретарю ООН с просьбой направить в Таджикистан миссию наблюдателей ООН.* От имени Правительства Республики Таджикистан Э. Рахмон гарантировал безопасность миссии наблюдателей Организации Объединённых Наций в Таджикистане и активное сотрудничество с ними в целях восстановления мира и национального согласия на таджикской земле[3]. После *установления фактов* представители ООН составили поэтапный план по урегулированию внутритаджикского конфликта с помощью *переговоров* между представителями правительства Республики Таджикистан и Объединенной таджикской оппозиции.

Позднее по просьбе Правительства Республики в мирном урегулировании конфликта в Таджикистане принимали участие военные наблюдатели ООН[4], Миротворческие силы СНГ, Миссия ОБСЕ, Международные Неправительственные организации (Международный Комитет Красного Креста, Фонд Агахан, Международная амнистия, Корпус милосердия, Врачи без границ, Фармацевты без границ, Швейцарский фонд по разминированию и др.) представители соседних государств (Российская Федерация, Республик Казахстан, Узбекистан, Киргизия, Туркменистан, Исламская республика Иран, Исламское государство Афганистан, Пакистан и др.)

Таким образом, благодаря уверенным шагам руководства республики в лице Э. Рахмона и международной помощи 5 апреля 1994 г. начался поэтапный процесс межтаджкских переговоров и продолжался 1171 день[5]. Впервые 17 сентября 1994 г. в Тегеране стороны подписали Соглашение о временном прекращении огня, что во многом способствовало для дальнейшего мирного урегулирования конфликта. В целях его выполнения стороны договорились создать Совместную комиссию, состоящую из представителей Правительства РТ и ОТО. В Соглашении

---

[1] См.: Резолюция Совета Безопасности ООН S/RES/738 от 29 января 1992 г. URL:www.un.org (дата обращения: 15.02. 2017).

[2] См.: Документ ООН A/RES/46/228 от 2 марта 1992 г. // Там же.

[3]См.: Alimov R.K. Tajikistan – United Nations. Statement and Documents.1993-2000. M., 2001. P.103 – 104.

[4]Рахматуллаев Э.Р. Превентивная дипломатия: Теория, практикам и ее перспективы в Центральной Азии: дис… докт. полит. наук. – М., 2007.с.123.

[5] См.: Документ ООН S/PV.4140 от 12 мая 2000 г. URL: www.un.org (дата обращения: 20.05. 2017).

содержалась просьба к Совету Безопасности ООН оказать содействие деятельности Комиссии путем предоставления политических посреднических услуг и направления военных наблюдателей ООН в зоны конфликта[1]. *Созданная Миссия военных наблюдателей ООН способствовала выполнению Соглашения* о временном прекращении огня.

Заключительный раунд межтаджикских переговоров состоялся 27 июня 1997 г. в Москве. В этот день в Георгиевском зале Кремля, в присутствии Президента РФ Б.Н Ельцина, Президент Республики Таджикистан Э. Рахмон, лидер Объединенной таджикской оппозиции А. Нури и спецпредставитель Генерального секретаря ООН Г.Д. Меррем подписали «Общее соглашение об установлении мира и национального согласия в Таджикистане»: «…Президент Республики Таджикистан и Руководитель Объединенной таджикской оппозиции договорились, что с подписанием настоящего Общего соглашения начинается этап выполнения достигнутых договоренностей в их полном объеме и взаимосвязи, что навсегда положит конец братоубийственному конфликту в Таджикистане, обеспечит взаимное прощение и амнистию, вернет беженцев к родным очагам, создаст условия для демократического развития общества, проведения свободных выборов и восстановления экономики страны, разрушенной многолетним конфликтом. Высшими национальными приоритетами страны являются мир и национальное единство всех таджикистанцев, независимо от их национальности, политической ориентации, вероисповедания и региональной принадлежности…».

После подписания мирного соглашения Сессия Верховного Совета Таджикистана 14 мая 1999 г. поддержала инициативу Президента Республики и приняла постановление «О всеобщей амнистии». На основании данного постановления 5 тыс. боевиков Объединенной таджикской оппозиции на основании представления Комиссии по национальному примирению от 4 мая 1999 г. были амнистированы и освобождены от уголовного преследования и наказания.

На основе достигнутых договоренностей после подписания мирного соглашения в республике проводился ряд референдумов и выборов. Миссия ООН, ОБСЕ, СНГ регулярно принимали участие в организации и проведении референдума по изменениям и поправкам в Конституции (сентябрь 1999 г.); выборов законодательных органов (февраль – март 2000 г.). По оценкам представителей вышеназванных организаций проводимые выборы были признаны состоявшимися и соответствующими всем критериям демократического общества.

Председатель Совета Безопасности в своем заявлении от 12 мая 2000 г. подчеркивал, что продолжение оказания международным сообществом поддержки на постконфликтном этапе будет иметь крайне важное значение для обеспечения Таджикистану возможности сохранить и закрепить достижения мирного процесса и создания прочной основы для улучшения жизни его народа. Он поддерживал намерение учредить Отделение ООН по постконфликтному миростроительству в Таджикистане в целях упрочения мира и развития демократии. Совет также призывал государств-членов и других заинтересованных сторон вносить добровольные взносы для поддержки проектов, направленных на социальное и экономическое восстановление этой страны.[2]

При поддержке Совета Безопасности 1 июня 2000 г. было учреждено Отделение ООН по поддержке миростроительства в Таджикистане (ЮНТОП)[3]. К числу его основных задач относились следующие: а) служить политической основой для мероприятий системы ООН по постконфликтному миростроительству в стране и обеспечивать руководство этими мероприятиями. Это будет предполагать поддержку усилий координатора-резидента и системы ООН, включая бреттон-вудские учреждения, по поощрению комплексного подхода к разработке и проведению в жизнь программ постконфликтного миростроительства, имеющих целью восстановление страны, подъем экономики, борьбу с нищетой и обеспечение эффективного управления; б) мобилизовать, в тесном сотрудничестве со становой группой ООН, международную поддержку осуществления целенаправленных программ в таких областях, как укрепление правопорядка, демобилизация, добровольная сдача оружия и создание рабочих мест для бывших бойцов нерегулярных формирований;

[1] См.: Дипломатический вестник. 1994. № 19-20. С.37.
[2] См.: Документ ООН S/PRST/2000/17 от 12 мая 2000 г. URL:www.un.org (дата обращения: 08.03. 2017).
[3] Раджабов С.А. Международное гуманитарное право в Республике Таджикистан. – Душанбе: Деваштич, 2007. с.80.

в) оказывать помощь в создании благоприятных условий для укрепления мира, демократии и правопорядка; г) поддерживать контакты с правительством, политическими партиями и другими представителями гражданского общества для содействия укреплению национального согласия и примирения.

Понимая, что постконфликтное урегулирование может потребовать значительных расходов, Совет Безопасности Резолюцией S/RES/968 от 16 декабря 1994 г[1]., приветствуя подписание Протокола о Совместной комиссии по выполнению Соглашения от 17 сентября 1994 г. просит Генерального секретаря ООН создать фонд добровольных взносов в поддержку осуществления Соглашения, и побуждает государств-членов вносить в него взносы (ч.13).

Откликаясь на эту просьбу, Генеральный секретарь ООН учредил Целевой фонд[2], в поддержке которого Великобритания и Северная Ирландия внесли 54 тыс. долл., а США объявили о своей готовности внести 28 тыс. долл.[3].

После подписания Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане Президент Республики Э. Рахмон и руководитель ОТО А. Нури направили Генеральному секретарю письмо о дальнейшем оказании помощи со стороны ООН в реализации достигнутых соглашений. По просьбе Генерального секретаря ООН его спецпредставитель Г. Меррем взял на себя общую ответственность за подготовку встречи доноров по Таджикистану для реализации мирного соглашения[4].

По инициативе Г. Меррем 24 – 25 ноября 1997 г. в городе Вена состоялась Международная конференция по поддержке мира и национального примирения в Таджикистане. Данная конференция была посвящена оказанию международной поддержки мира и национального согласия в Таджикистане. Ею были предусмотрены оказание следующей помощи: 1. политическое перемирие и демократизация; 2. демобилизация бывших боевиков и реформирование силовых структур; 3. репатриация и реинтеграция беженцев и внутренних переселенцев; 4. реабилитация и развитие[5].

Таким образом, настойчивость Президента страны Эмомали Рахмона привела к подписанию Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане. Данное Соглашение способствовало активному участию сотни различных иностранных компаний в восстановлении инфраструктур РТ, обеспечении прав и свобод человека. В городских центрах и даже в отдаленных районах существовали контрольные механизмы по защите прав и свобод человека (международные НПО), в РТ открылись иностранные дипломатические представительства, республику посетили тысячи туристов. Открылись дороги и мосты, соединившие Таджикистан с соседними государствами. Все вышеназванные меры являются результатом реализации Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане, а также первым примером выполнения «Повестки дня для мира: превентивная дипломатия, миротворчество и поддержание мира» Организации Объединенных Наций.

---

[1] Документ ООН. S/RES/968 от 16 декабря 1994 г URL: www.un.org (дата обращения: 10.03. 2017).

[2] Генеральный секретарь ООН в своих докладах часто напоминал Председателю Совета Безопасности , что нормальное функционирование Совместной комиссии зависит от поддержки Целевого фонда. См.: Документ ООН S/1995/472 от 10 июня 1995 г. URL: www.un.org (дата обращения: 10.03. 2017).

[3] Документ ООН S/1995/390 от 12 мая 1995 г. // Там же.

[4] Документ ООН S/1997/686 от 4 сентября 1997 г.// Там же.

[5] Идиев Ф.Ф. Международно-правовые основы участия международных организаций в урегулировании конфликта в Таджикистане. Монография. Душанбе, 2013. С.180.

# СУЛҲИ ТОҶИКОН ВА ҲОФИЗАИ ТАЪРИХИИ МО.

*Самиев Х.*
*устоди кафедраи муносибатҳои байналхалқии*
*Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон*

Дар таърихномаи ҳар миллат саҳифаҳои сабақомуз ва пурарзише ҳастанд, ки аз икдоми нек ва хирадмандона ба нафъи халқу Ватан башорат медиҳанд ва барои наслҳои оянда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд. Чунин саҳифаи заррин ва сарнавиштсоз барои миллати тоҷик рузи ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулх ва ризоияти миллй дар Тоҷикистон мебошад, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав ба имзо расид ва пайёми ҷонбахше буд аз фарорасии сулҳи деринтизор. Ба ин руз саҷда гузоштан ва ихлос бастани мардуми мо бесабаб нест. Зеро халқе, ки бар асари найрангу фитнаангезии душманони дохилию хориҷӣ гирифтори ҷанги хонумонсуз гардид, фарзандонашро талаф дод, ранҷ кашид, азоби раҳдурии Ватанро чашид, ба қадри сулҳу салоҳ мерасад.

Ҳар гоҳе Сухан аз боби замина ва омилҳои сулҳи сарнавиштсоз меравад, андешаҳо гуногун мешаванд ва ҳар касе кушиш мекунад, ки воқеияту ҳақиқатеро ошкор ё баён намояд. **Вале воқеият ин аст, ки президенти кишварамон, пешвои миллат ва асосгузори сулҳу ваҳдат Эмомалии Раҳмон изҳор дошта буд: омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дустнавозии азалии ин мардум вобаста аст**.[1]

Воқеан ҳам инъиқоди Созишномаи истиқрори сулҳ дар сарзамини тоҷикон муҳимтарин ва муассиртарин омили расидан ба ваҳдати миллӣ буд. Ваҳдате, ки тайи бист сол сол ҷомеаи мо марҳала ба марҳала онро тай карда истодааст. Тайи ин чанд сол ҷомеаи мо тавонистааст, ки дастовардҳои хотирмонеро дар роҳи дастёбӣ ба ризоияту ваҳдати миллӣ соҳиб шавад. Чун ба ин чанд соли душвори бунёдкориву созандагӣ назар мекунем, мебинем, ки чи гуна давлати Тоҷикистон тавонистааст монеаҳои зиёдеро пушти сар кунад.

Барқарор шудани сулху субот ва ризоияти миллӣ дар сарзамини мо истиқлолияти Тоҷикистонро боз ҳам устувор гардонд, нури умед ба дили мардум роҳ ёфт. Ҳосил шудани созиш ва эътимоди тарафайн, барқарор гардидани сулҳу субот барои дар муддати нисбатан кӯтоҳ гузаронидани як қатор чорабиниҳои муҳими сиёсӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи воқеан демокртиву ҳуқуқбунёд шароити мусоид фароҳам овард.

Муҳимтар аз ҳама, нерӯҳои гуногуни сиёсӣ дар Тоҷикистон пурра дарк намуданд, ки сулҳ ва истиқлолият бузургтарин дастовардҳои миллат ҳастанд ва дар баробари ин ду неъмати бебаҳо манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ, маҳаллӣ ва ғайра мақоми дуввумдараҷа доранд.

Ҳосил шудани созиш ва эътимоди тарафайн, барқарор гардидани сулҳу субот барои дар муддати нисбатан кутоҳ гузаронидани силсилаи бузурги чорабиниҳои муҳими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар роҳи бунёди ҷомеаи воқеан демокративу ҳуқуқбунёд шароити мусоид фароҳам овард.

Ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи баркарор кардани сулх ва ризоияти миллӣ дар Точикистон аҳамияти бузурги байналхалқӣ низ дорад.

Муҳимтар аз ҳама, ҷомеаи ҷаҳонӣ ба Тоҷикистон чун ба давлате, ки бунёди ҷомеаи демократиро ихтиёр кардааст ва дар ин азм устувор аст, эътимоди ҷиддӣ баст, уро ба узвияти хеш пазируфт ва тавассути созмону ниҳодҳои байналхалқӣ робитаи чандҷониба устувор кард.

Имруз Тоҷикистон узви фаъоли беш аз даҳҳо созмонҳои бонуфузи байналхалқиву минтақавӣ мебошад ва дар ҳалли масоили умдаи минтақавиву байналмилалӣ саҳми худро мегузорад. Аз ҷумла иштирокчии фаъоли иттиҳодҳои ҳамгароии минтақавиву байналхалқӣ –

---

[1] Паёми табрикии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ
http://prezident.tj/node/9635 . 26.06.2000.

ИДМ, СХШ, САҲА, СҲИ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, СММ буда пайваста талош ба он дорад, ки тавассути тавсеаи ин ҳамкориҳо масоили пешомади иқтисодиву сиёсиро ҳал намояд ва ҳамзамон барои рафъи хатароти имрузаи байналмилалӣ иттиҳоди кишварҳои манфиатдорро таъмин намояд.

Тавре ки бармеояд, таъиноти муҳими сиёсати хориҷии кишвар фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръати иқтисодӣ ва тахкими иктидори дохилии кишвар аст.

Ин ҳадаф стратегияи санҷида, ҳамаҷониба асоснок ва дорои механизмҳои муассири робитаҳову ҳамкории фаъол бо ҳамаи кишварҳо ва субъектҳои муносибатҳои байналхалқиро тақозо дорад. Он ба пешбурди сиёсати «дарҳои боз» бо ҳама кишвархо ва субъектҳое, ки бо мамлакати мо нияти ҳамкории беғаразона доранд ва зарурати он аз соли 2003 инҷониб таъкид мешавад, аҳамияти хос медиҳад.

Бояд таъкид кард, ки татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналмилалии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар даврони ниҳоят мураккаб, зиддиятнок ва ҳассоси таърихи башарӣ ҷараён мегирад. Шинохти дақиқ ва воқеии мазмуни аслии равандҳо ва тамоюлоти муҳимтарини руз ниҳоят мушкил аст, зеро онҳо на танҳо таркиб ва мазмуни мураккаб ва пуртаззод доранд. балки ниҳоят динамикӣ ҳастанд. **Возеҳ** аст ки ин равандҳо, қабл аз ҳама ҷаҳонишавӣ ба сарнавишти имрузу фардои мардум ва кишвари мо таъсири рузафзун хоҳанд дошт, Аз ин ру, баррасӣ ва дарки мазмуни ҳақиқии онҳо ниҳоят зарур мебошад.

Дар маҷмуъ, сиёсати санчида ва мутавозини хориҷӣ, мавқеи равшану устувор дар мубориза бар зидди ифротгароӣ, бунёдгароӣ, терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва таҳдиду хатарҳои муосир, ширкати амалӣ ва масъулона дар ҳалли мушкилоти минтақавиву глобалӣ, масъалаҳои мухимтарини умумиинсонӣ ва омилҳои дигар сабаб шуданд, ки Тоҷикистон узви фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. Ин дастоварди бузурги миллӣ ва таърихист.

**Ваҳдати миллӣ** моҳият ва арзишҳои худро дошта, ба қадр, мӯҳтаво ва асолати он расидан худ кори муқаддас ва бузург мебошад. Чуноне Пешвои миллат , мӯҳтарам Эмомалии Раҳмон борҳо изҳор доштаанд: «**Ваҳдат рамзи воқеӣ ва ҷавҳари фалсафаи сулҳофарӣ, фарҳангсолориву таҳаммулпазири миллати тоҷик ва таҷассумгари иттиҳоду ҳамбастагии тамоми мардуми Тоҷикистон мебошад**.»

Ормонҳои миллати мо чун озодӣ, истиқлолият, ватандӯстиву инсондӯстӣ, озодфикуриву илмдӯстӣ, ваҳдати милливу дӯстии байни миллатҳо, таҳаммулгароиву фарҳанговарӣ аз он ғояҳо ва омилҳое мебошанд, ки метавонанд устуворӣи ҷомеаи моро таъмин намоянд.

Барои он ки дар ҷомеа ваҳдат бошад, лозим аст, ки худшиносии мардум боло равад. Яъне лозим аст, ки мо худро нек бишносем, аз гузаштаҳою имрӯзи худ огоҳ бошем ва бар ояндаи худ биандешем. Барои ин мебояд ки сатҳи донишу маърифати мардум баланд бошад. Барои ин лозим аст, ки низоми маориф ва илму фарҳанги муосиру пешрафта дошта бошем ва сифати «сармояи инсонӣ» -ро беҳтар созем. Барои ин лозим аст, ки илму техника ва иқтисод пешрафт кунад, самарабахшии кор ва даромади мардум боло равад… Барои ин лозим аст, ки мардум аз ҳуқуқу озодиҳои бештар бархурдор бошанд, фасоду девонсоларӣ аз миён бардошта шавад, дар ҷомеа адолати иҷтимоӣ ва қавонини хирадпазир ва рафтори нек ҳукмфармо гардад. Барои ин лозим аст, ки назму низоми иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии кишвар на танҳо дар Сухан, балки амалан ислоҳ гардад ва сиёсатҳои давлат бар пояи адолат устувор бошад. Зеро дар ҷое ки адолату ростӣ набошад, дар ҷое ки дуруғгуиву риё ва зуроварӣ ривоҷ ёбад, дар он ҷо ваҳдат намешавад. Хуллас, таъмини рифоҳи иқтисодиву адолати иҷтимоӣ, маърифати баланду худшиносии мардум, ҳуқуқу озодиҳои инсон, озодии баён ва таҳаммулу мадоро муҳимтарин омилҳои ваҳдати ҷомеа мебошанд.

Устуворшавии арзишҳои демократӣ ва ниҳодҳои демократӣ, бо такя ба фаъол гардонии амал ва мавқеи созмонҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ, такмилу тақвияти механизми таъсири ҷомеа ба шахс ва рафтори ӯ, тарбияи маърифати баланди сиёсии шаҳрвандон ва санъати идораи ҷомеа, тарбияи ҷавонон дар руҳи арзишҳои меҳанпа-

растӣ ва эҳтиром доштани мероси маънавии ниёгон, устуворшавии адолати иҷтимоӣ василаҳои воқеии расидан ба ваҳдати миллианд.
Метавон гуфт, ки ваҳдати миллӣ метавонад чун идеологияи ҷомеаи навбунёд пазируфта дар роҳи боло бурдани ҳуввияти миллӣ ва таҳкими давлатдории миллии тоҷикон хидмат намояд. Тавре ки Пешвои миллат, ассосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ мухтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониаш да шаҳри Хоруғ бахшида ба солгарди Рузи ваҳдат изҳор дошта буд: «Ва имрӯз вақти он расидааст, ки омӯзиши ваҳдати миллӣ ба сифати унсури меҳварии худшиносӣ ва тафаккури миллӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад. Дар ин замина, мо бояд дар шуури наслҳои имрӯзу оянда ғояҳои саодатбахши расидан ба қадри истиқлолият ва сабақҳои сулҳу ваҳдатро тавассути барномаҳои фарогир дар байни мардум, алалхусус насли ҷавони кишвар беш аз пеш тарғибу ташвиқ намоем ва ин иқдомро пайваста вусъат бахшем. Тақозои замон низ ҳамин аст, ки консепсияи ваҳдати миллӣ чун қисми таркибиву тавонбахши тафаккури миллӣ эътироф гардида, ҳар як шаҳрванди кишвар ба қадри ин неъмати муттаҳидсози ҷомеа расад ва онро гиромӣ дорад.» [1]

Рушан аст ки муҳимтарин омили ваҳдат – ишқу алоқа ба Ватан, ба забону фарҳанг аст. Албатта мардуми мо чунин дилбастагиро доранд. Вале он аксаран аз ҳадди қавму маҳал фаротар намеравад. Барои ваҳдати миллӣ ин кам аст. Ҳамчунон дарки ин маънӣ лозим аст, ки ҳар яки мо фарзанди як миллат ва як сарзамин ҳастем ва ҳар як ваҷаби хоки Ватан ва ҳамаи афроди ҷомеа барои мо ба мисли падару модар ва хоҳару бародар азизанд.

Мо бояд гаштаву баргашта ба ин падидаи нодир ру орем, сабақҳои онро амиқан таҳлил намоем, ба мардуми худ ва бегонагон фаҳмонем, ки воқеият на онест, ки дар пиндору навиштаҳост. Руз то руз теъдоди мақолаву навиштаҳо зиёд мешаванд, вале ҷавҳари асосии ин падида нокушода мемонад. Сари таҷрибаи таърихиву байналмилалии сулҳи тоҷикон ҳарф мегуем, менависем, аммо асрори он нокушода мемонад. Ҳол он ки дарки воқеии сулҳ на танҳо барои мо балки барои дигарон, ҳамсоягон, кишварҳое, ки солҳи зиёде даргир ва оғуштаи ҷанги шаҳрвандӣ ва харобиовар ҳастанд, зарур аст. То ҳоло он амри воқеиро кушода наметавонем, ки дар таърихи ҷомеаи башарӣ танҳо Пешвои миллии мо Эмомалии Раҳмон тавонист неруҳои мухталифро сари мизи гуфтушунид биёрад, низоми давлатдории моро, ки сирфан моҳияти дунявӣ дошт, ҳифз намояд, дар сари қудрат бимонад ва танҳо ба хотири сулҳу оромиши миллат ҳам дар бари хеш мухолифинро ҷой диҳад. То ҳол сари он андеша намекунем, ки ҳар иқдоме, ки Сарвари давлат ва ҳукумат дар роҳи ислоҳ ва пешрафти ҷомеа мегузорад, ба хоти р ва боиси таҳкими сулҳу ваҳдати тоҷикон аст. Албатта ислоҳот ва пешрафт динамикаро мехоҳад, тағйироти азимро мехоҳад, вале дар маркази ин тағйироту дигаргунӣ бояд масъалаи суботу устувории ҷомеа гузошта шавад. Мо дидаи кушода дорем, мебинем, ки дар гирду атрофи мо чи воқеаҳо руй дода истодаанд. Ба хотири ким-кадом идеяҳое, ки ба мазмуни воқеии он ҳоло ҳам сарфаҳм нарафтаем, миллатҳо парешон, мардум саргардон, овора ва маҳрум аз оддитарин неъматҳои зиндагӣ.

Доду садоҳое дар атрофи он бардошта мешаванд, ки фаъолияти ин ё он ҳизб манъ карда шудааст, ин ё он ба истилоҳ «ходими сиёсӣ» ё сарвари ҳизб аз тарси таъқибу фишор худро ба беруни марз задаст. Аммо боре ҳам таҳлил накардаем, ки онҳо ҳам (ки пеш мухолифинашон мегуфтем) аз ин неъмат ва шароити мусоиди сулҳ эҷод карда ба хотири пешрафт ва ислоҳи ҷомеа истифода накарданд, аз мақоми хеш дар парлумони кишвар ҳифз накардаанд, ва оҳиста-оҳиста мавқеи худро дар интихоботҳо аз даст додаанд. Канӣ он барномаву пешниҳодҳои конструктивии ин ҳизбҳову гуруҳҳои «ватанхоҳ» дар роҳи ҳалли мушкилоти иҷтимоиву иқтисодӣ сиёсии мо. Ё фақат онҳо мазмуни муборизаро дар изҳоротҳову гушанишиниҳо ва эътирозҳо ва ҳам кумакпурсиҳо аз «хоҷагони хориҷӣ»- и хеш мебинанд. Чаро ин гунна муборизон боре ҳам андеша накардаанд, ки сабаби асосии ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шудани ҷомеаи солҳои навадум ин

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ. 27.06.2016 http://prezident.tj/node/12328

фарҳанги пасти сиёсии ҷомеа буд. Ва чаро дар роҳи ислоҳи он ва ташаккули фарҳанги сиёсии ҳамсафон ва пайравони хеш кушиш накарданд ва ягона роҳро дар ислоҳи ҷомеа дар кушиши табаддулот дидаанд.

Чизи дигаре, ки мехостам хонандагони азизи мо сари он андеша намоянд, оиди маърифат ва шинохти динии мо мебошад. Фаромуш набояд кард, ки дар овони истиқлолиятхоҳӣ ва воқеаҳои солҳои навадум неруҳои бо ном демократӣ ва миллатхоҳ бо сабаби заъфи сиёсиву иҷтимоии хеш ташаббусро ба дасти неруҳои тундрав ва қудраттлаби «ҳомиёни дин» доданд ва чун онҳо дар ниҳоди хеш аз андешаи таҳаммулпазирӣ ва маърифатгароӣ ҷойе надоштанд, даст ба муқовимати руирост заданд ва натиҷаи онро дидем. Имруз фаромуш кардаем, ки силсилаи иқдому чорабиниҳое, ки сарвари давлат ва ҳам ҳукумати Тоҷикистон тайи ин бист сол баҳри эҳёи дин ва маърифати динии мо, эҷод ва ташаккули ниҳодҳои ташкилотиву маърифатии дини ислом дар кишвари мо амалӣ кардаанд, намунаи худро дар дигар кишварҳо надоранд. Аммо гуруҳҳои ҷоҳталаб ва қудратхоҳи ба истилоҳ «ҳомиёни дин» ба чи кор даст заданд. Чаро дар роҳи боло бурдани маърифати динии ҷавонон ва таъмини ваҳдати мазҳабии мо иқдоме накардаанд. Чаро пеши роҳи тундравшавии мазҳабии ҷавонони моро намегиранд ва бо ниҳодҳову мақомоти расмӣ ҳамкорӣ намекунанд.

Ва ниҳоят чанд андешае оиди он ки дар ба ҳам овардани миллати мо ва таъмини сулҳу субот саҳми ҳамсоягон ва кишварҳои қудратманди бо мо дусту наздик саҳми худро гузоштаанд. Инро ҳеҷ кас инкор накардааст ва инкор ҳам карданӣ нест. Аз Сардори давлат сар карда то шаҳрванди оддии тоҷик. Аммо чизи дигаре боиси нигаронии мост, ин аст ки имруз ҳам онҳое ёфт мешаванд, ки сари ин масъала бармегарданд, аз нав миннат мекунанд, ва шикваҳо ҳам аз «беқадриву ноқадрдонии мо» мекунанд.

Донишмандону мунавварфикрони мо, бахусус ҷомеашиносону сиёсатшиносони моро зарур аст, ки ҳамеша ба ин гуна садоҳо, андешаҳо ҷавоб гуянд, мақолаҳонависанд, таҳлилҳое руи коғаз оранд. Ва бояд хатти меҳвраии ин навиштаҳои мо он бошад, ки он корнамоиву ҷонсупориҳое, ки фарзандони ростини миллат бо Пешвои миллии худ Эмомалии Раҳмон дар роҳи эҷоди сулҳ ва ризоияти миллӣ ба сомон расонданд, ба силсилаи асару достонҳо ва тадқиқотҳои илмӣ меарзанд ва бояд солиёни зиёде мавриди таваҷҷӯҳ ва бозомузии андешамандон бошад.

Барои он ки аз таҷрибаи нодири сулҳи тоҷикон сабақҳои даркориро гирифта бошем ва дигар ба иштибоҳоте , ки дар солҳои 90-ум карда будем, роҳ надиҳем, бояд ба гуфти донишманди маъруфти тоҷик устод Абдунаби Сатторзода «онро ҳаматарафа омухт ва дар мактабу донишгоҳҳои ҷумҳурӣ таълим дод».[1]

Соли чаҳорум аст, ки дар факултаи муносибатҳои байналхалқии ДМТ дарси «Таҷрибаи сулҳи тоҷикон» таълим дода мешавад. Ин дарсро шоҳид ва иштирокчии бевоситаи равандҳои гуфтушуниди байни тоҷикон, донишманд, сиёсатшинос ва дипломатии маъруф Абдунаби Сатторзода мегузарад. Гумон меравад, ки ташаббус боиси дастгирист ва дар донишгоҳҳои дигар низ ба хондани чунини дарсҳо ишитрокчиён ва шоҳидони бевоситаи раванди сулҳи тоҷикон бояд ҷалб карда шаванд.

Албатта дар бораи равандҳои музокироти байни тоҷикн, истиқрори сулҳ дар сарзамини як силсила конфронсҳову исмпозиумҳо ва нишастҳои илмии ҷумҳуриявиву байналхалқӣ баргузор гардида, маҷмуаҳо ҳам ба табъ расидаанд. [2]

Бо ташаббуси баъзе кишварҳои аъзои СММ ва созмонҳои минтақавиву байналмилалӣ чанд лоиҳаи вижае оиди омухтани таҷрибаи сулҳи тоҷикон ва амалӣ гардонидани дастоварҳои он дар ҷомеаи тоҷик таҳия шудаанд, аз қабили тарҳҳои Муколамаи бардавом, муколамаи минтақавӣ ва муколамаи миллӣ дар чаҳорчуби Конфронси Дармут аз ҷониби бунёди Кеттеринг ва иИнститути байналмилалии муколамаи устувори ИМА, «Эҷоди роҳҳои сулҳсозӣ дар муколама оид ба ҳамзистӣ ва ҳамфикрии фарҳанг ва тамаддунҳо дар қаламрави САҲА» ё лоиҳаи Арне Зайферт аз тарафи Вазорати хориҷии

---

[1] Абдунаби Сатторзода. Арзишҳои ваҳдати миллӣ. – Душанбе, 2017. – с.10.

[2] Миротворческие процессы в Таджикистане- Душанбе, 1997.; Ваҳдат, Давлат, Президент. (Иншои ваҳдат). – Душанбе, 2007. ҷ. VI;

Олмон ва Маркази таҳқиқоти САҲА дар Ҳамбург, «Муколамаи диниву дунявӣ дар Тоҷикистон » аз ҷоиниби Вазорати корҳои хориҷии Швейтсария ва монанди инҳо.
Дар доираи ин лоиҳаҳо чанд китоби арзишманде бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, олмонӣ ва англисӣ ба чоп расиданд, ки аз ҷониби коршиносон ва донишмандони ватаниву хориҷӣ ба хубӣ пазируфта шуданд ва бо ҳамин заминаи мусоиди назарӣ ва амалиро барои омузиши ҳамиқ ва ҳамаҷонибаи сабақҳо ва дастовардҳои сулҳи тоҷикон ва ба мардуми тоҷик дастрас намудани онҳо фароҳам сохтанд.
Бо вуҷуди ин ба андешаи мо корҳои то имруз анҷом додашуда нокифоя буда воқеияти ин раванди мураккаб ва пурпечутоби тақдирсозро бо пуррагӣ ва дурустииинъикос карда нметавонанд. Ба илова тавре ки Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Эмомалӣ Раҳмон дар рузи ҷамъбасти Конфронси байналмилалӣ аз 25 июни соли 2007 изҳор карда буд, «Бисёриҳо китоб менависанд, аммо дуруғ менависанд. Аз худ қаҳрамон метарошанд. Навиштаҳои холисона даркор аст…»
Ҳамчун як ҷомеашинос ва устоди донишгоҳӣ мехостам, ки ҳамеша дар навиштаҳо ва гуфтугуҳову дарсҳои хеш ин чанд нуктаро доимо дар лавҳи насли имруз устувор намоем:
а) Ваҳдат чун истиқлол барои тоҷикон неъмати худовандист ва онро бояд мо ҳифз намоем. Тавре ки донишманди маъруф Рустами Ваҳҳобиён гуфтааст: «Ваҳдат мисли тамомияти арзӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ дахолати бегонаро роҳ намедиҳад. Он марҳалаи комилест, ки ба худкифоии маънавӣ ва сиёсӣ расидани миллат мебошад. Агарчи дар роҳи расидан ба ин марҳала аз омилҳои берунӣ ҳам суд бурдааст, вале дар раванди баъдӣ дахолати берунӣ метавонад нисбат ба комилу халалнопазир будани он шубҳа ба вуҷуд биёрад.» Албатта на ҳамаи ҳамватанони мо медонанд, ки дар даврони ҷанги таҳмилӣ кишварҳои манфиатхоҳи минтақа ва дурру наздик бо истифода аз парешонӣ ва ноиттифоқии мо дар ҳалли мушкилоти хеш ба корҳои дохили кишварамон ба таври ошкоро дахолат мекарданд ва бо дасти худамон теша бар решаи ваҳдат ва якпорчагии ватани азизамон заданӣ буданд. Имруз ҳам равшан аст, ки онҳо аз ниятҳои шуми хеш даст накашидаанд ва омодаанд бо истифода аз хурдтарин ҳамдигарнофаҳмиҳои мо ба майлу муроди худ истифода баранд.
б) Ваҳдат самараи талошҳо ва ҷонфидоиҳои фарзандони ростини ватан бо роҳбарӣ ва раҳнамоии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст мо бояд хидмати ҳамаи онҳоро фаромуш накунем ва ба қадри ин хидматҳо расем.
г) Ваҳдат падидаи фарогири ҳамаи табақаҳои иҷтимоӣ ва ҳамаи маҳалҳову ноҳияҳои ҷумҳурист. «Ваҳдат дар маҷмуъ, паймони қарордодии байни ду ё чанд гурӯҳ нест, балки мафҳуми мутлақе аст, ки саросари ҷомеаи кишварро фаро мегирад ва ниёз ба ҳеҷ навъ қайду шарти иҷбори надорад.
д) Ваҳдат падидаи динамикист ва ҳамқадами мо аз ибтидо то ба имруз ва дар оянда ҳам хоҳад буд. Ваҳдат мафҳуми муваққатӣ ва хоси як марҳилаи ҷудо нест, балки он яке аз аслҳои ҷовидонии ормони миллӣ буда бамеша дар ҳоли такмил шудан мебошад.
Вазифаи мо донишмандон пеш аз ҳама омузиши ҳаматарафа ва амиқи зоҳиру ботини ин падидаи сарнавиштсоз ва ба самъи донишҷуён расондани он ва ҳам тарбияи ин насл дар руҳи эҳтиром, ҳифз ва садоқат ба ваҳдат аст. Талқин ва тарғиби он ҳақиқатест, ки маҳз ваҳдати миллӣ омили муайянкунандаи роҳи генералии пешрафти Тоҷикистон гардида, арзишҳо ва афзалиятҳои ҷомеаи тоҷикро шакл дод ва қавитар гардонд ва гузашта аз ин пояи устувории давлатдории тоҷикон шудааст.

.

# ИНСТИТУТИ ШАРТАН ТАТБИҚ НАКАРДАНИ ҶАЗО: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯВӢ, ҚОНУНГУЗОРӢ ВА АМАЛИЯВӢ

***Шарипов Т.Ш.***
***доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори***
***кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

***Миралиев Э.Б.***
***ассистенти кафедраи***
***ҳуқуқи ҷиноятии факултети***
***ҳуқуқшиносии ДМТ***

*Рӯзи Ваҳдати миллӣ барои миллати сулҳпарвари мо падидаи нодиру пурарзиши таърихи даврони соҳибистиқлолии кишвар ва самараи ҷаҳду талошҳои созандаи фарзандони бонангу номуси тоҷик аст.*
**Эмомалӣ Раҳмон**

Пас аз соҳиби воқеан як давлати миллӣ гардидани мардуми тоҷик ва мустаҳкам намудани сутуни давлатдории миллӣ зарурати такмили қонунгузорӣ дар ҷомеа ба вуҷуд омад. Чунки муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳамеша дар ҳолати инкишоф қарор доранд ва бе такмили қонунгузории соҳа имкони танзими чунин муносибатҳо ғайриимкон аст. Дар раванди инкишофи қонунгузории мамлакат қонунгузории ҷиноятӣ низ инкишоф меёбад. Бояд қайд намуд, ки хусусияти хоси инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар он мебошад, ки он давра ба давра дар худ арзишҳои башардӯстиро инъикос намуда истодааст.

Чи тавре ки маълум аст, Кодекси ҷиноятии нави Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз як соли бастани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ қабул гардид. Дар ин замон Тоҷикистон аллакай санадҳои байналхалқии зиёдро ратификатсия намуда ва ба ташкилотҳои гуногуни байналхалқӣ ҳамроҳ гардида буд. Аз ин рӯ, зарурат ба вуҷуд омад, ки қонунгузории мамлакатро мутобиқ ба санадҳои байналмилалӣ бо ба инобат гирифтани арзишҳои миллию давлатдорӣ муқаррар намоем.

Яке аз падидаҳое, ки баъди қабули қонуни нави ҷиноятӣ мавриди инкишоф қарор гирифт ин институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба ҳисоб меравад. Падидаи мазкур ивазкунандаи ҷазои корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ буда, дар худ принсипҳои башардӯстиро инъикос менамояд ва чӣ хеле ки олимон Г.З. Анашкин, З.А. Вышинская ва В.С. Миская менависанд, моҳияти инсондӯстии шартан татбиқ накардани ҷазо дар он зоҳир мешавад, ки ислоҳ ва аз нав тарбият намудани маҳкумшуда дар ин ҳолат бидуни аз ҷомеа ҷудо намудани маҳкумшуда ва дар баробари ин бо роҳи истифода бурдани чораҳои хусусияти тарбиявӣ - ислоҳӣ дошта, нисбати маҳкумшуда мумкин аст ба амал баровада шавад.[1]

Аз нуқтаи назари дигар институти шартан татбиқ накардани ҷазо ҳамчун ивазкунандаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои мутамаддин то рафт мавқеи муҳимро соҳиб гардида истодааст. Аз ин рӯ, дар як маврид ба институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ аҳамияти бештар дода мешавад. Муқарраротӣ шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ гардидааст. Аз ҷумла дар моддаи 71-и Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ мешавад, ки агар суд ҷазоро дар намуди корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ таъин намуда, ба хулосае ояд, ки ислоҳ кардани маҳкумшуда бе адои ҷазо, вале дар шароити

[1] Анашкин Г.З., Ваненская З.А., Минская В.С. Условное осуждение и практика его применения. М., 1981

назорати рафтораш имконпазир аст, он гоҳ метавонад дар хусуси шартан татбиқ накардани ҷазо қарор қабул намояд.[1]

Новоста аз ин, дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ин масъала ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Мавҷуд набудани муқарраропи аниқ нисбат ба табиати ҳуқуқии шартан татбиқ накардани ҷазо ҳалли як қатор масъалаҳои амалиро вазнин мекунад, аз ҷумла таъини ҷазо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо, имконияти аз ҷониби судҳои марҳилаи болоӣ иваз кардани ҷазоҳои гуногунро бо шартан татбиқ накардани ҷазо, тартиби бардоштани доғи судӣ аз шартан маҳкумшудагон ва м.и. Барои он ки ҳама гуна мафҳум дар ин ё он сатҳ ҳеҷ набошад як қатор тарафҳои тазодҳои муқарраргардидаро инъикос менамояд, фаҳмиши ҳуқуқии табиати шартан татбиқ накардани ҷазо бо роҳи қонунгузорӣ муқаррар нагардидааст ва ба он додани мавқеи илмӣ бе таҳлили мафҳумҳои назариявӣ номумкин аст. Аз ин рӯ, зарурат ба миён меояд, ки фикру ақидаҳои пешниҳодгардидаро оид ба табиати ҳуқуқии шартан татбиқ накардани ҷазо дида бароем.

**Гуруҳи аввалин** ва нисбатан бештари тадқиқотҳоро муаллифоне ташкил медиҳанд, ки ба ақидаи онҳо шартан татбиқ накарани ҷазо институти махсуси ҷазои ҷиноятӣ[2] ёке аз намудҳои сабуки он ба ҳисоб меравад.[3] Муаллифони мазкур ақидаи худро бо таҳлили хусусиятҳои умумии байни ҷазо ва шартан татбиқ накардани ҷазо ҷойдошта асоснок менамоянд, ки аз инҳо иборатанд: 1) шартан татбиқ накардани ҷазо чун ҳар гуна ҷазо дар худ унсури маҳкумкунии давлатиро дорост. Аз ин рӯ, аз намудҳои ҷазои ҷиноятӣ тавофуте надорад. Суд аз номи давлат гунаҳкорро шартан маҳкум менамояд, яъне ҷазои ӯро сабук менамояд; 2) суд аз номи давлат аз шахси шартан маҳкумшуда талаб менамояд, ки дар муҳлати санҷишии нисбати ӯ мукарраршуда рафтори муайян дошта бошад; 3) шартан татбиқ накарани ҷазо иҷрои мақсади бо қонунгузории ҷиноятӣ муқарраргаштаро ба пуррагӣ таъмин менамояд; 4) шартан татбиқ накарани ҷазо мисли ҳамаи ҷазоҳои ҷиноятӣ доғи судиро ба миён меоварад.

**Ба гурӯҳи дигари муаллифон** онҳое дохил мешаванд, ки шартан татбиқ накардани ҷазоро тартиби махсуси адои ҷазо ё иҷрои ҳукм ё восита, усули махсуси иҷрои ҳукм меҳисобанд.[4] Масалан, М.Д. Шаргородский қайд менамояд, ки "шартан маҳкум кардан ин тартиби махсуси дар қонуни ҷиноӣ муқарраршудаи адои ҷазо (иҷрои ҳукм) мебошад ва он чунин маъно дорад, ки ҳукм ба иҷро расонида намешавад, агар маҳкумшуда дар мӯҳлати муайян ҷинояти нави на он қадар вазнин содир нанамояд"[5]. Муаллиф ақидаи худро чунин маънидод менамояд: 1. Шартан маҳкум кардан ба қатори номгӯи чораҳои ҷазо дохил карда нашудааст. 2. Ҳангоми шартан маҳкум кардан гунаҳкор мушаххас ба он айбномае, ки дар ҳукм пешбинӣ шудааст (маҳрум сохтан аз озодӣ ё бо корҳои ислоҳӣ ба муҳлати муайян) маҳкумшуда دониста мешавад. 3. Шартан маҳкум кардан ба маҳрум кардан аз озодӣ нисбат ба корҳои ислоҳи меҳнатӣ ҷазои вазнин ба шумор меравад. 4. Дар Қарори № 20 Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 8-уми маи соли 1928 чунин тавзеҳ дода мешавад, ки «шартан маҳкум кардан намуди махсуси чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ нест, он танҳо тартиби махсуси иҷрои ҳукм мебошад»[6]. Мавқеи дар боло баёншуда дар аксарияти тадқиқотҳое, ки ба табиати ҳуқуқии шартан маҳкум кардан бахшида шудааст, мавриди танқид қарор гирифтаанд. Ба фикри мо, Ю.М. Ткачевский дуруст ишора намудааст, ки ҷонибдорони муҳаққиқони гурӯҳи дуюм дар мавриди мазкур мафҳумҳои "иҷрои ҳукм" ва "адои ҷазо"-ро бо ҳам мушобеҳ медонанд.[7] Вале иҷрои ҳукм ин шакли мурофиавии баамалбарории ҳукми баровардаи суд мебошад. Муайян кардани чунин намуди чораи ҷиноӣ тавассути мафҳуми "адои ҷазо" ин институтро аз хусусияти ҳуқуқиаш маҳрум менамояд. Аз ин рӯ, Н.А.

[1] Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон., Душанбе- 2017

[2] Анашкин Г.З., Ваненская З.А., Минская В.С. Условное осуждение и практика его применения. М., 1981

[3] Гельфер М.А. Условное осуждение в СССР ///Проблемы социалистического права. 1939 –№2. Лейст О.Х. Санкция в советском праве. – М., 1962

[4] Якубович М.И. О прововой природе условног осуждения ///Советское государства и права, 1946., №11-12

[5] Старш А. Условное осуждение по УК редакции 1926 г. // Рабочий суд. - 1927. - № 7

[6] Шаргородский М.Д. Вина и наказание в советском праве. - М., 1945

[7] Шаргородский М.Д. Наказание по советскому уголовному праву. – М., 1958

Беляев таклиф менамояд, ки тартиби иҷрои шартан маҳкум кардан бо қонунгузории ислоҳи меҳнатӣ ба танзим дароварда шавад[1]

**Гурӯҳи сеюми тадқиқотчиёнро** олимоне ташкил медиҳанд, ки онҳо шартан татбиқ накардани ҷазоро ҳамчун мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм меҳисобиданд[2] . Масалан, ба андешаи А.А. Герцензон "шартан маҳкум кардан намуди махсуси мавқуф гузоштани иҷрои ҷазо буда, он мақсади ба даст даровардани таъсиррасонии ислоҳиро бе татбиқи ҷазои таъиншуда дорад."[3] Дар ҳақиқат, барои чунин таърифи табиати ҳуқуқии институти шартан татбиқ накардани ҷазо баъзе асосҳо вуҷуд дорад, зеро ҳангоми шартан маҳкум кардан расман мавқуф гузоштани татбиқи ҷазо ҷой дорад. Аммо мавқуф гузоштан табиати ҳуқуқии шартан маҳкум карданро муайян намесозад.

Ба ақидаи В.А. Ломако, мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм ду лаҳзаро дар бар мегирад, аввалан иҷрои ҷазо мавқуф гузошта мешавад, баъдан ҷазои мавқуфгузошта бо тағйир ёфтани ҳолатҳои муайян ҳатман татбиқ карда мешавад.[4][ Дар мавқуф гузоштани иҷрои ҳукм мавҷудияти ду лаҳза ҳатмӣ аст. Дар шартан маҳкум кардан вуҷуд доштани танҳо лаҳзаи аввал кифоя аст, лаҳзаи дуюм бошад, ба сифати лаҳзаи иловагӣ баромад мекунад, он танҳо дар мавриди аз тарафи маҳкумшуда содир гардидани ҷинояти нав ҷой дошта метавонад.

**Гурӯҳи чоруми** олимони ҳуқуқшинос табиати ҳуқуқии шартан татбиқ накардани ҷазоро чун тартиби махсуси аз тарафи суд татбиқ кардани ҷазои пештар таъиншударо медонанд. Ба ин гурӯҳ А.Д. Соловьев шомил аст. Ӯ чунин нуқтаи назарро, ки шартан татбиқ накардани ҷазо татбиқи махсуси ҷазост, пеш гузошта, қайд намудааст, ки дар шартан маҳкум кардан ҷазо аз ҷониби судҳо таъин карда мешавад ва маҳкумшуда онро адо менамояд.[5]

Вобаста ба андешаҳои гурӯҳи аввали олимон, ки шартан татбиқ накардани ҷазоро яке аз намудҳои сабуки ҷазои ҷиноятӣ мешуморанд, мо чунин ибрози назар дорем. Новобаста аз оне ки падидаи мазкур бо ҷазои ҷиноятӣ умумият дошта бошанд ҳам онҳо комилан падидаҳои гуногуни ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ ба ҳисоб мераванд. Инчунин, институти мазкур дар номгӯи ҷазоҳои ҷиноятӣ, ки дар моддаи 47-и Кодекси ҷиноятӣ муқаррар гардидаанд, пешбинӣ нагардидааст. Ин хусусият ба тамоми давлатҳои пасошӯравӣ хос мебошад ва гуфтан мумкин аст, ки шартан татбиқ накардани ҷазо на ҷазо аст ва на намуди ҷазои сабуктар. Дигараш ин ки суд нисбати маҳкумшуда ҷазоро таъин манамояд, вале дар баробари ин санади судӣ дар бораи шартан татбиқ накардани ҷазо мебарорад, яъне суд дар як маврид ду санади судӣ қабул менамояд. Агар мо шартан татбиқ накардани ҷазоро як намуди ҷазои сабук ҳисобем, пас саволе ба миём меояд, ки барои содир кардани як ҷиноят суд ду ҷазо таъин менамояд? Вобаста ба ин масъала профессор Шарипов Т.Ш. қайд менамояд, ки далелҳо вобаста ба оне ки шартан татбиқ накардани ҷазо яке аз намудҳои ҷазои сабук ба ҳисоб меравад, беэътимоданд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар ҳақиқат, институти шартан татбиқ накардани ҷазо бо институти ҷазо як қатор хусусиятҳои умумӣ дорад, вале онро на намуди мустақили махсуси ҷазо ва на яке аз намуҳои ҷазои сабук ҳисоб намудан мумкин нест.[6]

Вобаста ба андешаи гурӯҳи дуюми ва сеюми олимон чунин гуфтани ҳастем, ки ба андешаи мо шартан татбиқ намудани ҷазоро мавқуф гузаштани иҷрои хукм ҳисобидан мумкин нест, зеро онҳо мақсадҳои гуногун доранд. Агар ҳангоми мавқуф гузоштан қонунгузор мақсади ба вақти дигар гузаштани ичрои ҷазоро дошта бошад, зеро иҷрои фаврии он бо расонидани зарари ҷиддӣ барои маҳкумшуда ё оилаи вай, инчунин бо дигар ҳолатҳои истисноӣ вобаста мебошад, он гоҳ шартан татбиқ накардани ҷазоро бошад, вазифаи бе татбиқи ҳақиқии маҳрумӣ аз озодӣ ё корҳои ислоҳӣ ба ислоҳ

---

[1] Ткачевский Ю.М. Освобождение от отбывания наказания. - М., 1976
[2] Беляев Н.А. Предмет советского исправительно-трудового права. - Л., I960
[3] Вайсман Б.С. Условное осуждение по советскому уголовному праву. Л., 1959
[4] Герцензон А.А. Уголовное право. Часть общая.- М., 1998
[5] Ломако В.А. Применение уголовного осуждения.- Харьков, 1976
[6] Соловьев А.Д. Вопросы применения наказания по советскому праву. - М., 1958

гардидани маҳкумшуда ноил шуданро дорад. Аз тарафи дигар, агар мо шартан татбиқ накардани ҷазоро мавқуф гузаштани иҷрои ҷазо ҳисобем, пас бояд ногузир ин институтро аз ҳуқуқи ҷиноӣ ба ҳуқуқи мурофиаи ҷиноӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ гузаронем, ки ахиран меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавӣ ин институти мазкурро амали гардонида наметавонанд. Чунки дар ҳар сурат ин вазифаи ҳуқуқи моддӣ аст.

Шартан татбиқ накардани ҷазо ин мавқуф гузоштани ҷазо намебошад, чунки ҳангоми мавқуф гузоштан ҷазо мумкин аст ҷазо ба пуррагӣ боз дошта шавад. Ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо бошад бо гузаштани муҳлати санҷишӣ ҷазо метавонад ба охир расад. Дигараш ин ки шартан татбиқ накардани ҷазо иҷрои ҳукм намебошад, чунки маҳкумшуда худи ҳукми воқеиро иҷро наменамояд, балки уҳдадориҳоеро иҷро менамояд, ки суд ба зиммаи ӯ мегузорад.

**Дар умум ба андешаи мо шартан татбиқ накардани ҷазо ин шартан озод намудани шахси ҷиноятсодирнамуда аз адои ҳақиқии ҷазои корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардан дар хизмати ҳарбӣ, маҳдуд кардани озодӣ, нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ, вале ба шарти муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ ва назорат аз болои рафтораш мебошад.** Барои он шартан татбиқ накардани ҷазоро ҳамчун шартан озод намудан аз ҷазо меноманд, ки суд як қатор ухдадориҳоро ба зимаи маҳкумшуда мегузорад, ба шарти иҷрои онҳо дар давоми муҳлати санҷишӣ**.** Дигараш ин ки танҳо дар ҳолати ашади саркашӣ намудан аз иҷрои уҳдадориҳои муқаррарнамудаи суд мумкин аст, ки шартан татбиқ накардани ҷазо бекор карда шавад. Институти мазкурро барои он шартан озод намудан аз ҷазо меноманд, ки шахс аз иҷрои ҷазои ҳақиқии таъин намудаи суд озод аст, то даме, ки ҷиноят ва ё дигар кирдорҳои маъмурӣ содир нанамояд.

Ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо суд мутобиқи моддаи 71-и Кодекси ҷинояти муҳлати санҷиши муқаррар менамояд. Дар ин маврид аз ҷониби суд зарурати дар як вакт, дар як ҳукм муайян намудани ду мӯҳлати бо ҳамдигар алоқаманд нисбати шахси гунаҳкор ба миён меояд:

а) муҳлати ҷазои таъиншуда дар доираи санксия ё санксияҳои моддаҳои дахлдори КҶ ҷойдошта;

б)муҳлати санҷишӣ, ки дар ҷараёни он хулосаи суд оид ба имконияти ислоҳи маҳкумшуда бе адои воқеии ҷазои таъиншуда, тасдиқ мегардад ё не. Дар зери мафҳуми «муҳлати санҷиш» давомияти вақти зери назорат қароргирифтаи шахси ба шартан татбиқ накардани ҷазо маҳкумшудаеದониста мешавад, ки дар ҷараёни он мумкин аст масъалаи ислоҳ шудан ё нашудани чунин шахс ҳалли худро ёбад.

Муҳлати санҷиш бо давомнокии аз 1 то 5 сол таъин гардида, аз лаҳзаи эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд ба ҳисоб гирифта мешавад. Пас аз гузаштани чунин муҳлат назорат аз болои рафтори шахси ба шартан татбиқ накардани ҷазо таъиншуда қатъ гардида, ӯ аз қайди нозироти корҳои ислоҳӣ бароварда мешавад. Муҳлати санҷиш метавонад аз муҳлати ҷазои таъиншуда камтар ё зиёдтар ва ё баробари муҳлати ҷазо бошад. Ҳангоми қабули қарор оид ба шартан татбиқ накардани ҷазо суд ваҷҳи қабули чунин қарорро дар ҳукм нишон медиҳад. Шартан татбиқ накардани ҷазо бо ба охир расидани муҳлати санҷиш хотима меёбад ва доғи судӣ низ якбора бо тамом шудани муҳлати санҷиш барҳам мехӯрад.

Бояд қайд намуд, ки адабиёти илмӣ ва таҷрибаи давлатҳои хориҷиро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вобаста муқаррар намудани муҳлати санҷишӣ ҳангоми таъин намудани шартан татбиқ накардани ҷазо дар қонунгузории ҷиноятӣ як қатор мушкилиҳо вуҷуд дорад. Аз ҷумла бештари олимон дар чунин хулосаанд, ки аз 3 сол зиёд таъин намудани муҳлати санҷишӣ қобили қабул нест. Инчунин, амалия низ нишон медиҳад, ки дар зиёда аз 90% ҳолатҳо муҳлати санҷишӣ то 3 сол муқарар карда мешавад**.** Аз ин рӯ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки бояд муҳлати санҷишие, ки суд таъин менамояд набояд аз 3 сол зиёд бошад.

Ҳамчунин қонун пешбинӣ намудааст, ки ҳангоми гузаштани нисфи муҳлати санҷишии муқаррарнамуда барои шартан татбиқ накардани ҷазо, ки дар давоми он

маҳкумшуда ислоҳ шуданашро исбот менамояд, судя метавонад барои бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо санади судӣ қабул намояд. Мушкилот дар ин самт дар он аст, ки агар маҳкумшуда дар давоми гузаштани нисфи муҳлати санҷишии муқаррарнамуда ислоҳ шуданашро исбот намояд, судя бояд уҳдадор карда шавад, ки санади судӣ дар бораи бекор кардани шартан татбиқ накардани ҷазо қабул намояд.

Дигараш ин, ки ҳадди болои ҷазое, ки мумкин аст барои он шартан татбиқ накардани ҷазо истифода бурда шавад дар Кодекси ҷиноятӣ муқаррар карда нашудааст, ки ин метавонад ба принсипи адолат ва расидан ба мақсади ҷазо мухолифат намояд. Ба андешаи мо барои содир намудани ҷинояти қасдонае, ки барои он қонун зиёда аз 5 сол ва барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиршавандае, ки қонуни ҷноятӣ зиёда аз 10 сол ҷазо пешбинӣ намудааст, татбиқи институти шартан татбиқ накардани ҷазо ба мақсад мувофиқ нест. Вобаста ба ин масъалаҳо дар қонунгузории баъзе давлатҳо тартиби махсус муқаррар гардидааст. Масалан, дар Федератсияи Русия ҳадди болоии ҷазо, ки барои он маҳкумкунии шартӣ истифода бурда мешавад, 8 сол муқаррар гардидааст. Дар дигар кишварҳо ба монанди Олмон бошад ҳадди болоии ҷазое, ки барои он институти шартан татбиқ накардани ҷазо истифода мешавад 2 сол муқаррар гардидааст, дар Ҷопон бошад 5 сол муқаррар гардидааст.

Дар баробари проблемаҳои назариявӣ ва қонунгузорӣ як қатор проблемаҳои амалиявӣ низ ҳангоми татбиқи шартан татбиқ накардани ҷазо вомехӯранд. Тадқиқоти гузаронида далолат бар он мекунад, ки ҷазои иловагӣ ҳангоми шартан татбиқ накардани ҷазо ба таври истисно кам таъин карда мешавад. Аз 1020 ҳукми мавриди омӯзиш қароргирифта, танҳо дар 42-тои он яъне 4,12% ҳолатҳо амали намудани ҷазои иловагӣ ба шакли маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли вазифаи муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян истифода бурда шудааст.[1]

Омори таҷрибаи судӣ нишон меҳад, ки худи институти шартан татбиқ накардани ҷазо дар амалияи судӣ ба таври васеъ истифода намегардад. Ҳарчанд сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар раванди гуманизатсия қарор дошта бошад ҳам. Масалан, 2006-12%, 2007-14,6%, 2008-17,7%, 2009-14,3%.

Хулоса, вобаста ба масъалаи мазкур дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад, дар як маврид дар қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи татбиқи падидаи мазкур низ масъалаҳои ҳалталаб зиёд ба чашм мерасанд, ки барои ҳалли мушкилоти мавҷуда минбаъд низ фикру андешаҳои асосноки худро бо ба инобат гирифтани таҷрибаи давлатҳои пешқадам ва нуқтаҳои назари олимони соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ иброз менамоем.

[1] Соловьев А.Д. Вопросы применения наказания по советскому праву. - М., 1958

# УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ПОЛИТИКА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН НА ОСНОВЕ НАЦИОНАЛЬНОГО СОГЛАСИЯ И ЕДИНСТВА

***Кощеев В.Ю.,***
***старший преподаватель кафедры уголовного права юридического факультетаРоссийско - Таджикского (Славянского) университета***

«Любое общество нуждается в цели, в соответствии с которой будет определять дальнейший путь своего развития. Такая цель должна формироваться на основе истории, ценностей, национального менталитета и должна отвечать нынешним реалиям, нуждам и требованиям сегодняшнего общества, сплотить вокруг себя подавляющее большинство членов и слоев общества и направить народ на путь развития и созидания. Для нас такой объединяющей идеей является именно идея национального единства».[1]

Именно национальное единство стало той основой, тем фундаментом, на котором стало возможно построение правовой политики Республики Таджикистан. Одним из ключевых направлений в этой сфере, является уголовно-правовая политика.

Понятие «уголовно-правовая политика» часто встречается в юридической литературе. Тем не менее, не существует единого мнения относительно ее понимания, элементов входящих в неё, её направленности и формах осуществления. В то же время, уголовная политика является составной частью политики государства и её можно определить как специальную форму организации власти по предупреждению преступности.

Уголовная политика государства должна проводиться на основе научно обоснованных разработок и рекомендаций, а в качестве основы могут выступать научные труды исследователей в сфере уголовного права и криминологии.

Уголовная политика Республики Таджикистан, современного периода, характеризуется некоторыми особенностями, к их числу можно отнести многоуровневый характер уголовной политики государства. Это обусловлено тем, что с развитием научно-технического прогресса, эволюционирует и преступность. Особенно высоко латентными становятся посягательства в информационно-компьютерной сфере. В качестве мер противодействия в этом случае могут выступать как средства гуманитарных, так и технических наук.

Исходя из этого, уголовная политика на современном этапе это совокупность мер, осуществляемых государственными органами, направленных на обеспечение защиты личности, общества и государства от преступлений.

В качестве целей уголовной политики Республики Таджикистан, указаны:

1) защита жизненно важных общественных отношений, в частности в сфере предпринимательской деятельности;

2) защита интересов государства внутри и за пределами государства от преступных посягательств;

3) минимизация уровня социальной напряженности в обществе на основе оптимального и справедливого урегулирования конфликта, вызванного преступлением;

4) - содействие достижению социального благополучия и комфорта на основе реализации идей социальной реинтеграции лиц, вовлеченных в конфликт, вызванный преступлением.[2]

Для достижения указанных целей необходимо решить следующие задачи:

---

[1] Э. Рахмон. Выступление на церемонии празднования 14-й годовщины Национального единства. URL: http://www.president.tj/ru/node/1265 (дата обращения 30.05.2017).

[2] Уголовный кодекс Республики Таджикистан от 21.05. 1998 // URL: http://www.mmk.tj (дата обращения 30.05.2017).

1) с учетом требований правовой определенности и правовой стабильности не допустить расширительного толкования состава преступления;

2) обеспечить адекватность уголовного законодательства актуальным криминальным угрозам и ведущим тенденциям в развитии преступности;

3) добиться полного соответствия уголовного законодательства и практики его применения Конституции Республики Таджикистан, и международно-правовым актам в области защиты прав человека и общественной безопасности;

4) развить основу и механизмы гармонизации и унификации уголовного законодательства в рамках международного сотрудничества Республики Таджикистан;

5) обеспечить надежную гарантию незыблемости права государства на применение мер уголовно-правового воздействия в отношении лиц, совершивших преступления, и гарантировать безопасность уголовно-правового суверенитета государства от внешних и внутренних угроз;

6) гарантировать права и законные интересы лиц, потерпевших от преступлений, обеспечить их безопасность, создать условия для максимально полной реализации прав человека на доступ к правосудию, справедливый суд и компенсацию причиненного преступлением вреда;

7) модернизировать систему уголовно-правовых последствий совершения преступлений с учетом необходимости одновременного решения карательных, восстановительных, социально-реинтеграционных и превентивных задач;

8) достичь качественного улучшения реального состояния преступности, в том числе снижения объема и уровня общественной опасности отдельных ее видов: рецидивной, организованной, корыстной, коррупционной, насильственной преступности, терроризма, экстремизма и преступности среди несовершеннолетних.[1]

Исходя из анализа действующего уголовного законодательства, современная уголовно-правовая политика Республики Таджикистан характеризуется курсом на гуманизацию положений и мер уголовно-правового характера.

Такие гуманистические изменения, были внесены в нормы уголовного права, Законом РТ от 17 мая 2004г., № 35 «О внесении изменений в Уголовный кодекс Республики Таджикистан». Изменения коснулись статей регулирующих: принципы уголовного права, действие уголовного закона, множественность преступлений, возраст уголовной ответственности, понятие невменяемости, понятие вины, соучастие в преступлении, обстоятельства, исключающие преступность деяния, назначение наказания, освобождение от уголовной ответственности и наказания, амнистию, судимость, уголовную ответственность несовершеннолетних, принудительные меры медицинского характера, и ряд статей Особенной части.

Например, были внесены изменения в статью 18 УК РТ «Категории преступлений». Были пересмотрены сроки отнесения деяний к категориям преступлений небольшой и средней тяжести. В настоящее время, преступления небольшой тяжести — это умышленные деяния, за совершение которых максимальное наказание, предусмотренное УК, не превышает двух лет лишения свободы, а также неосторожные деяния, за совершение которых максимальное наказание, не превышает пяти лет лишения свободы.

Подводя итог, можно отметить, что в результате изменений уголовного законодательства у судебных органов расширились возможности по гуманизации мер применяемых к лицам, совершившим преступления. Но вместе с тем, необходимо продолжать принимать меры законодательного характера по дифференциации уголовной ответственности, применительно как к Общей, так и к Особенной частям Уголовного кодекса.

---

[1] Концепция уголовно-правовой политики Республики Таджикистан (Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от «02» ноября 2013 года, № 492). URL: http://www.mmk.tj/ru/Government-programs/concept/jinoyat (дата обращения 30.05.2017).

# АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ-ПЕШВОИ МИЛЛАТ ҲАМЧУН БУНЁДГУЗОРИ ДАВЛАТИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ, СУЛҲ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА РУШДИ БОСУБОТИ ҶОМЕА

***Хокироев А.М.,***
***Муаллими калони Мактаби олии***
***Кумитаи давлатии амнияти миллии***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

Қарори таърихии мақомоти олии қонунбарори мамлакат аз 20-уми декабри соли 2015 дар бораи ба Қаҳрамони Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон додани унвони «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат» аз ҷониби мардуми тоҷик бо рӯҳбаландии бузург ва ҳисси ифтихормандии баланд қабул гардид.

Дар замоне, ки фарзанди шарафманд ва сазовори халқ Эмомалӣ Раҳмон бори аввал сарвари давлат интихоб шуд, Ватани мо, Тоҷикистони азиз ба тозагӣ соҳибистиқлол гардида буд ва рӯзҳои фоҷиаборро аз сар мегузаронд. Ҷанги хонумонсӯз ва муноқишаи байни тоҷикон, ки хисороти калони моддӣ ва талафоти зиёди одамонро ба бор овард, ба тамомияти арзии кишвар ва мавҷудияти худи миллати тоҷик таҳдид мекард.

Ба шарофати қадамҳои хирадмандона, матонат ва ҷасорати фавқулодаи худ Эмомалӣ Раҳмон тавонист, ки мамлакатро аз фалокат раҳо кунад ва мардумро муттаҳид созад. Ҷанги шаҳрвандие, ки бо дастгирии моддию маънавии «душманони беруна» оғоз гардида буд, на танҳо зарари азими сиёсию иқтисодӣ расонд, ба ҳалокати шумораи зиёди одамӣ овард, балки садҳо ҳазор ҳамватанони моро маҷбур сохт, ки Ватани аҷдодии худро тарк намоянд.

Маҳз, дар натиҷаи муқовимати шаҳрвандӣ пайдо гардидани зиддиятҳои байниқавмӣ, куштори оммавии аҳолӣ дар баробари бесарусомониҳо, гуруснагӣ, касалиҳо ба ҳолати маънавию равонии шаҳрвандони Тоҷикистон таъсири манфӣ расонид ва дар ин замина онҳо маҷбуран сарҳади Афғонистону Тоҷикистонро гузашта, ба хориҷа рафтанд.

Онҳо дар ғарибӣ ва шароити маҳдуди иттилоотӣ зери таъсири манфӣ қарор доштанд ва ба онҳо аз ҷониби саркардагони ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва динӣ - экстремистӣ таъсири сахти зараровари идеологӣ расонда мешуд. Аз ҳамин сабаб, онҳо дар бораи ба Ватан баргаштан ҳатто фикр намекарданд, кушоду равшан аз тақдири худ ва фарзандонашон дар ҳарос буданд, ба ҳеҷ кас бовар намекарданд, аз он ҷумла, ба он хешовандонашон, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекарданд.

Дар ин ҷода хизмати Пешвои миллат бениҳоят калон аст. Дар иҷлосияи таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳи ноябри соли 1992 баромад намуда, иброз намуда буданд: **«Ман худамро танҳо он вақт ором ҳис мекунам, ки агар охирин гуреза, шаҳрванди мамлакати соҳибистиқлоли ман ба Ватан баргардонида шавад»**. Дар асл, аз ҷониби Сарвари давлат вазифаи мушаххас доир ба коркарди механизми самаранок ва муассири бозгардонидани гурезаҳое, ки дар солҳои муқовимати шаҳрвандӣ маҷбуран ҷумҳуриро тарк намуда буданд, гузошта шуда буд. Кӯшишҳои Сарвари давлат оид ба баргардонидани гурезаҳо на танҳо аз ҳудуди Афғонистон, балки аз қаламрави дигар давлатҳои ИДМ ба баланд гардидани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун ягона мамлакате, ки тавонист на танҳо шаҳрвандони худашро ба ҷойҳои зисти муқимиашон баргардонад, балки сулҳ, ризояти миллӣ ва ягонагии халқашро ба даст биёрад, мусоидат намуданд.

Ба шарофати иродаи қавии Сарвари давлат дар як муддати кӯтоҳ тамоми харобиҳо на танҳо барқарор карда шуданд, балки иншоотҳои нави азим, пеш аз ҳама, гидроэнергетикӣ, аз қабили НОБ-и Сангтӯда-1 ва Сангтӯда-2, корхонаҳои саноатии маъдани кӯҳӣ, ки бо истихроҷи тилло, нуқра, инчунин истеҳсоли семент ва дигар масолеҳи сохтмонӣ алоқамананд, пайдо шуданд. Дар даврони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ

Тоҷикистон натавонист тамоми минтақаҳои мамлакатро тавассути роҳҳои нақлиётӣ бипайвандад. Ин кор танҳо ба фарзанди асили халқи тоҷик Эмомалӣ Раҳмон муяссар гардид. Зарурияти сохтмони нақбҳо, шоҳроҳҳои автомобилгарди ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯро барои ягонагии миллат, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии он асоснок намуда, қайд карда буд: **«ҳалли масъалаҳои коммуникатсионӣ танҳо аз худи мо, ирода ва истодагарии халқи тоҷик вобаста аст ва ман боварӣ дорам, агар ин халқ муҳимияти ин масъаларо фаҳмад, дар вақти зарурӣ роҳро дар минтақаҳои кӯҳӣ бо нохунҳояш канда месозад».** Бист сол қабл ҳатто тассавур кардан мумкин набуд, ки дар як муддати кӯтоҳ **«Шоҳроҳи ягона»**, ки алоқаи доимиро бо тамоми гӯшаю канори мамлакат таъмин мекунад ва роҳҳои автомобилгарде, ки ба ҷумҳурӣ имконияти бевосита ба уқёнус баромадан ва инкишоф додани муносибатҳоро бо мамолики хориҷи дуру наздик таъмин мекунанд, сохтан мумкин аст.

Мукофот барои чунин ҷидду ҷаҳди қавӣ муҳаббату эҳтироми мардуми Тоҷикистон ва даҳҳо ҳазор ҳамватанони бурунмарзӣ нисбати Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ӯ инчунин эҳтироми бузурги ҷомеаи ҷаҳониро ҳамчун Сарвари обрӯманди Тоҷикистон, сиёсатмадори ботаҷриба, ифодакунандаи арзишҳо ва мақсадҳои олии умумибашарӣ ба даст овардааст.

Бузургтарин дастоварди Эмомалӣ Раҳмон ин бешубҳа истиқрори сулҳи устувор ва ягонагии миллӣ мебошад. Таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки ба ягон давлат муяссар нагардидааст, ки бо истифода аз силоҳ, таҷҳизоти ҷангӣ ва ҷанговаронаш бар рақиби худ дар майдони ҷанг ғолиб омада, роҳбарии дастгоҳи давлатӣ, сохторҳои идоракунӣ ва мақомотҳои низомиро ба дасти худ гирад.

Ба туфайли таъмини сулҳ ва муттаҳидии миллӣ, Эмомалӣ Раҳмон асоси боэътимодро барои гузариш ба марҳилаи барқарорсозии иқтисодиёт ва оғози корҳои созандагӣ гузошт.

То имрӯз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зиёда аз 150 давлати ҷаҳон расман эътироф кардаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон Оинномаи СММ, Санади Хотимавии Хелсинки, Эъломияи Париж ва дигар созишномаҳои байналмилалиро эътироф намуда, сиёсати дохила ва берунаи худро роҳандозӣ карда, ҳуқуқи инсонро новобаста аз мансубияти миллӣ, динӣ ва нажодӣ ҳимоя мекунад.

Тибқи таълимоти файласуфи бузурги чинӣ Сун-сзи, муаллифи рисолаи **«Санъати ҷангӣ»** – «сарлашкар» (дар назар дорад роҳбари давлатро) бояд дорои **панҷ сифате** бошад, ки онҳо барои бартараф сохтани тамоми мушкилиҳо заруранд: **бозаковатӣ, беғаразӣ (адолатнокӣ), инсонпарварӣ, далерӣ ва ҷиддият».** Маҳз чунин сифатҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон доро мебошад, ки ӯ мардонагӣ, дурандешӣ нишон дода, тавонист на танҳо ба ҷанги бародаркуш хотима диҳад, шароитҳоро барои ба эътидол овардани иқтисодиёт, аз буҳрони шадид баровардани он фароҳам орад, бо аксарияти кишварҳои ҷаҳон ҳамкориҳои муфид барқарор намуд, обрӯи давлати соҳибистиқлоли тоҷикро дар арсаи байналхалқӣ баланд бардошт, балки ба шарофати муносибати холисонаю ҷиддӣ нисбат ба худ ва тобеон иҷрои лоиҳаҳои бузургтаринро дар соҳаи иқтисодиёт, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, тандурустӣ, маориф, маданият таъмин кард ва мероси маданияти бойтарини тоҷиконро эҳё намуд, ки дар худ таҷрибаи бебаҳои таърихи инкишофи давлатро дар бар мегирад.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар баланд бардоштани обрӯю эътибор ва нуфузи байналхалқии Тоҷикистон, дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ саҳми бузург дорад. Дар баромадҳои чандинкаратаи худ аз минбари баланди СММ, ӯ диққати ҷомеаи ҷаҳониро на танҳо ба масъалаҳои Тоҷикистон, балки ба масъалаҳои сулҳи Афғонистон, мубориза бо терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир, таъмини инсоният бо оби тоза ҷалб намуда буд. Хосатан саҳми ӯ дар ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли масъалаҳои Афғонистон, ки ба пойгоҳи терроризм ва экстремизм мубаддал гардида истода буд, калон аст.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон инчунин ба масъалаҳое, ки баояндаи инсоният алоқаманданд, муносибати дурандешона ва ҷиддӣ менамояд. Бо пешниҳоди Эмомалӣ

Раҳмон Созмони Милали Муттаҳид соли 2003-ро соли байналмилалии оби тоза, солҳои 2005-2015ро – Даҳсолаи амалиёт «Об барои ҳаёт» эълон кард, ки аксарияти чорабиниҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ дар чаҳорчубаи ин Даҳсола гузаштанд. Аз ин рӯ, ин ташаббуси Сарвари давлат боиси ифтихору сарбаландии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Яке аз рӯйдодҳои тоза ва фараҳбахш - ин аз ҷониби СММ қабул ва пазируфтани пешниҳоди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028» мебошад, ки боз як далели боло рафтани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналхалқӣ ва сиёсати ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад.

Дар давоми зиёда аз бисту шаш соли истиқлолият Ватани мо таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон бо қадамҳои устувор ба роҳи сохтмони давлати соҳибистиқлоли демократӣ рафта истодааст. Дар ин давра Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Тоҷикистон ба аъзогии созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ қабул гардида, бо аксарияти давлатҳои ҷаҳон муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намудааст. Асосҳои сохти конститутсионӣ ва идоракунии давлатӣ ба танзим даровarda шуданд, пули миллӣ ба муомилот бароварда шуд, шиносномаи миллӣ эътироф гардид.

Ҳамин тариқ, хизматҳои таърихии Эмомалӣ Раҳмон аз он иборатанд, ки маҳз ӯ идоракунии давлатро ба уҳдаи худ гирифта, таҳдиди аз байн рафтани онро бартараф сохт, алангаи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш кард, сохторҳои фалаҷгардидаи ҳукумат, махсусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор намуд, Артиши миллӣ ва Қӯшунҳои сарҳадиро созмон дод, шароитҳои зарурииро барои мустаҳкам гардидани Ҳукумат ва давлат таъмин намуд, сулҳро барои миллат кафолат дод, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборииро ба Ватан баргардонид. Барои сохтмони ҷомеаи нави Тоҷикистон таҳкурсии устувор гузошта, дар мамлакат ислоҳоти конститутсионӣ гузаронд, Конститутсияи нави Тоҷикистонро офарид, асоси сиёсӣ ва ҳуқуқиро барои имзои Созишномаи умумӣ дар бораи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27-уми июни соли 1997 таъмин намуд. Эмомалӣ Раҳмон сулҳи байни тоҷиконро ба даст овард, ки он барои ҷомеаи ҷаҳонӣ намунаи ибратбахш ва нодир буд. Ӯ шароитҳоро барои эҳёи миллӣ фароҳам овард, ба корҳои созандагӣ оғоз бахшид, ҳолати иҷтимоӣ-иқтисодии халқро ба куллӣ тағйир дод, таҳдиди гуруснагиро аз байн бурд, ба афзоиши обрӯи сиёсии давлат дар арсаи байналхалқӣ мусоидат кард.

Барои саҳми пурарзиши худ дар таъмини сулҳ дар Тоҷикистон ва мустаҳкам намудани амнияти минтақа, дигар хизматҳои барҷаста дар самти инкишофи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкорӣ дар байни халқҳо Эмомалӣ Раҳмон ба унвонҳои баланд ва мукофотҳои давлатҳо ва созмонҳои гуногуни ҷаҳон мушарраф гардид.

Хизматҳои Эмомалӣ Раҳмон чи дар дохили кишвар ва чи берун аз он маъмул мебошанд. Барои саҳми пурарзиш дар инкишофи ҷомеаи умумибашарӣ ӯ ба Ситораи тиллоии Алберт Шветсер ва унвони фахрии профессори Академияи умумиҷаҳонии тиб доир ба фасли илмҳои гуманитарӣ мушарраф гардид. Ӯ яке аз он сиёсатмадорони ҷаҳон аст, ки сазовори чунин мукофоти баланд гардидааст.

Дар марҳилаи нави сохтмони Тоҷикистон ба миллати қадимаи тоҷик тақдир дар симои шахсияти нодири таърихӣ - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон одамеро туҳфа намуд, ки дар ӯ сифатҳои олии инсонӣ – боадолатӣ, ҷавонмардӣ, ҷасорат, раҳмдилӣ ва қобилияти нотакрори муттаҳид намудани одамон таҷассум ёфтаанд. Ҳамбастагии ин сифатҳо ҷомеаро ба зинаи баланди хештаншиносӣ бароварd.

Маҳз ба туфайли кӯшишҳои собитқадамонаи Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар охири асри XX аз фоҷиаи миллӣ раҳо ёфт ва соҳибистиқлолияти давлатии худро мустаҳкам намуд, ба шарофати ин миллати тоҷик баъд аз гузашти ҳазорсолаҳо дастовардҳои бузургро дар роҳи эҳёи миллӣ ба даст оварда, бо қадамҳои устуворона ба сӯйи ояндаи беҳтар, осудаҳолона ва шоиста пеш меравад.

# МАВҚЕИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ МАВОДИ НАШЪАОВАРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЧУН МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ


***Абдуллозода Ф.У.***
***сардори Шуъбаи таъминоти***
***ҳуқуқии Ситоди Агентии назорати***
***маводи нашъаовари назди Президенти***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***


Солҳои аввали таърихи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол барои ба даст овардани сулҳ ва нигоҳ доштани ваҳдати миллӣ осон набуд. Дар назди роҳбарияти давлат ҳалли мушкилоти муқовимати шаҳрвандӣ, рушди иқтисодиёт, мудофиа ва тартиботи ҳуқуқӣ истода буданд.

Мақоми пешвои ҷаҳониро гирифтани Афғонистон дар истеҳсоли афюн ва дар натиҷа, афзоиши интиқоли ҳаҷми калони маводи нашъаовар тавассути минтақаи Осиёи Марказӣ барои Тоҷикистон хатари зиёди беруна овард ва боиси афзоиши шумораи шахсони нашъаманд, боло рафтани ҷиноятҳои мухаддиротӣ ва ҳаҷми мусодираи маводи нашъаовар гардид, инчунин дигар оқибатҳои манфиро ба миён овард.

Баробари афзоиши ҳаҷми қочоқи маводи нашъаовар Ҳукумати Тоҷикистон бо эҳсоси масъулият дар назди халқи кишвар ва тамоми башарият ба татбиқи чорабиниҳои маҷмӯӣ ҷиҳати пешгирии муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар шурӯъ намуд.

Соли 1999 Тоҷикистон дар таърихи худ аввалин Конфронси байналмилии зиддимухаддиротӣ “Тоҷикистон зидди маводи нашъаовар”-ро гузаронид. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иштирокчиёни Конфронс муроҷиат намуда, иброз доштанд, ки “Дар роҳи давлати ҷавони Тоҷикистон хатаре ба вуҷуд омадааст, ки агар онро бартараф накунем, метавонад тамоми дастовардҳои моро нобуд созад. Сухан дар бораи чунин падидаи таҳдидовар, мисли нашъаҷаллобӣ меравад. Ва имрӯз дар шароити соҳибихтиёрии кишвар, инчунин бо дарназардошти тамоми хатарҳое, ки ин падида ба дунбол дорад, ман бо тамоми масъулият изҳор менамоям, ки пойдории давлати мо аз муборизаи қатъӣ бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар вобастагӣ дорад”.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 1999 мақоми ҳифзи ҳуқуқи нав - Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ин худ беҳтарин самараи ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Агентӣ барои амалӣ намудани сиёсати давлатӣ, ҳамоҳангсозии байниидоравӣ, инчунин ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи муомилоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии онҳо ва пешгирии нашъамандӣ ваколатдор гардид.

Воҳидҳои оперативию тафтишотии Агентӣ ҷиҳати ошкор намудан, огоҳонидан, пешгирӣ кардан ва кушодани ҷиноятҳои вобаста ба муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, инчунин дигар ҷиноятҳо пайваста чорабиниҳои оперативӣ–ҷустуҷӯӣ мегузаронанд.

Бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ амалиётҳои муштарак анҷом медиҳанд.

Бо мақсади ошкор ва нобуд сохтани растаниҳои нашъадори худрӯй ва ғайриқонунӣ киштшуда, бастани роҳҳои интиқоли ғайриқонунии маводи нашъадор дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин гузаронидани чорабиниҳои маҷмӯии таблиғотӣ-пешгирикунанда дар байни аҳолӣ, ҳамасола дар ҷумҳурӣ аз нимаи дуюми

моҳи май то нимаи дуюми моҳи ноябр амалиёти “Кӯкнор” дар ду марҳила гузаронида мешавад. Амалиёти мазкурро Ситоди ҷумҳуриявӣ, ки дар заминаи Агентӣ таъсис дода мешавад, роҳбарӣ ва ҳамоҳанг месозад.

Таҳти роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии Агентӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар аз дастгир намудани гурӯҳҳои хурди нашъаҷаллоб ба қатъ кардани фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша, ки ба муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар машғуланд, муваффақ гардиданд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз соли 1994 то соли 2016 дар ҷумҳурӣ аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар 116 тоннаю 467 кг маводи нашъадор, аз ҷумла: афюн - 39 тоннаю 55 кг, героин - 33 тоннаю 871 кг, гурӯҳи бангдона - 42 тоннаю 214 кг ва 1 тоннаю 292 кг дигар намудҳои маводи нашъадор мусодира шудааст.

Мувофиқи омори таҳлилии Агентӣ дар давраи солҳои 2000 - 2016 ВКД - 37 тон. 865 кг, Агентӣ - 16 тон. 354 кг, КДАМ - 19 тон. 815 кг, ҚС КДАМ - 10 тон. 639 кг ва ХГ - 1 тон. 601 кг маводи нашъадор мусодира намудаанд, ки ин миқдор метавонист зиёда аз 50 миллион нафарро ба бемории нашъамандӣ гирифтор намояд.

Гарчанде ин дастовардҳо назаррас бошанд ҳам, вале онҳо ҳанӯз ҳам моро қонеъ карда наметавонанд. Гузашта аз ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2016 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд: “Мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бояд дар самти мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир фаъолияти худро ҷоннок намуда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи қочоқи маводи мухаддир, ошкор ва аз байн бурдани гурӯҳҳои муташаккили нашъаҷаллоб ва такмили тарзу усулҳои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб тадбирҳои зарурӣ андешанд. Даромад аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки ҳамасола дар ҷаҳон даҳҳо миллиард долларро ташкил медиҳад, яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ мебошад.

Аз ин лиҳоз, мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷузъи мубориза бо терроризм ва экстремизм маҳсуб меёбад”.

Дар иртибот ба масъалаи мазкур қайд кардан ба маврид аст, ки кормандони Агентӣ дар баробари иҷрои вазифаҳои асосии худ, ки мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар мебошад, ҳамчунин дар кори таъмини тартиботи ҳуқуқӣ низ фаъолона иштирок менамоянд. Аз ҷумла, дар ҳодисаҳои нангине, ки соли 2010 дар водии Рашт рух дода буданд ва солҳои 2012-2013 дар нигоҳдории тартиботи ҳуқуқӣ дар ВМКБ кормандони Агентӣ пурра сафарбар карда шуда буданд.

Ҳамчунин аз соли 2013 инҷониб кормандони Агентӣ бо мақсади иҷрои супориши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати нигоҳдории тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирӣ ва ошкор намудани ҳама гуна ҷиноятҳо, алалхусус ҷиҳати пешгирии амалҳои террористӣ ва ифротгароӣ, муқовимат ба савдои одамон, инчунин пешгирии паҳннамоии варақаҳои таблиғотӣ (экстремистӣ) дар байни аҳолии мамлакат, аз он ҷумла дар ҳудуди ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳои вобастагардида ба хизмати пайраҳадорӣ ва роҳбандиҳо ҳангоми сафарҳои кории Президенти кишвар ба минтақаҳои ҷумҳурӣ, ташрифи ҳайатҳои воломақоми давлатҳои хориҷӣ ва баргузории чорабиниҳои аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта сафарбар карда мешаванд.

Ҷиҳати ҳифзи амнияти кишвар ва Сарҳади давлатӣ миёни Афғонистон ва Тоҷикистон, соли 2015 ҳайати шахсии Агентӣ ба дидбонгоҳҳои наздисарҳадии “Кокул” ва “Беркут”-и ноҳияи Фархор сафарбар гардида, ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, аз ҷумла қочоқи маводи нашъаовар, терроризм, эстремизм, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша, ки ба амнияти кишвар таҳдид менамоянд ва пешгирии ҳолатҳои интиқоли ғайриқонунии силоҳу муҳимоти ҷангӣ вазифадор карда шуданд.

Бо мақсади мубориза ва пешгирии қочоқи маводи нашъаовар ба Тоҷикистон, инчунин пешгирии интиқоли прекурсорҳо ба Афғонистон кормандони Агентӣ дар ҳамкорӣ бо кормандони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати ҶТ ва Қӯшунҳои сарҳадии КДАМ ҶТ аз соли 2008 инҷониб дар дидбонгоҳҳои доимоамалкунандаи "Қизил-Арт" ва "Қаракул" дар ноҳияи Мурғоб, инчунин дидбонгоҳи "Қарамиқ" дар ноҳияи Лахш фаъолият мекунанд.

Яке аз вазифаҳои Агентӣ дар соҳаи муқовимат бо паҳншавии маводи нашъадор, амалишавии назорати муомилоти қонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо, пешгирии воридшавии ин маводҳо аз муомилоти қонунӣ ба ғайриқонунӣ мебошад.

Кормандони Агентӣ баҳри таъмини риояи муомилоти қонунии маводи нашъаовар, бо ҷалби мутахассисон дар муассисаҳои табобатӣ, дорухонаҳо ва корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ мунтазам санҷишҳо мегузаронанд.

Ҳангоми ошкор намудани камбудиҳо дар фаъолияти ташкилоту муассисаҳо баҳри бартараф намудани онҳо, дар сурати набудани аломатҳои таркиби ҷиноят, дастурҳо медиҳанд.

Паҳлӯи дигари фаъолияти Агентӣ пешгирии нашъамандӣ мебошад. Ҳукумати ҷумҳурӣ ба масъалаҳои тарғиби тарзи ҳаёти солим ва баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ оид ба зарари маводи нашъаовар доимо таваҷҷуҳи калон зоҳир менамуд.

Ба сифати платформаи асосӣ оид ба татбиқи чораҳои пешгирикунанда 3 апрели соли 2004 бо Фармони Президенти ҶТ Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии суиистеъмоли маводи нашъадор таъсис дода шуд.

Бо мақсади фаъолияти босамари Шӯрои ҳамоҳангсозӣ Нақшаи чорабиниҳои Агентӣ муштаракан бо вазоратҳои маориф ва илм, меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, тандурустӣ, кумитаҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, телевизион ва радио, занон ва оила, таҳия ва тасдиқ гардида, мавриди амал қарор дода мешаванд.

Баҳри тарғиби тарзи ҳаёти солим ва пешгирии нашъамандӣ кормандони Агентӣ мунтазам дар якҷоягӣ бо намояндагони вазорату идораҳои болозикр, созмонҳои байналмилалӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, бо ҷалби васеи аҳолӣ чорабиниҳои оммавӣ, варзишӣ, фарҳангӣ ва таблиғотии зиддинашъамандӣ мегузаронанд.

Ташкил ва баргузории чунин чорабиниҳо дар байни табақаҳои мухталиф боиси боз ҳам баланд шудани сатҳи маълумотнокии аҳолии ҷумҳурӣ оид ба зарар ва оқибатҳои фоҷиабори суйистеъмоли маводи нашъаовар мегарданд.

Дар ин раванд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз доштанд: "Муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир боиси афзоиши бемории нашъамандӣ гардида, ба генофонди миллӣ таҳдиди воқеӣ эҷод менамояд".

Тибқи маълумоти расмии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба ҳолати то 31 декабри соли 2016 дар қайди диспансерҳои наркологӣ 7067 бемор бо ташхиси "нашъамандӣ" номнавис шудаанд. Ин нишондод дар қиёс ба соли 2015 (7313) 3,4% коҳиш ёфтааст.

Нишондоди дардмандӣ дар соли 2016 ба 100000 аҳолӣ 83,6 ҳолатро ташкил дода, нисбати соли 2015 (91,1) ба 8,2 ҳолат кам шудааст.

Таҳлили маълумотҳои диспансерӣ нишон медиҳанд, ки бештари нашъамандон истиқоматкунандагони шаҳрҳо мебошанд. Қисми зиёди онҳо ба ш. Душанбе рост омада, 2654 нафарро (37,5% аз миқдори умумӣ) ташкил медиҳанд.

Дар дигар шаҳрҳо ва ноҳияҳои кишвар миқдори зерини нашъамандон ба қайд гирифта шудааст: Кӯлоб - 548 нафар (7,8%), Хоруғ - 369 нафар (5,2%), Хуҷанд - 372 нафар (5,3%), Қурғонтеппа - 201 нафар (2,8%), Ҳисор - 302 нафар (4,3%), Ваҳдат - 151 нафар (2,1%), Турсунзода - 122 нафар (1,7%), Панҷакент - 201 нафар (2,8%), Шуғнон - 204 нафар (2,9%) ва Рӯдакӣ - 349 нафар (4,9%).

Дар вилояти Суғд ба 3% афзоиш ёфтани шумораи нашъамандон ба мушоҳида расида, ҳамзамон дар минтақаҳои зерини кишвар миқдори онҳо коҳиш ёфтааст:

- дар ВМКБ – ба 7,3% (871 нафар дар соли 2015 ва 807 нафар дар соли 2016);

- дар вилояти Хатлон – ба 0,9% (1398 нафар дар соли 2015 ва 1385 нафар дар соли 2016);

- дар НТҶ – ба 0,1% (1076 нафар дар соли 2015 ва 1074 нафар дар соли 2016).

Соли 2016 шумораи занони дар қайди диспансерӣ 175 нафарро ташкил дод (соли 2015 - 189), ки дар муқоиса бо соли гузашта 14 нафар ё 7,4% коҳиш ёфтааст.

Шумораи шахсони нашъаманд аз рӯи категорияи синну сол чунин аст:

- аз 18 то 34 сола – 2241 нафар ё 31,7%;
- аз 35 то 59 сола – 4740 нафар ё 67,1%;
- аз 60 сола боло – 86 нафар ё 1,2%.

Дар соли 2016 сохторҳои наркологии кишвар дар натиҷаи заҳролудшавӣ аз моводи нашъадор 7 ҳолати фавтро ба қайд гирифтанд, ки аз онҳо 4 ҳолат ба ВМКБ, 1 ҳолатӣ ба ш. Душанбе, вилояти Хатлон ва НТҶ рост меояд.

Имрӯз Агентӣ дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар мавқеи хосаи худро ишғол намуда, манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар хориҷи кишвар муваффаққона муаррифӣ менамояд. Созмонҳои байналмилалӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ Агентиро ҳамчун шарики боэътимод ва босалоҳият эътироф намудаанд.

Ҳайати шахсии Агентӣ, дар қатори дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ сарбаландона ва содиқона дар мубориза бо ҷинояткорӣ ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ фаъолона иштирок карда истодаанд.

Бо дар назардошти гуфтаҳои боло, ба хулоса омадан мумкин аст, ки Агентӣ ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таҳким ва пойдор мондани ваҳдати миллӣ саҳми сазовор дорад.

# МАСОИЛИ ТАҲЛИЛИ ҲУҚУҚӢ-МУҚОИСАВИИ ҶИНОЯТҲО ДАР СОҲАИ АНДОЗБАНДӢ МУВОФИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ДАВЛАТҲОИ УЗВИ ИТТИҲОДИ ДАВЛАТҲОИ МУСТАҚИЛ


***Сафарзода А.И.,***
***мудири кафедраи ҳуқуқи***
***ҷиноятии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ,***
***номзади илми ҳуқуқ, дотсент.***

***Мирзоахмедов Ф.А.,***
***номзади илми ҳуқуқ,***
***муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.***


Андозҳо – ин пардохти маблағҳои дорои хусусияти ҳатмӣ мебошанд, ки шахсони ҳуқуқӣ (корхонаю ташкилотҳо) ва воқеӣ (аҳолӣ) ба буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ-ноҳиявӣ дар асоси қоидаю тартиботи қонунгузориҳои амалкунанда, дар вақти муайяншуда месупоранд. Андозҳо дар шаклҳои хеле мухталиф баромад карда, дар ташаккул ва пурраю ғанӣ намудани қисми даромади буҷети давлат ва бо ин васила дар амалигардонии сиёсати хазинадории ҳар як давлати мустақилу соҳибхтиёр саҳми бағоят ҳалкунанда доранд. Ҳар як кишвари мустақил аз давру замонҳои хеле қадим сар карда то имрӯз низ ҳуқуқи андозсупорӣ, яъне ба низоми андозии хосае итоат менамояд.

Мувофиқи моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, вазифаи ҳар як кас мебошад. Бинобар ин, ҳар як шахс уҳдадор мебошад, ки андозҳо ва пардохтҳоро сари вақт супорад. Иҷроиши ин уҳдадории конститутсионии шахс дар бисёр ҳолатҳо бо усули маҷбуркунии давлатие, ки аз тарафи мақомоти босалоҳияти давлатӣ, яъне мақомоти андоз, бо роҳи истифода бурдани тадбирҳои ҳуқуқӣ, сурат мегирад, ки миёни онҳо чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавқеӣ махсусро ишғол менамоянд. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз гуфта, тахти маҷбурияти давлатӣ аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда, иҷро намудани уҳдадориҳо дар бахши андозбандиро меноманд[1].

Мувофиқи қисми 2-и моддаи 79-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби андозсупорандагон (агентҳои андоз), шахсони мансабдори онҳо ва шахсони мансабдори мақоми ваколатдор содир шудани ҳуқуқвайронкунии андоз боиси ҷавобгарии пешбининамудаи Кодекси мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад[2].

Бояд қайд намуд, ки рушди бомуваффақияти илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе дониши қонуни ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар ин ҷода ҷои махсусро давлатҳои узви ИДМ ишғол менамоянд, ки онҳо дар гузаштаи на он қадар ҳам дур дар як кишвари ягона буданд ва вобаста ба ин ин, давлатҳои мазкур, анъанаи ҳуқуқии умумӣ доранд, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти мо нишон дод, ки онҳо тамоюли монанди такмилёбии меъёрҳоеро, ки ҷавобгариро барои содир намудани ҷиноятҳо дар соҳаи андозбандӣ пешбинӣ менамоянд, доранд. Чун қоида, ҷиноятҳо ба муқобили андоз дар давлатҳои узви ИДМ чунин ҳуқуқвайронкуниҳое эътироф мешаванд, ки ба муқобили тартиби муайяншудаи ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо равона шудаанд, ки боиси зарари назаррас ба буҷети давлатӣ мегарданд[3].

---

[1] Ниг.: Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: Васоити таълимӣ / Зери таҳрияи номзади илми ҳуқуқ, дотсент Шонасриддинов Н.Ш. – Душанбе, 2012. –С. 330.
[2] Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №9, мод. 838, ҚҶТ аз 28.12.2013с. №1045, 1046).
[3] Сафаров А.И., Саидов Ш.Н., Кудратов Н.А. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ. Душанбе, 2013. С. 189.

Назаре мекунем ба хусусиятҳои хоси криминализатсияи ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дар давлатҳои узви ИДМ, ки таркибҳои онҳо монандии зиёд бо ҷиноятҳои муқобили андозӣ, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, доранд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ аввалин шуда аз миёни давлатҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон қабул гардид. Дар кодекси мазкур ҷиноятҳо ба муқобили андоз дар боби 8 «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт», дар моддаи 184 «Саркашӣ аз супоридани андоз ё дигар пардохтҳо», пешбинӣ гардиданд. Мувофиқи моддаи мазкур «Саркашӣ аз супоридани андоз ё дигар пардохтҳо» – чун «Қасдона пинҳон кардан, паст нишон додани даромад ё дигар объектҳои андозбандӣ, инчунин қасдона саркаши кардан аз супоридани дигар андозҳо, пардохтҳо, ки аз тарафи давлат муайян шудаанд бо миқдори назаррас, - бо ҷарима ба андозаи то панҷоҳ андозаи маоши ҳадди ақал ё ба корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то ду сол ё ҳабс ба мӯҳлати шаш моҳ бо мусодираи амвол ё бе мусодираи амвол, ҷазо дода мешавад», фаҳмида мешавад. Ҳамин кирдор агар:

а) такроран;

б) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз панҷоҳ то ҳафтод андозаи маоши ҳадди ақал ё ба корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати аз ду то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то се сол бо мусодираи амвол ё бе мусодираи амвол, ҷазо дода мешавад.

Ҳамин кирдор агар ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад, - бо ҷарима ба андозаи аз ҳафтоду панҷ то сад андозаи маоши ҳадди ақал ё ба маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз се то панҷ сол бо мусодираи амвол ё бе мусодираи амвол, ҷазо дода мешавад[1]. Дар моддаи мазкури Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон роҳҳои асосии содиркунии ҷиноят нишон дода шудааст. Инчунин дар он аломати иловагии эҳтиётӣ «саркашии қасдонаи дигар» низ пешбинӣ шудааст, ки он ҳама роҳҳои имконпазири аз андоз саркашӣ намуданро дар бар мегирад. Қонунгузор дар моддаи номбурда, ки калимаҳои «саркашии қасдонаи дигар»-ро истифода кардааст, аз он шаҳодат медиҳад, ки роҳи содир намудани ҷиноят барои бандубаст аҳамият надорад, зарууртар ин миқдори зарари расонидашуда мебошад. Субъекти ин ҷиноят ҳам шахси воқеии оддӣ ва ҳам шахси мансабдори ташкилотҳо шуда метавонанд. Ҷазо дар ин ҷиноят бо дарназардошти миқдори пардохтҳои насупоридашуда ва такроран содир намудани он, дифференсиатсия карда шудааст. Мутаассифона, ҳама субъектон якхел ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ҳоло он ки шахсони мансабдор имконияти зиёдтари насупоридани андозро доранд. Нисбати шахсони воқеӣ, ба андешаи мо, барои саркашӣ кардан аз пардохти андоз бояд ҷазои нисбатан камтар таъин гардад. Дар умумият тарафи мусбӣ дар он аст, ки модда унификатсия карда шудааст: зеро ҷавобгарӣ на танҳо барои саркашӣ аз пардохти андоз ё дигар пардохтҳо, инчунин барои саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ низ пешбинӣ шудааст.

Дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия ба ҷиноятҳои муқобили андоз кирдорҳое, ки дар моддаҳои 198-199.2 пешбинӣ шудаанд, дохил мегарданд. Дар баъзе аз давлатҳои узви ИДМ ба ҷиноятҳои муқобили андоз инчунин ҷиноятҳое, ки бо саркаши кардан аз пардохти гумрукӣ ё дигар пардохтҳо бо қалбакӣ сохтани асъори пардохт, ҷиноятҳои мансабии кормандони мақомоти андоз, алоқаманд мебошанд, дохил карда шудаанд.

Олимони рус А.П. Зрелов ва М.В. Краснов чунин тақсимкунии дар соҳаи муайян, ҳисобкунӣ, ғункунӣ ва саркашӣ аз пардохти андоз ва дигар пардохтҳоро, ки ҳамчун асос ҳангоми гузаронидани таҳлили ҳуқуқӣ-муқоисавӣ истифода бурдан мумкин аст, пешниҳод кардаанд:

- саркашӣ кардан аз пардохти андоз, монеъ шудан ба муайян намудани андозаи дурусти пардохти андоз;

- вайрон кардани уҳдадории нигоҳдорӣ ва ҳисобкунии пардохтҳо;

[1]Ниг.: Уголовный кодекс Республики Узбекистан. Режим доступа: URL: http://fmc.uz/legisl.php?id=k_ug_25 (Дата обращения: 10.01.2017 г.).

- ғайриқонунӣ гирифтани андозҳо ва пардохтҳое, ки давлат баргардонидааст [1].

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус ҷиноятҳо ба муқобили андоз дар боби 25 «Ҷиноятҳо муқобили тартиби ба амал барории фаъолияти иқтисодӣ» мустаҳкам гардидаанд. Моддаи 243 Кодекси мазкур «Саркашӣ аз пардохти андоз» чунин муқарраротро пешбинӣ кардааст: «1. Саркашӣ аз супоридани андоз бо роҳи пинҳон доштан ё дидаю дониста паст ҳисоб намудани даромад, фоида ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигар объектҳои андозбандишаванда, ё саркашӣ кардан аз додани декларатсияи андоз оид ба даромад ва молу мулк ба миқдори калон содир шудааст, - бо маҳрум намудан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян, ё ҳабс ба муҳлати то шаш моҳ, ё маҳдуд кардани озодӣ то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат ҷазо дода мешавад. 2. Ҳамин кирдор, ки зарар ба миқдори махсусан калон расонида бошад, - бо маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то ҳафт сол бо мусодираи молу мулк ё бе мусодираи молу мулк бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бе маҳрум кардани он, ҷазо дода мешавад»[2].

Суоле ба миён меояд, ки мумкин бо моддаи мазкур ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахс ҳангоми саркашӣ кардани ӯ аз пардохти андоз бо роҳи нагузаронидани маблағҳои муайяншуда. Инчунин нофаҳмо аст, ки байни «пинҳон доштан» ва «дидаю дониста паст ҳисоб намудани даромад, фоида ё бо роҳи дигар пинҳон доштани дигари объектҳои андозбандишаванда», чӣ фарқияте ҳаст?

Меъёри дар боло овардашуда ҷавобгариро нисбати он кирдорҳое пешбинӣ намудааст, ки аз тарафи шахсони гуногуни андозсупоранда содир мешавад, ки ин роҳи ҳалли масъала бе муҳобот одилона аст. Шахси гунаҳгор дар он ҳолат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, агар ба миқдори калон ё махсусан калон аз пардохти андоз саркашӣ карда бошад ва дар вақти мавҷуд будани ҳолатҳои вазнинкунанда мумкин аст то ҳафт сол аз озодӣ маҳрум карда шавад. Аммо вазнинии ҷазо вобаста ба субъекти ҷиноят диференсиатсия карда нашудааст, ки дар ин ҷода корҳои заруриро мебояд анҷом дод.

Дар моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Украина (фасли 7 – «Ҷиноятҳо ба муқобили фаъолияти хоҷагидорӣ») қонунгузор ҷавобгарии ҷиноятиро барои саркашӣ аз супоридани андозҳо, боҷҳо, дигар прадохтҳои ҳатмӣ, ки хусусияти қасдона доранд, пешбинӣ намудааст. Хусусияти хоси ин меъёр дар он аст, ки ҷавобгарии ҷиноятӣ новобаста аз тарзи содир намудани ҷиноят ба вуҷуд меояд. Таркиби ҷинояти мазкур аз рӯи сохт моддӣ мебошад, яъне ҷиноят аз лаҳзаи ба вуқуъ пайвастани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок хотимаёфта эътироф мешавад.

Чунин аломатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти мазкур номбар шудаанд: гурӯҳи ашхос бо маслиҳати пешакӣ; дохил нагардидани маблағҳо ба миқдори калон; содир кардани ҷиноят аз тарафи шахси пешакӣ судшуда; дохил нагардидани маблағҳо ба миқдори махсусан калон. Дар мавриди мавҷуд будани ду аломати охирон ҷазо ба муҳлати аз 5 то 10 сол пешбинӣ шудааст, ки ин муҳлати ҷазо аз он муҳлати ҷазоҳое, ки барои чунин ҷиноятҳо дар дигар қонунҳои ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, зиёдтар аст.

Мувофиқи эзоҳи моддаи номбурда, дар он ҳолате, ки агар шахси гунаҳгори содир намудаи ҷинояти мазкур то ба ҷавобгари ҷиноятӣ кашидан андозҳо ё боҷҳоро пардохт намояд ва зарари расонидаашро талофӣ кунад, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Аммо дар он ҳолате, ки агар ҷиноят бо аломатҳои махсуси квалификатсионӣ (вазнинкунанда) содир шуда бошад, эзоҳи мазкур нисбати он татбиқ намегардад[3].

---

[1]Ниг.: Зрелов А.П., Краснов М.В. Налоговые преступления / Под ред. К.К. Саркисова. – М., 2004. – С. 13.

[2] Ниг.: Уголовный кодекс Республики Беларусь / под ред. Н.Ф. Кузнецовой, Э.А. Саркисовой, А.И. Лукашева. – Минск : Тесей, 2001. – С. 166.

[3]Ниг.: Уголовный кодекс Украины. Режим доступа: URL: http://meget.kiev.ua/kodeks/ugolovniy-kodeks/razdel-1-9/. (Дата обращения: 10.01.2017 г.).

Дар охир мехоҳем ба моддаи 218 Кодекси ҷиноятии Гурҷистон назар кунем, ки дар он ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Саркашӣ аз супоридани андоз»[1] пешбинӣ шудааст. Мувофиқи моддаи мазкур ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати саркашӣ кардан аз супоридани андоз ба миқдори калон, ба вуҷуд меояд. Бояд қайд намуд, ки моддаи мазкур маҳдуд аст, зеро ҷавобгарии ҷиноятӣ дар ҳолати содир кардани он аз тарафи субъектони гуногун, бо тарзҳои гуногун, агар андоз ба миқдори калон супорида шуда набошад, ба вуҷуд меояд. Ба андешаи мо хуб мешуд, ки қонунгузории ватанӣ низ бо ҳамин самт ҳаракат мекард.

Ҳамин тариқ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар Кодекси ҷиноятии давлатҳои узви ИДМ меъёрҳои якхела ва ё монанди дарбаргирандаи ҷиноятҳои дар соҳаи андозбандӣ пешбинӣ гардидаанд. Чунончи, дар боби 8-и КҶ Ҷумҳурии Узбекистон бо унвони «Ҷиноятҳо муқобили асосҳои иқтисодиёт», моддаи 184 «Саркашӣ аз супоридани андоз ё дигар пардохтҳо» пешбинӣ гардидааст, ки аз се қисм иборат буда, зери ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳам шахсони воқеӣ ва ҳам шахсони ҳуқуқиро қарор додааст. Ба ҳамин монанд, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои муқобили андоз дар КҶ Ҷумҳурии Белорус муайян гардидааст. Алалхусус дар боби 25-и Кодекси зикргардида бо унвони «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби татбиқи фаъолияти иқтисодӣ» моддаи 243 «Саркашӣ аз пардохти андоз» пешбинӣ гардидааст, ки аз ду қисм иборат мебошад. Дар Кодекси ҷиноятии Украина бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои муқобили андоз дар моддаи 212 «Саркашӣ аз супоридани андозҳо, боҷҳо, дигар прадохтҳои ҳатмӣ», ки дар фасли 7 «Ҷиноятҳо ба муқобили фаъолияти хоҷагидорӣ» ҷойгир аст, пешбинӣ гардидааст, дар Кодекси ҷиноятии Гурҷистон бошад дар моддаи 218 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои «Саркашӣ аз супоридани андоз» пешбинӣ шудааст.

Бояд қайд намуд, ки қонунгузорони давлатҳои узви ИДМ андешаҳои гуногун оид ба хатар ба давлат доштани ҷиноятҳои муқобили андозро доранд, ки ин дар гуногунии санксияҳои меъёрҳои мазкур, ифода гардидааст. Бо дарназардошти тағйирпазирии ҷиноятҳо дар соҳаи андозбандӣ дар давлатҳои узви ИДМ, инчунин шумораи зиёди роҳҳои содиршавии онҳо, мо гуфта метавонем, ки дар замонҳои охир имконияти сохтани меъёрҳои универсалии андозбандӣ мавҷуд аст, ки он фарогирии тамоми кирдорҳои ҷиноятӣ мебошад.

Вале давлатҳое ҳастанд, ки дар роҳи эҷоди қоидаҳои махсус барои таъмини ҷавобгарӣ барои бо роҳҳои гуногун саркашӣ намудан аз пардохти андоз, инчунин саркашӣ намудан аз намудҳои алоҳидаи пардохтҳои ҳатмӣ, мебошанд. Аломати асосӣ ҳангоми банду басти ҷиноятҳои ба муқобили андоз, андозаи зарари ба давлат дар натиҷаи напардохтани (қисман) пардохт накардани андозҳо расонидашуда, эътроф мешавад.

Бе шаку шубҳа гуфтан мумкин аст, ки омӯзиши таҷрибаи батартиб даровардани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои марбут ба андозбандӣ дар давлатҳои хориҷи наздик, махсусан давлатҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, барои ворид намудани тағйироту иловаҳои асоснокшуда барои такмилдиҳии меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ватанӣ дар соҳаи андозбандӣ, хеле заруранд.

[1]Ниг.: Уголовный кодекс Грузии. / науч. ред. З.К. Бигвава; вступ. ст. В. И. Михайлова; обзорн. ст. О. Гамкрелидзе; пер. с груз. И. Мериджанашвили. – СПб.: Юридический центр Пресс, 2002.

# МАСОИЛИ ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲОИ ХУСУСИЯТИ ЭКСТРЕМИСТИИ ҶАНБАИ БАЙНАЛМИЛАЛИДОШТА

***Абдуллоев П.С.,***
***н.и.ҳ., дотсенти кафедраи***
***ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории***
***факултети ҳуқуқшиносии***
***Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***

Дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ, ҳар чи бештар сафар намудани одамон ба давлатҳои хориҷӣ ва пешрафти технологияҳои итилоотӣ (информатсионӣ) ва ғ. мубрамияти ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо боз ҳам афзун мегардад. Яке аз ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ ин зиёд гардидани ҷиноятҳои байналмилалӣ, трансмиллӣ ва ҷиноятҳои унсури "байналмилалӣ" дошта мебошад, ки аз ҷумлаи онҳо экстремизмро номбар кардан мумкин аст.

Экстремизм ҷинояти нисбатан хавфнок буда, мақсади содир намудани он ба тариқи ғайриконститутсионӣ ғасби ҳокимият буда, кирдори мазкур ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ки шаклҳои нав ба нави кирдорҳои хусусияти экстремистидошта ба вуҷуд омада, шумораи кирдорҳои мазкур пайваста инкишоф меёбад[1].

Тибқи моддаи 8-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 ва Конвенсияи байналмилалӣ «Оид ба рафъи тамоми шаклҳои табъизи нажодӣ» аз 21 декабри соли 1965, Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000 таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳро, даъват менамоянд, манъ аст.

Мутобиқи моддаи 3- и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» аз 8 декабри соли 2003 экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати ноороми, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат ғасби ҳокимият ва аз худ намудани салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ мебошад.

Новобаста аз фаъолияти мунтазам ва мақсадноки мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта пайваста дар ҷаҳони муосир меафзоянд[2].

Барои экстремистӣ (ифротгароӣ) эътироф намудани фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва ё воқеӣ, фаъолияти ҳизб, ҳаракат ё дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё динӣ муқаррар намудан лозим аст, ки ҳаракатҳои онҳо барои ба тарзи маҷбурӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ҳалалдор сохтани ягонагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарар расонидан ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ғасб ё аз худ намудани салоҳияти ваколатҳои ҳокимият, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ, амалӣ гардонидани фаъолияти террористӣ, ангезонидани муноқишаҳои нажодӣ, миллӣ ё динӣ, инчунин муноқишаҳои иҷтимоӣ, ки ба зӯроварӣ ё даъват ба зӯроварӣ алоқаманд аст, паст задани шаъни миллӣ, ба амал овардани бетартибиҳои оммавӣ, авбошӣ ва харобкорӣ бо сабабҳои душманӣ ё бадбинии идеологӣ, сиёсӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ ва ё бо сабабҳои бадбинӣ ё душманӣ нисбати ягон гурӯҳи иҷтимоӣ, ташвиқот оид ба бартарӣ доштан ё номукаммалии шаҳрвандон бе хусусиятҳои муносибати онҳо ба дин, тамоюли иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ва ё забонии онҳо, даъватҳои оммавӣ барои амалӣ гардонидани фаъолияти мазкур ё иҷрои амалҳои номбаршуда, маблағгузорӣ ба

[1] Ниг.: Корнилов Т. А. Международные аспекты противодействия экстремизму: Дис. ... канд. юрид. наук. Москва, 2011. С. 13-31

[2] Хаитжанов А. Проблемные аспекты в расследовании преступлений экстремистической направленности //Наука. Общества. Государства. 2013 №3(3) С.3

фаъолияти мазкур ё расонидани кӯмак барои амалӣ гаштани он, ҷудо кардани манзил, базаҳои таълимӣ, полиграфӣ, моддӣ-техникӣ барои амалӣ шудани ин фаъолият, равона карда шудааст[1].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдорҳои хусусияти экстремистидоштаи зеринро пешбинӣ менамояд: моддаи 307-даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; моддаи 307[1]-даъвати оммавӣ дар ба амал баровардани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ); моддаи 307[2]-ташкили иттиҳоди экстремистӣ (ифротгароӣ); моддаи 307[3]-ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва моддам 307[4]-ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта, ки мутобиқи қисми 5 моддаи 161 КМҶ ҶТ тафтиши пешакии парвандаҳоро оид ба ҷиноятҳои мазкур муфаттишони мақомоти амнияти миллӣ мегузаронанд.

Ба экстремизм, инчунин, бетартибиҳои оммавӣ, ҳаракатҳои авбошӣ, вандализм, ки аз ангезаи идеологӣ, сиёсӣ, бадбинии нажодӣ, миллӣ ё динӣ нисбат ба ягон гуруҳи иҷтимоӣ, маблағгузории фаъолияти экстремистӣ ва ғайра дохил мешаванд[2].

Ҳангоми муайян намудани ҷиноят аҳамияти муҳимро санадҳои Суди Олии ҶТ оид ба эътироф намудани ташкилоти террористӣ ва экстремистӣ ташкил медиҳад.

Қисми 1 моддаи 21 КМҶ ҶТ пешбинӣ менамояд, ки прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба, пурра ва холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро андешанд, ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, вазнинкунанда, сабуккунанда ва ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд. Баҳри муайян намудани ҳолатҳои мазкур амали тафтиширо дар шакли комплексӣ бояд анҷом дод. Малумотҳо ва маводҳое, ки аз ҷониби кормандони оперативӣ ба сифати натиҷаи ФОҶ пешбинӣ карда мешавад ҳатман бояд аз тарафи муфаттиш санҷиши мурофиавӣ намуда шаванд, яъне мувофиқ будани ҷараён ва тартиби ин амалиёт ба меъёрҳо Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ санҷида шавад.

Яке аз воситаҳои маъмули содир намудани ҷиноятҳои хусусияти экстместидошта ин истифода аз шабакаи ҷаҳонии “Интернет” мебошад[3]. Воситаи мазкур имконият медиҳад, ки гуруҳи нисбатан зиёди одамон, ки ба шабакаҳои интернетӣ дастрасӣ доранд ба гурӯҳои экстремистидошта шомил гарданд, таҷрибаи даъвати шаҳрвандани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба гурӯҳи ба ном “давлати исломӣ” аз қабили ин гуфтаҳост. Амалҳои мазкур тақозо менамояд, ки кор бо маводҳои электронӣ ташкил карда шавад. Ба тариқи электронӣ муайян намудани замони кушодашавии сомона, паҳн намудани маълумот дар шабака. Муҳтавои маълумоти паҳннамуда дар шакли китоб, мақола, маводҳои аудиоӣ ва видеоӣ.

Ба хатогиҳои асосие, ки муфаттишон ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта роҳ медиҳанд ин аз банақшагирии нодурусти криминалистӣ, нодуруст таъини экспертиза ва корҳои ташкилии тафтишотии зерин иборат мебошад:

1) саривақт таъин накардани экспертиза;

2) бесамар ва яктарафа ташкил намудани ҳамоҳангсозӣ бо сохторҳое, ки фаъолияти оперативӣ- ҷустуҷӯиро ба амал мебароранд;

3) хатогиҳои криминалистӣ-техникӣ ҳангоми анҷом додани амалҳои тафтишотӣ, ки донишҳои махсусро талаб менамоянд ( масалан, оид ба павандаҳое, ки аз паҳн намудани маълумот дар “Интернет” бар меоянд);

4) ҷалб намудани мутахассисон ва коршиносоне, ки дар ин соҳа салоҳиятдор нестанд;

5) саволҳои нодуруст мондан ба эксперт;

---

[1] Қарори пленуми Суди Олӣ Дар бораи таҷрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ташкилотҳои экстремистӣ (ифротгароӣ) аз 31 августи соли 2007

[2] Маҷидзода Ҷ.З. Назаров Н. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ. Душанбе. 2014. С. 94

[3] Ниг. муф.: Бессарабов С.В. Основные процессуальные ошибки, допускаемые следователями, при расследовании преступлений экстремистской, террористической направленности Особенности расследования преступлений экстремистской и террористической направленности: сборник материалов научно-практического семинара (Ростов-на-Дону, 24-25 мая 2012 года). – М.: Институт повышения квалификации СК РФ, 2012.

6) баҳои дуруст дода натавонистан ба хулосаи пешниҳоднамудаи эксперт.

Таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аксар вақт манбаи пайдоиш, маблағгузорӣ ё фаъолият дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳамкории байналмилалӣ бо давлатҳои хориҷӣ баҳри тафтиши парвандаҳои хусусияти экстремистидошта аҳмиятнок мебошад, ки аз ошкор ва тафтиши ҷиноятҳои фаромиллии хусусияти экстремистидошта, ҷустуҷӯи шахсони ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта содирнамуда, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ё барои иҷрои ҳукм аз давлатҳои хориҷӣ бозпас овардани онҳо, инчунин ба давлатҳои хориҷӣ супурдани айбдоршавандагони дар ҷустуҷӯи байнидавлатӣ қарордошта, ки аз тарафи мақомоти ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгир карда шудаанд, барои адои минбаъдаи ҷазо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон овардани шаҳрвандони Тоҷикистон, ки аз тарафи мақомоти судии давлатҳои хориҷӣ ба ҷазои маҳрумӣ аз озодӣ маҳкум шудаанд ва ҳамзамон ба давлатҳои хориҷӣ супурдани шаҳрвандони хориҷӣ барои адои минбаъдаи ҷазо, ки аз тарафи мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷазои аз озодӣ маҳрум намудан маҳкум шудаанд иборат буда, масоили дигари тафтиши парвандаҳои хусусияти экстемистидошта ба ҳисоб меравад.

Мавқеи назаррасро ҳангоми ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо экстремизм ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ишғол менамояд. Ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба мубориза бо экстремизм ин расонидани ёрӣ оид ба коркард намудани чораҳои пешгирии ҷинояткорӣ, расонидани кӯмакӣ техникӣ, молиявӣ, моддӣ, тайёр намудани мутахассисон ва ғ дар асоси шартномаҳои байналмилалӣ баҳри мубориза бо экстремизм мебошад. Масалан, Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза бо терроризм, ҷудоихоҳӣ ва ифротталабӣ аз 15 -уми июни соли 2001; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Полша оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ, ки 27 майи соли 2003; Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мисри Араб оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо ҷинояткорӣ аз 5-уми феврали соли 2007; Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бо ҷинояткории муташаккилона, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, ки дар шаҳри Душанбе аз 21 майи соли 2003 ба имзо расидааст ва ғ.

Ҳангоми баҳо додан ба кирдор ҳамчун экстремизми ҷанбаи байналмилалидошта ба сифати асоси ҳуқуқӣКонвенсияи СММ бар зидди ҷинояткории муташаккилонаи трансмиллӣ аз 15-уми ноябри соли 2000, Конвенсияи ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқи оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 22-юми январи соли 1993 (минбаъд – Конвенсияи Минск), ки ҳамкориро миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳое, ки Конвенсияи ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқи оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7-уми октябри соли 2002-ро ба тасвиб нарасонидаанд, ба танзим медарорад, масалан, Федератсияи Россия; Конвенсияи ИДМ дар бораи ёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқи оид ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ ва ҷиноятӣ аз 7-уми октябри соли 2002 (минбаъд – Конвенсияи Кишинёв), ки ҳамкориро байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳое, ки онро ба тасвиб расонидаанд, ба танзим медарорад, масалан, Қазоқистон ва шарномаҳои дутарафаи байналмилалӣ ба роҳбарӣ гирифта мешаванд[1].

Ҳамин тариқ, ҷиноятҳои хусусияти экстремистидошта чун дигар ҷиноятҳо ҳаматарафа бояд пурра ва объективона тафтиш карда шаванд, ки барои ба ин ҳадаф расидан истифодаи босамар аз донишҳои криминалистӣ, натиҷаҳои фаъолияти экспертӣ ва оперативӣ - ҷустуҷӯӣ амри воқеист. Дар сурати ҷой доштани унсури "байналмилалӣ" ҳангоми тафтиши ҷиноятҳои мазкур дар асоси санадҳои ҳуқуқи

[1] Абдуллоев П.С. Международно-правовая помощь при собирании и проверке доказательств по уголовным делам (УПК Республики Таджикистан). Диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук. Москва, МГУ им. М.В. Ломоносова, 2014. - С. 54-70

байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон супоришҳо тартиб дода шуда, ба давлати хориҷӣ фиристода шуда, баҳри дар муҳлати оқилона тафтиши парванда чораандешӣ карда шавад.

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – АСОСГУЗОРИ ҚОНУНГУЗОРИИ САЙЁҲИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Сангинов Д.Ш.***
***мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент***

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инкишофи соҳаи сайёҳӣ таваҷҷуҳи хоса дода шуда истодааст. Тамоюлҳои инкишофи инфрасохтори сайёҳӣ бештар аз устувор гардонидани таваҷҷуҳи хоса ва танзими давлатии фаъолияти сайёҳӣ дар сатҳи умумимиллӣ, ки бо стратегияи муосири пешрафти хизматрасонии сайёҳӣ мувофиқ мебошад, вобаста аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳиро ҳамчун соҳаи афзалиятноки рушди иқтисодиёти мамлакат шумурда, барои тараққиёти минбаъдаи он пайваста тадбирҳои зарурӣ меандешад.

Яке аз хусусиятҳои хоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 22-юми декабри соли 2016 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироа гардид дар он аст, ки ба соҳаи сайёҳӣ диққати махсус дода шуд. Аз ҷумла аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат таъкид гардид, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соҳаи сайёҳӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи он заминаҳои заруриро фароҳам меорад. Дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ рушди соҳа бо ҷорӣ намудани низоми раводиди электронӣ барои сайёҳони хориҷӣ, таъсис додани минтақаҳои сайёҳӣ ва муҳайё намудани инфрасохтори зарурӣ таъмин гардида истодааст»[1].

Дар ин ҷода бояд қайд кард, ки дар айни ҳол дар кишвар беш аз 35 санади меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ қабул гардидааст, ки онҳо ба рушди соҳа шароити мусоид фароҳам овардаанд. Аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999, №824 «Дар бораи туризм» (бо тағийру иловаҳои 28.12.2013), Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани ноҳияи Варзоб» аз 18 августи соли 1999, № 373, «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 майи соли 2000, №199, «Дар бораи минтақаи истироҳат ва туризм эълон кардани дараи Ромит» аз 18 сентябри соли 2000, №358, «Дар бораи тасдиқи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 9 ноябри соли 2000, №460, «Дар бораи эълон намудани ҳудуди ноҳияи Балҷувони вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаи туризми байналмилалӣ» аз 3 ноябри соли 2001, №498, «Дар бораи Барномаи маҷмӯи рушди ноҳияи Балҷувон ба сифати минтақаи туризми байналмилалӣ дар давраи солҳои 2002-2012» аз 3 июли соли 2002, №276, «Дар бораи масъалаҳои дастгирии давлатии рушди туризми экологӣ, кӯҳию варзишӣ ва кӯҳнавардӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 марти соли 2005, №80, «Дар бораи тасдиқи Консепсияи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019» аз 2 апрели соли 2009, №202, «Дар бораи тасдиқи Барномаи мақсадноки комплексии рушди ноҳияи Варзоб ҳамчун минтақаи истироҳатӣ, табобатӣ, санитариву курортӣ ва туризм дар давраи солҳои 2000-2010» аз 9 ноябри соли 2000, №461, «Дар бораи Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017» аз 1 декабри соли 2014, № 738, «Дар бораи Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи туризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 сентябри соли 2015, №564, Низомнома дар бораи Кадастри давлатии захираҳои туристии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, №95, Низомномаи мақоми минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, №95, Консепсияи рушди

---

[1] Сангинов Д.Ш. Паёми Пешвои миллат чун ҳуҷҷати рушдбахшандаи соҳаи сайёҳӣ дар Тоҷикистон// http://www.tnu.tj/index.php/tj/andesha-o-oid-ba-pajomi-prezidenti-t/277-pajomi-peshvoi-millat-chun-u-ati-rushdbakhshandai-so-ai-sajjo-dar-to-ikiston.

минтақаи истироҳат ва туризм дар ноҳияи Варзоб аз 2 апрели 2009, №202, Консепсияи рушди соҳаи туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 аз 28 майи соли 2009, №299, Барномаи давлатии рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2014 аз 28 майи соли 2009, №299, Қоидаҳо оид ба тартиби санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи туризм аз 28 августи соли 2008, №95, Барномаи рушди туризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2015-2017 аз 1 декабри соли 2014, № 738, Низомномаи Шӯрои байниидоравӣ оид ба ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи туризм дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 сентябри соли 2015, №564 ва санадҳои дигар.

Қонунгузории сайёҳӣ – маҷмӯи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мебошад, ки бо ёрӣ ва воситаи онҳо давлат меъёрҳои ҳуқуқи сайёҳиро муқаррар мекунад, тағйир медиҳад ва қатъ менамояд. Қонунгузории сайёҳӣ шакли олии устуворнамоии меъёрҳои ҳуқуқи сайёҳӣ ва омили шаклгирии он мебошад. Бавуҷудоии қонунгузории сайёҳӣ дар низоми санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳодати баланд бардоштани нақши давлат дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ ва ба онҳо додани сифати муносибатҳои муҳими ҷаъмиятӣ аст. Дар баробари қонунгузории дигар соҳаҳои ҳуқуқ қонунгузории сайёҳӣ ба ҳайати сарчашмаҳои ҳуқуқи сайёҳӣ дохил шуда, намуди асосии он мебошад. Низоми қонунгузории сайёҳиро қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳад, ки ба танзими бевосита ва бавоситаи муносибатҳои ҳуқуқи сайёҳӣ равона гардидааст[1].

В судебном разбирательстве суд выяснил, что ответчик задолжал 100 тыс. сомони - размер суммы долга; 11947 - размер суммы процента долга; 17655 - размер суммы штрафа; в совокупности - 129602 сомони истцу. Иск следовало удовлетворить за счет залогового имущества.

Суд постановил: иск ОАО «Тољиксодиротбонк» РТ в лице директора филиала в Вахшском районе и ответчика Талбакова Д.Р., жителя Вахшского района, о возмещении долга в сумме 129602 сомони и государственной пошлины в сумме 2592 сомони от имущества, поставленного в залог – дом, находящийся в Вахшском районе, джамоате Киров, удовлетворить. Продажу залогового имущества в тендере приостановить на 2 месяца.

Изучение судебной практики является доказательством того что, суд в 90% случае защищает интересы банков. Но если банки нарушают права клиентов это находится за рамками судебной защиты. Стоит заметить, что с начала 2016 г. клиенты "Тоджиксодиротбанка" и "Агроинвестбанка" не могут получить собственные средства. Ранее власти страны несколько раз обращались к международным финансовым институтам за помощью. В частности, Европейскому банку реконструкции и развития было предложено спасти "Точиксодиротбанк" выкупив его контрольный пакет акций. Кроме ЕБРР правительство Таджикистана обратилось за помощью к МВФ.  Из-за падения доходов упали цены на недвижимость, которые в основной массе были заложены в банках под кредиты, и банки на данный момент не в состоянии реализовать залоговое имущество. В результате кредитные портфели банков оказались в ступоре. По балансу у всех все хорошо, но оборачиваемость денежных средств в упадке. На сегодня банки вынуждены продлевать кредитные соглашения и ждать лучшие времена. У больших банков на корсчетах нет денег, чтобы получать наличность, поэтому и возникла ситуация с отсутствием наличности в банкоматах и ограничениях в ее выдачи. Еще 1 июля 2016 года клиенты ОАО "Агроинвестбанка" почувствовали неладное. Выдача наличных било ограничена. В день можно било получить наличными лишь $400 долларов и 500 сомони на одну карту. Выдача средств с депозитных счетов приостановлена до неопределенного времени. Очередь перед банкоматами всех банков исчисляется сотнями людей[1].

Как отмечают отечественные ученые, приведение законодательной базы республики в соответствие с требованиями ВТО заняло целых 11 лет. За эти годы республикой было принято свыше 100 нормативных документов [2]. Но при всем тои правовое регулирование банковских услуг нуждается в совершенствовании.

Мы сформулировали ряд предложений по совершенствованию законодательства РТ. В частности, следует:

1) изменить правовые нормы и положения, регулирующие вопросы обращения и хранения информации о потребителе при выполнении банковских операций. Налоговым инспекторам не должен предоставляться свободный доступ к имеющимся у банка данным о клиенте;

2) внести поправки в Закон РТ «О ликвидации кредитных организаций», предоставляющие потребителям первоочередное право на получение средств по возврату;

---

[1] Банки Таджикистана: проблем с получением наличных нет// Read more: http://ru.sputnik-tj.com/economy/20160822/1020526147.html.

[2] Сангинов Д.Ш., Курбонов Дж.С. К вопросу о роли ВТО в развитии предпринимательства в Республике Таджикистан //Правовая жизнь. 2013. №1 (01). С.73.

3) внести поправки к положениям о сборе информации о клиенте, предусмотрев требование к финансовым учреждениям использовать сведения о клиенте в целях повышения устойчивости и доступности продуктов;

4) требовать силой закона или утвержденных положений, чтобы финансовые учреждения предложили разумный период охлаждения, дающий клиентам достаточно времени на изучение договора с перед его подписанием;

5) модифицировать законы о банковской деятельности, дополнив их требованием предоставлять клиентам информацию в письменном виде о любых изменениях в тарифах, процентных ставках и иных сборах;

6) в Законе РТ «О банковской деятельности» предусмотреть понятие банковской услуги и в отдельной статье перечислить виды банковских услуг.

# БАЪЗЕ ХУСУСИЯТҲОИ АЛОҲИДАИ «ШАРТНОМАИ ТАЪМИНИ ОБ»

***Саидов Ҳ.М.,***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Доираи шартномаҳое, ки дар ин ва ё он соҳаи фаъолияти инсон истифода мегарданд, хело зиёданд. Бо инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, гузариши давлат ба иқтисодиёти бозоргонӣ мавқеи шартномаҳо васеъ шудан мегирад. Имрӯз низ яке аз шартномаҳое, ки дар байни бахусус шаҳрвандон васеъ истифода мегардад ва манфиатҳои маишии онҳоро қонеъ мегардонад, ин «шартномаи таъмини об» мебошад. Ҳарчанд дар сатҳи қонунгузорӣ ба таври пурра ва ҳамаратара «шартномаи таъмини об» танзим нагардида аст, аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин шартнома як бахши умдаи ҳаёти ҳаррӯзаи шаҳрвандонро ташкил медиҳад. Пешниҳодҳо оид ба танзим намудани «шартномаи таъмини об» дар сатҳи қонунгузорӣ мавҷуд мебошанд.

Дар тадқиқотҳои илмӣ низ танзими шартномавии истифодаи обро дастгирӣ намуда, қайд мекунанд, ки шартнома шарти ҳуқуқии зарурии таъмини бо самар барои оқилона истифода бурдан ва ҳифзи объектҳои об мебошад[1]. «Шартномаи таъмини об» ба гурӯҳи шартномаҳои таъмини мол тавассути шабакаи пайваста дохил мешавад. Ин паҳлӯи масъала дар илм низ мавриди таҳлили олимони зиёд қарор гирифтааст[2].

«Шартномаи таъмини об» яке аз намудҳои алоҳидаи шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ буда, воситаи изҳори озодонаи иродаи тарафҳо дар намуди ташкилот (обтаъминкунанда) ва муштарӣ (обистифодабаранда-истеъмолкунанда) баромад мекунад[3]. «Шартномаи таъмини об» аз рӯи табиати ҳуқуқии худ яке аз гуногуннамудии шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ буда, нисбат ба он қоидаҳои умумии аҳдҳои гражданӣ татбиқ мегардад.

Оғози давраи танзими шартномавии муносибатҳои обистифодабарӣ ба солҳои 30-юми қарни гузашта рост меояд. Муносибатҳои байни корхозҳо бо идораҳои низоми обтаъминкунӣ дар асоси шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ амалӣ мегардид, ки ба ибтидои солҳои 50-ум мувофиқ меояд.[4]

«Шартномаи таъмини об» алоқаи байни ташкилоти обтаъминкунанда ва муштариро муътадил гардонида, асоси таъминкунандаи эҳтиёҷотҳои ҳарду тарафҳо мебошад. Бо ёрии шартномаи мазкур шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ (истеъмолкунандагон) эҳтиёҷотҳои худро қонеъ мегардонанд, аз ҷумла эҳтиёҷоти маишӣ, истеҳсолӣ, соҳибкорӣ ва ғайра.

«Шартномаи таъмини об» аслан намуди мустақили шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки вобаста ба ин пурра қоидаҳои умумии шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ нисбати он татбиқ мегарданд. Аз он ҷумла, қоидаҳои шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ оид ба шартҳои муҳими шартнома (предмети шартнома ва дигар шартҳое, ки қонун ва ё шартнома муқаррар намудааст), оид ба шакли шартнома, оид ба табиати ҳуқуқии

---

[1] Нурыев Я.М. Гражданско-правовое регулирование водоснабжения. Автореф. дис. канд. юрид. наук: - Ашхабад, 1985. - С.12.

[2] Корнеев С.М. Договор о снабжении электроэнергией между социалистическими организациями. Автореф. дис. канд. юрид. наук. М., 1953. - С. 14; Иоффе О.С. Обязательственное право. М.: Юридическая литература, 1975. - С. 276; Шафир А.М. Энергоснабжение предприятий (правовые вопросы). М.: Юридическая литература, 1990. - С. 7; Сейнароев Б.М. Правовые вопросы договора на снабжение электроэнергией предприятий и организаций. Алма-Ата, 1975.

[3] Саидов Ҳ.М. Моҳияти шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ дар амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба истифодабарии об // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии олимони ҷавони ДМТ «Мактаби сулҳпарваронаи Пешвои миллат – роҳнамои ҷавонон барои имрӯзу оянддаи дурахшон» бахшида ба 20 солагии Ваҳдати миллӣ ва Соли ҷавонон. –Душанбе: Сино, 2017. – С. 215-219.

[4] Шонасридинов Н. К вопросу о договорном регулировании отношений сферы водоснабжения // Государство и право. 2007. №4. - С. 53-57.

шартнома, оид ба вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома, оид ба асосҳои тағйир ва қатъ гардидани шартнома, асосҳои ҷавобгарии тарафҳои шартнома ва ғайра.

Яке аз хусусиятҳои «шартномаи таъмини об»-ро ҳангоми муайян кардани вазъи ҳуқуқии тарафҳои он мушоҳида кардан имкон дорад. Чунки ҳарчаде, ки дар сатҳи илм ин шартномаро ба гурӯҳи шартномаҳои ягона ном[1][2] ворид менамоянд, новобаста аз ин мавқеи ҳуқуқии тарафҳои он мустақил аст. Яке аз тарафҳои шартномаи мазкур «ташкилоти таъминкунандаи об» буда, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратиро дорад. Тарафи дигари «шартномаи таъмини об» «муштарӣ» баромад мекунад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ «истеъмолкунанда» ном бурда мешавад. Аммо мафҳуми «истеъмолкунанда» бо мафҳуми «муштарӣ» ҳамавақт мушобеҳ немебошанд. Дар иртибот бо «шартномаи таъмини об» гуфтан мумкин аст, ки мафҳуми «истеъмолкунанда» аз мафҳуми «муштарӣ» васеъ мебошад. Чунончи, «муштарӣ» аз рӯи «шартномаи таъмини об» истеъмолкунандаи обе баромад мекунад, ки асбобу анҷоми техникӣ дошта, бо шабакаи ташкилоте пайваст мебошад, ки расонидани хизмат аз ҷониби ин ташкилот дар намуди таҳвили об ба сифати намуди фаъолияти асосии он баромад мекунад. Аз ин мафҳум муайян кардан мумкин аст, ки субъекте ҳамчун «муштарӣ» баромад карда метавонад, ки асбобу анҷоми техникиаш бо ташкилоти обтаъминкунанда пайваст бошанд, яъне бо канализатсияе, ки дар баланси ташкилот дохил аст, пайванд бошад. Аммо ҳастанд истеъмолкунандагоне, ки обро истеъмол мекунанд, вале бо ташкилот пайванд нестанд ва ҳатто шартнома низ надоранд. Мисол, ҳамсояе, ки аз ҳамсояи дигар, ки ӯ бо ташкилот шартнома дорад ба хонаи худ об меорад. Албатта ногуфта намонад, ки муштарии ташкилот танҳо бо розигии ташкилот метавонад ба субъекти дигар об интиқол диҳад. Дар иртибот бо ин дуруст қайд мегардад, ки «муштарӣ» ҳамавақт «истеъмолкунанда» аст, аммо на ҳар як «истеъмолкунанда» – «муштарӣ» шуда метавонад, зеро «истеъмолкунанда» мумкин аст муштарии иловагӣ (фаръӣ) бошад[3]. Аз ин бар меояд, ки муштарии иловагӣ (фаръӣ) ин он субъекте нест, ки бо ташкилот шартнома ба имзо расонидааст. Яъне субъекте ҳаст, ки бо муштарии ташкилоти таъминкунандаи об шартнома ба имзо расонида, об мегирад.

Хусусиятҳои алоҳидаи «шартномаи таъмини об»:

- Таҳлили қонунгузорӣ ва тадқиқотҳои илмӣ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки «шартномаи таъмини об» дорои хусусиятҳои алоҳида мебошад, ки мустақилияти онро дар низоми шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ифода мекунанд. Пеш аз ҳама шартномаи мазкур ҷараёни амалишавии хоси худро дорад, яъне тавассути шабакаи пайваста амалӣ карда мешавад. Оби нӯшокӣ аз рӯи «шартномаи таъмини об» танҳо тавассути шабакаи пайваста интиқол дода мешавад, аз ин рӯ дар муносибатҳо аз рӯи таъмини об аҳамияти муҳим ҷанбаи технологӣ (шабакавӣ) дорад. Унсури ҷудонопазирӣ ин шартнома таъмини мол, яъне оби нӯшокӣ аз рӯи қубур (шабака) мебошад, яъне агар расонидани мол тавассути шабакаи (қубури) пайваста сурат нагирад, пас «шартномаи таъмини об (мол) тавассути шабакаи пайваста» ҷой надорад. Мисол, агар оби нӯшокӣ дар зарф таъмин карда шавад, шартномаи таъмини обро истисно мекунад. Дар ин маврид на шартномаи таъмини об, балки шартнома хариду фурӯши чакана (оби нӯшокӣ) истифода мегардад. Аз ин хусусияти «шартномаи таъмини об» мафҳуми шабакаи пайваста бар меояд, ки онро бояд муайян кард. Ин ҳамон ташкилоти таъминкунанда об, сохторҳои таркибии он дар маҳалҳои алоҳида мебошанд, ки бо доштани таҷҳизоту иншоот, дастгоҳҳо, канализасияҳо барои гирифтан, тайёр намудан, нигоҳ доштан ва ба маҳалли истеъмол расонидани (ё нарасонидани) оби нӯшокӣ, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошад, фаъолият мекунад.

---

[1] Шартномаҳои таҳвили мол (маҳсулот) тавассути шабакаи пайваста.

[2] Муфассал ниг.: Корнеев С.М. Договор о снабжении электроэнергией между социалистическими организациями. Автореф. дис. канд. юрид. наук. М., 1953. - С. 14; Иоффе О.С. Обязательственное право. М.: Юридическая литература, 1975. - С. 276; Шафир А.М. Энергоснабжение предприятий (правовые вопросы). М.: Юридическая литература, 1990. - С. 7; Сейнароев Б.М. Правовые вопросы договора на снабжение электроэнергией предприятий и организаций. Алма-Ата, 1975.

[3] Шафир А.М. Энергоснабжение предприятий. М., 1990. - С. 42.

➢ Чигунае, ки дар боло қайд намудем нисбати «шартномаи таъмини об» пурра қоидаҳои шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ истифода мегардад, зеро ин як намуди мустақили шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин рӯ, вобаста ба табиати ҳуқуқиашон ҳар як шартномаи гражданӣ-ҳуқуқӣ алоҳида хусусият дорад. «Шартномаи таъмини об» низ дорои табиати ҳуқуқии хоси худ мебошад. Ин шартнома бештар вобаста ба табиати ҳуқуқиаш ба шартномаҳои оммавӣ, омехта, консенсуалӣ, дутарафа, музднок, хаттӣ дохил мешавад. Ба таври мухтасар мо атрофи ҳар як хусусияте, ки табиати ҳуқуқии шартномаи таъмини обро ифода мекунанд, истода мегузарем. «Шартномаи таъмини об» шартномаи оммавӣ аст. Мувофиқи қонунгузорӣ шартномае, ки дар он ба сифати фурӯшанда ташкилоти тиҷоратие баромад мекунад, ки расонидани хизмат барояш уҳдадорӣ аст, оммавӣ мебошад. Дар «шартномаи таъмини об» низ ба сифати ташкилоти таъминкунанда, яъне фурӯшанда ташкилоти тиҷоратӣ баромад мекунад. Аз ин рӯ, нисбати «шартномаи таъмини об» муқаррароти моддаи 458 КГ ҶТ татбиқ мегардад, ки вобаста ба ин шартнома хусусияти оммавиро мегирад. Дар тадқиқотҳои илмӣ низ ба «шартномаи таъмини об» хусусияти оммавиро нисбат медиҳанд[1]. «Шартномаи таъмини об» шартномаи омехта мебошад. Омехта будани шартнома маънои онро дорад, ки барои ба анҷом расонидани «шартномаи таъмини об» дар он ҷузъҳои шартномаҳои мухталиф истифода мегарданд. Нисбати «шартномаи таъмини об» муқаррароти қ. 3 моддаи 453 КГ ҶТ истифода мегардад. Ин моддаи КГ ҶТ ба шартномаҳои омехта тааллуқ дорад. Барои он «шартномаи таъмини об» шартномаи омехта мебошад, ки дар он меъёрҳои ду шартномаи мустақили гражданӣ-ҳуқуқӣ «шартномаи таъмини барқ» ва «шартномаи хизматрасонии пулакӣ» истифода мегарданд. Расонидани оби нӯшокӣ тавассути шабакаи пайваста ин худ меъёрҳои шартномаи таъмини барқ ва қабули оби партов бо истифодаи меъёрҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ анҷом дода мешавад. Аз ин рӯ, «шартномаи таъмини об» ин шартнома омехта мебошад. Чунин хислат доштани «шартномаи таъмини об» дар илм низ дастгирӣ ёфтааст[2]. Бар зами ин муҳаққиқоне ёфт мегарданд, ки ақидаи дигар доранд. Масалан, Е.В. Блинкова бар он фикр аст, ки «шартномаи таъмини об» омехта нест, балки қабули оби партов худ дар асоси як намуди дигари мустақили шартнома «шартнома обпартоӣ» (договор водоотведения) ба анҷом расонида мешавад[3]. «Шартномаи таъмини об» шартномаи дутарафа аст. Дутарафа будани шартномаи мазкур аз он сабаб аст, ки дар ин шартнома ҳам ташкилоти таъминкунандаи об ва ҳам муштарӣ дорои ҳам ҳуқуқ ва ҳам уҳдадории мувофиқ мебошанд. Яъне ин шартнома синаллагматикӣ аст. Яъне, дар шартномаи мазкур ба ҳаракати як тараф - фурӯшанда оид ба пешниҳоди мол (об) ба ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи идораии оперативӣ ва ё ҳуқуқи пешбурди хоҷагидори харидор, ҳаракати тарафи дигари шартнома – харидор оид ба пардохти арзиши мол муқобил гузошта мешавад. Пас, дар ин асно манфиати ҳарду тараф аз ҳаракатҳои мутақобилаи якдигар қонеъ карда мешавад. Хусусияти музднок доштани «шартномаи таъмини об» бо хусусияти дутарафа (синаллагматикӣ) доштани шартномаи мазкур алоқамандии зич дорад. Зеро, чи тавре ки қайд намудем, мутобиқи шартномаи мазкур харидор бо гирифтани мол бояд арзиши онро пардохт намояд, яъне ҳаракати дахлдореро баҳри қонеъ намудани манфиати фурӯшанда иҷро намояд. Арзиши оби истифодашударо сари вақт пардозад. Консенсуалӣ будани «шартномаи таъмини об» онро тақозо менамояд, ки шартномаи мазкур аз лаҳзаи ба созиш омадани тарафҳо нисбати шартҳои муҳим, басташуда эътироф карда мешавад. Пас, дар ҳолате, ки тарафҳо ба созиш омаданд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо ба миён меоянд. «Шартномаи таъмини об» дорои шакли хаттӣ мебошад. «Шартномаи таъмини об» ба монанди дигар

---

[1]Блинкова Е.В. К вопросу о правовой природе договора водоснабжения. Услуга или купля-продажа? // http://www.gorvodokanal.com/static/law_rus_5.htm; Бычков А.И. Смешанный договор водоснабжения и водоотведения // http://www.sudmos.ru/articles/tema/tema_389.html; Жанэ А. Заключение гражданско-правового договора // Право и экономика. 2004. № 9. - С. 25—28; Шелехова Е.А. Проблемы и практика рассмотрения арбитражным судом споров о заключении, изменении и расторжении договоров энергоснабжения // Экономическое правосудие на Дальнем Востоке. 2004. № 3; Кеферова Б. Особенности заключения и расторжения договора энергоснабжения // Право и экономика. 2004. № 8. - С. 26—29. (рӯзи дастрасӣ 17.05.2017 сол).

[2] Бычков А.И. Асари ишорагардида.

[3] Блинкова Е.В. Договор водоснабжения в российском гражданском праве. - Рязань – 2001. - С.8.

намудҳои шартномаи хариду фурӯш, дорои шакли худ мебошад. Маълум аст, ки шакли шартнома яке аз шартҳои ҳаққонияти он ба шумор рафта, ҳангоми вайрон намудани шакли шартнома, шартнома метавонад беэътибор дониста шавад. Вобаста аз шакл «шартномаи таъмини об»-ро ба шартномаи ҳамроҳшавӣ дохил кардан мумкин аст. Дар тадқиқотҳои олимон низ «шартномаи таъмини об» чун шартномаи ҳамроҳшавӣ эътироф гардидааст[1]. Чунки бо роҳи васл шудани муштарӣ ба шабакаи пайвастаи обӣ шартнома басташуда эътироф мегардад. Намунаи шартномаи мазкур дар шакли тасвир дар «Корхонаи обтаъминкунанда» ҷой дорад ва муштарӣ танҳо бо роҳи имзо намудани он вориди шартнома мегардад.

➢ Дигар хусусияти «шартномаи таъмини об» дар он дида мешавад, ки муштарӣ аз рӯи ин шартномаи граждании-ҳуқуқӣ истеъмолкунандаи обе баромад мекунад, ки асбобу анҷоми техникӣ дошта, бо шабакаи ташкилоте пайваст мебошад, ки расонидани хизмат аз ҷониби ин ташкилот дар намуди таҳвили обро ба сифати намуди фаъолияти асосӣ амалӣ менамояд. «Муштарӣ» - шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқ дорад аз хизматрасониҳои корхонаҳои обтаъминкунӣ ва канализатсия тибқи шартномаи басташуда истифода бурда, таҷҳизот ва иншооте дорад, ки бевосита ба шабакаи берунии обтаъминкунӣ ва канализатсияи маҳалли аҳолинишин пайваст мебошанд (б.1 Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)[2]. Дар «шартномаи таъмини об» метавонад категорияи махсуси истеъмолкунадае ҷой дошта бошад, ки тарафи «шартномаи таъмини об» намебошад – ин муштарии иловагӣ-фаръӣ (субабонент) мебошад. «Муштарии фаръӣ» – истеъмолкунандаи об, ки дастгоҳҳои қабули обро дорад ва обро дар асоси шартномае истифода мебарад, ки бо муштарии асосӣ баста шудааст. Бо вуҷуди ин қонунгузории амалкунанда меъёрҳои саҳеҳро муқаррар накардааст, ки ҳолати ҳуқукии муштарии фаръӣ-ро ҳаммаъно муайян намояд, вобаста ба ин дар таҷриба саволҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, ки ҳалкуниро металабанд. Муштарии фаръӣ (субабонент) шахси воқеӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки аз шабакаҳои обтаъминкунӣ об гирифта, партовобҳоро ба шабакаи канализатсияи муштарии ташкилот мепартояд. Муштариёни фаръӣ дар «шартномаи таъмини об», барои истифодаи оби нӯшокӣ ва баровардани партовобҳо бо муштарие, ки алакай бо ташкилоти обтаъминкунанда шартнома дорад, шартнома мебанданд. Ҳамаи маълумотҳо оид ба муштариёни фаръӣ бо нишон додани номгӯи онҳо, мансубияти идорӣ, маълумотҳо дар бораи хароҷоти оби нӯшокӣ ва партовобҳо, мавҷуд будани таҷҳизоти баҳисобгирии об ва дигар маълумотҳо, аз ҷониби муштарӣ дар замимаи шартнома, ки байни муштарӣ ва корхона баста шудааст, оварда мешаванд (банди 13-и Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон). Агар ба муштарие, ки бо корхона шартнома дорад, муштариёни фаръӣ пайваст шуда бошанд, ҳисобу китоб барои оби ба онҳо додашуда ва баровардани партовобҳо аз тарафи муштарии фаръӣ бо муштарӣ тариқи шартномаи ҷудогона, ки байни онҳо баста шудааст, ба роҳ монда мешавад. Танҳо дар сурати мавҷудияти розигии ташкилоти «таъминкунандаи об» «муштарӣ» мумкин аст обе, ки аз ташкилоти обтаъминкунанда тавассути шабакаи пайваста қабул намудааст, ба муштарии иловагӣ диҳад ва оби партовро аз ӯ қабул намояд. Дар ин ҳолат таркиби мураккаби алоқаи шартномавӣ ба вуҷуд меояд. Чунончи, муносибати байни ташкилоти обтаъминкунанда ва муштариро «шартномаи таъмини об» танзим мекунад, аммо муносибати байни муштарӣ ва муштарии фаръӣ-ро аз рӯи қиёс бо «шартномаи таъмини барқ» мумкин аст, шартномаи иловагии таъмини об номид. Ҳангоми иштироки муштарии иловагӣ дар «шартномаи таъмини об», муштарии асосӣ аз як тараф дар назди ташкилоти обтаъминкунанда ҳамчун истеъмолкунандаи об баромад мекунад ва бинобар ин барои иҷро накардан ва ё номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои муштарии фаръӣ ҷавобгарӣ дорад; аз тарафи дигар дар назди муштарии фаръӣ вай ба сифати ташкилоти обтаъминкунанда баромад мекунад, яъне барои

---

[1] Широбоков В.В. Особенности договоров о снабжении товарами через присоединенную сеть // Современное право. 2010. - №12. - С. 84-88.

[2] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011, № 234 // Махзани муттамаркази иттилоотӣ «Адлия». 7.0 [Манбаи электронӣ]. (рӯзи дастрасӣ 18.05.2017сол).

оқибати вайрон кардани уҳдадориҳои худ ҷавобгарӣ дорад. Дар сурати бастани «шартномаи таъмини об» тарафҳо аз ҳуқуқи муқаррар кардани дигар тартиби иҷрои уҳдадорӣ ва татбиқи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани уҳдадориҳо маҳрум намегарданд (мисол, дар намуди муқарраркунии ноустуворона, пардохти давра ба давраи маблағи об ва ғ.).

Ҳангоми муфассал тадқиқ намудан, фарқият байни «шартномаи таъмини об» ва «шартномаи иловагии таъмини об» ёфт мегардад. Якум, дар Қоидаҳои истифодабарии системаҳои коммуналии обтаъминкунӣ ва канализатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мегардад, ки шабакаи обтаъминкунӣ ва канализатсияи муштарӣ бояд ба низоми марказии ташкилоти хоҷагии обтаъминкунанда ва канализатсия бевосита пайваст бошад, яъне муштарӣ бояд дар сарҳади шабакаи обтаъминкунӣ ва канализатсионӣ бошад. Гузашта аз ин, шабакаи обтаъминкунӣ ва канализатсия ба муштарӣ, ба ҳуқуқи моликиятӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва ё идоракунии оперативӣ дохил мешавад, ба муштарии фаръӣ онҳо ба ҳуқуқи иҷора ва ё дигар уҳдадорӣ дохил мешаванд, аммо на ҳуқуқи молумулкӣ (ашёӣ). Дуввум, «шартномаи таъмини об» ба вуҷуд омадани муносибатҳои шартномавиро маҳз бо ташкилоти хоҷагии обтаъминкунӣ ва канализатсия муқаррар мекунад ва шартномае, ки бо дигар шахс муштарии асосӣ ба амал мебарорад, муносибати бевоситаи муштарии фаръиро ба ташкилоти хоҷагии обтаъминкунӣ ва канализатсия пайдо намегардонад. Ба сифати яке аз тарафҳои «шартномаи таъмини об» (ташкилоти таъминкунандаи об дар назар аст) доимо субъектони махсус иштирок мекунанд, ки шакли махсуси ташкилӣ-ҳуқуқӣ доранд. Гузашта аз ин шартномае, ки бо муштарии фаръӣ баста мешавад, оммавӣ намебошад, барои онки ин фаъолият барои онҳо асосӣ нест ва баъзан характери тасодуфӣ дорад.

- Хусусияти дигари «шартномаи таъмини об» дар он аст, ки барои фаъолият аз рӯи обтаъминкунӣ ва обпартоии марказӣ мавҷудияти шартҳои техникӣ, ки моҳияти иҷозатномаро ифода мекунанд, лозим мебошад. Ҳангоми мавҷуд набудани онҳо «шартномаи таъмини об» моҳият надорад, бинобар ин табиист, ки иҷро кардани он ғайриимкон аст. Як қатор муаллифон шартҳои техникиро ҳамчун марҳалаи муносибати тошартномавӣ баррасӣ мекунанд[1]. Дар адабиётӣ илмии сивилистӣ ва таҷриба муносибат бо фаъолияти иҷозатномавӣ якмаъно нест. Дар обтаъминкунӣ ва рафъи партовобҳо (водоотведения), ки ин фаъолият бо бехатарии давлат ва шаҳрвандон вобаста карда мешавад, мақсади асосии фаъолияти иҷозатномавӣ - ин баҳои қобилияти ташкилоте, ки ин фаъолиятро бо таъмини риояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон, дигар шаҳрвандон ва ташкилотҳо амалӣ менамояд, ифода карда мешавад[2]. Гузашта аз ин, санади меъёрии махсус оид ба иҷозатдиҳии фаъолият аз рӯи обтаъминкунӣ ва рафъи партовобҳо аслан мавҷуд нест. Бо вуҷуди ин, Қонуни ҶТ “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»[3] ҳамчун объекти иҷозатномадиҳӣ чунин намуди фаъолиятро муқаррар накардааст. Моро зарур аст муайян намоем, ки оё гирифтани иҷозатнома барои мақомотҳои бо системаи марказии обтаъминкунӣ ва канализатсия пайвастбуда зарур аст ва ё барои ҳамаи обтаъминкунандаҳое, ки ба системаи марказӣ пайваст намебошанд? Ҳамчунин, зарурат дар муайян кардани он, ки дар асоси кадом меъёри қонунӣ гирифтани иҷозатнома аз тарафи мақомоти обтаъминкунанда талаб карда мешавад? Оид ба ин масъала бояд гуфт, ки нисбат ба ҳамаи ташкилотҳое, ки ба фаъолияти обтаъминкунӣ машғул мебошанд, чихеле, ки қайд гардид, гирифтани шартҳои техникӣ шарт аст, ки моҳияти иҷозатномаро ифода мекунанд. Новобаста аз он, ки Қонуни ҶТ “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” иҷозатномадиҳии фаъолияти обтаъминкуниро муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, зарур мешуморем, ки дар меъёри моддаи 17, Қонуни ҶТ “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе

[1] Гражданское право: Учеб. В 2 т. Т. II. Полутом 1 / Отв. ред. проф. Е.А. Суханов. 2-е изд., перераб. и доп. — М., 1997. - С. 315.

[2] Воронов А.Ф., Трофименко И.Н. Некоторые проблемы лицензирования // Юридический мир. 1998. № 5. - С. 30; Цихоцкая А.И. Государственное управление: проблемы теории, истории, практики, преподавания. Ростов-на-Дону, 1993. - С. 162-163; Кудашкин В.В. Правовые аспекты института лицензирования хозяйственной деятельности // Журнал российского права. 1999. № 1. - С. 129.

[3] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2004, №5, мод. 348; соли 2005, №3, мод. 120; соли 2006, № 7, мод. 343; соли 2007, № 6, мод. 433; соли 2008, №1 қисми 2, мод.14; №6, мод. 457; №10, мод.816; соли 2009, № 3, мод.78; соли 2009, № 5, мод.326; №9-10, мод.544, ҚҶТ аз 28.12.12с. №911, ҚҶТ аз 19.03.13с. №950, ҚҶТ аз 12.11.2013с. №1030.

намудҳои фаъолият" меъёри алоҳида оид ба гирифтани иҷозатнома барои **истеҳсол ва фурӯши махсуси об** муқаррар карда шавад.

Аз муқаррароти Қоидаҳои зикргардида бар меояд, ки муносибате, ки Қоидаи мазкур танзим накардааст, шартномаи байни тарафҳо муайян мекунад. Нисбати шартномаи басташудаи тарафҳо қоидаҳои параграфи 5, боби 29 КГ ҶТ истифода карда мешвад. Баъзе муаллифон «шартномаи таъмини об»-ро ба гуногуннамудии хариду фурӯш дохил мекунанд[1].

Чигунае, ки зикр гардид, «шартномаи таъмини об» шартномаи оммавӣ аст. Зарурати бастани он ба он асоснок карда мешавад, ки ташкилоти таъминкунанда субъекти монополияҳои табиӣ мебошад[2].

Бояд қайд кард, ки дар сатҳи илм мавқеи ягона оид ба табиати ҳуқуқии «шартномаи таъмини об» мавҷуд нест. Чунончи, И.В. Елисеев шартномаи таъмини ….. об … -ро гуногуннамудии шартномаи таъмини барқ меҳисобад[3].

Дигар муаллифон ба ҳамин нуқтаи назар амал мекунанд. Чунончи, Н.И. Клейн менависад, ки чунин мавқеъ дар КГ муқаррар гардидааст: мувофиқ бо моддаи 579 қоидаҳои шартномаи таъмини барқ ба таъмини энергияи гармӣ, газ, нефт ва маҳсулоти нефтӣ, об тавассути шабакаи пайваста татбиқ мегардад, агар дар қонун ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад. Аз ин меъёр бар меояд, ки шартномаҳо оид ба таъмини энергияи гармӣ, газ ва дигар молҳо тавассути шабакаи пайваста аз рӯи модели «шартномаи таъмини барқ» баста мешаванд ва иҷро карда мешаванд[4].

Олимоне мушоҳида мешаванд, ки мавқеи баръаксро дарсгирӣ мекунанд. Чунончи, С.М. Корнеев менависад, ки «шартнома оид ба таъмини маҳсулот тавассути шабакаи пайваста» (албатта «шартномаи таъмини об» яке аз ин намуд мебошад) мумкин аст ҳамчун намуди шартномаи хариду фурӯш тасниф карда шавад, ба сифати гуногуннамудии он на танҳо шартномаи таъмини барқ, балки дигар шартномаҳо – оид ба таъмини газ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ, об ва дигар молҳо тавассути шабакаи пайваста, ворид мегарданд[5]. М.И. Брагинский чунин нуқтаро дастгирӣ намуда, қайд мекунад, ки «шартномаи таъмини барқ» яке аз гуноуннамудии шартномаи ҳамроҳшавӣ мебошад[6].

Бо ақидаи В.В. Витрянский, «шартномаи таъмини барқ» муносибатҳои ҳуқуқиеро муттаҳид мекунад, ки ҳангоми таъмини истеъмолкунандагон бо энергияи электрикӣ ва гармӣ ба миён меоянд, аз ин рӯ, объекти шартнома энергияи электрикӣ баромад мекунад. Дигар шартномаҳо, ки предметашон таъмини истеъмолкунандагон бо газ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ, об ва дигар молҳо тавассути шабакаи пайваста мебошанд, ба шартномаи таъмини барқ дохил намегарданд[7]. Муаллифи мазкур қайд мекунад, ки имконпазир аст, ки ба шартномаи мувофиқ муқаррароти КГ оид ба шартномаи таъмини барқ татбиқ гардад (ҳангоми мавҷуд набудани танзими ҳуқуқии хос ва агар аз моҳияти уҳдадориҳо дигар ҳолат бар наояд) ин равиши техникаи қонунгузорӣ мебошад ва ҳеҷ гоҳ барои таснифи шартномаҳои мазкур ба сифати шартномаи таъмини барқ ё инки гуногуннамудии он таъсир намерасонад[8].

Аз рӯи нуқтаи назари Е.В. Блинкова, предмети шартномаи таъмини мол тавассути шабакаи пайваста, энергияи электрикӣ ва гармӣ, оби гарм ва нӯшокӣ, бухор, газ, нафт ва маҳсулоти нафтӣ мебошад – неъмати молумулкии мустақил, ашё, хосиятҳои физикӣ,

---

[1] Брагинский М.И., Витрянский В.В. Договорное право. Общие положения. — М., 1999. - С. 50.

[2] Жанэ А. Заключение гражданско-правового договора // Право и экономика. 2004. № 9. - С. 25—28; Шелехова Е.А. Проблемы и практика рассмотрения арбитражным судом споров о заключении, изменении и расторжении договоров энергоснабжения // Экономическое правосудие на Дальнем Востоке. 2004. № 3; Кеферова Б. Особенности заключения и расторжения договора энергоснабжения // Право и экономика. 2004. № 8. - С. 26—29.

[3] Елисеев И.В. Реформа электроэнергетики Российской Федерации и договор энергоснабжения // Тр. по гражданскому праву (к 75-летию Ю.К. Толстого). — М., 2003. - С. 59—72.

[4] Гражданское право России. Часть 2: Обязательственное право: Курс лекций / Отв. ред. О.Н. Садиков. — М., 1997. - С. 128.

[5] Гражданское право. Т II. Полутом 1. - С. 327.

[6] Гражданское право. Часть 2: Обязательственное право / Под ред. В.В. Залесского. — М., 1998. - С. 96—97.

[7] Витрянский В.В. Договор купли-продажи и его отдельные виды. - С. 158.

[8] Ҳамон ҷо. - С. 159.

ки бешубҳа, метавонад махсусан дар танзими ҳуқуқии таъмин тавассути шабакаи пайваста, бе тағйир додани моҳияти ҳуқуқии шартнома ва уҳдадориҳо муайян карда шавад. Дар асоси предмети шартнома Е.В. Блинкова пешниҳод мекунад, чунин намудҳои алоҳидаи шартномаҳо оид ба таъмини маҳсулот тавассути шабакаи пайвастаро: шартномаи таъмини энергияи электрикӣ (энергиятаъминкунӣ); шартномаи таъмини энергияи гармӣ ва бухор (таъмини гармӣ); шартномаи таъмини оби гарм ва нӯшокӣ (таъмини об); шартномаи таъмини гар (газтаъминкунӣ); шартномаи таъмини нафт ва маҳсулоти нафтӣ (нафт ва маҳсулоти нафттаъминкунӣ[1].

Дар хулоса метавон зикр кард, ки:

1) «Шартномаи таъмини об» ба гурӯҳи шартномаҳо оид ба таъмини мол тавассути шабакаи пайваста дохил мешавад. Барои муттаҳидии ин шартнома бо дигар шартномаҳои таъмини маҳсулот зарур аст, ки онҳо дар якҷоягӣ бо гурӯҳи ягона муттаҳид шаванд, бо номи шартномаҳои таъмини мол (маҳсулот) тавассути шабакаи пайваста.

2) «Шартномаи таъмини об», ҳамчун яке аз намудҳои шартномаи таъмини мол тавассути шабакаи пайваста «шартномаи оммавӣ» мебошад. Нисбати ин шартнома қоидаҳои муқарраркардаи КГ ҶТ (м. 458) татбиқ мегардад.

3) Бастани «шартномаи таъмини об» мавҷуд будани шартҳои техникиро талаб мекунад.

4) Ба сифати предмети «шартномаи таъмини об» неъмати молумулкии мустақил баромад мекунад.

5) Дигар хусусиятҳои шартномаи мазкур дар матни мақолаи мазкур таҳлил гардидаанд.

[1] Блинкова Е.В. Гражданско-правовое регулирование снабжения товарами через присоединенную сеть: теоретико-методологические и практические проблемы единства и дифференциации: Дис. … д-ра юрид. наук. — Рязань, 2005. – С. 152-156.

# АНДЕШАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН ДАР ОСОРИ ҶОМӢ

***Саъдизода Ҷаҳонгир.***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон***
***ва ҳуқуқшиносии муқоисавии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) яке аз бузургтарин мутафаккирони тоҷику форс аст, ки бо офаридани осори пурмазмунаш дар бою рангин гардонидани ганҷинаи фарҳангамон нақши босазое гузоштааст. Ӯ аз ҷумлаи бузургоне маҳсуб меёбад, ки дар баробари андешаҳои ахлоқӣ-маънавӣ доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқӣ низ ибрози назар кардааст.

Андешаҳои ҳуқуқии Ҷомӣ дар ашъори ҷудогонаи шоир ва қасидаҳои ӯ новобаста аз мавзӯи қасида ҷо-ҷо вомехӯранд. Шоир дар ин абёт оид ба ҳазар кардан аз навҳаи мазлумон, оид ба баробар набудани комилу ноқис, нақши тарбия дар камолоти инсон, ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳгорон ва эҳтиёт намудан дар таъини ҷазо, ба мансабҳои давлатӣ таъин кардани шахсони кордону донишманд ва ҳангоми таъин ба чунин вазифаҳо ҷудо кардани комил аз ноқис ва ғайра сухан ронда, мавқеи адолатпарварии худро бармало мекунад. Чунончи дар қасидаи «Ҷило-ур-рӯҳ» ашки зулмдидаро баробар ба тӯфони Нӯҳ пайғомбар тасвир карда, чунин менигорад:

Ҳазар кун, эй авон, аз навҳаи мазлуму ашки ӯ,
Ки метарсам кунад кори дуои Нӯҳу туфонаш.
Битарс аз новаки оҳе, ки то безад бало бар ту,
Кунад ғирбол чархи чанбариро захми пайконаш.
Равад нақби дуоии зулмкаш, то зулмҷӯ дар худ
Бувад хандақ муҳити чарху қалъа авҷи кайвонаш[1].

Дар қасидаи «Луҷҷат-ул-асрор» Ҷомӣ оид ба баробар набудани комилу ноқис дар анҷоми умур андешаронӣ намуда, назарияи нобаробарии мукаллафу номукаллафро дар муносибатҳои ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст. Чунончи:

Комилу ноқис на яксонанд дар қатъи умур,
Он чи аз шамшер меояд на ҳадди ханҷар аст[2].

Аз қасидаи мазкур ду андеша ҳосил мегардад:

1) Ҷомӣ дар таъин ба мансабҳо ва умури давлатӣ тарафдори шахсони кордону бохирад аст. Чунин одамонро ӯ бо номи комил ном мебарад. Маҳз инсони комил бояд дар анҷоми корҳои давлатӣ масъул бошад. Ҳуқуқи қабули қарорро низ бояд инсони комил дошта бошад;

2) Ҳангоми ба ҷавобгарӣ ҷалб кардани инсон бояд комилӣ ва ноқисии ӯ (ба маънои имрӯзааш мукаллафӣ ва номукаллафии ӯ) муайян карда шавад. Зеро комилу ноқис ё мукаллафу номукаллаф баробар набуда, комил анҷоми амалҳои худро дарк мекунад ва ноқис чунин имкониятро надорад. Аз ин рӯ, қобилияти амалкунии онҳо баробар нест ва ҷавобгариву қобилияти деликтии онҳо низ бояд яксон набошад.

Ҷомӣ баръакси Фирдавсӣ ва Саъдӣ, ки гавҳару бунёди шахсро асос ҳисобида, тарбиятро дар шахсони бадгавҳар бефоида донистаанд, баромада, тарбиятро омили асосии ислоҳи ҷомеа медонад.

Масалан:

Ба нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед. (Фирдавсӣ)

Партави некон нагирад ҳар кӣ бунёдаш бад даст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст. (Саъдӣ)

---

[1] А.Ҷомӣ. Осор: Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди якум: Девони аввал «Фотиҳат-уш-шубоб». Душанбе: Ирфон, 1986. Саҳ. 29-30.

[2] Ҳамон ҷо. Саҳ. 36.

Дар давоми қасида Ҷомӣ ба масъалаи тарбия дахл карда, қайд мекунад, ки танҳо инсони нек шахсро тарбия менамояд. Воқеан, шахси тарбиятдида ва Куръонхон (ишора ба уммулкитоб) наметавонад ҷинояткор бошад. Ин ақидаи Ҷомӣ таскини ботинист, ки роҳи ҳалли масъала ҳаст, яъне нишон додани роҳи пешгирии ҷиноят бо роҳи тарбия:

Хӯи некӯ гирад он, к-аз нек ёбад тарбият,
Шири ҳикмат нӯшад он, к-уммулкитобаш модар аст[1].

Давоми андешаи боло шоир аз субъекти умумӣ ба субъекти махсус мегузарад, яъне аз шахсон ба қазоваткунандагон рӯ меорад ва дар ин ҷо низ дар мавқеи ахлоқии худ устувор мемонад. Ҷомӣ афзуда медорад, ки дар ҳама давру замон масъалаи фарқ кардан миёни гунаҳгору бегуноҳ, ҷазо додани гунаҳгор ва озод кардани бегуноҳ, пешгирии ҷазо додани шахси бегуноҳ ва ғайра мавриди муҳокимаи бузургони тоҷику форс қарор дошт. Ҷомӣ ин андешаро тақвият дода, пешниҳод мекунад, ки ҷазо додани шахс ё чунин қарор қабул кардан бояд дар ҳеҷ маврид аз рӯи ҷаҳолат набошад:

Бегуноҳеро ба ҷурми дигаре аз рӯи ҷаҳл
Сарзаниш кардан на расми оқили донишвар аст[2].

Аз мазмуни ин абёти шоир, инчунин ғояи ҷавобгарии фардӣ баръало зоҳир мегардад. Ба андешаи Ҷомӣ ҳар шахсро барои гуноҳе, ки худаш содир кардааст, ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин аст. Барои ин гуноҳ дигар шахсро набояд ҷавобгар кард, зеро ҳар кореро сабабест ва барои ёфтану муайян намудани ин сабабҳо сарчашма ва маншаи онро дида тавонистан зарур аст, ки айни замон бо номи изи ҷиноят машҳур аст:

Сифла гар хиҷлат кашад, з-осори феъли худ кашад,
Гулханиро рӯ сиёҳ аз дуд ё хокистар аст[3].

Назарияи ҷавобгарии фардӣ аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир маншаъ мегирад. Зеро Куруш низ дар соли 539 пеш аз мелод эълон дошта буд: «Ман эълом мекунам: ҳар кас посухгӯи аъмоли худ мебошад ва ҳеҷ касро набояд ба ангезаи ин ки яке аз бастагонаш хилоф кардааст, муҷозот кард ва агар касе аз дудмон ё хонаводае хилоф кард танҳо ҳамон кас ба кайфар бирасад ва ба дигарон коре нест».

Ҷомӣ бо якчанд пешниҳод ё илова ин андешаро тақвият дода, аз рӯи ҷаҳл қазоват карданро маҳкум кардааст. Чунончи ӯ хато накарданро дар татбиқи принсипи ҷавобгарии фардӣ шарти асосии касбияти доварон медонад. Ӯ қозиро бо ибораи «оқили донишвар» ифода карда, барои расидан ба ин мақом шарти асосиро дар қазоват накардани бегуноҳ «аз рӯи ҷаҳл» мебинад. Истифодаи калимаи оқил, ки давоми мантиқии «инсони комил», яъне мукаллаф аст, меҳвари назарияи мукаллафӣ ва номукаллафиро ташкил медиҳад.

Агар ба таърихи инкишофи назарияи мукаллафӣ ва номукаллафӣ назар афканем дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба пайдоиши он фикри ягона мавҷуд нест. Бархе аз олимон бавуҷудоии онро ба асри 19 ва бархеи дигар ба Русияи то петровӣ рост медонанд. Дар давлатҳои Аврупои асримиёнагӣ ва Рими қадим низ номукаллафӣ ҳамчун асоси озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ намегардид. Ба андешаи мо назарияи мукаллаф ва номукаллафиро на дар Рими қадим, на дар Русия, на дар Аврупо ва на дар асри 19 , балки шоирони классики тоҷик дар заминаи таълимоти дини ислом, аз ҷумла Ҷомӣ, дар замони худ, яъне асри 15 пешниҳод карда буд. Зеро мувофиқи манобеи таърихӣ бори аввал дини ислом номукаллафон, махсусан гирифторони бемории рӯҳиро аз ҷавобгарӣ озод намуд. Ин ақида минбаъд инкишоф ёфта дар ашъори шоирони баъдӣ низ мушоҳида мегардад, чунончи:

Девонаро Худой нагирад зи баҳри ҷурм,
Эй шаҳ, ту зулли Худоӣ, ту ҳам магир! (Ҳозиқ)

[1] Ҳамон ҷо. Саҳ.36.
[2] Ҳамон ҷо.
[3] Ҳамон ҷо. Саҳ.37.

# ҶАҲОНИШАВӢ ВА ДУРНАМОИ ПАДИДАИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

***Саломов И.И.,***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи***
***байналхалқии факултети***
***ҳуқуқшиноси ДМТ***

Асри XXI-ро асри ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) меноманд. Бо оғози он дар тамоми бахшҳои ҳаёт дигаргуниҳои куллӣ ба вуқӯъ пайвастанд, ки ин ҳолат ба падидаи ҳуқуқи инсон низ бетаъсир намонд. Инсоният дар остонаи асри XXI ба ҷаҳонишавии бевоситаи ҳуқуқҳои худ шурӯъ намуд.

Ҷаҳонишавӣ аз ҷумлаи чунин падида ва равандҳое ба ҳисоб меравад, ки дар ояндаи наздик эҳтимолияти ба таври комил фаро гирифтани олам ва паҳлуҳои асосии ҳаёти ҷамъиятиро дорад. Ақидае роиҷ аст, ки мутобиқи он тамоюлҳои ҷаҳонишавӣ ҳанӯз ҳазораҳои қабл аз мелод ба назар мерасиданд. Марҳилаи нахустини инкишофи онро ба ҳазораи V-III пеш аз мелод нисбат медиҳанд. Истифодаи оммавии ин истилоҳ бошад, соли 1996 баъди баргузор шудани анҷумани Форуми умумиҷаҳонии иқтисодӣ дар ш. Давос шурӯъ шуд.

Дар адабиёти мавҷуда нисбат ба мафҳуми ҷаҳонишавӣ ақидаҳои мухталиф вуҷуд доранд. Таҳлили амиқи ин зумра ақидаҳо имкон муҳайё сохтанд, то чунин таърифи ҷаҳонишавӣ манзур гардад: «Ҷаҳонишавӣ ин табдилёбии мунтазами фазои ҷаҳонӣ ба минтақаи ягонаест, ки дар он сармоя, мол ва хизматрасонӣ имкони таҳвили бемамониатро пайдо намуда, ғояҳои пешқадам ба таври озод паҳн гардида, майдони байналмиллалии ҳуқуқӣ ва фарҳангию иттилоотӣ бунёд меёбад».

Ҷаҳон торафт тангтар мешавад, дар он сарфи назар аз фарқиятҳои байни мамлакатҳо, қитъаҳо ва миллатҳо беш аз пеш ҷиҳатҳои умумӣ пайдо мегардад. Анҷом ёфтани ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ба рушди ҳуқуқи инсон ва таъсиси созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ мусоидат намуда, дар ин замина умумишавӣ ва наздикшавии низомҳои ҳуқуқиро тезонид.

Имрӯз инсоният дар рӯ ба рӯи як қатор проблемаҳои ҷаҳонӣ қарор дорад, ки ҳалли онҳо кори ҳамаи давлатҳои ҷаҳон аст. Инҳо проблемаҳои амнияти аҳолии кураи замин,афзоиши экстремизм ва терроризм, ҷиноятҳои трансмиллӣ, афзудани таъсири давлатҳои абарқудрат ба кишварҳои хурду вобаста,таъмини аҳолӣ бо оби тозаи ошомиданӣ ва ғизо, ҳифзи саломатии аҳолӣ аз ҳар гуна бемориҳои сирояткунанда, танзими проблемаҳои демографии аҳолӣ ва ғайрамебошанд, ки ба ҳуқуқи инсон алоқамананданд. Баъзе аз масъалаҳое вуҷуд доранд, ки метавонанд таъсири худро бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, дар маҷмӯъ ба низоми ҳуқуқӣ расонанд. Аз ҷумла, имрӯзҳо дар як қатор давлатҳои Ғарб истилоҳи никоҳи ҳамҷинсон дар қонунгузориашон расман эълон шудааст. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, дар хусуси никоҳи ҳамҷинсон чизе гуфта нашудааст. Бинобар ҳамин, зарур аст, ки бо мақсади пешгирӣ намудани воридшавии чунин падидаҳои номатлуб ба қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ,махсусан дар Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон никоҳи ҳамҷинсон расман манъ карда шавад.

Ҷаҳонишавӣ мумкин аст дар соҳаҳои гуногун ва дар кишварҳои мухталиф пайдо гардад. Ҳангоми ҷаҳонишавӣ манфиатҳои давлатҳои кучак поймол гардида, боиси сар задани монеаҳои инкишофи фарҳангии ҷамъият низ мегардад. Ҷаҳонишавӣ метавонад омилҳои объективӣ ва субъективӣ дошта бошад.

1. Омили объективиаш дар он зоҳир мегардад, ки ин ё он мушкилоте, ки ба вуҷуд меояд, аз субъект вобастагӣ надорад.

2. Омили субъективиаш бошад, дар он зоҳир мегардад, ки мушкилоти дар фазои иқтисодию иҷтимоӣ ва дар соҳаи ҳуқуқи инсон бавуҷудомада аз як ҷониб, ба манфиати неруҳои онро ба ҳаракатоваранда мебошаду аз ҷониби дигар, бар зарари субъектоне, ки қурбони ҷаҳонишавӣ мегарданд.

Дар баъзе мавридҳо, мумкин аст ҷаҳонишавӣ хислати мусбатро касб намояд. Мисол, ҳалли мушкилоти экологӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон, ташкили фазои ягонаи ҳуқуқӣ ва ғайра. Ҳимоя ва риояи ҳуқуқи инсон самти мусбати ҷаҳонишавӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи инсон тамоми чораҳои заруриро андешад. Бо дарназардошти ҳимояи ҳуқуқи инсон баъди Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ СММ таъсис ёфт, ки ҳадафи асосии он таъмини сулҳ ва амнияти байналмилалӣ мебошад. Ин муқаррарот дар Оиномаи СММ таҷассуми худро ёфтааст.

Мавқеи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ ду моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян кардааст. Аз ҷумла, моддаи 11: «Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад. Ташвиқоти ҷанг манъ аст. Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд. Давлат ба ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад». Аз моддаи мазкур бармеояд, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳама гуна тадбире, ки аз ҷониби давлат андешида мешавад бояд манфиатҳои олии мардумро ба инобат гирад.

Ҳамзамон қисми 3 моддаи 10-и Конститутсия низ мавқеи кишвари моро дар ҷараёни ҷаҳонишавӣ муайян карда, дурнамои ҳуқуқи инсонро пешбинӣ намудааст. Зеро аксарияти санадҳои байналмилалӣ ба ҳуқуқи инсон дахл доранд. Чунончи, дар он омадааст: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмиашонамал мекунанд». Вале, моро зарур аст, ки бо мақсади бартараф кардан ва ё ба вуҷуд наомадани ин гуна масъалаҳо чораҳои заруриро андешем. Аз ҷумла, ҳангоми қабул намудани ин ва ё он шартномаҳои байналмилалӣ ё узвият ба ташкилотҳои бонуфуз пеш аз ҳама манфиатҳои халқро ба инобат гирем, зеро ин талабот дар Конститутсия дарҷ гардидааст: «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷа робита намояд». Мисол, ҳангоме, ки Чумҳурии Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) хоҳиши ҳамроҳ шуданро дошт, барои мутобиқ намудани қонунгузории худ ба санадҳои байналмилалӣ тақрибан 8 санади меъёрию ҳуқуқироқабул намуда, ба 100 санад тағийру иловаҳо дохил намуд. Зеро таҷрибаи давлатҳои аъзои ин созмон нишон медиҳад, ки аъзогӣ дар СУС ба манфиати халқ буда, онро дар ду ҷабҳа баррасӣ намудан мумкин аст: 1) манфиатҳои давлатӣ; 2) манфиатҳои соҳибкорон.

Ҳуқуқи инсон ҳамчун инъикосгар ва фишанги асосии ин равандҳо ба сатҳи нави инкишофи худ – сатҳи ҷаҳонишавӣ расидааст. Ҳамин тавр, бо таъсири раванди ҷаҳонишавӣ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонва давлатҳои дигар дар соҳаи ҳуқуқи инсон имрӯз хусусияти универсалӣ касб намудаанд; поймол шудани ҳуқуқи фарди алоҳида ва ё гурӯҳи одамон ҳамчун хатари хавфи умумиҷаҳонидошта тавсиф меёбанд. Мувофиқан, ҳуқуқи башар ба воситаи рафъсозӣ ва ҳалли чунин муаммоҳо табдил ёфтаанд. Дар ниҳояти худ ҷаҳонишавии ҳуқуқи инсон ифодакунандаи робитаи фард бо умум гардида, мавқеи иҷтимоии шахси ҷудогона ба ҳаёти халқҳои алоҳида ва инсоният дар маҷмӯъ таъсир мерасонад.

Умуман, ҷаҳонишавиро ҳамчун раванди мусбат арзёбӣ намудан мумкин аст ва он дар бештари мавридҳо ба инкишоф ва нашъунамои инсоният оварда расонида метавонад. Аз як тараф он имконияти таъмин намудани сулҳ ва амнияти умумиҷаҳониро дошта, метавонад паҳншавии яроқи ядроӣ, биологӣ ва химиявиро рафъ намуда, бо ин тарз истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, нигаҳдошти муҳити табиии атрофро таъмин созад. Аммо аз тарафи дигар қонуниятҳои он метавонанд, ки ба зиёдшавии бекорӣ, беқурбшавии пул ва дигар навъи муаммоҳои иқтисодию иҷтимоӣ мусоидат намоянд.

Ин ҳолатро профессор А.Ғ. Холиқов арзёбӣ намуда, қайд менамояд, ки чунин арҷгузорӣ тафовути байни миллату халқиятҳоро шикаста, ба соҳибихтиёрии миллӣ ва ҳуқуқи худмуайянкунии миллатҳо таҷовуз мекунад. Яъне ӯ ба арзишҳои универсалӣ такя мекунаду ба арзишҳои миллӣ мухолифат. Аҷиб он аст, ки чунин мухолифат нисбат ба фарҳанги ҳуқуқии миллатҳои ғайр, онҳое, ки ба давлатҳои кӯчаки сарҳадӣ мансубанд. Аммо дар масъалаи мавҷудияти майда маданиятҳои дохилӣ ва маркази ҷаҳонишавӣ муносибати онҳо дигар тарз аст. Мисол, дар худи ШМА дар штати Калифорния, ки аз тараққикардатарин минтақаҳои Амрикост, то ҳанӯз дар қабилаҳои ҳиндуии таҳҷоӣ судҳои қабилавӣ мавҷуданд. Маълум мешавад, ки ҳуқуқи зиндаи онҳо ҳамчун одатҳои таҳҷоӣ ҳамчун ҳуқуқ мавриди амал қарор дошта, муносибатҳои воқеиро ба танзим медароранд. Маълум мешавад, ки Амрико бо чунин бузургӣ ҳуқуқи аққалиятҳои дохилии худро дар доираи қонун дифоъ мекунад. Аммо дар масъалаи ҳуқуқҳои халқҳои дигар ва одатҳои онҳо садои миллатро нашунида, ба таҳмили арзишҳои худ машғул аст. Чунин навъи муносибат бозӣ бо қоидаҳои дугона ва сегонаро мемонад, ки ҳақиқат тавассути идеология кофта мешавад. Дар ҷойи дигар муаллиф менависад, ки ҷаҳонишавӣ ҳамчун раванди ба манфиатҳои кишварҳои абарқудрат мусоидаткунанда ва ё дар атрофи арзишҳои муайян муттаҳидшаванда акнун ба сарҳади давлатҳои миллӣ на бо ярок, на бо туп, балки бо «қанду шириниҳо», яъне бо домҳои муайяни хайрхоҳона ворид мешавад. Дар қаторидигар ҷанбаҳои мусбат ясовулҳои ҷаҳонишавӣ доир ба паҳн намудани арзишҳои умумиинсонӣ ва сиёсие ҳарф мезананд, ки дар таҷрибаи имрӯзаи давлат беҳтарину мақбултарин шумурда шудаанд. Ба сифати чунин воситаҳо ва домҳо мутаассифона ҳуқуқи инсон, демократия ва амният низ баромад мекунад.

Дар ҳар сурат аксарият ҷаҳонишавиро ҳамчун раванди айнии ногузир маънидод менамоянд, мислионе, ки дар замони худ ба таври айнӣ сохти авлодии ҷомеаи ибтидоӣ валангоргардидва ё инқилобҳои саноатӣ баргузоршуда, иқтисоди бозоргонӣ бунёдёфт. Агар дар баъзе аз бахшҳои ҳаёти ҷамъиятӣ равандҳои ҷаҳонишавӣ ба манфиатҳои давлати миллӣ таҳдид намоянд, пас дар бахши ҳуқуқи инсон натиҷаифаъолгардии он самараи хуб додааст. Арзишҳои пешқадам дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар шаклҳои эъломия, шартномаҳоибайналхалқӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии байналхалқӣ шакли расмӣгирифта, аз ҷониби аксари давлатҳо пазируфта шудаанд. Имрӯз раванди мувофиқсозии ин арзишҳо бо қонунгузории миллиидавлатҳо ба назармерасад.

Моро зарур аст, ки аз баҳри пурталотуми манфии ҷаҳонишавӣ ҷанбаҳои мусбати онро гирем ва ба низоми ҳуқуқӣ ворид созем. Пеш аз ҳама ҳангоми қабул намудани аҳдномаю ба имзо расонидани созишномаҳо оид ба ҳуқуқи инсон ва ҳамроҳ шудан ба ташкилотҳои бонуфуз анъанаҳои миллӣ ва расму ойинҳои мардумӣ дар мадди аввал гузошта шавад.

# ТАШКИЛЁБИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Камолов Ш. Х.,***
***муаллими калони кафедраи***
***ҳуқуқи конститутсионии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.***

Давлат барои амалӣ гардонии ҳокимияти давлатӣ ва бо субот танзим намудани идоракунии давлатӣ мақомоти давлатиро таъсис медиҳад. Нишона ва омили асосии ҳастии давлат мақомоти давлатӣ буда, барои идоракунии соҳа ва самти муайян ваколатдор гардидааст.

Дар давлатҳои мамолики дунё новобаста аз шакли идоракунӣ ва реҷаи сиёсӣ мақомоти давлатӣ ташкил карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дорои мақомоти давлатии худ мебошад, ки ҳадаф аз таъсиси онҳо пиёда намудани идоракунии ҳокимияти давлатӣ аст.

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ яке аз нишонаҳо, зуҳурот ва рӯбиноии давлат мебошад. Пайдоишу инкишофи давлат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ раванди ба ҳам пайванд буда, ҳастию фаъолияти онҳо ба якдигар вобастагӣ дорад. Воситаи асосии амалигардонии ҳокимияти давлатӣ низ мақомоти давлатӣ буда, маҳз ба воситаи онҳо халқ ҳокимияти давлатии ба ӯ мутааллиқро амалӣ мегардонад.[1]

Вобаста ба мафҳуми мақомоти давлатӣ дар адабиётҳои ҳуқуқии ватанию хориҷӣ таърифҳои гуногун ҷой дорад. Давлатшиносӣ маъруфи тоҷик А. Имомов чунин маҳфуми мақомоти давлатиро додааст: Мақомоти давлатӣ узви таркибии давлат, дасгоҳи он буда, аз хидматчиёни давлатӣ иборат мебошад, сохтори дохилии худро дошта, бо тартиби муқарраркардаи давлат таъсис меёбад ва барҳам мехӯрад, барои татбиқи мақсаду вазифаҳои давлат ваколатдор буда, салоҳияти фармонфармоии давлатӣ дорад, дар шаклҳои ташкилии муайяншуда амал мекунад ва дар доираи салоҳияти худ санадҳои ҳуқуқӣ қабул мекунад.[2]

Мафҳуми додашуда вижагиҳои мақомоти давлатиро дарбар гирифта, хусусияҳои хоси онро равшан менамояд. Ташкилёбии мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таърих ва марҳилаҳои инкишофи худро дорад. А. Имомов аз марҳалаи ибтидоии барпоёбии давлатдории тоҷикон то ҳол инкишофи низоми ташкили мақомоти ҳокимияти давлатиро шартан ба се давра тақсим намудааст. Давраи аввал аз соли 1924 то 1937, давраи дуюм соли 1937, давраи сеюм марҳилаи соҳибхтиёр гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи соли 1994 мебошад. Ба андешаи мо марҳилаи чоруми инкишоф ва такмили мақомоти давлатӣ низ вуҷуд дорад, ки он марҳалаи муосир буда, баислоҳоти конститутсионие, ки соли 2016 сурат гирифт рост меояд. Бояд тазаккур дод, ки марҳилаи асосии ташкилёбии мақомоти давлатӣ ба аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ ва соҳибхтиёр гардидани ҶумҳурииТоҷикистон рост меояд. Зеро ин давраe мебошад, ки Тоҷикистон ҳамчун давлатӣ соҳибхтиёр мақомотҳои давлатии худро мустақилона таъсис медиҳад. Мақомотҳои давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда таъсис меёбанд, ки ин таҷрибаи ҷаҳонӣ аст.

Асоси конститутсионии таъсиси мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 9 – уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки тибқи он таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим мешавад. Ин шохаҳои ҳокимият вобаста ба таъиноти ваколаташон тавозун ва боздориву мувозинатро, дар сатҳи ҳокимияти давлатӣ нигоҳ медоранд. Таҷзияи ҳокимият, усули конститутсионии амалигардонии механизими ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, асоси фаъолият намудани мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад.[3]

---

[1]Ниг. А. Имомов Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. С – 25
[2]Ниг. Адабиёти зикршуда. С. 30-31.
[3] Ниг. Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в РТ. Д., 2007 С- 41.

Ташкилёбии мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи таҷриба ва қонунҳои амалкунанда аслан бо ду роҳ сурат мегирад. Бо роҳи интихобот ва ташкилнамудани мақомотӣ давлатӣ. Бо роҳи интихобот Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳарчанд интихоботи онҳо аз ҳамдигар тафовут дорад), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлиси маҳалли вакилони халқ интихоб мешаванд. Маҷлиси Олии[1] Ҷумҳурии Тоҷикистон – парлумони ҷумҳурӣ тариқи интихобот ташкил шуда, яке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ мебошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун мақоми олии ҳокимиятӣ давлатӣ интихоб мегардад. Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ҳамчун мақомоти намояндагии маҳаллӣ тариқи интихобот таъсис меёбанд. Инҳо мақомотҳое мебошанд, ки танҳо тариқи интихобот ба мӯҳлати муайян таъсис меёбанд. Барои онҳо дигар намуд ва ё роҳи таъсис ёфтан вуҷуд надорад.

Дар ташилёбии мақомоти давлатӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон нақши Маҷлиси Олӣ яъне парлумон[2] ва Президент хеле назаррас аст. Вобаста ба салоҳиятҳои конститутсиониашон онҳо дар ташкили мақомоти давлатӣ нуфуз доранд. Алалхусус Президент. Салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташкили мақомоти давлатӣ фарох аст. Ӯ ҳам дар ташкили мақомоти олии намояндагӣ ва ҳам дар ташкили мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ салоҳиятдор аст. Ин гуфтаро шарҳ дода мебароем:

Яке аз шаклҳои ташкилёфтани Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин намудан ба аъзогии Маҷлиси миллӣ мебошад, ки онро Президент амалӣ мегардонад. Тибқи Конститутсия аз чор як ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллиро Президент таъин мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақомоти олӣ ва марказии идоракунии давлатӣ аст он аз ҷониби Президент таъсис меёбад.

Тибқи Конститутсия ва муқаррароти моддаи 6 - уми қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва барҳам медиҳад. Барои таъсис ва барҳам додани вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ розигӣ ва ё тасдиқи Парлумон гирифта намешавад. Ин салоҳияти мустаснои Президент мебошад.

Дар идоракунии давлатӣ нақши Ҳукумат хеле калон аст. Ҳукумат аз вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ иборат аст. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои ҷумҳуриявӣ зинаи марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.[3] Вазоратҳо мақомоти мустақили низоми ҳокимияти иҷроия буда[4], фаъолияти онҳо асоси конститутсиони дорад. Ин мақомот дорои дасгоҳи марказӣ мебошад, ки вазифа ва функсияҳои онҳоро дар доираи ваколаташон дар соҳаи идоракунии давлатӣ амалӣ месозад.[5] Кумитаҳои давлатӣ ба гурӯҳи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия шомил буда, чун қоида дар асоси дастаҷамъӣ ҳамоҳангии байнисоҳавиро аз рӯи масоили салоҳият ва танзими функсионалиро дар соҳаи муайяни фаъолият амалӣ менамояд.[6]Дар ташкилёбии дигар мақомотҳои марказии ҳокимияти иҷроия, ки сиёсати давлатиро амалӣ мегардонанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ салоҳиятдор аст. Чунончи, дар сархати шашуми моддаи 12 қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин омадааст: Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳудуди маблағҳое, ки дар буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъминоти мақомоти идоракунии давлатӣ муқаррар шуданд, таъсис диҳад ва низомномаи онҳоро тасдиқ намояд»[7]. Кумитаҳо, идораҳо, агентиҳо, сарраёсатҳо ва дигар мақомотҳои назди

[1]Ниг. Якубова С.Н. Реализақия предварителйного конституқионного контроля Конституқионнҷм судом РТ. "Правоая жизнӣ". № 1 (17) 2017. Душанбе. Стр. 39.
[2]Ниг. Якубова С.Н. Особенноси представительной фунцкии Маджлиси Оли РТ. "Государствоведение и права человека". № 2 (2) 2017. Душанбе. Стр. 71.
[3]Ниг: Б.Ҳ Раззоқов.Ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе – 2006. С – 78.
[4]Ниг. Якубова С.Н. Қабули қонунҳо тибқи қонунгузории вогузоршуда дар кишварҳои шакли идоракунии ҷумҳурӣ. Маҷаллаи "Илм ва фановарӣ" (Маҷаллаи илмӣ) " 2. (6). Душанбе. 2015 с. Саҳ. 47.
[5]Адабтёти мазкур. С- 81.
[6]Адабиёти мазкур. С- 82
[7]Ниг; Қонуни конститутсионӣ дар бораи «Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон» аз 12 май 2001.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумат таъсис меёбанд. Тибқи низомномаи онҳо роҳбарони ин мақомотҳо бо қарори Ҳукумат таъин ва озод карда мешаванд.

Аз гуфтаҳои боло муайян мегардад, ки дар ташкилёбии мақомотҳои давлатӣ нақши ҳокимияти иҷроия, ҳам дар симои Президент ва ҳам дар симои Ҳукумат хеле васеъ аст.

Бояд тазаккур дод, ки вобаста ба таъсисёбии мақомоти давлатӣ дар Конститутсия ва қонунгузориҳои амалкардаистодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳо хеле кам вомехӯранд. Дар сатҳи Конститутсия таъсиси танҳо якчанд мақомотҳо муайян гардидааст. Чунончи, таъсиси Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар моддаи 49, таъсиси Комиссияи марказии интихобот ва райъпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 1, моддаи 57, таъсиси судҳо банди 7, моддаи 57, интихобгардидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 65, таъсис ва барҳамдодани вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ банди 3, моддаи 69, таъсиси Шӯрои амният, банди 11 ҳамин модда. Инҳо мақомотҳое мебошанд, ки таъсисёфтанашон бевосита дар Конститутсия муайян шудааст. Новобаста аз оне, ки таъсиси ин мақомотҳо дар Конститутсия мустаҳкам гардидааст, вале таъсисёбии баъзеашон чандон равшан нест. Масалан таъсиси судҳо. Таъсиси судҳо тибқи Конститутсия ба ваколати Маҷлси намояндагон вогузор шудааст. Аммо саволе ба миён меояд, Маҷлиси намояндагон кадом судҳоро таъсис дода метавонад?, судҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ё ноҳиявӣ? зеро низоми ҳокимияти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле васеъ аст.

Дар сатҳи қонунҳои конститутсионӣ ва ё қонунҳо таъсисёбии мақомоти давлатӣ, низ хело норавшан ва ҳатто номуайян аст. Масалан, Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи Суди конститутсионӣ», Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» чигуна ташкил ёфтани ин мақомотҳоро нишон надодаанд. Дар онҳо бештар ба интихоб ва бозхонди Раис, муовин ва судяҳои судҳои конститутсионӣ, Суди олӣ ва Суди олии иқтисодӣ таваҷҷӯҳ шудааст. Механизими интихоб ва бозхонди онҳо пурра ҳалли худро ҳам дар Конститутсия ва ҳам дар қонунҳои конститутсионии зикргардида, ёфтааст. Вале бояд тазаккур дод, ки интихоб ва бозхонди Раис, муовин ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди олӣ ва Суди олии иқтисодӣ ҳанӯз мазмуни ташкил ва барҳамдодани мақомоти судиро надорад. Таъсисёбии мақомоти прокуратура низ ҳамчун мақомоти назоратӣ чандон равшан нест. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ваколатҳои Прокурори генералӣ (банди 6, моддаи 18) ташкил ва барҳамдодани прокуратураҳоро вогузор кардааст.

Албатта дар инҷо қонунгузори тартиби ташкил ва барҳамдодани прокуратураҳои тобеи Прокуратураи генералиро дар назар дорад. Дар хусуси таъсисёбии худи Прокуратураи генерали Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, қонуни конститутсионӣ номбурда ва Конститутсия хомӯшанд. Онҳо бештар ба тарзи таъин ва озод кардани Прокурори генералӣ, ҳисоботдиҳанда будани он, амалигардонии назорати иҷрои якхела ва бечунучарои қонунҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура, меъёр муқаррар кардаанд. Ҳамин тариқ, таъсисёбии мақомоти давлатӣ яке аз масоилҳои ҳанӯз пурра ҳал нашудаи ҳуқуқи конститутсионӣ буда, он тадқиқоти фарох ва мукаммалеро тақозо менамояд.

Дар натиҷаи таҳлили масоили мазкур роиҷ медонем якчанд таклиф ва пешниҳодҳоро ироа созем:

1) Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилёбии Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Прокуратураи генералӣ бевосита муайян карда шавад, ки ин муқаррарот метавонад боз ҳам самти фаъолияти онҳоро мукаммал гардонад.Ташкил намудани Суди конститутсионӣ, Судӣ Олӣ, Суди олии иқтисодӣ ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Парлумони ҷумҳурӣ - Маҷлиси Олӣ вогузор карда шавад. Дар ин ҳолат таносуби таҷзияи ҳокимияти давлатӣ мустаҳкам мегардад.

2) Қонунҳои конститутсионие, ки вазъи ҳуқуқии ин мақомотҳоро муқаррар менамоянд такмил дода шуда, тарзи ташкилёбии онҳо бевосита дар қонунҳои конститутсионӣ инъикос ёбанд.

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ТАРКИБИ ҲУҚУҚИ ИШТИРОКИ ШАҲРВАНДОН ДАР ИДОРАКУНИИ КОРҲОИ ДАВЛАТӢ

***Имомов Ҳ.Ш.,***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Яке аз арзишҳои муҳими иҷтимоие, ки аз таҷрибаи таъсис додани ҳокимияти давлатӣ аз давраҳои пешин ба замони мо мерос омадааст, ин давлати демократӣ мебошад. Давлати демократӣ дар ташкил ва фаъолияти асосҳои сохтори конститутсионии давлатҳои муосири ҷаҳон саҳми назаррас дорад. Ин шакли таъсиси хокимияти оммавии давлатӣ дар худ маҷмӯи принсипҳо ва воситаҳоеро дар бар мегирад, ки дар вақт асоси бунёдиро ифода месозанд ва сатҳи демократии ин ва ё он давлатҳоро муайян мекунанд.

Табиист, ки такягоҳи (фундаменти) демократия ва инъикоси воқеии он ҳамчун арзиши олӣ ин кафолат додан, мустаҳкам ва таъмин намудани гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ғайр аз ин ифодаи аз ҳама асосӣ, инчунин таъмини воқеии иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва назорат намудан аз болои фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Дар конститутсияҳои давлатҳои муосир муқаррароти хос вобаста ба демократия ва нишонаҳои он бевосита пешбинӣ шудааст. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи арзишҳои умумибашарӣ хоса арзишҳои демократӣ муқаррар шудааст. Яке аз арзишҳои асосие, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар ва мустаҳкам ёфтааст, ин иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи намояндагони худ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки аз мустаҳкамӣ ва кафолати ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ба амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои дар назди ҷомеа буда вобаста мебошад. Ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корхои давлатӣ - ин ифодагари соҳибихтиёрии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими демократӣ мебошад.

Муҳимияти тасдиқи ҳуқуқии (юридикии) иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ва таҳлили он яке аз маҳакҳои асосӣ ва талаботи давлати ҳуқуқбунёд буда, он аз тарафи олимони давраҳои гуногуни таърихӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ баррасӣ ва хулосабарорӣ мегардад. Дар асоси таҳлил ва омӯзиши падидаи мазкур дигар зуҳуротҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба монанди, ҳуқуқ ба райъпурсӣ, ҳуқуқи интихобот, ҳуқуқи баробари дохил шудан ба хизмати давлатӣ баррасӣ ва таҳқиқ мешаванд[1].

Ба падидаи ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ дар давраҳои Иттиҳоди Шӯравӣ тадқиқотҳои илмӣ гузаронида шуда буд. Аммо бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон фароҳам оварда шуд, то ки ин падида ва арзиши муосири ҷаҳониро эътироф созад ва онро шакли ҳуқуқӣ диҳад. Бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (6 ноябри соли 1994) ва дар он мустаҳкам намудани принсипҳои конститутсионии гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, ҳуқуқи бевоситаи интихобот омӯзиши зуҳуроти иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ аҳамияти хосаро касб намуд.

Аҳамияти иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ дар асарҳои Афлотун , Арасту ва Ситсерон ифода шуда, дар асоси таҳлили онҳо масъалаи таъсис додани сохтори давлатии «идеалӣ» баррасӣ гардидааст. Аммо ба ақидаҳои олимони

---

[1]Ниг.: *Габдуалиев М.Т.* Конституционное право гражданина на участие в управлении делами государства в Российской Федерации и Республике Казахстан: сравнительный анализ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 2006; *Липчанская М.А.* Участие граждан Российской Федерации в управлении делами государства: конституционно-правовое исследование: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. Саратов, 2012; *Широбоков С.А.* Конституционно-правовые аспекты участия граждан в управлении делами государства в Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. Екатеринбург, 2011.

зикршуда дар таҳлили иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ дар он замон такяи асосӣ аз нуқтаи назари тобеият ба ҳокимияти давлатӣ дода мешуд[1].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои умумӣ ва дар як вақт асосии инкишофи ҷамъият, давлат ва шахсиятро дар худ муқаррар ва мустаҳкам намуд. Ба воситаи Конститутсия меъёрҳо ва стандартҳои байналмиллалии муносибат байни давлат ва ҷамъият муайян шуда, дар асоси соҳибихтиёрии халқ миёни давлат ва шаҳрвандони Тоҷикистон пайвастагӣ ба роҳ монда мешавад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 8 омадааст, ки «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад». Яъне Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро ба гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ асос медиҳад. Дар моддаи 27-и КонститутсияиТоҷикистон бошад омадааст, ки «Шаҳрванд ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок менамояд».

Давлат ва ҷомеа дар муносибатҳои баробари ҷамъиятӣ-ҳуқуқӣ қарор доранд ва дорои ҳуқуқу озодиҳо ва масъулиятҳои тарафайнанд. Инсон бошад қисми аз ҳама асосии ҷамъият ба ҳисоб рафта, дорои ҳуқуқу озодиҳои васеъ мебошад.

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ дар асоси таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ аз тарафи олимони конститутсионилист падидаи мазкур гуногун баҳогузорӣ шудааст. Масалан олимони ҳуқуқшинос Козлова Е.И ва Кутафин О.Е[2] падидаи мазкурро таҳлил намуда, ҳуқуқи конститутсионии иштироки шаҳрвандонро дар идоракунии корҳои давлатиро ҳуқуқи асосӣ меҳисобанд, ки ба шаҳрванд аз лаҳзаи таваллуд мансуб аст ва асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии соҳаи конкретӣ мебошад. Ба ақидаи Широбоков С.А[3] ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ин маҷмӯи принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқиест, ки тавассути онҳо амалҳои шаҳрвандон, ифодаёбии имкониятҳои шахсии онҳо пайдо мегардад ва ин раванди хосро танзим менамоянд. Ба ақидаронихои Липчанская М.А ва Тихон Е.А[4] ҳуқуқи конститутсионии иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ҳамчун ҳуқуқҳои комплексие дониста мешаванд, ки ба воситаи ҳуқуқҳои субъективии инфиродии худи шаҳрвандон амалӣ ва татбиқ карда мешаванд. Чунин мафҳумдиҳӣ дар миёни таҳлилгарони масоили ҳуқуқшиносӣ паҳнгашта аст ва аз ҷониби аксарияти олимон тарафдорӣ шудааст. Ба ақидаи Абдуалиев М.Т[5] дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии миёни давлатҳои Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қазоқистон ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ ин яке аз шакл ва намудҳои рафтори шаҳрванд мебошад, ки аз тарафи меъёрҳои конститутсионӣ ва санадҳои қонунгузории амалкунанда оид ба идоракунӣ дар корҳои давлатӣ ва иштирок дар амалӣ намудани фаъолияти ҳокимияти оммавии давлатӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили дар боло гузаронида шуда чунин муайян кардан мумкин аст, ки табиати ҳуқуқӣ ва таркиби ҳуқуқи иштироки шаҳрвандон дар идоракунии корҳои давлатӣ яке аз гурӯҳи ҳуқуқу озодиҳое мебошад, ки дар асоси он шаҳрванд робитаи сиёсӣ-ҳуқуқии худро бо давлат муайян намуда, дар амалишавии ҳокимияти давлатӣ, иштирок дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва назорат аз болои мақомотҳо ва шахсони мансабдорро пайдо месозад.

---

[1] Ниг: История политических и правовых учений: учебник / под ред. И.Ю. Козлихина. СПб., 2007. С. 31–75.

[2]Ниг: *Козлова Е.И., Кутафин О.Е.* Конституционное право России: учебник. 3-е изд., перераб. и доп. М., 2004.

[3]*Широбоков С.А.* Консти-туционно-правовые аспекты участия граждан в управлении делами государства в Российской Федерации: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. Екатеринбург, 2011, стр 11-12.

[4]*Липчанская М.А., Тихон Е.А.* Участие граждан в управлении делами государства в системе исполнительной власти в качестве членов экспертных и общественных органов // Конституционное и муниципальное право. 2011. № 11. С. 25.

[5] См.: *Габдуалиев М.Т.* Конституционное право гражданина на участие в управлении делами государства в Российской Федерации и Республике Казахстан: сравнительный анализ: автореф. дис. … канд. юрид. наук. Саратов, 200, стр 10.

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ОБИ НӮШОКӢ

***Ойев Х.,***
***дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ***

Яке аз самтҳои ҳаётан муҳими фаъолияти идоракунии давлатӣ ин таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ мебошад, ки он қисми таркибии сиёсати пешгирифтаи сардори давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи таъмини амнияти мардум маҳсуб мешавад. Ба мубрамияти ин масъала Ҷаноби Олӣ аҳамияти калон дода, аз минбари Созмони Милали Муттаҳид (СММ) ҷиҳати мушкилоти нарасидани оби нӯшокӣ ва танқисӣ кашидани зиёда аз 1 млн. аҳолии курраи замин ёдрас карда, дар ин бобат ҷаҳониёнро ҳушдор дода буданд. Натиҷа бо он анҷомид, ки ташаббусу пешниҳоди Ҷаноби Олӣ аз ҷониби СММ қабул гардид, ки аз он номаи табрикии Раиси Маҷмаи Умумии СММ Питер Томсон аз 22 декабри соли 2016 ба Ҷаноби Олӣ ва тоҷикистониён мужда расонид, ки Маҷмаи Умумии СММ 21 декабри соли 2016 Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018-2028»-ро, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд, қабул намуд[1].

Масъалаи нарасидани оби нӯшокӣ ва роҳҳои ҳалли мушкилоти он дар «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №791 тасдиқ шудааст, муайян карда шудааст ва чуноне дар Барнома омадааст, ин имкониятҳои маҳдуди маблағгузорӣ чи аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва чи аз ҳисоби кӯмакҳои шарикони рушд, куҳнаву фарсуда шудани инфрасохтори мавҷуда, набудани заминаи меъёриву ҳуқуқии мукаммал, баланд будани сатҳи талафоти об, мувофиқат накардани тарифҳои хизматрасонӣ ба арзиши аслӣ ва паст будани сатҳи ҷамъоварии маблағҳои пардохти хизматрасонӣ, афзудани талабот ба захираҳои об бо сабаби афзоиши аҳолӣ, коҳиши захираҳои об бо таъсири тағйироти иқлим, афзоиши ҳолатҳои фавқулодаи гидрометеорологӣ, бӯҳрони молиявӣ, урбанизатсия, биёбоншавӣ ва ғайра мебошад.

Барои ҳалли мушкилот дар ҳоли ҳозир механизми идоракунии таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ташкил карда шудааст, ки бо он асосҳои ҳуқуқии соҳа, инчунин низоми мақомоти давлатӣ шомил мешаванд.

Ба сифати заминаҳои ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама Конститутсияи ҶТ (м.13), қонунҳои конститутсионӣ, дигар қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» аз 29 декабри соли 2010, № 670[2], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8 декабри соли 2003, №49[3], Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар кодексҳо ва як қатор санадҳои зерқонунӣ - Тартиби баҳисобгирӣ дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2011, № 680 тасдиқ шудааст, Тартиби назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ, бо қарори Ҳукумат аз 31 декабри соли 2011, № 679 тасдиқ шудааст ва ғайра қабул карда шудаанд, ки онҳо дар маҷмӯъ асоси ҳуқуқии кафолати таъмини аҳолиро бо оби нӯшокӣ ташкил медиҳанд.

Ба механизми идоракунии таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ низоми мақомоти марказӣ ва маҳалиии ҳокимияти иҷроия, инчунин корхонаю муассисаҳои зернизоми онҳо шомил мешаванд, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи онҳо бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ мебошад.

Боиси зикр аст, ки мафҳумҳои оби нӯшокӣ ва таъминкунӣ бо он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудааст. Инак, тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии

---

[1] http://www.president.tj
[2] АМО ҶТ. 2010.№12. Қ-1. М.829.
[3] АМО ҶТ. 2003. №12. М.677; 2008. №10. М.822; №12. Қ.2. М.1015.

Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» аз 29 декабри соли 2010, № 670[1] оби нӯшокӣ - ин обе, ки дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тоза кардан, безарар гардондан, илова намудани моддаҳои зарурӣ) аз рӯи сифати худ ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан ва қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти маишии инсон, инчунин барои истеҳсоли озуқа ва маводи тиббӣ истифода мешавад, мебошад. Меъёрҳои оби нӯшокӣ (талаботи меъёрӣ) бошад, ин маҷмӯи нишондиҳандаҳои имконпазири кимиёвӣ, таркиби микробиологӣ ва хусусиятҳои органолептикии оби нӯшокӣ (мазза, ранг, бӯй, ҳарорат), ки тибқи усулҳои илмию тадқиқотӣ муқаррар ва бо қоидаҳои санитарӣ мураттаб шуда, барои саломатии инсон бехатар ва безарар будани онро кафолат медиҳанд.

Таъминкунӣ бо оби нӯшокӣ бошад, фаъолияте мебошад, ки ба таъмини талаботи ба оби нӯшокӣ доштаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудааст.

Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ бояд ба принсипҳои зайл такя намояд: кафолатҳои давлатӣ дар навбати аввал бо оби нӯшокӣ таъмин намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талабот ва ҳифзи саломатӣ; назорати давлатӣ ва танзими давлатии масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ; ҳисоботдиҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии масъули таъмини оби нӯшокӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки фаъолияти оид ба истифода ва ҳифзи обро назорат мекунанд, инчунин ба мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар доираи салоҳияти онҳо; таъмини бехатарӣ, боэътимодӣ ва идорашавандагии шабакаҳои таъмини оби нушокӣ бо назардошти хусусиятҳои технологии онҳо ва интихоби манбаи об мутобиқи стандарту меъёрҳои ягонае, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунанд; баҳисобгирӣ дар таъмини оби нӯшокӣ; музднок будани таъмини оби нӯшокӣ; дастгирии давлатии рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, истеҳсолу таъмини онҳо бо дастгоҳу маводи зарурӣ, аз ҷумла воситаҳои кимиёвӣ барои тоза ва безарар гардонидани оби нӯшокӣ.

Талабот ва эҳтиёҷи аҳолӣ ба оби нӯшокӣ вобаста ба шумораи аҳолии минтақа ё маҳал, аз мавҷудияти объектҳои обӣ, шабакаҳои обтаъминкунӣ аз рӯи меъёрҳои истеъмоли оби нушокӣ муайян карда мешавад. *Меъёрҳои истеъмоли оби нӯшокӣ* ин миқдори оби нӯшокӣ, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти физиологӣ ва маишии як одам дар давоми як шабонарӯз дар маҳалли мушаххас, объекти алоҳида ё воситаи нақлиёт ҳангоми мӯътадил кор кардани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, халалдор шудани кори мӯътадили онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулодда зарур мебошад, фаҳмида мешавад.

Кафолатҳои давлатии таъмин кардани аҳолӣ бо оби нӯшокиро қонунгузорӣ муқаррар намудааст, ки мазмуни он тибқи м. 15 Қонуни зикршуда аз таъмини ҳар як шахсро бо оби нӯшокии ба меъёрҳои муқарраршудаи сифат ва миқдор ҷавобгӯ иборат мебошад. Эҳтиёҷоти аҳолӣ ба оби нӯшокӣ дар маҳалли зист бо тадбиру чораҳои рушди афзалиятноки шабакаҳои мутамарказ ё ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокӣ, инчунин бо дастгирии давлатии обтаъминкунӣ қонеъ гардонида мешавад.

Кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (дар вокзалҳо, фурудгоҳҳо, боғҳои фароғатӣ, муассисаҳои варзишӣ ва табобатӣ, ҷойҳои оббозикунӣ (пляжҳо) ва дигар), инчунин ҳангоми ҳаракат дар воситаҳои нақлиёт аз тарафи моликони ин объектҳо таъмин карда мешавад.

Дар ҳолати халал ёфтани кори шабакаҳои мутамарказ ва ғайримутамаркази обтаъминкунӣ, ки боиси халалдор шудани меъёрҳои муқарраргардидаи таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ва (ё) номувофиқатии сифати об ба талаботи муқарраршудаи меъёрӣ мегардад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои обтаъминкунӣ дар доираи салоҳияти худ вазифадоранд, ки барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдори барои чунин ҳолатҳо муқарраргардидаи меъёри оби нӯшокӣ бо истифода аз манбаъҳо ва шабакаҳои

[1] АМО ҶТ. 2010.№12. Қ-1. М.829.

эҳтиётии таъмини оби нӯшокӣ, воситаҳои техникии маишӣ ва дастаҷамъии тозаю безараргардонӣ ё бо тариқи расонидани оби нӯшокӣ дар зарфҳо чораҳо андешанд.

Аз ин рӯ, идоракунии давлатии таъминкунӣ бо оби нӯшокӣ гуфта фаъолияти мақомоти давлатӣ (шахсони мансабдор) ва сохторҳои зернизоми онро меноманд, ки барои таъмини талабот ва эхтиёҷти аҳолӣ нигаронида шудааст.

Идоракунии давлатии таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ бояд фарогири талаботи меъёрӣ ба обро дар бар гирад, зери ин мафҳум бояд маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, нишондиҳандаҳои имконпазири кимиёвӣ, таркиби микробиологӣ ва хусусиятҳои органолептикии оби нӯшокӣ (мазза, ранг, бӯй, ҳарорат), ки тибқи усулҳои илмию тадқиқотӣ муқаррар ва бо қоидаҳои санитарӣ мураттаб шуда, барои саломатии инсон бехатар ва безарар будани онро кафолат медиҳанд, фаҳмида шавад.

Идоракунии давлатии таъмин кардани аҳолӣ бо оби нӯшокӣ, чуноне зикр шуд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон, низоми мақомоти ваколатдори соҳавӣ ва мақомоти маҳалии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ анҷом дода мешавад.

Ба доираи салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини оби нӯшокӣ тибқи моддаи 5 Қонун масъалаҳои зерин дохил мешаванд: муайян ва татбиқ намудани сиёсати ягонаи давлатӣ; қабули барномаҳои давлатии рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ; муайян кардани тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ; муайян намудани тартиби назорати давлатӣ; ҷудо кардани маблағ аз буҷет ва дигар манбаъҳо барои барқарор намудани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар маҳалҳое, ки бар асари ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд; муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини оби нушокӣ; ҳамкории байналмилалӣ оид ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ.

Ба ҷумлаи мақомоти давлатӣ оид ба идоракунии захираҳои об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо шоимил мешаванд: Вазорати энергетика ва захираҳои об; Вазорати кишоварзӣ; Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; Кумитаи ҳифзи муҳити зист; Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ; Саридораи геология; Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкорӣ; Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ; Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»; Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик».

Ба идоракунии давлатии зихираҳои об дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ дар соҳаи идоракунии захираҳои об фаъолият доранд. Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва Федератсияҳои АИО-ҳо дар Тоҷикистон иттиҳодияҳои ҷамъиятии махсусгардонидашуда мебошанд, ки ба нигоҳдорӣ ва идоракунии шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашу заҳбурҳои дохилихоҷагӣ ҳуқуқ доранд.

Вале мақоми соҳавии ваколатдори идоракунии захираҳои об дар Тоҷикистон Вазорати энергетика ва захираҳои об мебошад, ки ба доираи салоҳиятҳои он мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» аз 29 декабри соли 2010, № 670[1] масъалаҳои зерин дохил мешаванд: таҳия ва ташкили татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатӣ; амалигардонии сиёсати ягонаи давлатии илмию техникӣ ҷиҳати таъмин кардани истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифати истеъмоли об; ҳамоҳангсозии тадқиқотҳои илмӣ доир ба таъмини оби нӯшокӣ, истеҳсоли мавод барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва таъмини маблағгузории онҳо; ташкили меъёргузорӣ ва баҳисобгирии истеъмоли об; тасдиқ кардани барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ва нақшаҳои чорабиниҳо барои ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои обрасонӣ; муайян намудани чораҳои ҳифзи манбаъ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; ташкили санҷишҳои аудити технологию экологии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; ташкили таълим, бозомӯзии кормандон ва такмили ихтисоси онҳо; муайян намудани тартиби сертификатсияи меъёрҳои сифати оби нӯшокӣ; бо тартиби муқарраршуда ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардани лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; таҳия ва тасдиқи таърифҳои хизмати

[1] АМО ҶТ. 2010. №12. Қ-1. М.829.

обрасонӣ, меъёр ва қоидаҳои истифодабарии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдор.

Ба доираи салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ тибқи моддаи 7 Қонун масъалаҳои зерин дохил мешаванд: тасдиқи барномаҳои маҳаллии мақсаднок ва нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; андешидани чораҳо оид ба беҳтар намудани сифати оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи он, ҳифзи захираҳо ва манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавӣ; анҷоми корҳои ташкилӣ ҷиҳати таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои истеъмоли об.

Мақоми бевоситаи ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Тартиби назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ» аз 31 декабри соли 2011, №679 (банди 1) Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» муайян карда шудааст.

Мутобиқи банди 18 Оинномаи Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» бо Қарори Ҳукумат аз 31 июли соли 2001, №357 тасдиқ шудааст, яке аз предмети фаъолияти «Корхона» ин таъмини аҳолии шаҳру ноҳияҳо, шаҳраку деҳот ва чорогоҳҳо бо оби нӯшокӣ ва канализатсия, назорати сифат ва ҷараёни об маҳсуб мешавад[1].

Ба доираи салоҳияти Корхонаи воҳиди давлатии "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" тибқи банди 8 Тартиби назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ, ки бо Қарори Ҳукумат аз 31 декабри соли 2011, №679 тасдиқ шудааст, масъалаҳои зерин марбут дониста шудааст: иҷрои барномаҳои давлатӣ оид ба инкишофи шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи маблағҳо, ки барои ин мақсадҳо ҷудо мешаванд; истифодаи самаранок, меъёрҳо ва лимитҳои муқарраргардидаи истифодаи об аз ҷониби истеъмолкунандагон ва ҷамъбасти маълумот оид ба истифодаи оби нӯшокии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; таъмини ҳифз ва муҳофизати манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; ташаккул ва истифодаи оқилона ва муҳофизати шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; ташкили меъёргузорӣ ва баҳисобгирии истеъмоли об; пешбурди баҳисобгирии давлатӣ ва мониторинги ҳолати шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, назорати ҳолати техникии иншоотҳои таъмини оби нӯшокӣ; ташкили санҷишҳои аудитии технологию экологии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ.

Дар таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ нақш ва вазифаҳои асосии назорати давлатии дар ин самт басо муҳим мебошад.

Тибқи Тартиби назорати давлатии таъмини оби нӯшокии зикршуда аз 31 декабри соли 2011 назорати давлатӣ аз маҷмӯи чорабиниҳои зерин иборат мебошад: назорати ташкили таъмини оби нӯшокӣ, истифодабарӣ ва ҳифзи манбаҳо ва шабакаҳои он; назорати иҷрои талаботҳои экологӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва ба истифодадиҳии объектҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми муқарраргардидаи махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият дар минтақаҳои ҳифзи санитарӣ; назорати иҷрои қоида ва меъёрҳои санитарӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, боздоштан (консерватсия), барҳамдиҳӣ ва ба истифодадиҳии объектҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми муқарраргардидаи махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият дар минтақаҳои ҳифзи санитарӣ; назорати ҳолат, истифода ва ҳифзи манбаҳои зеризаминӣ ва рӯизаминии таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми муқарраргардидаи махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият дар минтақаҳои ҳифзи санитарӣ; назорати риояи қоидаю меъёрҳо, талаботи регламентҳои техникӣ ва стандартҳои давлатии муқарраршуда нисбати оби нӯшокӣ, инчунин тарзу усулҳои назорати истифодашавандаи таъмини оби нӯшокӣ; назорати риояи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва ба истифодадиҳии объектҳои таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми минтақаҳои

[1] http://www.adlia.tj

ҳудудӣ оид ба истифодаи функсионалии ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин ё воҳидҳои дигари маъмурию ҳудудӣ;

Ин амали Тартиби мазкур барои тамоми шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва шахсони воқеие, ки фаъолияти худро дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон медиҳанд, ҳатмӣ мебошад.

Ба объектҳои назорати давлатӣ манбаъҳои рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, низоми таъмини оби нӯшокӣ ва фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки ба ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва истифодабарии объектҳои таъмини оби нӯшокӣ машғуланд, дохил мешаванд.

*Вазифаҳои асосии назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ*, аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ аз риоя намудани меъёру қоидаҳои зерин иборат мебошад: қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини оби нӯшокӣ; талаботи ҳифзи манбаҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; меъёрҳои ташкили баҳисобгирии истеъмоли оби нӯшокӣ; меъёрҳои бехатарии пешбурди корҳо ҳангоми сохтмони объектҳои таъмини оби нӯшокӣ; низоми мунтазами интиқоли оби нӯшокӣ ба истеъмолкунандагон мутобиқи меъёрҳои муқарраргардидаи истеъмоли оби нӯшокӣ ва сифати он; кафолати ҳуқуқии таъмини истеъмолкунандагони оби нушокӣ мутобиқи андозаҳои муқарраргардидаи истеъмоли оби нӯшокӣ ва меъёрҳои сифати ин об; кафолати давлатии эътимоднокӣ ва бехатарии таъмини оби нӯшокӣ, инчунин меъёри ҷавобгарӣ барои ҳуқуқвайронкунӣ дар ин соҳа; ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва масъулияти мақомоти давлатӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ, инчунин шахсони воқеӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ.

Назорати давлатии таъмини оби нӯшокӣ ба воситаи низоми мақомоти зерини давлатӣ амалӣ карда мешавад: Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

*Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро дар самтҳои зерин амалӣ менамояд: мутобиқати сифати оби нӯшокӣ ба талаботи меъёрҳо бо риояи низоми муқарраргардидаи махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият дар минтақаҳои ҳифзи санитарӣ; риояи қоида ва меъёрҳои санитарӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва ба истифодадиҳии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани ифлосшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ.

Яке аз намудҳои назорати давлатӣ дар соҳаи об ин ба роҳ мондани *назорати санитарию эпидемиоологии аҳолӣ* мебошад, ки он дир заминаи талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ» аз 8 декабри соли 2003, №49[1] аз ҷониби Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ба роҳ монда мешавад.

Хадамот тибқи Низомнома, ки бо Қарори Хукумати ҶТ аз 3 апрели соли 2007 №186 тасдиқ карда шудааст, дар Нақшаи идоракунии Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошта, мақоми ҳокимияти иҷроияи махсуб мешавад ва барои татбиқи назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолии ҶТ масъул мебошад.

Тибқи банди 7 Низомнома Хадамот дар соҳаи фаъолияти муқарраргардида ваколатҳои зерин дорад: назорати давлатии санитарию эпидемиологиро вобаста ба иҷрои қонунгузориҳои санитарӣ анҷом медиҳад; мониторинги иҷтимоию гигиенӣ мегузаронад; дар рафъи эпидемияҳо, садамаҳо, офатҳои табиӣ ва фоҷиаҳои экологӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодда, ки барои ҳаёт ва саломатии инсон хатарнок мебошанд,

---
[1] АМО ҶТ. 2003. №12. М.677; 2008. №10. М.822; №12. Қ.2. М.1015.

иштирок менамояд; талаботро ба доруҳои тиббии иммунобиологӣ, тест-системаҳо, маводҳои дезинфексионӣ, маводи бактериологӣ ва химиявӣ, таҷҳизот барои ташхисгоҳҳо ва ғайраро барои Марказ муайян менамояд; пешбурд ва баҳисобгирии дафтарчаҳои тиббии шахсӣ, тасдиқи дониши ҳадди ақали санитарӣ, додани иҷозат барои ба кор шурӯъ намудан баъд аз гузаштани муоинаҳои пешакӣ ва мунтазами тиббии коргаронро амалӣ менамояд; қабул ва таҳлили ҳисоботи фаъолияти кории Марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологиро таъмин намуда, саҳеҳияти нишондиҳандаҳои омориро месанҷад; фаъолияти марбут ба истифодабарии барангезандаҳои бемориҳои сироятиро анҷом медиҳад; дар соҳаи истифодабарии манбаъҳои афканишоти ионофар ва ғайриионофар фаъолият менамояд; ташкил ва гузаронидани экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва дигар фаъолияти марбутаро амалӣ менамояд

Хадамот дар соҳаи фаъолияти муқарраргардида дорои ҳуқуқҳои зерин мебошад: вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои тиббӣ, сарфи назар аз шакли моликият, инчунии шахсони воқеӣ, ки ба фаъолияти тибби хусусӣ машғуланд, дархост намудани маълумоти оморӣ, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дигар маводи зарурӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ; манзур намудани пешниҳод дар хусуси бекор намудани қарорҳои роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки хилофи қонунгузорӣ мебошанд; санҷиши иҷрои созишномаҳои байнидавлатӣ ва байниҳукуматӣ, барномаю нақшаҳои ба тартиби муқаррагардида тасдиқшуда; гузаронидани мониторинги иҷрои барномаҳои тасдиқшуда; санҷиши фаъолияти муассисаҳо ва ташкилотҳои системаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ; гузаронидани аккредитатсия, аттестатсия ва санҷиши лабораторияҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки фаъолияти онҳо бо тадқиқоти санитарию гигиенӣ ва микробиологӣ алоқаманд аст; анҷом додани тафтиши назоратии иҷрои муқаррарот, стандартҳо, меъёрҳо ва маҳакҳо дар ҳама гуна муассисаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ новобаста аз вақти шабонарӯзӣ; муайян ва қатъ намудани далелҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти муқаррагардида, инчунин истифодаи чораҷӯиҳои маҳдудкунанда, огоҳкунанда ва пешгирикунанда, ки ба роҳ надодан ва (ё) рафъи оқибатҳои қонуншиканиҳо аз ҷониби шахсони-ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон ҷиҳати иҷрои талаботи ҳатмӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитрию эпидемиологии аҳолӣ нигаронида шудаанд; гузаронидани санҷиши фаъолияти муассисаҳо ва корхонаҳои минтақавии Хадамот ва ғайра.

Хадамоти вазифаҳои худро бевосита (раёсатҳои назорати давлатии санитарию гигиенӣ, эпидемиологӣ, сироятҳои ниҳоят хавфнок), инчунин ба воситаи марказҳои назорати давлатии санитарию эпидемиологии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо анҷом медиҳад.

Низоми хадамоти давлатии санитарию эпидемиологӣ инҳоро дар бар мегирад: мақомот ва муассисаҳои хадамоти давлатии санитарию эпидемиологии Вазорати тандурустӣ ва хифзи ичтимоии аҳалии ҶТ; воҳидҳои сохтории хадамоти давлатии санитарию эпидемиологӣ дар дигар вазорату идораҳо; ташкилотҳои илмию тадқиқотиеро, ки мутобиқи қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ фаъолиятро анҷом медиҳанд; дигар ташкилотҳои санитарию пешгирикунанда.

Ташкили фаъолияти системаи Хадамот аз ҷониби Сардухтури давлатии санитарии ҶТ - муовини Вазири тандурустиӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ, инчунин сардухтурони давлатии санитарии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, дар нақлиёт (нақлиёти обӣ, ҳавоӣ, роҳи оҳан), сардухтурони воҳидҳои сохтории дигар вазорату идораҳо, дигар ташкилотҳои санитарию пешгирикунанда, амалӣ гардонида мешавад.

Сардухтурони санитарии воҳидҳои сохтории дигар вазорату идораҳо, дигар ташкилотҳои санитарию пешгирикунанда вобаста ба уҳдадориҳои вазифавии хеш ба Сардухтури давлатии санитарии ҶТ тобеъ мебошанд. Сардухтурони давлатии санитарӣ

роҳбарони мақомот ва муассисаҳои дахлдори хадамоти санитарию эпидемиологии ҶТ мебошанд.

*Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро дар самтҳои зерин амалӣ менамояд: иҷрои талаботи экологӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ ва ба истифодадиҳии объектҳои таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми муқарраргардидаи махсуси хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият дар минтақаҳои ҳифзи санитарӣ; ҳолат, истифодабарӣ ва ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ бо партовҳои маишӣ; риояи меъёри муқарраргардидаи пармакунии чоҳҳои таъмини оби нӯшокӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

*Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро оид ба риояи меъёру қоидаҳои стандартонӣ, сертификатсияи ҳатмӣ ва метрологӣ нисбати оби нӯшокӣ ва регламенти техникӣ амалӣ менамояд.

*Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро оид ба риояи меъёр ва қоидаҳои сохтмони объектҳои таъмини оби нӯшокӣ бо риояи низоми минтақаҳои ҳудудӣ оид ба истифодаи функсионалии ҳудуди маҳалҳои аҳолинишин ё воҳидҳои дигари маъмурию ҳудудӣ амалӣ месозад.

*Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро оид ба гузаронидани корҳои иктишофию геологӣ дар обҳои зеризаминии манбаи таъмини оби нӯшокӣ амалӣ менамояд.

*Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро оид ба пешбурди бехатарии корҳо, иҷрои талаботҳои техникию технологӣ ҳангоми ҷойгиркунӣ, лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии пармакунии чоҳҳои таъмини оби нӯшокӣ ва дигар иншоотҳои зеризаминӣ барои гирифтани обҳои зеризаминӣ амалӣ менамояд.

*Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ* дар доираи салоҳияти худ назорати давлатиро дар самтҳои зерин амалӣ менамояд: барномаҳои маҳаллии мақсаднок ва нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ташкил, нигоҳадорӣ ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ; таъмин намудани сифати оби нӯшокӣ ва истифодаи оқилонаи он, ҳифзи захираҳо ва манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавӣ; истифодабарӣ ва ҳифзи манбаҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин ташкили корҳо оид ба таъмини шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ бо оби нӯшокӣ тибқи меъёрҳои истеъмоли оби нӯшокӣ; пешгӯии ҳолатҳои фавқулодда дар таъмини оби нӯшокӣ, мутобиқи меъёр бо оби нӯшокӣ таъмин намудани истеъмолкунандагон ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда; ташкил ва назорати таъмин намудани истеъмолкунандагон бо маълумоти саривақтӣ оид ба сифати оби нӯшокӣ ва номураттаб додани он.

*Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати ҶТ* вазифаҳои назорати давлатиро дар самти истифодабарии объектҳои обӣ дар доираи салоҳияташ амалӣ месозад.

Агентӣ тибқи Низомнома, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 27 феврали соли 2014, №125 тасдиқ шудааст, мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ буда, оид ба амалӣ намудани пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи беҳдошти замин ва заминҳои обёришаванда, истифода ва нигаҳдошти объектҳои хоҷагии об, таъминот, истифода ва ҳифзи об фаъолиятро анҷом медиҳад ва самтҳои фаъолияти назоратии он аз инҳо иборатанд: назорат ва пешгирӣ намудани сабабҳои бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо; назорат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти зерсохторҳои Агентӣ дар соҳаи идора ва нигоҳдории объектҳои хоҷагии об; назорати фаъолияти корхонаҳо оид ба беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо; назорат ва гузаронидани санҷиши интихобӣ дар иншооти сохташуда; назорати зарурии маблағҳои буҷетӣ, ҳаққи хизмати обрасонӣ ва истифодабарии об.

Агенти ин вазифаҳоро тавассути зерсохторҳои худ, аз ҷумла тавассути Муассисаи давлатии «Назорати ҳолати мелиоративии заминҳо ва истифодаи об» анҷом медиҳад.

# ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ АҲДҲОИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ

***Мирзоев А.М.,***
***дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, номзади илмҳои ҳуқуқ***

Қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи асосии рушди на танҳо соҳибкорӣ дар қаламрави кишвар, балки асоси инкишофи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ низ ба ҳисоб меравад. Фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ омили муҳими пешрафти ҳар як давлат мебошад. Ҳамин аст, ки дар замони истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба ин соҳа аҳамияти хоса зоҳир карда шуд. Дар ин радиф, бояд қайд кард, ки фаъолияти савдоии хориҷӣ дар заминаи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ба миён меояд, ки танзими ҳуқуқии дахлдори онҳо аз сатҳу сифати қонунгузорӣ вобастагӣ дорад.

Истилоҳи «аҳди иқтисодии хориҷӣ» хоси илми ҳуқуқи хусусии шӯравӣ буда, дар қонунгузорӣ ва адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ чунин истилоҳ истифода бурда намешавад. Дар замони шӯравӣ чунин аҳдҳо бо амалигардонии амалиёти содироту воридот, ки дар он баровардани мол, кор ва хизматрасониҳо берун аз марз ё ворид намудани онҳо ба кишвар ҷой дошт, алоқаманд карда мешуд.

Ҳарчанд истилоҳи «аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шавад ҳам, аммо мафҳуми он дода нашудааст. Бо вуҷуди ин фасли VII-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) меъёрҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки муносибатҳои шартномавии тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷиро ба танзим медоранд. Ҳангоми дар қонунгузории миллии кишварҳо оид ба ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ истифода бурдани мафҳуми «аҳд» (ҳам аҳди савдои хориҷӣ ва ҳам аҳди иқтисодии хориҷӣ) дар аксарияти мавридҳо шартнома, яъне аҳди дутарафа дар назар дошта мешавад ва маҳз шартномаҳое, ки дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ баста мешаванд, аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ мебошанд.

Яке аз масъалаҳои муҳими танзими аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ин танзимнамоии коллизионии чунин аҳдҳо ба шумор меравад. Меъёрҳои моддаҳои 1218-1224-и КГ ҶТ, ки ба уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бахшида шудаанд, тартиби муайян намудани ҳуқуқи татбиқшавандаро ба аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ муқаррар менамоянд.

Қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 1218-и КГ ҶТ) дар асоси созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда ба тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ иҷозат медиҳад, ки масъалаи мазкурро мустақилона ҳал намоянд, ки он дастуре барои мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда буда, далели ба созиш омадани тарафҳоро ҷиҳати истифодабарии низоми ҳуқуқии кишвари муайян баҳри танзими муносибатҳои худ ифода менамояд.

Аммо дар м. 1191-и КГ ҶТ ҳангоми муайян намудани номгӯи сарчашмаҳое, ки дар асоси онҳо ҳуқуқи ба муносибатҳои граждании-ҳуқуқӣ, дар маҷмуъ ва ба муносибатҳои шартномавии бо унсури хориҷӣ таркибёфта, махсусан татбиқшаванда муайян карда мешавад, дар қатори Кодекси гражданӣ, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намудааст ва анъанаҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф мекунад, созишномаи тарафҳоро низ номбар менамояд.

Аз мазмуни моддаи мазкур чунин бармеояд, ки қонунгузор дар асоси ин меъёр ба созишномаи тарафҳо сифати «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро додааст, ки аз мавқеи илми назарияи ҳуқуқ дуруст намебошад. Аз ин лиҳоз, азбаски созишномаи тарафҳо хусусиятҳои квалификатсиякунандаи категорияи «сарчашмаи ҳуқуқ»-ро надорад, пешниҳод карда мешавад, ки он аз меъёри моддаи мазкур хориҷ карда шавад.

Шакли созиши тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидааст: Созишномаи тарафҳо оид ба интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бояд пурра баён шуда бошад, ё аз шартҳои шартнома ва ҳолатҳои корӣ дар маҷмӯъ баррасишаванда мустақиман барояд (қ.2-и м. 1218-и КГ ҶТ).

Ҳамин тариқ, дар аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ онро мумкин аст бо мувофиқаи тарафҳо ҳамчун яке аз шартҳо дар шартнома ҷой дод ва ё пас аз бастани шартномаи дахлдор созишнома дар бораи интихоби ҳуқуқро ҳамчун созишномаи алоҳида ба расмият доровард (қ. 4-и м.1218-и КГ ҶТ), ки он тибқи талаботи қ. 5-и м.1218-и КГ ҶТ қувваи бозгашт дошта, аз лаҳзаи бастани шартнома эътибор пайдо мекунад. Дар ҳар ду ҳолат он дар муносибат бо шартномаи асосӣ мустақил буда, беэътибории шартномаи асосӣ боиси беэътибории қисми муқаррарнамудаи ҳуқуқи татбиқшаванда дар шартнома ва ё беэътибории созишномаи иловагӣ вобаста ба масъалаи мазкур намегардад.

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки созишнома дар бораи ҳуқуқи татбиқшаванда ба мисли созишномаи арбитражӣ гарчанде дар шакли созишномаи алоҳида ба расмият доровардa шавад ҳам, ҳамчун шартномаи мустақили гражданӣ-ҳуқуқӣ эътироф карда намешавад.

Зеро мусаллам аст, ки шартнома дар ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамеша хусусияти молумулкӣ дошта, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии молумулкии тарафҳоро муқаррар менамояд, аммо созишномае, ки дар асоси он ҳуқуқи ин ё он кишвар баҳри танзими муносибатҳои шартномавӣ (созишнома оид ба ҳуқуқи татбиқшаванда) ва ё созишномае, ки дар асоси он мақоми баррасикунандаи баҳс (созишномаи арбитражӣ (ҳакамӣ)) интихоб карда мешавад, наметавонанд хусусияти молумулкӣ дошта бошанд. Аз ин хотир, чунин созишномаҳоро наметавон ҳамчун бавуҷудорандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии гражданӣ ҳисобид.

Қонунгузории гражданиии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои императивии танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқиро новобаста аз ҳуқуқи интихобгардида ё муқарраргардида дар ду шакл дар бар мегирад:

1) Татбиқи меъёрҳои императивии кишвари суд (lex fori);

2) Татбиқи меъёрҳои императивии низоми ҳуқуқие, ки бо муносибатҳои ҳуқуқӣ робитаи нисбатан зич дорад (м. 1198-и КГ ҶТ). Хусусияти меъёрҳои императивии мазкур дар он мебошанд, ки онҳо дар тамоми низомҳои ҳуқуқии миллӣ аз ҳуқуқи татбиқшавандаи интихобгардида афзалият доранд. Қонунгузории гражданӣ меъёри императивиро оид ба шакли хаттии аҳди иқтисодии хориҷие, ки яке аз иштирокчиёнаш шахси ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё шаҳрванди (соҳибкори инфиродии – А.М.) Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад (қ.2-и м. 1210-и КГ ҶТ) дарҷ намудааст, ки риоя накардани он ба беэътибории аҳди иқтисодии хориҷӣ оварда мерасонад (қ.3-и м. 187-и КГ ҶТ).

Масъалаи дигари танзими коллизионии аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ин муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми мавҷуд набудани созиши тарафҳо мебошад. Моддаи 1191-и КГ ҶТ меъёреро мустаҳкам менамояд, ки дар асоси он ҳуқуқи ба муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ татбиқшаванда муайян карда мешавад, аммо ба ҳолатҳое низ дучор шудан мумкин аст, ки ҳатто дар асоси қисми мазкури ин модда ҳуқуқи татбиқшавандаро муайян кардан ғайриимкон мегардад.

Дар ин маврид тибқи қ. 2-и м. 1191-и КГ ҶТ ҳуқуқи нисбатан бо муносибатҳои гражданию ҳуқуқии вобастаи бо ҷузъиёти хориҷӣ мураккабгардида татбиқ карда мешавад. Меъёри мазкур хусусияти умумӣ дорад, зеро нисбати тамоми муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ мураккабгардида татбиқ карда мешавад. Нисбати муносибатҳои шартномавӣ бо унсури хориҷӣ КГ ҶТ инчунин меъёри махсусеро дар худ мустаҳкам намудааст, ки тибқи он ҳуқуқи ба уҳдадориҳои шартномавӣ дар мавриди мавҷуд набудани интихоби тарафҳо воҷиби татбиқ муқаррар карда шудааст.

Қисми 1-и м. 1219-и КГ ҶТ принсипҳои диспозитивии муайяннамоии ҳуқуқи татбиқшавандаро барои 19 намгӯи аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ муқаррар намудааст. Ҳуқуқи татбиқшаванда тибқи моддаи мазкур ҳуқуқи кишваре, ки дар он яке аз тарафҳо таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ ё макони асосии фаъолият дорад, эътироф карда меша-

вад. Масалан, дар шартномаи хариду фурӯш (-и байналмилалӣ - А.М.) – ҳуқуқи кишвари фурӯшанда, дар шартномаи боркашонӣ (-и байналмилалӣ - А.М.) – ҳуқуқи кишвари боркашон ва ғ. ҳамчун ҳуқуқи татбиқшаванда муайян гардидаанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ принсипи робитаи нисбатан зич мавҷуд аст, ки мувофиқи он ҳангоми мавҷуд набудани интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда бо меъёрҳои коллизионӣ ба ҳайси ҳуқуқи воҷиби татбиқ ҳуқуқе дониста мешавад, ки ба муносибатҳои дахлдор нисбатан зич алоқаманд аст. Ҳуқуқи нисбатан алоқаи зичдошта дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва инчунин дар қонунгузории аксари кишварҳои ҷаҳон ҳуқуқи тарафе эътироф карда мешавад, ки барои нигаҳдории шартнома иҷрои хусусиятнокро амалӣ мегардонад.

Қисми 2-и м. 1219-и КГ ҶТ меъёреро дар бар гирифтааст, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқ ба шартнома ҳуқуқи кишваре, ки бо он шартнома нисбатан зичтар алоқа дорад, татбиқ карда мешавад ва инчунин муқаррар карда мешавад, ки шартнома бо ҳуқуқи кишваре нисбатан зичтар алоқаманд ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо истиқоматгоҳ ё маҳали фаъолияти асосии тарафест, ки шартномаро иҷро мекунад ва барои нигоҳдории шартнома аҳамияти ҳалкунанда дорад, агар аз қонун ё шарти шартнома тартиби дигаре барнаояд.

Чуноне ки дида мешавад, қонунгузор дар қисми мазкури м. 1219-и КГ ҶТ ба таври нофаҳмо ҳуқуқи воҷиби татбиқро ба муносибатҳои шартномавӣ муқаррар намудааст, ки ин ба мантиқи ҳуқуқӣ мувофиқат наменамояд. Бинобар ин мувофиқи мақсад мебуд агар меъёри мазкур ба қ. 1-и м. 1219-и КГ ҶТ гузаронида мешуд, ки ин ба фаҳмиши беҳтари мазмуни он мусоидат мекард.

Мувофиқи қ. 3-и м. 1219-и КГ ҶТ ба ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба шартнома, ки предмети он амволи ғайриманқул мебошад ва ҳамчунин ба шартнома оид ба идораи ба бовари асосёфтаи амвол ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки амвол дар он воқеъ гардидааст, аммо нисбати амволе, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи давлати ворид карда шудааст - ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Меъёри мазкур меъёри императивӣ буда, татбиқи ҳуқуқи кишвари дахлдорро новобаста аз ҳуқуқи аз ҷониби тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ интихобгардида дар ҳолатҳои зайл пешбинӣ менамояд:

1) Ҳангоми бастани шартномае, ки предмети он амволи ғайриманқул мебошад ва ҳамчунин шартнома оид ба идораи ба бовари асосёфтаи амвол;

2) Ҳангоми бастани шартномаҳое, ки предметашон амволе мебошад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Феҳристи давлати ворид карда шудааст.

Ба андешаи мо дарҷ намудани меъёри мазкур дар м. 1219-и КГ ҶТ баҳснок мебошад, зеро дар моддаи мазкур асосан қоидаҳои диспозитивии муайяннамоии ҳуқуқи ба шартнома татбиқшаванда мустаҳкам гардидааст, аз ин лиҳоз пешниҳод менамоем, ки меъёри мазкур аз моддаи мазкур хориҷ карда шуда, дар моддаи алоҳида бо номи «Ҳуқуқи татбиқшаванда ба шартномаҳои предметашон амволи ғайриманқул» мустаҳкам карда шавад.

Маълум аст, ки номгӯи шартномаҳои дар қисми 1-и моддаи мазкур овардашуда хусусияти намунавӣ доранд, зеро тарафҳо метавонанд дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ намудҳои гуногуни шартномаҳоеро банданд, ки дар м. 1219-и КГ ҶТ тартиби интихоби ҳуқуқ нисбат ба онҳо мустаҳкам нагардида бошад, вале бо вуҷуди ин зарурати муқаррар намудани ҳуқуқи татбиқшаванда ҳангоми мавҷуд набудани созиши тарафҳо ба миён меояд.

Аз ин лиҳоз, дар қ. 5-и м. 1219-и КГ ҶТ қоидае мустаҳкам карда шудааст, ки мувофиқи он ба шартномаҳое, ки дар қисмҳои 1-3 ҳамин модда номбар нашудаанд, ҳангоми набудани созиши тарафҳо оид ба татбиқи ҳуқуқ, ҳуқуқи кишвари тарафе татбиқ карда мешавад, ки таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ дорад ва ҷойи асосии фаъолияти он мебошад ва иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунандаро барои ҳамин гуна шартнома анҷом медиҳад. Мувофиқан, принсипи асосии муайяннамоии ҳуқуқи татбиқшаванда дар мавриди мавҷуд набудани интихоби он принсипи робитаи нисбатан зич мебошад, зеро фақат ҳуқуқи тарафи амаликунандаи иҷрои хусусиятноки барои нигаҳдории шартнома аҳами-

ятдошта метавонад ба шартномаи дахлдор нисбатан зичтар алоқаманд бошад.

Вале қ. 5-и м. 1219-и КГ ҶТ инчунин қоидаи дигареро дар бар мегирад, ки тибқи он ҳангоми ғайриимкон будани муайянкунии иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда барои нигоҳ доштани шартнома ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки бо он шартнома нисбатан зичтар вобаста аст. Дар робита бо ин бояд гуфт, ки агар иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда барои нигаҳдории шартнома робитаи нисбатан зичи ҳуқуқи тарафи дахлдорро нишон диҳад, пас дар сархати мазкур ҳуқуқи аз он ҳам робитаи нисбатан зичтар дошта кадом аст?

Фикр мекунем, ки дар ҳолати мазкур қонунгузор ҳангоми муқаррарнамоии ҳуқуқи татбиқшаванда дар мавриди мавҷуд набудани созиши тарафҳо мушкилиро афзуда, такроран «ҳуқуқи робитаи нисбатан зичдошта»-ро номбар менамояд, ки ба таври дахлдор мушкилоти зикршударо ҳал карда наметавонад. Бинобар зиёдатӣ буданаш дар моддаи мазкур пешниҳод менамоем то аз он хориҷ карда шавад.

Хотирнишон менамоем, ки категорияи «иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда дошта» барои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нав намебошад. Аввалин маротиба он дар қ. 5-и м. 166-и Асосҳои қонунгузории соли 1991, ки ҳуқуқи татбиқшавандаро ба шартномаҳои дар қ. 1-4-и моддаи мазкур муайян менамуд, мустаҳкам карда шуда буд.

Категорияи мазкур дар қонунгузории миллии кишварҳо бо тарзҳои гуногун омадааст: «иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда барои нигоҳдории шартнома» (Ҷумҳурии Тоҷикистон), «иҷрои муайянкунандаи моҳияти уҳдадорӣ» (Швейтсария), иҷрои барои шартнома хусусиятнок (Руминия), вале мафҳуми он кушода нашудааст.

Пас суоле ба миён меояд, ки кадом иҷрокунӣ барои нигоҳдории шартнома аҳамияти ҳалкунандаро дорад? Баҳри посух ба саволи мазкур меъёри қ. 1-и м. 1219-и КГ ҶТ-ро таҳлил менамоем, ки он ба ҳайси ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи кишвари фурӯшандаро муқаррар намудааст, зеро дар шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол маҳз фурӯшанда амалеро иҷро менамояд, ки аҳамияти ҳалкунанда дорад. Чунин амал ин пешниҳод намудани ашё ба ҳуқуқи моликиятии тарафи дигар мебошад, вале мумкин аст суоли дигар низ ба миён ояд, ки чаро маҳз пешниҳод намудани ашё ҳамчун ҳаракати дорои аҳамияти ҳалкунанда эътироф карда мешавад, на пардохт намудани маблағ? Посух бояд чунин бошад, ки бо пешниҳод намудани ашё ҳуқуқ ба ашё низ мегузарад, яъне ҳуқуқ думболагири ашё аст ва дигар ин ки муносибати тарафҳо дар шартномаи мазкур маҳз нисбат ба ашё ба вуҷуд омадааст. Аз ин рӯ, пешниҳод намудани ашё ҳамчун иҷрои дорои аҳамияти ҳалкунанда баҳри нигаҳдории шартнома дониста мешавад.

Дар асоси таҳлили анҷомдодашуда пешниҳод менамоем, ки м. 1219-и КГ ҶТ дар таҳрири зайл қабул карда шавад:

«Моддаи 1219. Ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо бо шартнома татбиқ карда мешавад.

1. Ҳангоми набудани созиши тарафҳои шартнома дар хусуси татбиқи ҳуқуқ ба ҳамин гуна шартнома ҳуқуқи кишваре, ки бо он шартнома алоқаи нисбатан зич дорад, татбиқ карда мешавад. Шартнома бо ҳуқуқи кишваре алоқаи нисбатан зичдошта ҳисобида мешавад, ки дар он ҷо тарафи амалаш барои нигаҳдории шартнома аҳамияти ҳалкунандадошта таъсис ёфтааст, истиқоматгоҳ ё макони асосии фаъолият дорад, агар аз қонун ё шартҳои шартнома чизи дигаре барнаояд.

2. Тарафе, ки иҷрои барои нигаҳдории шартнома аҳамияти ҳалкунанда доштаро амалӣ мегардонад, агар аз қонун ё шартҳои шартнома чизи дигаре барнаояд, (минбаъд мувофиқи матни қ.1-и м. 1219-и КГ ҶТ шурӯъ аз банди «а» то банди «т» дохил мешавад).

3. Сарфи назар аз қоидаҳои қ. 2-и ҳамин модда, ҳангоми набудани созиши тарафҳои шартнома оид ба татбиқи ҳуқуқ татбиқ карда мешаванд: (минбаъд – тибқи матни қ. 4-и м.1219 КГ ҶТ аз банди «а» то банди «в» дохил мешавад).

4. Ба шартномаҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3-и моддаи мазкур номбар нагардидаанд, ҳангоми мавҷуд набудани ҳуқуқи татбиқшаванда ҳуқуқи кишваре татбиқ карда мешавад, ки шартнома бо он нисбатан робитаи зич дорад.

5. Нисбат ба қабули ичрои шартнома ҳуқуқи ҷойи гузаронидани ҳамин гуна қабул ба эътибор гирифта мешавад, агар тарафҳо тартиби дигарро мувофиқа накарда бошанд. (минбаъд – тибқи матни қ. 7-и м. 1219-и КГ ҶТ)».

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки бо муайян гардидани ҳуқуқи татбиқшаванда ҳамчунин соҳаи амали он низ бояд муайян карда шавад. Яъне соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда бояд ба саволе ҷавоб диҳад, ки ҳуқуқи интихобгардида ё муқарраршуда кадом масъалаҳои марбут ба муносибатҳои шартномавии тарафҳоро дар бар мегирад.

Соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба маҷмӯи масоили гуногун паҳн карда мешавад: муайян намудани муҳлат ва ҷои иҷро гардидани уҳдадорӣ; имконияти қисм-қисм иҷро намудани уҳдадорӣ; танзими иҷрои уҳдадориҳое, ки дар онҳо якчанд кредиторон ва ё қарздорон ширкат меварзанд; дигар масъалаҳое, ки ба қисми умумии ҳуқуқи уҳдадорӣ ва ё ба танзими ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳо тибқи шартномаи мушаххас дахл доранд.

Ворид намудани оқибати иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартнома ба ҳуқуқи татбиқшаванда тамоми маҷмӯи масъалаҳои ҷавобгарӣ (асосҳои ҷавобгарӣ, ҳолатҳои озод кардан аз ҷавобгарӣ, таносуби зарар ва ҷарима ва ғ.)-ро дар бар мегирад.

Дар м. 1222-и КГ ҶТ номгӯи масоиле, ки бо соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда фаро гирифта мешаванд, нишон дода шудаанд, ки он нисбати моддаҳои мушаххаси қисми сеюми КГ ҶТ муқаррар карда шудааст. Чунончи, интихоби ҳуқуқ аз ҷониби тарафҳои шартнома дар асоси мухторияти ирода (м. 1218), ҳуқуқе, ки ҳангоми набудани созиши тарафҳо бо шартнома татбиқ карда мешавад (м. 1219), ҳуқуқе, ки ба шартнома дар бораи таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо иштироки хориҷиён татбиқ карда мешавад (м. 1220), ҳуқуқе, ки барои гузашткунии талабот ва гузаронидани қарз татбиқ карда мешавад (м. 1221).

Соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ҳамчунин бо назардошти таҳлили меъёрҳои дигари КГ ҶТ васеъ мегардад. Дар ҳолатҳое, ки муносибатҳои дахлдор аз шартнома бармеоянд, ҳуқуқи татбиқшаванда ба мӯҳлати даъво (м. 1212), асосҳои ситонидан, шартҳо ва тартиби маблағгузаронӣ ва ҳамчунин андозаи фоизҳо оид ба уҳдадориҳои пулӣ (м. 1224) паҳн мегардад.

Вобаста ба соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамчунин бояд қайд кард, ки новобаста аз он, ки номгӯи намунавии масоилеро, ки ба он паҳн мегардад, дар бар мегирад, он бе ҳадду ҳудуд намебошад. Хусусан, соҳаи амали ҳуқуқи татбиқшаванда ба қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии тарафҳои аҳдҳои иқтисодии хориҷӣ, ки он бо статути шахсӣ муайян карда мешавад ва инчунин ба масоили бо статути ҳуқуқи ашёӣ ё шаклҳои вобастанамоии дахлдор муайяншаванда паҳн намегардад.

# БАЪЗЕ МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ ВА ПЕШБУРДИ ИСТЕҲСОЛОТ ОИД БА ПАРВАНДАҲОИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРӢ

***Кодиров Ҷ. Ш.,***
***муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Қабули Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 ва Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 дар ташаккули қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нақши хеле муҳим дошта, ҷиҳати татбиқи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи марҳила ба марҳила амалигардонии Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ натиҷаи назаррас доранд. Санадҳои зикргардида дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, тадриҷан нақши худро дар ҷараёни рушду инкишофи низоми ҳуқуқии мамлакат, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти қонун ва таҳкими ҳокимияти судӣ гузошта истодаанд.

Солҳои охир раванди зиёдшавии шумораи умумии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби субектони гуногун мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро нигарон сохтааст. Зиёдшавии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба зиёдшавии истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боис гардида, оид ба раванди пешгирӣ ва паст кардани сатҳи содиршавии ин намуди ҳуқуқвайронкуниҳо андешидани чораҳои ташкилӣ - ҳуқуқиро тақозо менамояд. Яке аз масъалаҳои дигаре, ки ин равандро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкил менамояд набудани судҳои касбии маъмурӣ мебошад. Гарчанде ҳанӯз масъалаи дар таркиби судҳои умумӣ (судҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо) таъсиси мансаби судияҳои маъмурӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010[1], масъалагузорӣ шуда бошад ҳам, аммо ин раванд дар сохтори судӣ ҳанӯз амалӣ карда нашудааст. Набудани судҳои касбии маъмурӣ албатта ба сатҳу сифат дар асоси қонун ва дар доираи талаботҳои мурофиавӣ барраси кардани парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бе таъсир буда наметавонад. Оид ба ташкили судҳои касбии маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мутахассисон назарҳои мухталиф баён шуда, баъзе аз мутахассисон ташкили судҳои маъмуриро дар шароити имрӯза барои Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мекунанд. Масалан, профессор С. И. Иброҳимов қайд менамояд, ки тартиби маъмурии баррасии парвандаҳои маъмурӣ аз тарафи мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор баррасии фаврии парвандаҳоро таъмин намуда дар ҷояш истифода намудани чораи маҷбуркунии давлатиро пешбинӣ менамояд, ки дар бисёр ҳолатҳо хеле самаранок бошад ҳам, аммо тартиби маъмурии баррасӣ кафолати эмин будан аз ҳимояи манфиати идоравӣ, дахолати мақомотҳои болоӣ ё бюрократизмро таъмин карда наметавонад. Баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тамоми қоидаҳои қонуни мурофиавӣ муайяннамуда сурат гирифта, риояи принсипҳои танҳо ба қонун итоат кардани судя, дахолатнопазирӣ, яъне мустақил будани судҳо, кафолати муҳими қабул намудани қарори объективӣ оид ба парванда мебошад. Ба ғайр аз ин, ваколатдорӣ ва салоҳиятнокии судя, касбияти баланди судяҳо дар соҳаи ҳуқуқ барои қабули қарори воқеан ҳам қонунӣ ва асосонок сабаб мегардад.[2]

Маҳз аҳамияти омилҳои номбурдаи баррасии судии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба назар гирифта, қонунгузор дар моддаи 93 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасии зиёда аз 100 намуди таркибҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба салоҳияти судҳо вогузор кардааст. Инчунин дар ҳамин модда муқаррар шудааст, ки суд ба ғайр аз парвандаҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинишуда новобаста аз тобеият парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро, ки ҷазои маъмурӣ дар

---

[1] Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Ҷумҳурият» 27.04.2010 сол.

[2] ИброҳимовС. И. Адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. «Ирфон» 2011. с- 204.

намуди ҷарима ба андозаи аз сесад нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд аст (ба истиснои парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи андоз ва қонунгузории зидди-инҳисорӣ),маҳрум кардан аз иҷозатномаи машғул шудан ба намуди муайяни фаъолият, маҳрум кардани шахсони воқеӣ аз ҳуқуқи махсус, бо подош гирифтани ашё ва ё мусо-дираи ашё, ки олоти содир кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё объекти бевоситаи он мебошад, бо роҳи маъмурӣ аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун кардани шаҳрванди хориҷӣ ва шахси бешаҳрванд, инчунин ҳабси маъмурӣ пешбинӣ шудааст, баррасӣ менамояд.

Омӯзиши қисми зиёди моддаҳое, ки баррасии парвандаи онҳо ба салоҳияти судяҳо дохил мешавад нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо дар санксияашон татбиқи ҷазоро дар намуди ҷарима муқаррар кардаанд ва андозаи ин ҷаримаҳо аз ду нишондиҳанда барои ҳисиобҳо оғоз шуда, то ба ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо мерасанд.[1]

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳлилҳо ва омӯзиши таҷрибаи судии истеҳсоло-ти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ аз ҷониби судяҳои судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ як қатор камбудӣ ва вайронкуниҳои талаботи қонун-гузории мурофиавиро ошкор намуд. Хусусан аз ҷониби судяҳои судҳои шаҳрӣ ва ноҳи-явӣ гузаронидани муҳлати истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ба инобат нагирифтани ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазои маъмурӣ, бар-расии парвандаҳо дар мурофиаи судӣ бе иштироки тарафҳо, аз ҷумла хуқуқвайронку-нанда, бе оғоз намудани парвандаи ҳуқуқвайронкунӣ аз ҷониби судҳо баррасӣ гардида-ни парвандаҳо ва дигар камбудиҳои ҷиддие, ки истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронку-нии маъмуриро номумкин мегардонанд ба назар мерасад. Инчунин ҳангоми баррасии парвандаҳои маъмурӣ судяҳо талаботи меъёрҳои мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона мавриди санҷишу баррасии судӣ қарор надода, ба ҳолатҳои кор баҳои дурусти хуқуқӣ надода, бармаҳал қарорҳо қабул наму-даанд, ки ин ҳолатҳо мувофиқи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос барои тағйир додани қарорҳои судӣ мегарданд.

Мувофиқи қонунгузорӣ вазифаҳои истеҳсолот оид ба парвандаҳои хуқуқвайрон-кунии маъмурӣ аз саривакт, ҳаматарафа, пурра ва воқеъбинона муайян кардани ҳолати ҳар як парванда, ҳаллу фасли он мутобиқи қонунгузорӣ, таъмини иҷрои қарори қабулшуда, инчунин муайян намудани сабабу ҳолатҳое, ки ба содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мусоидат менамоянд, пешгирӣ кардани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дар рӯҳияи риояи қонунҳо тарбия намудани шаҳрвандон ва таҳкими қонуният иборат мебошад.[2]

Мутобиқи моддаи 78 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахси ман-сабдори ваколатдор тибқи талаботи Кодекси мазкур протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода мешавад. Дар протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ сана ва маҳалли тартиб додани он, вазифа, насаб, ном ва номи падари шахсе, ки протоколро тартиб додааст, маълумот дар бораи шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кар-дааст, маҳал, вақти содиршавӣ, ҳодиса ва моҳияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгариро барои ин ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ менамояд, насаб, ном ва номи падар, суроғаи шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд), баёноти шахсони воқеӣ, мансабдор, ё намо-яндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, хоҳиши онҳо дар бораи иштироки ҳимоятгар ё бе иштироки ӯ (оид ба парвандаҳое, ки иштироки ҳимоятгар дар онҳо ҳатмӣ нест) ва дигар маълумоти барои ҳалли парванда зарур сабт карда мешаванд. Ҳангоми тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин

---

[1] Қодиров Ҷ. Ш. Баррасии парвандаҳо оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ. Маводҳои конфронси илмӣ назариявӣ бахшида ба 20- солагиистиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе2011. с. 80-87.

[2] Ойев Х. Ҳуқуқи мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ.- Душанбе, 2013. с. 300.

ба ҳимоятгар ва дигар иштирокчиёни баррасии парванда ҳуқуқу уҳдадориҳои тибқи Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинигардида фаҳмонида шуда, он дар протокол сабт карда мешавад. Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, бояд имконияти шиносшавӣ бо протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва маводи ба он замимагардида дода шавад. Шахсони зикргардида ҳуқуқ доранд бо иштироки ҳимоятгар баёнот дода, доир ба мазмуни протокол мулоҳизаҳои худро изҳор намоянд, ки онҳо ба протокол замима карда мешаванд.

Ба протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ шахси мансабдор, ки онро тартиб додааст, инчунин шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, ҳимоятгар, шоҳидон ва ҷабрдидаҳо (агар бошанд) имзо мегузоранд. Агар чунин шахсон аз имзо кардани протокол саркашӣ намоянд, доир ба ин ҳолат дар протокол аз ҷониби шахси мансабдор, ки протоколро барои шиносшавӣ пешниҳод намудааст сабти дахлдор ворид карда мешавад.Ба шахсони воқеӣ, мансабдор ё намояндаи шахси ҳуқуқӣ, ки нисбати онҳо парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз карда шудааст, инчунин ба ҷабрдида тибқи дастхат нусхаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ супорида мешавад.

Таҳлил ва омӯзишҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, аз ҷумла тартиби омодасозии протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, баёни мазмуну муҳтавои протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мақсаду вазифаҳои истеҳсолот оид ба парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, чораҳои таъминкунандаи истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдоре, ки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ менамоянд ба таври бояду шояд риоя намегарданд, ки ин ҳолатҳо боиси дағалона вайрон гардидани муқаррароти қонун ва ҳамзамон халалдор гаштани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мегарданд.

Яке аз масъалаҳои муҳим ва ҷиддии дигаре, ки дар баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ хусусан татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ба назар мерасад, аз ҷониби мақомоти дахлдор ва шахсони мансабдор гузаронидани муҳлати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани ҳуқуқвайронкунанда, риоя накардани муҳлати тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, риоя накардани муҳлати ба мақомоти дахлдори баррасикунандаи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ равон кардани маводҳои ба парванда дахлдор, риоя накардани муҳлати баррасии парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар муҳлатҳои мурофиавӣ мебошанд, ки ба вайроншавии ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни истеҳсолоти парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ асос шуда метавонанд.

Бояд қайд намуд, ки мақсади татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ин пеш аз ҳама пешгири кардани ҳуқуқвйронкунии маъмурӣ ва дар рӯҳияи роияи қонун тарбия намудани ҳуқуқвайронкунанда ва шахсони дигар мебошад. Бо мақсади баланд бардоштани нақши тарбиявӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мумкин аст бевосита дар ҷойи кор, таҳсил ё истиқомати ҳуқуқвайронкунанда баррасӣ карда шаванд. Ба андешаи мо беҳтар мебуд, ки ҷиҳати баланд бардоштани нақши тарбиявӣ ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ баррасии парвандаҳои маъмурӣ бештар дар мурофиаҳои сайёри судӣ, дар ҷои кор, таҳсил ё истиқомати ҳуқуқвайронкунандагон, ки гузаронидани он ягон мушкилӣ надорад, ба роҳ монда шаванд. Аммо мутаассифона дар амалияи фаъолияти мақомоти баррасикунандаи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ чунин ҳолатҳо хеле кам ба назар мерасанд.

Бо қабули Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қадами дигаре дар роҳи таъмини адолати судӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, таъмини манфиатҳои ҷомеа ва давлат гузошта шуд. Кодекси мазкур баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори он ва баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии

маъмуриро аз ҷониби мақомоти судӣ муқаррар намудааст. Дар моддаи 90 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, ки суд, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор) парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро баррасӣ менамоянд, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мазкур таҳти тобеияти онҳо қарор доранд.[1]

Масъалаи тартиби барасмиятдарорӣ ва пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таъмини баррасии саривақтӣ ва дурусти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби суд ва мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахсони мансабдор), риояи меъёрҳои мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва шахсони дигар, муқаррар кардани тартиби иҷрои қарорҳо оид ба татбиқи ҷазои маъмурӣ ва санадҳо оид ба татбиқи чораҳои таъминкунандаи пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ яке аз вазифаҳои муҳим ва асосии мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори татбиққунандаи ҷавобгарии маъмурӣ мебошад.

Ҳалли масъалаҳои зикршуда ва дигар масъалаҳое ки дар раванди баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва татбиқи ҷавобгарии маъмурӣ ба миён меоянд амали намудани назорати ҷиддӣ ва саривақтиро аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдор тақозо менамояд.

---

[1] Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №7, мод. 502.

# ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИИ ШАХСОНИ БА МАҚОМОТИ АМАЛИКУНАНДАИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ МУСОИДАТКУНАНДА

***Давлатов Д.Д.,***
***ассистенти кафедраи криминалистика***
***ва фаъолияти экспертизаи судии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

***Қодиров Д.С.,***
***аспиранти кафедраи криминалистикаи***
***Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва***
***ба номи О.Е. Кутафин***

Таҳлили назариявии масъалаи мусоидати шаҳрвандон ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ошкор намудани ҷиноятҳо ва фош намудани шахсияти ҷинояткор бе ҳамкорӣ ва мусоидати шаҳрвандон бо мақомоти мазкур дар баъзе мавридҳо ғайриимкон аст. Мутаассифона, амалияи тафтишии имрӯза, аз ҷумла мусоидати шаҳрвандон ба кормандони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ яке аз масъалаҳои норавшан боқӣ мемонад. Тазаккур бояд дод, ки ҳамкории мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо шаҳрвандон яке аз масъалаҳои марказии фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб рафта, дар ошкор кардани ҷиноятхои латентӣ нақши ҳалкунандаро мебозад.

Мувофики моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (минбаъд Қонуни ФОҶ) шахсони алоҳида бо розигии худи онҳо барои тайёр намудан ё гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ метавонанд барои мусоидат кардан ҷалб карда шаванд.

Дар баробар ин, Қонуни ФОҶ дар моддаи 15 ба кормандони фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳуқуқ додааст, ки муносибатҳои ҳамкории ройгон ё пулакиро бо шахсоне, ки хоҳиши ба таври махфӣ, ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидат карданро изҳор намудаанд, ба роҳ монанд.

Дар асоси гуфтаҳои дар боло нишондодашуда муайян карда шудааст, ки қонунгузории ФОҶ ду истилоҳ, яъне «ҳамкорӣ» ва «мусоидат» -ро истифода кардааст, ки вобаста ба хусусиятҳои худ ва истифодаи онҳо аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз якдигар фарк мекунанд. Ба ҳамин хотир, метавон дар кадом ҳолат истифода шудани мафҳумҳои нишондодашудаи конунгузории ФОҶ-ро таҳлил намуд.

Масъалаи мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ то қадри имкон ҳал карда шудаанд. Олими тоҷик Раҳимзода Р.Ҳ. вобаста ба ин масъала кайд менамояд, ки ҷалб намудан барои мусоидат тибқи Қонуни ФОҶ маънои қабул намудани кӯмаки муайян аз шахси мушаххас дар ҳалли вазифаҳои мубориза бар зидди ҷинояткориро дорад. Ҷалб намудан барои ҳамкорӣ бошад, маънои ба фаъолияти якҷоя машғул шуданро дорад, ки барои чунин амал шахси мусоидаткунанда чун қоида мукофот мегирад.[1]. Чунин ақидаи монанд аз ҷониби олимон Федоров А.В. ва Шахматов А.В. пешниҳод карда шудааст.[2]

Ақидаҳои дар боло номбаршударо дастгирӣ карда, қайд кардан ҷоиз аст, ки мусоидати шаҳрвандон ҳангоми амалӣ кардани ФОҶ ҳамчун қоида кӯмак ва дастгирӣ дар назар дошта мешавад. Ҳамкорӣ бошад, дар якҷоягӣ бо кормандони мақомоти ФОҶ кор кардан ва ҳангоми иҷрои корҳои умумӣ ҳамкорӣ карданро дар назар дорад. Ҳамкорӣ ҳамчунин, фаъолияти якҷояи шаҳрванд бо корманди ФОҶ эътироф карда мешавад.

---

[1] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 3-юм – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

[2] Федоров А.В., Шахматов А.В. Содействие граждан органам, осуществляющим оперативно-розыскную деятельность: Учебное пособие. – М.: ИМЦ ГУК МВД России, 2014

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи ҳуқуқии шасони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидакунанда тавассути Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии батанзимдароварандаи масъалаи мазкур, кафолат дода шуда, таҳти ҳимояи давлат қарор доранд.

Мувофиқи моддаи 5-и Конститутсияи Ҷумхурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ эътироф шудааст, ки онхо аз ҷониби давлат эътироф гардида, риоя ва ҳифз карда мешаванд.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти конститутсионии конунтатбиққунӣ, ин ҳимояи ичтимоӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандони ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда, ҳангоми амалӣ намудани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ буда, ифодагари ҳимояи давлатии ҳуқуқҳои конститутсионии ба ҳаёт, озодӣ ва дахлнопазирии шахсӣ ва таъмини амнияти шаҳрвандон дар мурофиаи судӣ-ҷиноятӣ мебошад [ 2. с.394].

Дар баробари Конститутсия, ҳуқуқи шахсони ба мақомоти ФОҶ мусоиаткунанда, тавассути қонунҳои ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», аз 25 марти соли 2011, таҳти №687, «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999, таҳти №845, «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона» аз 28 декабри соли 2013, таҳти №1038, «Дар бораи милитсия» аз 17-майи соли 2004, таҳти №41 ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд.

Мувофиқи моддаи 18 Қонуни ФОҶ шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунанда, зери ҳимояи давлатӣ карор доранд.

Давлат ба шахсоне, ки бо розигии худ мутобиқи қарордод ва ё бидуни қарордод ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҳамкорӣ мекунанд, иҷрои уҳдадориҳои худро, ки дар қарордод нишон дода шудаанд, кафолат медиҳад, аз он ҷумла, кафолати ҳимояи ҳуқуқии шахсонеро медиҳанд, ки аз ҷониби ин шахсон бо иҷрои қарзи шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ ё уҳдадориҳои дигари ба зиммаи онҳо гузошта шуда алоқамананданд.

Ҳангоми ба миён омадани таҳдиди воқеии таҷовузи зиддиҳуқуқӣ ба ҳаёт, саломатӣ ё молу мулки шахсони алоҳида вобаста ба мусоидати онҳо ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҳамчунин хешовандони наздики онҳо, ин мақомот уҳдадор аст барои рафъи ҳаракатҳои зиддиҳуқуқӣ, муайян намудани гунаҳгорон ва ба ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашидани онҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Аъзои гурӯҳи ҷиноятӣ, ки кирдори зиддиҳуқуқӣ содир намуда, он боиси оқибатҳои вазнин нагардидааст ва ӯ барои ҳамкорӣ бо мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ҷалб шуда, дар кушодани ҷиноятҳо фаъолона мусоидат карда, зарари расонидашударо ҷуброн намудааст ё ба таври дигар товони зарари расонидашударо талофӣ намудааст, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Аз як тарафа амалӣ кардани чунин муқаррарот вобаста ба асосҳои нишондодашудаи қонунгузории ҷиноятӣ ва меъёрҳои мурофиаи ҷиноятӣ татбиқ карда мешавад.[1]

Ҳимояи ҳуқуқии шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунаннда дар ҳамкории онҳо барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ, ки бо иродаи худи ин шахсон дар асоси қарордод кӯмак мекунад, сифатан таъсири мусбат дорад.

Қисми 1 ва 2 моддаи 12 Қонуни ФОҶ маълумотҳо нисбати шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунанда ва ба гурӯҳҳои ҷиноятӣ воридкардашударо сирри давлатӣ эътироф мекунад. Паҳн кардани чунин маълумотҳо, ба мақомотҳои дигар пешниҳод кардани чунин маълумотҳо манъ мебошад.

Инучунин, масъалаи мазкур ба таври ҷиддӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» муқаррар карда шудааст. Мувофиқи банди 6 қ.1- и моддаи

[1] Михаилов В.И. Контролируемая поставка как оперативно-розыскная операция: Учебно-практическое пособие. М., 1998. 96 с; Комментарий к Федеральному закону «Об оперативно-розыскной деятельности». М., 1997.

18- и қонун маълумот дар бораи шахсони дар гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ иштироккунанда ва хешовандони наздики он сирри давлатиро ташкил медиҳад ва паҳн намудани онҳо бо мақсади ҳимояи чунин шахсон, манъ карда шудааст.

Розигии хаттии шахсони ба мақомоти амаликунандаи ФОҶ мусоидаткунанда ҳатман дар ҳолати ҳал намудани масъалаҳои вобаста ба оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ оид ба фош кардани маълумотҳо нисбати онҳо, ки сирри давлатиро ташкил мекунанд, гирифта мешавад.

Дар амалия ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки ҳангоми оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба ҳолатҳои дар боло нишондодашуда, тафтишот ба пуррагӣ амалӣ карда шуда, ба ошкор шудани маълумотҳо нисбати чунин шахсон оварда мерасонад, аммо чунин вазъият боиси минбаъд рад кардан дар шакли ошкоро нишондод додани онҳо мегардад.[1]

Дар шароити муосир, дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул карда шудааст, ки таъмини амнияти иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятиро ҳадафи худ қарор медиҳад. Аммо як масъалаи нигаронкунанда дар он мебошад, ки байни Қонуни мазкур ва Қонуни ФОҶ духурагӣ ҷой дорад.

Дар натиҷаи таҳлили қонуни мазкур муайян карда шуд, ки чораҳои ҳимояи давлатӣ нисбати категорияҳои зерини иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад:

1. Прокурор – айбдоркунандаи давлатӣ;
2. Ҷабрдида;
3. Шоҳид;
4. Айбдоркунандаи хусусӣ;
5. Гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда, сафедшуда, ҳимоятгарон ва намояндагони қонунии онҳо, инчунин шахсе, ки нисбати ӯ парвандаи ҷиноятӣ ё таъқиби ҷиноятӣ қатъ карда шудааст;
6. Коршинос, мутахассис, тарҷумон, шахси холис, инчунин омӯзгор ва равоншиносе, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок менамоянд;
7. Даъвогари граждани, ҷавобгари граждани;
8. Намояндагони қонунӣ, намояндагони ҷабрдида, даъвогари граждани, ҷавобгари граждани ва айбдоршавандаи хусусӣ.

Вобаста ба ин масъала, олими тоҷик Раҳимзода Р.Ҳ. дуруст қайд мекунад, ки: «гуё ҳимояи давлатӣ, яъне чораҳои амниятие, ки ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ё молу мулк равона гардида, танҳо нисбати иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ бо сабаби иштироки онҳо дар мурофиаи судии ҷиноятӣ тадбиқ карда мешавад».[2]

Ҳамин тариқ, шахсони ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар ошко кардан ва пешгири намудани ҷинояткори мусоидаткунанда, дар қонуни маскур ҳамчунин субъектони ҳимояшаванда қайд нашудаанд. Роҷеъ ба ин масъала қайд кардан зарур, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар Бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ҳимояи шахсони ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда муқаррар нашудааст. Аз ҳамин лиҳоз, қобили қабул мешуморем, ки тибқи Қонуни мазкур ҳимояи шахсони ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мусоидаткунанда таҳти ҳимояи давлатӣ қарор гиранд.

---

[1] Лашко Е. Налоговый полицейский покусился на государственную тайну.// Известия. 1998.

[2] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2-юм – Душанбе: «ЭР-граф», 2015.

# ЧОРАҲОИ ПЕШГИРӢ НАМУДАНИ КОРРУПСИЯ ВА ОМИЛҲОИ БАРТАРАФ НАМУДАНИ ОН

***Раҷабов К.Д.,***
***ассистенти кафедраи криминалистика***
***ва фаъолияти экспертизаи судии***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳифзи хуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиати ҷамъият, таъмини аминяти миллӣ ва фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд, чораҳои махсус меандешад. Маҳз бо ин мақсад 10-уми январи соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ин тадбир ба марҳилаи сифатан нави мубориза ба муқобили коррупсия дар ҷомеа ибтидо гузошт.

Содир намудани кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ бештар аз надонистан ва ё умуман аз истифодаи нодурусти талаботҳои пешбининамудаи қонун сар мезанад. Яке аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноке, ки ба муносибатҳои идоракунӣ таҷовуз меорад, кирдорҳои коррупсионӣ ба шумор меравад. Коррупсия яке аз кирдорҳои ба ҷамъият хавфноки ҷиноятӣ ба шумор рафта, ҳамчун зуҳуроти номатлуби ҷомеа, монеаи ҷиддие дар роҳи инкишоф ва рушди минбаъдаи давлат, ҳамчунин боиси боло рафтани сатҳи камбизоатӣ ва заифгардии сатҳи маънавиёти тамоми аъзоёни ҷомеа мегардад. Коррупсия, терроризм, экстремизм, ҷиноятҳои трансмиллӣ, гардиши ғайриқонунии силоҳ, маводи нашъадор, савдои одамон- инҳо аз унсурҳои асосии ҷиноятҳои муташаккилона ба шумор рафта, барои давлат ва ҷамъият хавфи калон доранд. [1]

Вобаста ба ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд, ки «Кирдорҳои коррупсиониро мо маҳкум менамоем ва мубориза бо ин падидаи номатлубро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти давлат мешуморем».[2]

Коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта, баробарҳуқуқиро оҳиста – оҳиста аз байн бурда, боварии мардумро ба мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ коста мегардонад, ки ин ҳам бошад, ба нофаҳмоиҳои зиёде дар миёни ҷомеа пойдор мешавад. Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, таҳти №100 коррупсия – ин кирдори ҳаракат ё беҳаракатии шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробаркардае мебошад, ки мақоми худ имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиатҳои худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд.[3]

Аз мафҳуми додашуда субъектони ҷинояти мазкурро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст.

Субъектони гурӯҳи аввал:

- шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор;
- шахсоне, ки мансаби давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансаби давлатии хизмати давлатиро мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, таҳти №233, ё дар Қувваҳои Мусаллаҳи ҶТ ишғол мекунанд;

---

[1] Маҷидзода Ҷ.З., Назаров Н.Ҷ. Ҷинояткории муташаккил ва трансмиллӣ. Душанбе- 2014. Паёми Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ. Соли 2014// Сайти электронӣ: http://Prezident.tj

[2] Паёми Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ. Соли 2014// Сайти электронӣ: http://Prezident.tj

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005, таҳти №100 // Сайти электронӣ: http://mmk.tj

• шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидории давлатӣ.

Субъектони гурӯҳи дуюм:

• шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор баробаранд (ба ин гурӯҳ шахсони мансабдори мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдори ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликияташон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва ташкилотҳои динӣ ҳамчунин шахсоне, ки бо тартиби муқарарнамудаи қонун ба сифати номзад ба вазифаҳои давлатии интихобӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳисобида мешавад).

Субъектони гурӯҳи сеюм:

• шахсони порадиҳанда;

• хешовандони наздики шахси иҷрокунандаи вазифаҳои давлатӣ;

• шахсони воқеие, ки субъекти умумии ҷиноят шуда метавонанд.

Доир ба мафҳум ва моҳияти ин кирдори ба ҷамъият хавфнок бисёре аз муҳаққиқон ибрози ақида намудаанд. А.И. Сафарзода коррупсияро ба ришвагирии шахсони мансабдори давлатӣ мансуб медонад.[1] Томас Гопс коррупсияро ба бемории шабоҳат додааст, ки дар ибтидо фаҳмиданаш душвору дар охир табобатнашаванда мебошад.

Воқеан ҳам, дар ҳама ҳолат сабаби сар задани коррупсия бидуни омилҳои объективӣ ва субъективӣ истифодаи афзалият ва бартариятҳои мансабдорӣ бо мақсадҳои ғаразнок, бойшавии беасос маънидод шуда, ҳамчунин гирифтани пора, чун яке аз вазнинтарин ҷиноятҳои мансабдорӣ маҳсуб ёфта, фақат аз тарафи шахси мансабдор ва субъектони дар боло зикршуда, содир гардиданаш мумкин аст.

Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи коррупсия, дар кишвар бояд самтҳои афзалиятнок ва усулҳои зерини мубориза ба он, муайн карда шаванд:

• баланд бардоштани фаъолнокии иштироки аҳолӣ дар мубориза бо коррупсия ва фароҳам овардани фазои оммавии зиддикоррупсионӣ;

• бартараф намудани сабаб ва шароитҳои мусоидаткунандаи коррупсия;

• таъмини истифодаи мақсаднок ва судманди маблағҳои буҷетӣ ва фондҳои давлатӣ, бо роҳи амалӣ сохтани назорати давлатии молиявӣ;

• андешидани тадбирҳои татбиқи ҳуқуқӣ;

• пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани кирдорҳои коррупсионӣ дар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти судӣ, андозу гумрук ва сохторҳои низомӣ, соҳаҳои маориф, ҳифзи саломатии аҳолӣ;

• зиёд намудани мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ (бухгалтерӣ);

• ба иттиллои омма расонидани натиҷаҳои тафтишҳои мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия;

• баланд бардоштани масъулият барои пешбурди дурусти ҳисоботдиҳӣ ва ба ҳисобгирии муҳосибӣ (бухгалтерӣ) дар хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, новобаста аз шакли моликият, ки ба онҳо ҳисоби дурусти боҷу андозҳои барои эҳтиёҷоти давлат ситонидашаванда, ҳифзи амвол ва маблағҳои давлатӣ, пурра вобаста мебошад;

• ба тартиб даровардани ҷамъоварии маблағҳои пулӣ оид ба хизматрасонӣ дар муассисаҳои давлатии маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин соҳаи барқ;

• дар доираи Консепсияи ислоҳоти музди меҳнати хизматчиёни давлатӣ баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти давлатӣ ва муассисаҳои аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузоришаванда;

• ба зиммаи шахси мансабдор гузоштани уҳдадории исбот кардани сарчашмаи ба вуҷуд омадани амвол (бойшавии беасос);

• мутобиқати талаботҳои стандартҳои байналмилалӣ, муайянсозии баъзе ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионидошта (Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ва Конвенсияи Ташкилоти Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд) дар бораи мубориза ҷиҳати ба шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ додани пора (ҳангоми гузаронидани амалиёти кори байналмилалӣ);

---

[1] Сафарзода А.И. Коррупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законадательству Республики Таджикистан. Вестник университета. 2015. Т.1. №4

• мусодираи ҳатмии амвол, ашёи ҷиноят ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии дорои хусусияти коррупсионидошта;

• таъсис додани комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, бо ҷалби намояндагони зиёиён ва аҳли меҳнат, соҳибкорон ва намояндагони дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайати он.

Лозим ба ёдоварист, ки хатарнокии коррупсия дар он аст, ки оқибати содиршавии он фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ, муассисаҳо ва қисмҳои ҳарбӣ вайрон шуда, обурӯ ва эътибори онҳоро паст мегардонад. Таърих гувоҳ аст, ки дар давраи Шӯравӣ коррупсия дар муассисаҳои хоҷагӣ ҷой дошту дар макотиби олӣ ва хусусан, дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ хело кам ба чашм мерасиданд ва баъдан пас аз даврони Шӯравӣ ва то ба имрӯз ин кирдори номатлуб реша давонда истодааст, ки оқибати ин ҷараён барои ҷамъияте, ки мақсади давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявиро барпо карданро дорад, зарари ҷиддӣ расониданаш мумкин аст.

Амалияи тафтишӣ роҷеъ ба ин мавзуъ нишон медиҳад, ки бештари субъектони ин гуна ҷиноятҳо бо роҳи гузаронидани амалҳои аввалидараҷаи тафтишӣ, ки илми криминалистика муқаррар кардааст, бахусус дар натиҷаи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ошкор карда мешаванд, ки худ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумхурии Тоҷикистон, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» (аз 25 марти соли 2011, таҳти №687) ҳамчун субъекти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ба ҳисоб меравад.[1]

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумхурии Тоҷикистон – ин мақомоти ваколатдори назоратӣ буда, назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат бо роҳи огоҳонидан, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайрокуниҳои коррупсионӣ ё иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ҷустуҷӯӣ шахсоне, ки ин гуна ҷиноятҳоро содир кардаанд, иҷро менамояд. Ҳамчунин, барои ошкор намудани ин намуди ҷиноят ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта, чораҳои махсуси мубориза ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ, чораҳои пешгирикунанда ва ҳамоҳангсозии мубориза бо коррупсия, мувофиқсозии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро бо мақсади мунтазам татбиқ намудани асосҳои қонунгузории мубориза бо коррупсия, амалӣ намуда истодааст.[2]

Ҳамин тавр, коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисодии хусусияти коррупсионидошта дар маҷмӯъ, дар натиҷаи ғайриқонунӣ гирифтани неъматҳои ғайримоддӣ ё бартариятҳо аз ҷониби ашхоси ваколатдори хизмати давлатӣ ва мақоми худидораи маҳаллӣ ва ё ташкилотҳои тиҷоратӣ таъсири худро ба сатҳи идоракунӣ ва дар умум ба рушди иқтисодию иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ оварда мерасонад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои зикргардида, самтҳои муқовимат бо ин падидаи номатлубро ба се гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

• дар амал татбиқ намудани меъёрҳои қонунгузорие, ки муносибатҳои дар ин самт бамиёнмеомадаро танзим мекунад;

• татбиқи меъёрҳои ахлоқӣ;

• татбиқи меъёрҳои динӣ (аз ҷониби рӯҳониёни расмӣ фаҳмонидани меъёрҳои динӣ, ба хусус дини ислом).

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» аз 25 марти соли 2011, таҳти №687

[2] Раҳимзода Р.Ҳ. Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. Душанбе- 2012.

# ХУСУСИЯТҲОИ БАСТАН, ИҶРО КАРДАН ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ ҲАМЛУ НАҚЛИ ҲАВОИИ БОР ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Амренова Ш.,*
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи*
*нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи*
*сарватҳои табиии факултети*
*ҳуқуқшиносии ДМТ*

Дар ҷаҳони муосир нақлиёти ҳавоӣ ба яке аз элементҳои муҳими иқтисодиёти ҷаҳонӣ табдил ёфта, таъминкунандаи интиқоли босифат ва суръатноки одамон ва баъзе намудҳои махсуси бор ба ҳисоб меравад. Ҳамгироии бошиддати иқтисодиёти ҷаҳон ва амнияти ҳамкории коммуникатсионии байни давлатҳо ва минтақаҳои гуногун ба бениҳоят афзоиши иқтисодӣ дар соҳаи боркашонии ҳавоӣ мусоидат намуд. Нақлиёти ҳавоӣ фаъолона заминаи хизматрасониро дар интиқол додани бор ишғол менамояд, чунки нисбати дигар намудҳои боркашонӣ бартарии муайянеро дорост. Суръати баланди интиқол дар масофаҳои калон, моҳир ва фаврӣ, ки нақлиёти ҳавоӣ дар соҳаи интиқол додани борҳои фаврӣ, қиматнок ва зудвайроншаванда рақобатнопазир мебошад.

Нақши нақлиёт дар ҳаёти ҷамъиятӣ вобаста ба хизматрасонии ҳамлу нақли бор дар фазои муайян ё дар маҳалли таъинот хело назаррас мебошад. Вобаста ба ин яке аз хусусиятҳои асосии шартнома ин бастан, иҷро кардан ва қатъ гардидани шартномаи ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти ҳавоӣ мебошад. Интиқоли бор тавассути нақлиёти ҳавоӣ, ин бинобар сабаби ҳаракати босуръат доштан, инчунин дар маҳалҳое, ки бо сабабҳои гуногун дигар навъи нақлиёт иҷрои ин гуна хизматрасонии боркашониро расонида наметавонанд, истифода бурда мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, асосан дар ҳуқуқи гражданӣ ва ҳуқуқи нақлиёт намудҳои гуногуни шартномаҳо дида мешаванд, ки барои фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва инсонӣ дахл доранд. Яке аз намудҳои ин шартнома шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор мебошад, ки ҳамчун шартномаи мустақил ба ҳисоб меравад.

Оид ба ин масъала олимони ин соҳа аз чумла: М.А. Аллахвердова, Г.П. Савичева, В.В.Витрянского, В.А.Егиазаров, М.А. Тарасова, М.Г. Масевич, С.Ю.Морозов ақидаҳои худро пешниҳод намудаанд (ҳамчунин олимони дохили кишвар, аз ҷумла профессор Ғаюров Ш.К. низ вобаста ба ин мавзуъ фикру ақидаҳои худро баён намудаанд.

Мувофиқи моддаи 96-уми Кодекси фазои ҳавоии ҶТ мувофиқи шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор ҳамлу нақлдиҳанда вазифадор мешавад, ки бори ба вай супоридаи борфиристандаро ба нуқтаи таъиншуда расонад ва онҳоро ба шахси барои гирифтани бор ваколатдор (боргиранда) супорад ва борфиристанда вазифадор мешавад, ки музди ҳамлу нақли ҳавоии борро пардозад. [1]

Аз мафҳуми дар боло қайд гардида бар меояд, ки субъектони уҳдадории ҳамлу нақли ҳавоии бор ин боркашон ва борфиристанда мебошанд ва баъд аз бастани шартномаи мазкур дар назди ҳамдигар масъулият доранд.

Предмети шартномаи мазкурро хизматрасонии боркашон оид ба бекамукост, безарар ва ба ҷойи тайиншуда расонидани бори ба ӯ боваркардашуда мебошад.[2]

Тартиби бастани шартномаи ҳамлу нақли бор аз табиати ҳамлу нақл вобастагӣ дорад. Бастани ин шартномаи реалӣ ба лаҳзаи аз ҷониби борфиристанда, ба боркашон дархости (фармоиш) бор бо ҳуҷҷатҳояш алоқаманд аст. Шартнома дар шакли хаттӣ баста шуда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи он борхат, ба ҳисоб меравад. Ба расмият даровардани ин ҳуҷҷатҳо аҳамияти калони батанзимдарорӣ дорад. Ин борхатҳо аз ҷониби бор-

---

[1] Воздушный Кодекс Республики Таджикистан (АМО Республики Таджикистан, 1998 г., №23-24, ст. 342; )

[2] Њуќуќи гражданї.Китоби дарсї .Ќисми 2/ Ѓаюров Ш.К.Душанбе Амри-Илм 2003.сањ173-174

фиристанда тартиб дода шуда ва бевосита худи борфиристанда аз рӯи ҳақиқӣ будани иттилооти молии борхат ҷавобгӯ мебошад. Шартномаи мазкур аз рӯи ба расмият даровардани борхатҳо басташуда эълон мегардад.[1]

Ба ақидаи Л.А. Медведев ва В.Т. Смирнов ҳамаи шартномаҳои ҳамлу нақли бор вобаста ба характерашон реалӣ мебошанд. Ба истиснои шартномаи чартер , ки дар нақлиёти баҳрӣ истифода бурда мешавад ва характери консенсуалӣ дорад, ки инро бошад, қонунгузории граждании муайян кардааст.[2]

Заминаҳои ташкилии шартномаи ҳамлу нақли бор чунин шаклҳои ҳуқуқӣ доранд:

Дархост дар нақлиёти ҳавоӣ, шартнома дар бораи ташкил намудани ҳамлу нақли бор тавассути нақлиёти ҳавоӣ, санадҳои маъмурии ба нақшагирии ҳамлу нақли бор дар ҳолатҳое, ки қонунгузории нақлиётӣ пешбинӣ кардааст. Аз рӯи низоми дархост борфиристанда ба боркашон иттилоотро оид ба талаботи ӯ дар ҳамлу нақл пешкаш менамояд.
3

Уҳдадории асосии боркашон ин ба ҷойи тайиншуда расонидани бор ва супоридани он ба боргиранда мебошад, миёни ин навъи уҳдадориҳо нақши муҳимро муҳлати иҷроиши шартнома, нигоҳ доштани бор ва сари вақт огоҳ намудани боргиранда оид ба расонидани бор ва супоридани боре, ки дар борхат нишон дода шудааст.

Дар баробари боркашон борфиристанда низ дорои уҳдадориҳои зерин мебошад. Риоя намудани қоидаҳои кашонидани бор ва супоришҳои махсуси боркашон, пардохт намудани маблағи ҳаққи хизматрасонӣ мувофиқи тарифҳои муқарраргардида, ба боркашон пурра хабар додан оид ба хусусиятҳои махсуси бори ҳамлу нақлдиҳанда, дуруст ва аниқ тамғазании бор, нигоҳ доштани бор ҳангоми ҳозир нашудани боргиранда ва эълон намудани кофтукоби бор ҳангоми вайрон намудани муҳлати гирифтани бор, инчунин амалия нишон медиҳад,ки дуруст ба роҳ мондани кофтукоби бор дар ҳама ҳолат натиҷаи мусбӣ медиҳад ва кафолат ба он медиҳад, ки аз ҷониби боркашон иҷроиши уҳдадориҳои реалии ӯ ба роҳ монда мешавад.

Дар муносибатҳои ҳамлу нақли бор боргиранда бо борфиристонда як шахс набуда, дар ҷараёни бастани шартномаи ҳамлу нақли бор иштирок накарда, бо вуҷуди ин соҳиби ҳуқуқҳои муайян гардида, дар назди боркашон уҳдадориҳои муайяне низ доранд. Дар ин ҳолат боргиранда ҳамчун субъекти махсуси уҳдадории ҳамлу нақли бор дониста мешавад. Вай шахси сеюме мебошад, ки иҷроиши дахлдори уҳдадории нақлиётӣ ба манфиати у равона гардидааст. Боргиранда, гарчанде ки шахси мустақили шартномаи ҳамлу нақли бор ва дар нисбати боркашон тараф набошад ҳам, вале тамоми кушишу ғайрати тарафҳои шартнома ба манфиати ӯ равона шудааст. Бинобар ин шартномаи ҳамлу нақли бор –ин шартнома ба манфиати шахси сеюм мебошад.

Вале тибқи таҳлилҳои илмӣ ва ақидаҳои олимони ин соҳа, ягона фикр вуҷуд надорад, баъзе муаллифон дар он ақидаанд, ки боргиранда дар шартнома ба сифати шахси сеюм баромад менамояд, вале гурӯҳи дигари олимон мухолифи ин ақида буда, боргирандаро ба сифати яке аз тарафҳои асосии шартнома, эътироф менамоянд.

Ба ақидаи Т.Г. Петрухеной тарафҳо дар шартнома, боркашон ва борфиристанда мебошанд. Вале ҳангоми дар шартнома ба вуҷуд омадани уҳдадорӣ, шахсони дигари ваколатдоркардашуда, яъне боргиранда низ нақши муҳим дорад. Дар сурати мувофиқ наомадани боргирандаю борфиристонанда, тибқи шартнома, конструксияи шартнома ба манфиати шахси сеюм истифода бурда мешавад.

Ба ақидаи В.В. Витрянский ҳолати ҳуқуқии боргиранда, тибқи қонунгузории нақлиётӣ, танҳо ба тариқи конструксияи шартнома ба манфиати шахси сеюм, ки боргиранда ва боркашон ҳангоми бастани шартнома муқаррар намуда буданд, фаҳмида мешавад.

---

[1] Безрук Н.А.Исполнение договора воздушной перевозки грузов. Курс лекции для студентов ВЮЗИ-М.1972-31 с.

[2] Гражданское право. Учебник. Часть 2. / Под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Голстого. - Издание 2-е, перераб. и дон. - М.: Проснект, 1997. С. 381.

[3] Њуќуќи граждании ЉТ.Китоби дарсї.Ќисми дуюм /Њайати муаллифон, Душанбе Эр-граф 2014.сањ.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба ақидаҳои дар боло қайд гардида, яке аз муаллифони ин соҳа В.А. Егиазаров ин навъи шартномаро сетарафа шуморида ва чунин қайд менамояд, ки дар он борфиристанда, боркашон ва боргиранда дорои ҳуқуқҳои ба ҳам баробар мебошанд ва шартномаро ба ду қисм ҷудо менамояд: бастани шартнома байни борфиристанда ва боркашон , инчунин боргиранда ба сифати яке аз иштирокчии шартнома баромад менамояд, ки дар бисёри ҳолатҳо ҳангоми бастани шартнома боргиранда низ ҳамчун тарафи баробарҳуқуқ ва дорои уҳдадории асосии шартнома буда, онро сетарафа эътироф менамояд.[1]

Уҳдадории асосии боргиранда, ин дар вақти муайян гирифтани бор ва баровардани он аз ҳудуди ташкилоти боркашонӣ (фурудгоҳ) мебошад. Ҳангоми дар вақти муайяннамудаи шартнома нарасонидани бор, боркашон ҷавобгари граждани хоҳад гардид, ки ин боиси вайрон гардидани қоидаҳои шартнома, ба ҳисоб меравад.[2]

Мувофиқи моддаи 100 КҲ ҶТ бо ташаббуси ҳамлу нақлдиҳанда қатъ гардидани амали шартномаи интиқоли ҳавоии бор, чунин мебошад.

Ҳамлу нақлдиҳанда дар ҳолатҳои зерин метавонад шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии борро ба тарзи якҷониба бекор намояд:

1) аз тарафи соҳиби бор, борфиристонанда вайрон карда шудани талаботи гумрукӣ, санитарӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди интиқоли ҳавоӣ ва ҳангоми ҳамлу нақл инчунин қоидаҳое, ки аз тарафи мақомоти дахлдори давлатӣ парвоз, таъинот ё транзит муайян карда шудаанд;

2) саркашӣ кардани соҳиби бор, борфиристанда аз иҷрои талаботе, ки ба ӯ тавассути Қоидаҳои умумии авиатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.[3]

Тибқи таҳлилҳои хуқуқӣ шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор, дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад:

1.Агар шартномаи ҳамлу нақли бор ба мисли дигар шартномаҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ дорои уҳдадорӣ бошад: ба боргиранда ва ё шахси ваколатдоре, ки бояд борро қабул намояд супоридани бор, дар вақти муайян, ҷойи муайян ва бо ҳифзи пурраи бор то қабули он.

Масалан, агар бор тибқи қоидаҳои муқарраргардида ва бе вайрон намудани ягон меъёри қонунгузориву шартномавӣ қабул гардида бошад ва дар вақти муайян ба маҳалли таъинот расонида шавад ва борро боркашон ба иродаи боргиранда бекамукост ва безарар супорад ва борқабулкунанда борро қабул кунад дар ин лаҳза тамоми ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектон ба итмом мерасад ва шартнома низ қатъшуда эътироф мегардад. [4]

Дар ҳолатҳои иҷро накардан ва иҷрои номатлуби уҳдадориҳо вобаста ба ҳамлу нақл, тарафҳо ба ҷавобгарии дар КГ, оинномаҳо, кодексҳои нақлиётӣ ва инчунин дар созишномаҳои тарафҳо пешбинишуда ҷалб карда мешаванд. [5]

Аз ин рӯ, тарафҳо уҳдадор мебошанд, ки ҳангоми бастан, иҷро ва қатъ гардидани шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии бор, уҳдадориҳои тибқи қонунгузорӣ, шартнома, оинномаи ташкилот (фурудгоҳ), қоидаҳои авиатсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба зиммаи онҳо вогузоштагшударо дар вақти муайян иҷро намоянд.

---

[1] Егиазаров В.А.Транспортное право: Учебное пособие/Институт законодательстве и сравнительного правоведение при Правительстве Российской Федерации,- М.,2002. С. 127

[2] Безрук Н.А.Исполнение договора воздушной перевозки грузов. Курс лекции для студентов ВЮЗИ-М.1972-31 с.

[3] Воздушный Кодекс Республики Таджикистан (АМО Республики Таджикистан, 1998 г., №23-24, ст. 342; )

[4] Лавренчук О.Ф.-бакалавр юриспруденции, ГОУ ВПО «Дальневосточный государственный университет путей сообщения». Хабаровск, Россия с.53-54.

[5] Гражданский Кодекс Республики Таджикистан (АМО Республики Таджикистан, 1999 год, №12, ст. 323; )

# ТАРТИБИ СОДДАКАРДАШУДАИ ТАФТИШИ СУДӢ ДАР ЗАМИНАИ ЭҲТИМОЛИЯТИ БЕГУНОҲӢ

***Негматов Б.С.,***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи***
***судӣ ва назорати прокурории***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Яке аз мазмунҳои эҳтимолият (аз калимаи лотини praesumtio) - ин тахмин намудан оид ба чезе мебошад. «Эҳтимолияти мавҷуд будан ё набудани ягон ҳолати воқеиро дар асоси вобастагии байни ҳолатҳои воқеии эҳтимолӣ ва ҳақиқӣ, такроршавии онҳо ифода мекунад»[1]. Ин принсип на танҳо қоидаҳои исботкунии ҳолатҳои воқеии кор, ҳамчунин ҳолати ҳуқуқии шахсро низ дар низоми муносибатҳои мурофиавӣ - ҷиноятӣ муайян мекунад. Аз ин рӯ, бесабаб нест, ки дар бисёр санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ин принсин мавқеи марказиро ишғол намудааст.

Ба сифати эхтимолияти аз ҳама машҳур ин эҳтимолияти бегуноҳӣ ба шумор меравад. Эҳтимолияти бегуноҳӣ ин оид ба тахмини бегуноҳии шахсе, ки нисбати ӯ таъқиби ҷиноятӣ идома ёфта истодааст то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд оид ба гунаҳгор будани шахс.

Дар айни ҳол эҳтимолияти бегуноҳиро қонунгузор ба қатори принсипҳои мурофиаи ҷиноятӣ дохил кардааст. Аммо дар давоми даҳсолаҳо муносибат нисбати ин принсип ҳаммаъно ва якмаъно набуд. То давраи Шӯравӣ дар давлати мо муносибат нисбати ин институти мурофиа манфӣ буд. Дар соли 1936 баҳс оид ба эҳтимолияти бегуноҳӣ нодаркор ва зарарнок эътироф мегардид ва таҳлилгарон ва нашриётҳо ин истилоҳро аз ҳамаи рӯзномаҳо хориҷ мекарданд. Бо гузашти вақт ақидаҳо нисбати эҳтимолияти бегуноҳӣ иваз шуданд ва акнун дар Конститутсияи ИҶШС соли 1977 м. 160 гуфта шуда буд: «Ҳеҷ кас гунаҳгор дониста намешавад дар содир намудани ҷиноят ва инчунин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба истисноИ ҳукми суд ва бо мувофиқаи қонун».

Ҳангоми таҳлили маълумотҳои таърихӣ ва воқеияти имрӯза мумкин аст хулоса намуд, ки баҳс оид ба устувории эҳтимолияти бегуноҳӣ на ба нафъи муқобилони он анҷом пазируфт. Аммо далелҳои муқобилони эҳтимолияти бегуноҳӣ бинобар ҳолатҳои объективӣ асоснок эътироф нагардид.

Г.А. Шумский дар бораи эҳтимолият сухан ронда қайд менамояд, ки бинобар мушоҳидаи дуру дароз алоқаи ногусастани байни фактҳо ошкор мегардад, барои ҳамин ҳангоми пайдоиши як факт мавҷудияти дигар факти ба он алоқамандро ба вуҷуд меорад, ки далели махсусро талаб намекунад. Эҳтимолият метавонад манфӣ низ бошад: агар як фвкт набошад, пас факти дигари бо факти якум алоқаманд низ ҷой надорад (мисол: шахс ба сину соли муқарраркардаи қонун барои ҷавобгарии ҷиноятӣ нарасидааст, дар ҳамин замина ӯ характери ба ҷамъият хавфнокии рафтори зиддиҳуқуқиашро дарк намекунад). Дар бисёр ҳолатҳо қонун имкониятро аз даст дода, тартиби инкори эҳтимолияти ҳуқуқиро муқаррар мекунад.

Бояд қайд кард, ки мазмуни эҳтимолияти бегуноҳӣ на он қадар ба ақидаи Г.А. Шумский мувофиқат мекунад. Таҳлили дуру дарози мурофиаи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки бисёр айбдоршавандаҳо бегуноҳ эътироф намешаванд. Дар бисёр ҳолатҳо судҳо ҳукми айбдоркунанда қабул мекунанд.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун ба сифати идеяи сиёсӣ баромад мекунад, ки мақсади асосиаш ин эмин доштани шахс аз худсарии мақомотҳои давлатӣ мебошад. Ҳамчунин, ин идея бо тартиби муайянкардаи мурофиаи ҷиноятӣ алоқаманд аст: исбот ҳамон касе мекунад, ки айбро пешниҳод кардааст. Дар тартиби соддакардашудаи

[1] Юридический энциклопедический словарь. Москва «Советская энциклопедия». Москва.-С.286-287.

тафтиши судӣ (минбаъд-ТСТС) ин идея бо таври муайян тағйир меёбад. Ҳатмӣ будани исботи гуноҳ аз байн меравад, барои он ки ҳеҷ кас онро рад намекунад.

Аммо саволе ба миён меояд, ки оё аз айбдоршаванда ухдадории исботи гуноҳ гирифта мешавад, агар тарафи дигар нияти баҳс надошта бошад, зиёда аз он айби пешниҳодшударо эътироф кунад? Барои ба ин савол ҷавоб додан бояд ба тасвиятҳо, ки мақсади эҳтимолияти бегуноҳиро муаяйн мекунад, ки дар санадҳои байналмилалӣ ва қонунҳои ҶТ дарҷ шудаанд, рӯ оварем.

Ҳуқуқ ба эҳтимолияти бегуноҳӣ ва принсипе, ки аз он бар меояд ei incumbit probatio qui dicit, non qui negat (исбот кардан ба уҳдаи айбдоркунанда аст, на шахси инкоркунанда) ҳамчун ҳуқуқи айбдоршаванда дар қонунгузории бисёр давлатҳои ҷаҳон эътироф шудааст. Гунаҳкории айбдоршаванда бояд, аз тарафи субъектҳои асосии таҳқиқбарандаи ҷиноятӣ исбот гардад ва ягон шахс наметавонад, ки айбдоршавандаро бо пешниҳод намудани далелҳои гунаҳкориаш маҷбур намояд.[1]

Принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар санадҳои гуногуни байналмилалӣ муқаррар гардидааст, аз он ҷумла:

1. Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз 10 декабри соли 1948.
2. Конвенсияи Европоӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ аз 4 ноябри соли 1950, ҳамчунин маводҳои интишоршудаи Суди Европои дар Страсбург.
3. Пакти байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 16 декабри соли 1966.
4. Конвенсияи ИДМ дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон (аз 11 августи соли 1998 ба қувваи амал даромадааст) ва ғ.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун яке аз принсипҳои демократии мурофиаи ҷиноятӣ ба шумор рафта, якумин маротиба дар Декларатсияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд соли 1789 дар ибтидои инқилоби бузурги Франсия эълон карда шуд, аз он ҷумла, «Ҳар як кас бегуноҳ дар назар дошта мешавад, то он вақте, ки баръакси он муайян нашудааст»[2], ҳамчунин дар Пакти байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Конвенсияи Аврупоӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон инъикоси худро ёфтааст.

Мувофиқи м. 14 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ҳар шахси айбдоршаванда ҳуқуқ дорад бегуноҳ ҳисоб шавад, то он даме, ки гуноҳи ӯ қонунӣ исбот нагардад.

Ба сифати эҳтимолияти бегуноҳӣ моддаи 20 Конститутсияи ҶТ чунин муқаррар мекунад:

- Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад.

Чи хеле, ки П.С. Пастухов ишора мекунад, байни муқаррароти овардашудаи м.14 Паймони байналмилали оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва меъёри Конститутсия фарқият вуҷуд дорад.

Фарқи муқарраротҳои эҳтимолияти бегуноҳӣ дар он аст, ки ҳуқуқи айбдоршаванда оид ба судшавӣ бо мувофиқаи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба уҳдадории судшавӣ табдил меёбад, чунки ин эҳтимолият мумкин аст танҳо бо ҳукми суд рад карда шавад.

Аз муқарраროти амалкунанда бармеояд, ки нишондоди моддаи 20 Конститутсияи ҶТ, эҳтимолияти бегуноҳӣ - прокурор, муфаттиш, судяро уҳдадор мекунад, ки айбдоршавандае, ки нисбати ӯ тафтишоти ҷиноятӣ идома ёфта истодааст, бегуноҳ шуморанд. Албатта айбдоркунанда уҳдадор аст, ки ҳатто дар ҳолате, ки айбдоршаванда айбро эътироф мекунад, онро исбот кунад. Рад кардани эҳтимолияти бегуноҳӣ аз тарафи айбдоршавандаро қонунгузории ҶТ пешбинӣ накардааст.

Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ эҳтимолияти бегуноҳиро ҳамчун ҳуқуқи айбдоршаванда меҳисобад, ки ӯ метавонад аз он даст кашад.

[1] Ниг.: Искандаров З.Х., Турахонова Д.Т, Каримова Т.Ф. Международные стандарты справедливого судопроизводства: Учебное пособие для студентов юридических факультетов / Под ред. д. ю. н., проф. З.Х.Искандарова. – Душанбе : «НАШР», 2012. – С.102.

[2] Ниг. Моддаи 9 Декларатсияи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд 25 августи соли 1789 (Фаронса).

Ҳамин тавр, меъёри КМҶ ҶТ оид ба эҳтимолияти бегуноҳӣ хусусияти императивиро доро буда, ҳуқуқи айбдоршавандаро оид ба эътирофи гуноҳ эътироф намекунад (рози шудан бо айби пешниҳодшуда).

Қонуни мурофиаи ҷиноятӣ батанзимдарории имконияти тағйироти мурофиавиро бо тартиби раванди парвандаи ҷиноятӣ дар асоси чунин эътирофи гуноҳ аз тарафи айбдоршавандаро пешбинӣ накардааст.

Бо принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳолатҳои зерин алоқамандии зич доранд, ки қисми он аз матни КМҶ РСФСР пешина гирифта шудааст, меъёрҳое ки дар КМҶ ҶТ ҳозира амалкунанда ва қисме дар Конститутсияи ҶТ ҷойгир шудааст:

1) таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя на бояд шахсро, ки нисбати он тафтишоти ҷиноятӣ рафта истодааст гунаҳгор ҳисобанд, то он даме, ки маҷмӯи далелҳо ҷамъ нашавад ва гуноҳи ӯ тасдиқ нашавад;

2) ягон шахси бегуноҳ набояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб ва маҳкум карда шавад;

3) уҳдадории исботкунии гунаҳгории айбдоршавандаро дар суд айбдоркунанда дорад;

4) судя, прокурор, муфаттиш ё шахсе, ки таҳқиқро мебарад, ҳуқуқ надоранд, ки уҳдадории исботкуниро ба гардани айбдоршаванда бор кунад;

5) маҷбур намудани айбдоршаванда ва дигар шахсони дар парванда иштироккунандаро барои додани нишондод бо таҷовуз, таҳдид ва бо дигар роҳҳои ғайриқонунӣ манъ аст;

6) айбдоршаванда уҳдадор нест, ки муқобили худ нишондод диҳад;

7) эътироф намудани гуноҳ аз тарафи айбдоршаванда ба асоси айбдоркунӣ дар он ҳолате ҳамроҳ карда мешавад, ки агар бо маҷмӯи далелҳо гуноҳи ӯ тасдиқ карда шавад;

8) шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда бартараф карда нашаванд, ба фоидаи айбдоршаванда ҳал карда мешаванд.

Баъзе аз ин қоидаҳои овардашударо дар предмети мувофиқатии эҳтимолияти бегуноҳӣ дар ТСТС дида мебароем.

Эътирофи гуноҳи худ аз тарафи айбдоршаванда танҳо дар ҳолати тасдиқ кардани эътирофкунӣ бо маҷмӯи далелҳо ба асоси айбдоркунӣ гузоштан мумкин аст.

Фактҳо оид ба тасдиқи эътирофи гуноҳ аз тарафи айбдоршаванда бо маҷмӯи далелҳоро дар муҳокимаи судӣ суд бояд дида барояд. Дар акси ҳол баровардани ҳукми айбдоркунӣ ғайриимкон аст.

Дар тартиби умумии муҳокимаи судӣ хулосаи мақомотҳои тафтишотӣ оид ба гунаҳгорӣ ва зарурати татбиқи ҷазои ҷиноятиро суд бо роҳи тафтишоти судӣ санҷида мебарояд, далелҳое, ки дар парвандаи ҷиноятӣ ҳаст мебинад ва мумкин аст далелҳои нав ҷамъ кунад. Дар ТСТС суд ҳуқуқи дида баромадан ва баҳо додани далелҳоро надорад (мақсади ТСТС низ дар ин аст). Дар ТСТС суд танҳо метавонад бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳангоми омодагӣ ба маҷлиси судӣ шинос шавад. Саволе ба миён меояд, ки оё ин барои фаҳмидан ва хулоса баровардани судя оид ба адолатнок ё баръало бардуруғ гузаштани ТСТС кифоягӣ мекунад? Инро судя ҳамавақт дарк карда наметавонад. Вобаста ба этикаи касбӣ дар ин ҳолат судя метавонад дархости қабулшударо оид ба баровардани ҳукми парвандаи ҷиноятӣ бе гузаронидани муҳокимаи судӣ рад кунад.

Характери императивӣ доштани муқаррароти аз тарафи суд дидани далелҳои тафтишотӣ оид ба гунаҳгории айбдоршаванда дар моддаи 335 КМҶ ҶТ дарҷ шудааст. Дар қисми якуми ин модда муқаррар шудааст: ҳангоми дохилшавии суд ба ҳуҷраи машваратӣ масъалаҳои зерин ҳал карда мешаванд:

- кирдоре, ки дар содир намудани он судшаванда айбдор карда мешавад, ҷой дорад ё не;
- оё исбот шудааст, ки кирдорро судшаванда содир кардааст;
- ин кирдор ҷиноят аст ё не ва он маҳз бо кадом моддаи қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ карда шудааст;

- судшаванда дар содир намудани ин ҷиноят гунаҳгор аст ё не ва ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо мавҷуданд ё не;

- ба судшаванда барои ҷинояти содирнамудааш ҷазо додан лозим аст ё не;

- ба судшаванда кадом ҷазо бояд таъин карда шавад;

- шахси аз озодӣ маҳрумшуда дар кадом намуд ва низоми муассисаи ислоҳӣ бояд муҳлати ҷазоро адо намояд ва ғ.

Масъалаҳои дар м. 335 КМҶ ҶТ муқарраршудаоро, ки суд бояд ҳангоми баровардани ҳукм ҳал кунад, бо хоҳиши худ рад карда наметавонад. Аз ин сабаб, бояд ҳамаи далелҳое, ки барои тасдиқи ҳолате, ки ба гунаҳкор будани шахс дар ҷинояти содиркарда, мақсад ва шакли гуноҳи он шаҳодат медиҳанд, бояд пурра дида ва баҳо дода шавад.

Ҳамин тариқ, мо ба хулосае омадем, ки ТСТС унсури мурофиаи ҷиноятиро оид ба он, ки суд бояд ҳамаи далелу хулосаи мақомотҳоро оид ба гунаҳгор будан ва зарурияти ба ҷазои ҷиноятӣ кашиданро тафтиш кунад, муқаррар намекунад. Аз сабабе, ки ин гунна тафтишот аз тарафи суд анҷом дода намешавад.

Талаботи тасдиқи эътирофи гуноҳ аз тарафи судшаванда ва маҷмӯи далелҳо шаҳодат аз он медиҳанд, ки ба фикри мо хулосаҳое, ки дар асоси он суд ҳукм мебарорад, бояд ба талаботи пуррагӣ ва саҳеҳӣ ҷавобгӯ бошад.

ТСТС агар зарурати пуррагӣ ва саҳеҳии хулосаи судяро пешбинӣ кунад то танҳо дар шакли умумӣ. Аз суд танҳо як хулоса даркор аст, ки бояд дар ҳукме, ки бо тартиби соддакардашуда бароварда мешавад, ҳолати зерин бояд дарҷ гардида бошад - хулоса оид ба риоя гардидани шартҳои баровардани ҳукм бе муҳокимаи судӣ.

Хусусияти ҳукми баровардашуда бо тартиби соддакардашудаи тафтиши судӣ дар инҳо зоҳир мегардад: а) судшаванда гуноҳро пурра эътироф мекунад ва ҳамаи шарту асоси раванди мурофиа риоя карда мешавад; б) баҳс танҳо дар ҳолати каму зиёд кардани муҳлати ҷазо дида мешавад ва ғ. Аз инҳо хулоса кардан мумкин аст, ки дар ТСТС принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дида намешавад.

Асоснокии ҳукм дар ТСТС на аз рӯи муқарраргардии ҳолатҳои содири ҷиноят вобастагӣ дорад, балки аз рӯи риоя намудани раванди ТСТС.

Таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, судя набояд шахсро, ки нисбати ӯ тафтишоти ҷиноятӣ идома дорад гунаҳкор шуморанд, то он даме, ки маҷмӯи далелҳо ба таври кифоягӣ айбро муқаррар накунанд.

Лозим ба ёдоварист ақидаи олими амрикоӣ Коллисон, ки А.Е. Бочкарев дар кори илмии худ овардааст. Коллисон чунин меҳисобид, ки назарияи эҳтимолияти бегуноҳӣ - афсона аст. Ягон инсони боақл фикр намекунад ва аз ақидаи худ намегардад, ки шахси дастгиршуда бегуноҳ аст…

Ин яке аз назирияҳои бемаънӣ аст. Қайд бояд кард, ки ин калимаҳо ҳақиқати худро доранд, вале дар ин ҳолат бисёр чи аз ҳолати дастгиркунӣ вобастагӣ мекунад. Ҳамин тавр, ҳатто дар муҳокимаи судие, ки дар шакли умумӣ мегузарад, ин талабот иҷро карда намешавад. Дар ин ҳолат принсипи бегуноҳӣ ба принсипи гунаҳкорӣ мубаддал мегардад. Ва эҳтимолияти гунаҳкории айбдоршаванда (судшаванда) то он даме мешавад, ки гуноҳи ӯ бо далелҳои боваринок исбот нашаванд, чи хеле ки қайд мекунад П.С Элькинд (ҳам аз рӯи нуқтаи назари касбӣ ва ҳам аз ҷониби ахлоқӣ).

Кифоягии далелҳое, ки гунаҳгор будани гумонбаршударо (айбдоршавандаро, судшавандаро) тасдиқ мекунанд, аз тарафи субъекти исботкунанда аз рӯи боварии ботиниаш муаяйн карда мешаванд. Барои прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда кифоягии далелҳо барои гунаҳгор ҳисобидани гумонбаршуда (айбдоршаванда) дар он ҳолат ба фикри онҳо ба вуҷуд меояд, ки вақти ба итмомрасии тафтишот оид ба парвандаи ҷиноятӣ, фикри айбдоркунӣ ва равонкунии парванда ба суд ва судя – вақте ӯ ба хулосае меояд, ки ба ғайри баровардани ҳукми айбдоркунӣ дар муҳокимаи судӣ дигар ҳал нест.

Шубҳаҳои гунаҳгории айбдоршаванда бартараф карда нашаванд, ба фоидаи айбдоршаванда ҳал карда мешаванд. Ҳамаи шубҳаҳое, ки дар ТСТС ба вуҷуд меоянд, дар доираи он ҳал карда намешаванд. Дар ин ҳолат судя бояд қарор оид ба қатъи ТСТС барорад ва таъин кунад то парвандаи ҷиноятӣ бо тартиби умумӣ гузаронида шавад.

Дар қонуни мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, ки судя бо хоҳиши худ метавонад баррасии парвандаро бо тартиби соддакардашуда қатъ намояд. Барои ҳимояи айбдоршаванда дар ҳолати пайдо шудани шубҳаҳои муайян қонунгузор гузариш аз тартиби соддакардашуда ба тартиби умумии муҳокимаи судиро пешбинӣ намудааст.

Ҳамин тавр, оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ва амалишавии он дар ТСТС қонунгузор дасткашӣ аз ин принсипро дарҷ накардааст. Дар ин ҳолат бояд гуфт, ки ТСТС бояд ба ин принсип мувофиқат кунад. Аммо илм оид ба принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ба мо дигар намуд хусусиятро инъикос кардааст. Баъзе судяҳо принсипи эҳтимолияти бегуноҳиро дар ТСТС зери шубҳа қарор медиҳанд, аммо шумораи онҳо зиёд нестанд. Дар асоси ин гуфтаҳо, мо ба хулосае меоем, ки дар ТСТС принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ моҳиятан маҳмуд аст ва мазмуни он тағйирёбандааст.

# МАВҚЕИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР НИЗОМИ ТАҶЗИЯИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ

*Саидов С.,*
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ*

Пеш аз ҳама барои муайян намудани мавқеи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ зарурати кушодани мафҳуми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба миён меояд. Масалан, профессор А.М Диноршоев қайд менамояд, ки низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо мақомоти давлатии ёрирасони он вобаста ба салоҳият ва самти фаъолияташон аз дигар низоми мақомоти давлатӣ бо кадом хусусиятҳо фарқ мекунанд, пурра омӯхта ва баррасӣ карда шавад.

Зикр кардан ба маврид аст, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ мафҳуми ягонаи мақомоти давлатӣ дида намешавад. Аз ин рӯ, аксари муҳаққиқон мақомоти давлатиро ҳамчун қисми муайян ва махсуси дастгоҳи давлатӣ эътироф менамояд[1].

Ҳамин тавр, М.В. Баглай дар илми ҳуқуқ, ки одатан дар адабиётҳо ҳаммаъно будани ибораи «мақомоти ҳокимияти давлатӣ» ва «мақомоти давлатӣ» -ро эътироф менамояд.

Аз ҷумла, В.В. Лазарев андеша бар он дорад, ки мақомоти давлатӣ – ин сохтори дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки тибқи тартиби муқарраркардаи қонун таъсис ёфта, риояи тартиботи ҳуқуқиро дар доираи салоҳиятҳои муайян амалӣ менамояд.

Ҳамчунин А. Имомов қайд менамояд, ки мақомоти давлатӣ чун қисми таркибии давлат сохтори ба худ хос дорад, ки онро дастгоҳи давлатӣ меноманд. Инчунин ҳаммаъно будани мафҳуми давлат, ҳокимияти давлатӣ, дастгоҳи давлатӣ ва мақомоти давлатиро эътироф мекунад. Онҳо дар якҷоягӣ ва пайваста бо якдигар амал мекунанд. Ин омил аз ягонагии моҳият, таъиноти иҷтимоӣ, умумияти вазифаҳо ва ҳадафҳои ниҳоии онҳо бар меояд. Чунки дастгоҳи давлатӣ аз низоми мақомоти давлатӣ иборат аст, ки ба воситаи онҳо ҳокимияти давлатӣ ва вазифаҳои (функсияҳои) давлат ба амал бароварда мешаванд.

Ба ақидаи профессор Р.Ш. Сотиволдиев мақомоти давлатӣ унсури марказӣ ва мустақили дастгоҳи давлатӣ мебошад, ки бо тартиби муқарраркардаи қонун, ба мақсади амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ, функсияҳои дахлдори давлатӣ ва адои хизмати давлатӣ ташкил гардида, дорои салоҳияти ҳокимиятӣ мебошад.

Дастгоҳи давлатӣ гуфта, маҷмӯи мақомоти давлатиро меноманд, ки бо мақсади амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ва дар доира қонун ташкил шуда, сохти дохилӣ, низоми ягона ва мартаботӣ доранд[2].

Ҳамчунин В.В. Лазарев мафҳуми дигари мақомоти давлатиро пешниҳод менамояд: - ин гурӯҳи шаҳрвандон ё шаҳрвандони давлати муайян ва гурӯҳҳои ҳокимияти давлатии салоҳиятдоштаро меноманд[3].

Л.И. Спиридонов чунин мешуморад, ки мақомоти давлатӣ дар низоми идоракунии давлатӣ барои амалӣ намудани салоҳиятҳои ҳокимиятӣ дар доираи ваколатҳои хидматӣ бо фаъолияти идоракунии худ фарқ мекунад.

А.Н. Сагиндыкова муайян намудааст, ки мақомоти давлатӣ ҳамчун ташкилот сохтори ба худ хосро дорро мебошад, ки онро намояндагони халқ ва хизматчиёни давлатӣ ташкил дода, дорои ваколатҳои махсуси ҳокимиятӣ мебошад.

---

[1]Диноршоев А. М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе – 2007. Саҳ.53
[2]Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. Душанбе: «Империал-Групп» 2014. Саҳ. 144, 155, 165 ва 169.
[3]Диношоев А.Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе – 2007. Саҳ.53.

Профессор М.В. Баглай 3 хусусияти фарқкунандаи мақомоти ҳокимияти давлатиро фарқ мекунад, ки аз вазифа ва функсияҳои худи давлат бармеоянд:

1.Ҳар як мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда таъсис дода мешавад, ки барои амалӣ намудани ваколатҳои муайяни ҳокимияти давлатӣ равона карда шудааст;

2.Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои давлатиро тақсим намуда, хусусияти ҳатмигиро пайдо мекунад;

3.Фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар асоси тарзу усулҳое амалӣ карда мешавад, ки дар санадҳои ҳуқуқӣ дарҷ гардидаанд.

Дар асоси мафҳумҳо ва таҳлилҳои конститутсионӣ ба низоми мақомоти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шаҳрвандон ё гурӯҳи шаҳрвандон, ки дорои салоҳияти давлатию ҳокимиятӣ мебошанд. Аз ҷумла, дар низоми мақомоти давлатӣ бонуфузтарин мақом, ки он дорои салоҳияти давлатӣ-ҳокимиятӣ мебошад ниҳоди президентӣ ба шумор меравад.

Ин институти мустақили нави давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми низоми мақомоти давлатӣ нуфӯзи баланд ва таъсири бевосита дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи махсусро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси мансабдори олии мамлакат мебошад. Ӯ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) буда, вазъи ҳуқуқиаш дар боби чаҳоруми Конститутсия (моддаҳои 64-72) ва қонунҳои Тоҷикистон танзим ёфтааст.

Президент ҳамчун Раиси Ҳукумат ба фаъолияти Ҳукумати Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, барои ваколатҳояшро самаранок амалӣ намудани он тадбирҳо меандешад[1]. Аз ин боис, Президент ба ҷаласаҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ раисӣ менамояд ва ин маврид роҳбарии бевоситаи ӯ нисбати ин мақом зоҳир мегардад. Ҳукумати Тоҷикистон дар назди Президент ҳисоботдиҳанда мебошад[2].

Қайд кардан зарур аст, ки вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии Президенти мамлакат дар давлатҳои ҷаҳон гуногун аст. Агар сарвари давлат будани Президентро конститутсияҳои аксарияти ҷумҳуриҳои шакли идораи президентӣ дошта, муқаррар карда бошанд, сарвари ҳокимияти иҷроияи давлатӣ, яъне сардори Ҳукумат будани ӯро фақат конститутсияи баъзе давлатҳо пешбинӣ кардаанд. Дар ҳолати сардори Ҳукумат донистани Президент мансаби Сарвазир вуҷуд надорад ва худи Президент масъули ба роҳ мондани фаъолияти Ҳукумат мебошад. Ҳамчунин таҷрибаи ташкили ҳокимияти иҷроия дар Конститутсияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аксари мамлакатҳои Америкаи Лотинӣ пешбинӣ шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Президентро дар як вақт сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия ва қонуни конститутсионӣ "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" ӯро Раиси Ҳукумати Тоҷикистон эълон кардаанд. Аммо баробари ин мансаби Сарвазирро низ Конститутсия пешбинӣ кардааст, ки воқеан ягон нақши мустақил дар ташкили идоракунии мамлакат надорад ва берун аз супоришҳои Президент ба ҳалли масъалаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра таъсири ҷиддӣ расонида наметавонад. Дар конститутсияҳои Федерасияи Русия, Қазоқистон ва Қирғизистон татбиқи ҳокимияти иҷроия ба уҳдаи Ҳукумат гузошта шуда, вобаста ба ин салоҳияти васеи он пешбинӣ карда шудааст.

Ба ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия нисбат ба Президентони баъзе давлатҳои аъзои ИДМ салоҳияти васеи конститутсионӣ дорад[3]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия ва тавассути Ҳукумати кишвар ҳамчун Раиси Ҳукумат ба сатҳи марказии ҳокимияти иҷроия, ки расман вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва идораҳои ҷумҳуриявиро дар бар мегирад, роҳбарӣ мекунад[4].

---

[1]Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2011. Саҳ. 327.
[2] Разоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. Душанбе «ирфон» - 2010. Саҳ. 110.
[3]Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе-2011. Саҳ. 327.
[4] Разоқ

Президенти Тоҷикистон бо ду сифати вазъи ҳуқуқии худ: сарвари давлат ва сарвари ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ мавқеи хеле баланд дорад. Воқеан ӯ ҳамчун рамзи давлат, сарвари он дорои салоҳияти дар дохил ва хориҷи мамлакат намояндагии Тоҷикистонро дорад. Дар конститутсияи баъзе мамлакатҳо нишон дода шудааст, ки Президент ифодакунандаи ягонагии миллат буда, ҷумҳуриро дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад. Ҳуқуқи аз номи тамоми халқи Тоҷикистон сухан гуфтан дорад. Ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия Президент-Раиси Ҳукумати Тоҷикистон, масъули дуруст ба роҳ мондани идораи давлат мебошад. Вазъи ҳақиқии Президент воқеан чи дар ҳадди қонунҳо ва чи зиёда аз он хеле баланд буда, ваколатҳои ӯ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкили мақомоти давлатӣ ва муайян кардани низоми он, хостагирӣ ва ҷобаҷогузории кадрҳо қариб номаҳдуд мебошад.

Мувофиқи Конститутсия Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдории бардавомии давлат, мураттибии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмиллалии Тоҷикистон мебошад.

Ниҳоди Президенти Тоҷикистон дар механизми ҳокимияти давлатӣ функсияҳои ҳамоҳангсозиро ба уҳда дорад, ҳамчунин меъёрҳои конститутсионӣ ба зимаи Президенти ҷумҳурӣ аз ҷумла, таъмини мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳоро вогузор месозанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун маркази механизми давлатӣ барои таъмини тавозуни рукнҳои ҳокимияти давлатӣ усулу воситаҳои васеъ дар ихтиёр дорад.

---

ов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия. Душанбе «ирфон» - 2010. Саҳ. 141.

# СОХТИ ҶИНОЯТКОРИИ ЗАНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҷалолов Х.Ғ.,***
***ассистенти кафедраи***
***ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории***
***факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***

Сохти ҷинояткорӣ ин характеристикаи сифатии ҷинояткорӣ буда, хавфнокии онро барои ҷамъият нишон медиҳад, ки пешгирии ҷинояткорӣ бо роҳи дурусту фоиданок монда шавад. Бе шубҳа, сатҳи воқеии болоравии ҷинояткории замони муосир наметавонад ба харатеристикаи сифатӣ бетаъсир монад. Ин бевосита ҳангоми таҳлили вазъи ҷинояткорӣ маълум мегардад.

Таҳлили нишондоди сифатӣ дар давраи муайян имконияти кушодани раванди воқеӣ ва мунтазами ҷинояткориро нишон медиҳад. Нишондоди ҷинояткорӣ дар давлатҳои алоҳида сатҳи гуногун дорад. Ин аз низоми ҳуқуқӣ, ташкили мукаммали баҳисобгирии ҷинояткорӣ, сабаби ҷинояткорӣ ва дигар ҳолатҳо вобаста аст. Аломатҳои сифатӣ хусусият ва таркиби ҷинояткориро муайян мекунанд.

Сохти ҷинояткорӣ ин нишондоди муҳими тавсифи сифатии ҷинояткорӣ ва индикатори ба ҷамъият хавфнокии ҷинояткорӣ ба ҳисоб меравад. Сохт дар намуди томаш характер ва дараҷаи ба ҷамъият хавфнокие, ки маҷмӯи ҳамаи намудҳои ҷиноят, гурӯҳҳои ҷинояткориро ташкил медиҳад, инъикос мекунад. Н.Н. Данъшин сохти ҷинояткориро ҳамчун таносуби намуди алоҳидаи ҷиноятҳо ба ҳамаи ҷинояткорӣ дар пурагӣ дар ин ё он макон ва ё замони муайян, тавсиф медиҳад.[1]

Олими дигар И.И. Карпест оид ба сохти ҷинояткорӣ фикри дигар дошта, сохти ҷинояткориро ҳамчун вазни хос ва таносуби намудҳои гуногуни ҷиноят дар ҳудуди алоҳида муайян намудааст.[2] Ӯ нишондоди сифатии ҷинояткориро аниқ намуда, характери ҷинояткориро ҷудо менамояд, инчунин тавсифи шахсияти нафароне, ки ҷиноятро содир менамоянд, муайян менамояд. Характер ва сохтро олим ҷудо намуда, ба хулоса меояд, ки характери ҷинояткорӣ ба воситаи сохти он ҷудо карда мешавад.

Сохти ҷинояткорӣ таносуби гурӯҳи ё ин ки намудҳои ҷинояткориро дар маҷмӯи умумии ҷинояткорӣ ба ҳисоб гирифта, онро мекушояд. Ё ин ки таносуби категорияҳои гуногуни шахсони ҷиноят содиркардаро дар замони муайян (барои сол, моҳ), дар макони муайян (давлат, вилоят, шаҳр, ноҳия) мекушояд.

С. Баҳриддинов дар китоби худ «Криминология» мафҳуми сохти ҷинояткориро дода, онро аз рӯи асосҳои гуногун тасниф намудааст. Сохти ҷинояткорӣ аз рӯи мутаносибияти намудҳо (гурӯҳҳо)-и ҷиноят дар ҷинояткорӣ, бо таснифи аз рӯи аломатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноӣ ва ё асосҳои криминологӣ гузаронида шуда, муайян карда мешавад.[3]

Ҳангоми таҳлили он ба хулоса омадан мумкин аст, ки сохти ҷинояткорӣ ҳамчун нишондоди муҳими сифатӣ, дар навбати аввал барои тадқиқот зарур аст. Он нишон медиҳад, ки маҳз кадом ҷиноятҳои хавфнок вазни хоси баландро инъикос менамоянд. Барои таҳлили он ба нишондоди сифатии ҷинояткории занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон менигарем. Таҳлили таркиби ҷинояткории занон вобаста ба дараҷаи вазнинии ҷинояти содирнамудаи онҳо, бояд қайд кард, ки характери он барои ҳолати замони муосир раванди болоравии хавфнокии ҷамъиятӣ дорад ва ҷинояткории занон аз ҳисоби зиёдшавии ҷиноятҳои махсусан вазнини таркиби ҷинояткориро нишон медиҳад.

---

[1]Даньшин Н.Н. Преступность. Понятие и общая характеристика, причины и условия. Киев, 1988. - С. 22.
[2]Карпец И.И. Проблемы преступности. М., 1979; Преступность, иллюзии и реальность. М., 1992; Криминология. М., 1992. - С. 44.
[3]Баҳриддинов С.Э. Криминология (қисми умумӣ). Васоити таълимӣ. Душанбе, 2013. - С.45.

# РАЗВИТИЕ СУБЪЕКТИВНЫХ ГРАЖДАНСКИХ ПРОЦЕССУАЛЬНЫХ ПРАВ И ОБЯЗАННОСТЕЙ ЛИЦ, УЧАСТВУЮЩИХ В ДЕЛЕ ПО ГПК ТАДЖИКСКОЙ ССР 1963 ГОДА И ГПК РТ 2007 ГОДА)

***Фозилов Н.Н.,***
***старший преподаватель***
***кафедры судебного права и прокурорского***
***надзора юридического факультета ТНУ***

Лица, участвующие в деле по Гражданский процессуальный кодекс Таджикской ССР 1963 года[1] пользовались широкими субъективными гражданскими процессуальными правами и выполняли ряд субъективных гражданских процессуальных обязанностей. Признавая гражданское судопроизводство как совокупность гражданских процессуальных правоотношений[2], как деятельность суда и других участников гражданского процесса по отправлению правосудия по гражданским делам, мы должны отметить, что оно является процессуальной формой осуществления субъективных процессуальных прав и обязанностей. Если гражданские процессуальные правоотношения возможны только в форме правовых[3], то все гражданское судопроизводство есть не что иное, как реализация прав и обязанностей суда и других участников процесса.

Поэтому комплексное изучение и научная разработка проблемы субъективных процессуальных прав и обязанностей лиц, участвующих в деле фактически есть исследование проблем всего правосудия по гражданским делам в целом, т.е. с учетом всех стадий гражданского судопроизводства и особенностей порядка рассмотрения и разрешения некоторых категорий дел, обусловленных природой предмета защиты.

Наглядным подтверждением данного тезиса может служить такой пример. Так, для того, чтобы провести полный и всесторонний анализ субъективных прав лиц, участвующих в деле на распоряжение иском (например, права на отказ от иска, права на изменение предмета или основания иска, права на увеличение или уменьшение исковых требований), необходимо подвергнуть тщательному изучению такие кардинальные направления теории гражданского процессуального права, как проблема иска и права на иск. Выяснение разных аспектов субъективного процессуального права на представление доказательств и участие в деятельности по доказыванию (вопрос о том, является ли представление доказательств субъективным правом или обязанностью остается в правой науке спорным)[1] невозможно без учета вопросов, связанных с доказательствами и доказыванием в гражданском процессе.

Из-за объемности проблемы субъективных гражданских процессуальных прав и обязанностей лиц, участвующих в деле в рамках данной статьи они будут рассмотрены в общем аспекте.

Прежде всего, следует заметить, что широкие субъективные гражданские процессуальные права и ряд субъективных гражданских процессуальных обязанностей лиц, участвующих в деле были закреплены в ст. 97 ГПК Таджикской ССР 1963 года. Так, ч. 1 ст. 97 ГПК Таджикской ССР 1963 года наделяла лиц, участвующих в деле, правом знакомиться с материалами дела, делать выписки из них, снимать копии, заявлять отводы, представлять доказательства, участвовать в исследовании доказательств, зада-

---

[1]Гражданский процессуальный кодекс Таджикской ССР // Ведомости Верховного Совета Таджикской ССР. 1964. № 22. ст.5; 1966. № 11, ст.72; 1967 . № 1, ст.8; 1968. № 14, ст. 116; 1968. № 24, ст. 205; 1972. № 1, ст. 3; 1972. № 12, ст. 94; 1972. № 19, ст.152; 1973. № 1, ст.10; 1975. № 3, ст. 44; 1975. № 13, ст.142; 1977. № 17, ст.136; 1978. № 1, ст.8; 1982. № 1, ст.1; № 8, ст.71; № 11, ст. 130; 1986. № 4. ст.41; № 13. ст.117; 1988. № 7, ст. 92; № 12, ст.184; 1989. № 21, ст.165; № 23, ст. 211; 1990. № 16, ст.268, № 24, ст.410, 1991. № 18, ст. 244; пункт 1; 1993. № 19-20, ст. 438; № 23-24. ст. 509; 1997. № 9, ст.117; 1998. № 23-24, ст.336; 2002. № 4, ч.1, ст.278; 2006. № 3, ст.146. В дальнейшем – ГПК Таджикской ССР 1963 года.
[2]Курс советского гражданского процессуального права. – Т.1. – М.: Наука, – С. 119.
[3]Чечина Н.А. Гражданские процессуальные отношения. – Ленинград: Изд-во ЛГУ, 1964. – С. 46.
[1]Например: Треушников М.К. Доказательства и доказывание в советском гражданском процессе. – М.: Изд-во МГУ, 1982. – С. 44.

вать вопросы другим лицам, участвующим в деле, свидетелям и экспертам, заявлять ходатайства, давать устные или письменные объяснения суду, представлять свои доводы и соображения по всем возникающим в ходе судебного разбирательства вопросам, возражать против ходатайств, доводов и соображений других лиц, участвующих в деле, обжаловать решения и определения суда.

Наряду с вышеперечисленными субъективными гражданскими процессуальными правами в соответствии с ч. 2 ст. 97 ГПК Таджикской ССР 1963 года лица участвующие в деле были обязаны добросовестно пользоваться всеми принадлежащими им процессуальными правами. В свое время, указывая на аналогичную статью Основ гражданского судопроизводства Союза ССР и союзных республик[1], перечисляющую «весь комплекс прав лиц, участвующих в деле»[1], Н. А. Чечина обращала внимание на отсутствие в ней санкций, которые предусматривали бы невыгодные последствия для лиц, участвующих в деле, недобросовестно пользующимися своими процессуальными правами[2]. Далее, вышеуказанный автор считала, что не предусмотрев специальную санкцию за невыполнение обязанностей, законодатель, тем самым, заменил ее морально-этическими требованиями. Это, по мнению Н. А. Чечиной, является свидетельством нового направления по постепенной замене правовых норм нормами морали.

Дар КҶ Украина зери мафҳуми савдои одамон ва дигар навъҳои муомилот оид ба интиқоли одам «савдо, дигар навъи интиқоли пулакии одам бо розигӣ ва ё бе розигии ӯ ба воситаи сарҳади давлатии Украина бо мақсади савдои минбаъда ё истисмори меҳнати вай, ҷалб намудан дар амалиётҳои ҷиноятӣ, асорати қарзӣ, фарзандхондӣ бо мақсади тиҷорат, истифода дар муноқишаҳои ҷангӣ, истифода дар тиҷорати парнографӣ, супоридан ба шахси дигар бо мақсади истисмори ҷинсӣ фаҳмида мешавад». Мазмуни меъёрҳое, ки ба ҳимояи озодии инсон даъват менамоянд, дар Эъломияҳо, конвенсияҳо ва қонунгузории миллӣ дарҷ гаштаанд, ба ҳам мувофиқат намекунанд. Барои мисол, дар моддаи 3-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, моддаи 5-и Конвенсияи аврупоӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ ҳуқуқи ҳар нафар ба озодӣ эълон карда шудааст. Азбаски дар ин меъёрҳо намудҳои озодӣ баён наёфтааст ва мазмуни онҳо кушода нашудааст, дар ниҳояти тафсир мумкин аст ба хулосае омад, ки он ҳам озодии ҳаракат, ҳам озодии интихоби маҳали зист, ҳам дахлнопазирии инсонро, ки дар озодии инсон таҷассум меёбад, дар бар гирифтааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии Россия намудҳои пешниҳодшудаи озодӣ объектҳои гуногуни ҳифзи байналмилалӣ-ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. Дар Кодекси ҷиноятии Россия дар фарқият аз ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсият ба сифати объекти алоҳидаи муҳофизат ҷудо карда нашудааст. Дар чунин маврид, масалан, қасд ба озодии ҷинсиро бе маҳдуд намудани озодии шахсӣ тасаввур намудан мумкин нест. Ин номувофиқатиро ҳамчун холигоҳ дар қонуни ҷиноятӣ баҳо додан лозим нест, зеро маҳдудкунии озодӣ дар ҷобаҷогузории моддаҳои 131, 132-и КҶ ФР [2] зикр ёфтааст.

17 майи соли 2004 ба КҶ Тоҷикистон - моддаи 130[1] «Савдои одамон» ва 14.03.2014 моддаи 130[2] «Истифодаи меҳнати ғуломона» ворид карда шуд. Қонунгузории Тоҷикистон дар масъалаи муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона ба таври пай дар пай аз қонунгузории давлатҳои хориҷӣ хеле пеш гузашт. Дар байни нуктаҳои мусбие, ки барои такмил додани қонунгузории ҷиноятии мо бояд онҳоро иқтибосан қабул кард, метавон ҷудо намудани таркиби алоҳидаи ҷиноятии (таркиби муайяншудаи содир намудани ҷиноят нисбати занони ҳомила КҶ Белорус, Молдова) -ро номбар кард, ки қабул намудани он ба такмили қонунгузории ҷиноятӣ дар масъалаи савдои одамон мусоидат менамояд.

Чихеле, ки тадқиқотҳои анҷомдодашудаи қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ (давлатҳои ИДМ) нишон доданд, дар ин навъи қонунгузорӣ дар баробари пешравиҳо дар самти таҳқиқ, баҳодиҳӣ ва мубориза алайҳи савдои одамон як қатор норасоиҳо низ ҷой доранд. Дар бисёр мамлакатҳо савдои одамон бо нишонаҳои субъективӣ маҳдуд гардидааст. Сустии қонунҳо дар он зоҳир мегардад, ки дар онҳо тамоюли маҳдуд сохтани мазмуни ҷинояти баррасишаванда бо мақсадҳои муайян асосан бо шаклҳои зерин ба мушоҳида мерасад: истисмори ҷинсӣ, табдил додан барои ғуломӣ.

Ба андешаи мо ин тарзи муносибат нодуруст мебошад, зеро савдои одамон ғайр аз истисмори ҷинсӣ боз ҳадафҳои дигари зиёд дорад, аз қабили гирифтани узву бофтаҳо барои таранплантатсия, фарзандхондӣ ва ғ, ки ин на дар ҳама конунгузории ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ дида мешаванд.

Ҳамин тавр, дар мисолҳои алоҳида мо бартарият ва норасогиҳои ҳамроҳкунии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро ба қонунгузории дохилидавлатӣ равшан мушоҳида менамоем. Боз як бори дигар хотиррасон мекунем, ки ҳамроҳ намудани меъёрҳои

---

[1]УК Кыргызской республики. Под ред.А.П. Стуканова.-СПб., 2002.

[2]Кодекси ҷиноятии ҶТ ш. Душанбе, 21 маи соли 1998

ҳуқуқи байналмилалӣ бо мақсади мутобиқ намудани қонунгузории давлатҳои алоҳида ба меъёрҳои байналмилалӣ мебошад. Принсипи бартарияти меъёри байналмилалӣ ҳанӯз дар моддаи 27-и Конвенсияи венагӣ оид ба ҳуқуқи шартномаҳои байналмилалӣ аз 23 марти соли 1969 тасвири пурраи худро ёфтааст. Мутобиқи он иштирокчии шартнома наметавонад, ки дар ҳолатҳои иҷро накардани шартнома барои ҳимояи худ ба қонунгузории дохилидавлатӣ такя намояд.

Дар натиҷаи иҷрои талаботҳои санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ меъёрҳои онҳо дар ташаккули низоми таркибҳои ҷиноятии муқобили озодии инсон ба қонунгузориҳои дохилидавлатӣ таъсири амиқ расониданд. Вобаста ба ин, таҳлили муқоисавии қонунгузориҳои ҷиноятии мамлакатҳои хориҷӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва озодии шахсии инсон аҳамияти калон пайдо мекунад.

Баҳодиҳии баъзе хусусиятҳои қонунгузории ҷиноятии мамлакатҳои ИДМ оид ба ҳимояи ҳуқуқи шахсият ба озодиро ба анҷом расонида истода, ба чунин самт диққати махсус додан лозим аст, ки ҳамаи қонунҳои дар боло зикрёфта дар охири асри 20, яъне пас аз қабули санадҳои асосноки байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва озодии инсон қабул гардидаанд. Азбаски қонунгузории байналмилалӣ ҳимояи дахлнопазирии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз қабили ҳуқуқ ба зиндагӣ, саломатӣ, озодиро ҳадафи асосӣ қарор медиҳад, аксари қонунҳои давлатҳои хориҷӣ феҳристи овардашудаи объектҳои ҳимояи байналмилалӣ-ҳуқуқиро такрор менамоянд ва барои вайрон намудани ин муқаррарот ҷавобгарӣ татбиқ менамоянд. Қайд кардан зарур аст, ки дар самти ба роҳ мондани ҳамкориҳо ҷиҳати мубориза ба муқобили савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона дар байни давлатҳои ИДМ корҳои зиёди муфид ба анҷом расонида шудаанд. Ба ин гуфтаҳо «Барномаи ҳамкории давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ дар мубориза бо савдои одамон барои солҳои 2007-2010» (бо қарори Шӯрои сардорони давлатҳои Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ аз 28 ноябри соли 2006 тасдиқ гардидааст); «Қонуни моделӣ оид ба расонидани ёрӣ ба ҷабрдидагони савдои одамон» (3 апрели соли 2008 дар шаҳри Санкт-Петербург бо қарори 30-12 дар ҷаласаи 30-юми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ қабул гардидааст); «Қонуни моделӣ оид ба муқобилият бо савдои одамон» (3 апрели соли 2008 дар шаҳри Санкт-Петербург бо қарори 30-11 дар ҷаласаи 30-юми пленарии Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ қабул гардидааст), мисол шуда метавонанд, ки дар ҳар кадоми ин ҳуҷҷатҳои муҳим самтҳои асосии ҳамкориҳои давлатҳои ИДМ ҷиҳати муқобилият бо савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона нишон дода шудааст.

Консепсияҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ҳимояи озодии шахс дар он зоҳир мегарданд, ки ташкилотҳои байналмилалӣ маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқиро қабул намудаанд, бояд тавассути риояи тавсияҳои қонунгузории байналмилалӣ ҷиҳати ба меъёрҳои қонунгузории байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ амалӣ карда шавад.

Дар ҷамъбасти таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳуқуқи байналмилалӣ институти меъёрҳо роҳандозӣ гардидааст, ки фаъолияти он бевосита ба муқовимат алайҳи савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона равона гардидааст. Дар натиҷа Тоҷикистон бо мамлакатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ маҷмӯи санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва аҳдномаҳоеро ба имзо расонидааст, ки онҳо муқобилияти ҷомеаи ҷаҳонӣ ва давлатҳоро бар зидди савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона ба танзим медароранд. Савдои одамон, ғуломӣ, меҳнати маҷбурӣ, ҳолатҳои ғайриихтиёрӣ ва дигар зуҳуроти манфии иҷтимоӣ дар замони ҳозира аз ҷониби ҷомеаи байналхалқӣ пурра тариқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ карда шудаанд.

Вазифаи муҳими қонунгузории миллӣ истифодаи тамоми имкониятҳои мавҷудаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҷомеаи байналхалқӣ мебошад, ки ба муқовимат алайҳи савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломона нигаронида шудаанд. Аввалан, ин ба қисми 2, моддаи 1-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] дар бораи афзалияти меъёрҳои байнал-

[1]Кодекси ҷиноятии ҶТ ш. Душанбе, 21 маи соли 1998

милалӣ-ҳуқуқӣ нисбат ба миллӣ мухолифат намекунад, дуюм ҷомеаи байналхалқӣ дар фарқият аз Ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи ниҳоят пешинаи ташаккул ва рушду инкишофи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи муқовимат алайҳи савдои одамон ва истифодаи меҳнати ғуломонаро дошта, дар ин бобат ҷиҳати ҳалли проблемаи мазкур маҷмӯи низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ кор карда баромада шудаанд.

Дар айни замон раванди коркард, мутобиқгардонӣ ва қабули санади меъёрӣ-ҳуқуқии типӣ (моделӣ) хеле муҳлати дуру дарозро талабгор буда, қабул намудани он аз ҳар як давлати иштирокчии ИДМ муддати боз ҳам дарозтарро тақозо менамояд. Аз ин хотир, ин тарзи ба шакл даровардани санадҳои номбурда ба танзими фаврӣ ва устувору мустаҳками равандҳои интегратсионӣ дар доираи татбиқи сиёсати иқтисодии хориҷии ҳар як давлати иштирокчии ИДМ дар алоҳидагӣ ва Иттиҳоди давлатҳои муштаракулманофеъ дар маҷмуъ мусоидат карда наметавонад, зеро дар шароитҳои иқтисоди бозорӣ маҳз мобилнокии (фаврияти) мавқеи ҳар як давлати иштирокчӣ аҳамияти калон пайдо намудааст.

Новобаста аз ин, муқоисаи қонунгузории ҷиноятии ИДМ бисёр меъёрҳои нодиру муфидро ба миён оварда, имконият фароҳам меоранд, ки дар баробари савдогарони «молҳои зинда», инчунин шарикони онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Аз ин ҷиҳат омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқии ҷиноятии мамлакатҳои хориҷи наздик барои фаҳмидани моҳият ва механизми амали чунин меъёрҳо, ташаккули ҳамҷавори онҳо, ки ба талаботҳои қонунгузории миллӣ ҷавобгӯ бошанд, аҳамияи калон дорад.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ВА МАСОИЛИ ТАТБИҚИ ОДАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ

***Кодиров Н. А.***
***ассистенти кафедраи ҳуқуқи***
***байналхалқии факултети***
***ҳуқуқшиносии ДМТ***

Баъд аз таназзули давлати Сомониён Истиқлолияти ҳақиқии миллӣ паз аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ 9-уми сентиябри соли соли 1991 ҳангоми соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон насибамон гашт. Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории мардуми сарбаланду ботамаддуни тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навиштааст. Маҳз бо талошҳои марди абармард Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикостон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ваҳдати миллӣ санаи 27-уми июни соли 1997 амали гардида буд ва имрӯзҳо ин иқдоми бузурги ӯ дар ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор гирфтааст. Имрӯз миллати тоҷикро тамоми дунё чун қувваи бузург эътироф мекунад ва дар муносибатҳои байналмилалӣ бо кишвари маҳбуби мо қарор доранд. Воқеан ваҳдати миллӣ дар рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилидавлатӣ нақши бузуг дошта, рушди илму техника муносибатҳои тиҷоратӣ, меҳнатӣ оилавӣ ва мурофиавӣ байни субъектҳои давлатҳои ҷудогона бо Ҷумҳурии Тоҷикистон рушд ёфт. Қонунгузории кишвар такмил ёфта, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аз қабили шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ равнақ ёфта, аз ҷумла муносибатҳои тиҷоратию савдои бо субъектони хоҷагидори хориҷӣ ва субъектони хоҷагидори Тоҷикистон васеъ гардид. Ин муносибатҳо бе баҳс вуҷуд дошта наметавонад ва барои татбиқи дурусти онҳо сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, аз қабили шартномаҳои байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, таҷрибаи судӣ ва одатҳои ҳуқуқӣ аҳамияти муҳим доранд. Татбиқи одатҳои байналмилаӣ-ҳукуқӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ-хукуқӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон дар марҳилаи инкишофёбӣ қарор дорад ва зарурияти эътирофи одатҳои байналмилалӣ расидааст.

Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки бо таърихи ҳуқуқи байналмилалӣ алоқаманд аст одат мебошад, ки дар иерархияи сарчашмаҳои ҳуқуқи мамлакатҳои дорои ҳуқуқи континенталӣ ва умумӣ мавқеи якхеларо ишғол намекунад. Агар дар мамлакатҳои дорои низоми кодификатсияшудаи ҳуқуқ одат ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ баъди қонунҳо эътироф шавад, пас дар низоми ҳуқуқи англо-америкоидошта он баъди таҷрибаи судӣ қабул мешавад. Ин ҳолат маънои онро дорад, ки одат ҳамчун сарчашма нақши дуюминдараҷаро мебозад. Ба ҳар ҳол, муайян намудани мавқеи одат дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳамияти бениҳоят зарурӣ дорад.

Қонунгузорӣ мафҳуми одатро муайян накардааст, бинобар ин, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ вобаста ба мафҳуми он фикру андешаҳои гуногун оварда шудааст. В.П. Звеков андеша дорад, ки гурӯҳи меъёрҳои одатӣ дар соҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ якхела намебошанд.[1] Одатҳои байналмилалӣ бо хислати оммавӣ ва хусусӣ доштанашон аз ҳам фарқ мекунанд. Одатҳои байналмилалии умумӣ дар натиҷаи такрор ёфтани муносибати байни худи давлатҳо ба вуҷуд меоянд, одатҳои хусусӣ бошанд ҳангоми аз тарафи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ давлатҳои гуногун, ки дар муносибатҳои соҳибкорӣ, қарор доранд ва чун қоида аз меъёрҳои одатӣ васеъ истифода мебаранд. Аз нуқтаи назари Г.К. Дмитриева зери мафҳуми одат қоидаҳои устувори дар таҷриба ба

[1] Международное частное право: Учебник. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Юристъ, 2004. – С. 127.

дастомада, ки қувваи ҳатмии ҳуқуқӣ дорад фаҳмида мешавад.[1] Ин андеша баҳсро ба вуҷуд меорад, чунки на ҳамаи одатҳо қувваи ҳатмии ҳуқуқи доран, одатҳое хислати ҳатми мегиранд, ки дар меъёрҳо таҷассуми хешро ёфтаанд. Чунон чӣ, олимон В.Н. Фисенко ва И.В. Фисенко онро чунин муайян кардаанд: «Одатҳо – ин қоидаҳое мебошанд, ки дар доираи вақти дуру дароз ҷамъ шудаанд ва бо вуҷуди дар ягон ҷой қайд нашуданашон мунтаззам татбиқ мешаванд».[2] Аз мафҳуми додашуда бармеояд, ки одат дорои чунин аломатҳои асосӣ мебошад:

- қоидаҳои ҷамъшуда;
- татбиқу истифодаи низомнок;
- қайднашаванда.

Мафҳуми ба ин монандро инчунин М.М. Богусловски овардааст: «Одатҳо – ин қоидаҳое мебошанд, ки дер боз ҷамбастшудаанд, ба таври низомнок истифода мешаванд, гарчанде дар ягон ҷой қайд нашудаанд»[3] [4, с.71]. Мафҳуми мазкур дар фарқият аз мафҳуми қаблӣ муайяният ва давомнокии мавҷудияти онҳоро ба таври махсус қайд кардааст.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ олимони ватанӣ низ вобаста ба нақши одатҳо дар танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ фикру андешаҳои мухталиф баён намудаанд. Ба ақида Ш.М. Менглиев одат ин дар натиҷаи истифодабрии дурударози вақт, дар ягон ҷой муайян қайд нашуда, доимо истифодашаванда, ба тартиботи оммавӣ зид набуда.[4] Дар ҳақиқат одат вақте қоидаи рафтор эътироф мешавад, ки дар натиҷа истифодабарии доими ба қоидаи рафтор табдил меёбад. Ба андешаи А.М. Мирзоев ҳангоми муайян намудани анъанаҳои муомилоти корӣ ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи ҶТ зарур аст, ки шаклҳо ва тарзҳои ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ ба роҳбарӣ гирифта шаванд. Яъне, дар кадом шакл метавон меъёрҳои ҳуқуқро тасаввур намуд.[5] Инчунин И.И. Камолов қайд менамояд, ки анъанаҳои муомилоти корӣ ба сифати яке аз шартҳои муҳими истифодаи қиёси қонунгузории граждани баромад менамояд.[6] Ба андеша мо ин ақида баҳснок аст, чунки дар моддаи 6 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, № 803.[7] (КГ ҶТ) шабоҳати қонун чунин дода шудааст. Дар ҳолате, ки муносибатҳои пешбининамудаи қисмҳои 1 ва 5 моддаи 1 ҳамин кодекс бевосита бо қонунҳо ё созишномаи тарафайн танзим нашудаанду анъанаи дар ин маврид истифодашаванда вуҷуд надорад, нисбати чунин муносибат меъёри қонунҳои граждании танзимкунандаи муносибати шабеҳ (шабоҳати қонун) истифода мешавад, зеро ин хилофи моҳияти онҳо намебошад. Ба андешаи Р.Ш. Сотиволдиев барои мавриди истифода қарор гирифтани анъанаҳои муомилоти корӣ зарураст, ки давлат онҳоро эътироф намояд, дар акси ҳол онҳо сифати одати ҳуқуқиро намегиранд ва мутаносибан ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ эътироф намегарданд.[8] Воқеан мо тарафдори чуни андеша мебошем, дар чунин ҳолат истилоҳи эътирофнамои аз ҷониби давлат истифода намудани одатҳо дар муомилоти воқеии соҳибкори истифода мещавад. Олими дигари тоҷик Ф.С. Сулаймонов дар тафсири моддаи 1219 КГ ҶТ қайд менамояд, ки агар шартнома бо шартҳои CIF баста шуда бошад ва агар дар он имконияти муайян намудани мазмуни дилхоҳ истиллоҳи байналмилалӣ мавҷуд набошад, пас дар ин сурат зарурат пеш меояд, ки аз мазмуни истилоҳи мазкур, ки дар матни ИНКОТЕРМС оварда шудааст, истифода бурда

[1] Международное частное право: Учебник / Л. П. Ануфриева, М43 К.А. Бекяшев, Г. К. Дмитриева и др.; Отв. ред. Г. К. Дмитриева. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004. – С. 94.

[2] Фисенко В.М., Фисенко И.В. Международное частное право. Общая часть. – Минск, 1992. - С. 28.

[3] Богуславский М.М. Международное частное право. - М.: Юристъ, 1999. - С. 71.

[4] Менглиев Ш. Лекции по международному частному праву. - Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – С. 62.

[5] Мирзоев А.М. Теоретические проблемы признания Республикой Таджикистан обычаев делового оборота: Научно-информационный журнал «Правовая жизнь» № 2 (10) 2015. - С. 153.

[6] Камолов И.И. Теория государства и права. Душанбе, 2003. - С. 256.

[7] Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, № 803 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1999, № 6, мод. 153, 154; соли 2001, № 7, мод. 508; соли 2002, № 4, қ-1, мод. 170; соли 2005, №3, мод. 125; соли 2006, №4, мод. 193; соли 2007, №5, мод.356; соли 2010, №3 , мод.156; №12, қ1, мод. 802; ҚҶТ аз 03.07.2012с., №850, ҚҶТаз 28.12.12 №928; ҚҶТ аз 22.07.2013с. №976.

[8] Сотиволдиев Р.Ш. Проблемаҳои назаряи давлат ва хуқуқ: воситаи таълимӣ дар ду ҷилд. Ҷилди 2. Душанбе: «Империал-Групп», 2010. - С. 382.

шавад.[1][Албата зарурияти эътирофи одатҳои байналмилалӣ расидааст, чунки ҶТ ба Конвенсияи байналмилалии хариду фуруши мол аз соли 1980 ҳамроҳ шудааст ва 18 марти соли 2015, № 1183.[2] Қонуни ҶТ «Дар бораи арбитражи байналмилалӣ» қабул шудааст. Палатаи савдо ва саноати ФР моҳи июни соли 2001 Инкотермсро ба сифати одатҳои амалкунанда дар ҳудуди ФР эътироф намуд.

Фармони Президенти Украина аз 4 октиябри соли 1994 муайян менамояд, ки ҳангоми бастани шартнома байни субъектони фаъолияти соҳибкории Украина аз ҷумла аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ, ки ба сифати предмети он мол натиҷаи расонидани баромад мекунад ҳатман қоидаҳои Инкотермс истифода шавад.

Дар воқеъ одатҳо танҳо дар он ҳолате қоидаи рафтор дониста мешаванд, ки дар натиҷаи истифодаи чандинкарата хислати хоси субъект қарор мегиранд..

Аломати дигари муҳим – ин мухолифат надоштан ба тартиботи оммавӣ мебошад. Хилофи тартиботи оммавӣ набудан яке аз аломатҳои асосии одатҳо арзёбӣ мешавад. Ҳамаи ин аломатҳо дар маҷмӯъ моҳияти одатҳоро ифода менамоянд, ки чун қоида муносибатҳои муайянро ба танзим медароранд.

Хулас, одат – ин қоидаи рафтори дар натиҷаи истифодаи чандинкарата шаклгирифтае мебошад, ки дар ягон ҷой қайд нашудааст, чун қоида доимо татбиқ мегардад ва ба тартиботи оммавӣ мухолифат намекунад.

Дар баъзе давлатҳо (ҶФО, Фаронса) истифодаи одатҳои мухолифи қонун ҳам ҳатто истисно карда намешавад. Дар Швейцария ва Гретсия низ одатҳо бо қонунҳо баробар кара шудаанд ҳамчун сарчашмаи асоси эътироф мешаван. Дар давлатҳои низоми ҳуқуқи континенталӣ сухан на танҳо дар «хусуси таносуби одат ва қонун меравад, балки дар бораи таносуби одат ва меъёри ҳуқуқи перетседентӣ (амсолиявӣ) низ ҳадс зада мешавад: меъёрҳои ҳуқуқи одатӣ дар натиҷаи аз тарафи судҳо татбиқ гардидан ба меъёрҳои ҳуқуқи перетседентӣ (амсолиявӣ) мубадал мегарданд ва қисми таркибии ҳуқуқи умумиро ташкил медиҳанд».[3]

Аз ин бармеояд, ки одат дар иерархияи меъёрҳои ҳуқуқ мавқеи якхеларо ишғол намекунад. Бо вуҷуди ин, таъсири танзимнамоии онҳоро набояд инкор кард.

Дар ҳуқуқи миллӣ, ба хусус дар КГ ҶТ дар фарқият аз қонунгузории баъзе мамлакатҳои ИДМ (моддаи 3 КГ Ҷумҳурии Қазоқистон), одат сарчашмаи ҳуқуқ эътироф карда намешавад. Аммо ин маънои пурра инкор кардани аҳамият ва нақши танзимнамоии ҳуқуқро надорад. Чунин ҳолат танҳо дар мавриди аз тарафи давлат манъшудани одат имконпазир аст.

Давлат, пеш аз ҳама, мазмуни одатро, маъмулан қоидаи рафторро иҷозат медиҳад. Тавассути санксиякунонӣ давлат, асосан мазмуни одатро, ҳамчун қоидаи рафтор умумиҳатмӣ мегардонад, ки дар натиҷа он ба санади қонунгузорӣ мубаддал мегардад. Моҳиятан, дар чунин вазъият одат қоидаи рафтор будани худро гум мекунад ва дар ҷои он санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба вуҷуд меояд.

Дар шароити кунунӣ давлат метавонад қаблан эҳтимоли татбиқ шудани одатҳои муайянро, ки дар оянда дар соҳаи муайян ҷамбаст мешаванд, эътироф намояд. Хусусияти асосии онҳо ин аст, ки бо мукаммал гардидани гардиши иқтисодӣ метавонанд тағйир ёбанд: баъзеи онҳо аҳамияти худро гум мекунанд, баъзеи дигар ташаккул меёбанд.

Мутобиқи моддаи 5 КГ ҶТ анъанаи муомилоти корӣ, сарфи назар аз сабт ёфтани он дар ягон ҳуҷҷат, қоидаи рафтори дар қонунҳо пешбининашудае эътироф мегардад, ки дар ягон соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба миён омада, васеъ истифода бурда мешавад. Аз мафҳуми додашуда чунин аломатҳои анъанаҳои муомилоти корӣ ҳувайдо мегардад:

а) қоидаи рафтори ҷамъгардида;

б) истифодабарии васеъ;

в) дар соҳаи муайяни фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда;

---

[1] Сулаймонов Ф.С. Международное частное право: комментарий к разделу VII Гражданского кодекса Республики Таджикистан / под. ред. д.ю.н. проф. Ш. Менглиева. Душанбе: Истеъдод, 2011. - С. 109.

[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" аз 18 марти соли 2015, № 1183 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2015, № 3 , мод.205.

[3] Гражданское и торговое право капиталистических стран. - М.: Междунар. отношения, 1993. - С. 31

г) дар қонунҳо пешбини нашуда;

д) ҳатмӣ набудани сабт ёфтани он дар ягон ҳуҷҷат.

Ҳамзамон дар қонунгузорӣ маҳдудияти истифодаи анъана низ пешбинӣ шудааст. Мутобиқи қисми дуюми моддаи зикршуда анъанаи муомилоти корие, ки хилофи муқарраroти қонун ё шартномаи барои иштирокчиёни муносибати дахлдор ҳатмӣ мебошад, истифода намешавад.

Бояд зикр кард, ки мафҳуми анъана нисбат ба мафҳуми одат ҳам аз ҷиҳати этимологӣ ва ҳам мазмун маҳдудтар мебошад. Одатро бояд аз анъана фарқ кад. Анъана метавнад робитаи тарафҳоро танзим кунад фақат дар ҳолате, ки тарафҳо дар ин ё он шакл зарурияти эътироф кардани анъанаро дар ягон муносибати танзимшаванда истифода баранд. Одатҳо бошанд дар дилхоҳ муносибатҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ васеъ истифода бурда мешаванд. Дигар фарқияти анъана аз одат дар он аст, ки мутобиқи моддаи 1191 КГ ҶТ анъана, яъне иродаи тарафҳои аҳдкунанда ба сифати сарчашмаи ҳуқуқ баромад карда наметавонад. Илова бар ин, гарчанде анъанаҳо дар соҳаҳои гуногун ҷой дошта бошанд ҳам, вале қонунгузорӣ ба сифати сарчашма танҳо анъанаҳои дар фаъолияти соҳибкорӣ истифодашавандаро эътироф кардааст.

Ишора ба татбиқи анъанаҳои муомилоти корӣ ҳамчунин дар қисми 5 моддаи 453 КГ ҶТ ҷой дорад, ки тибқи он: агар шарти шартнома аз ҷониби тарафҳо ё меъёри диспозитивӣ муайян нашуда бошад, шартҳои дахлдор бо анъанаҳои аҳдҳои корӣ, ки нисбати тарафҳо татбиқ мегардад, муайян карда мешаванд.

Агар дар шартнома истилоҳоти тиҷоратии савдо дар аҳдҳои байналмилалӣ қабулгардида истифода шаванд, пас ҳангоми дар шартнома набудани нишондодҳои дигар ба ҳисоб гирифта мешавад, ки тарафҳо нисбат ба онҳо татбиқ гардидани анънаҳои мубодилаи кориро дар муносибати мавҷудаи истилоҳоти дахлдори тиҷоратӣ мувофиқа кардаанд (қисми 7 моддаи 1219 КГ ҶТ).

Саволе ба миён меояд, ки оё тавассути одатҳо муносибатҳои бо унсури хориҷӣ таркибёфта дар тамоми соҳаҳои ҳаёти байналмилалӣ танзим меёфта бошанд? Албатта не. Табиати одатҳои байналмилалӣ дар моддаи 38 Статути Суди байналмилалии СММ (б.1 «в») кушода шудааст, ки дар он қайд карда мешавад, ки одати байналмилалӣ ҳамчун далели таҷрибаи умумибашарӣ, ки ба сифати меъёри ҳуқуқ эътироф шудааст, тавсиф карда мешавад.

Ҳамин тавр, одатҳо, ҳамчун қоидаҳои муайяни рафтор, амалан ҷойдоранд ва дар ҳама ҳолатҳое, ки тарафҳои муносибатҳо онҳоро ба роҳбарӣ мегиранд ва ё ҳаракатҳои онҳо таҳти таъсири одатҳои дахлдор қарор доранд, амал мекунанд. Одатҳо,инчунин аз тарафи суди арбитражӣ татбиқ мегарданд, агар ин дар шартномаи тарафҳо, ки вобаста ба он баҳс пайдо шудааст оварда шуда бошад, ҳамчунин агар ба онҳо меъёрҳои ҳуқуқ ҳавола карда бошанд ва билохира агар ин дар шартномаҳои байнидавлатӣ пешбинӣ шуда бошад. Мутобиқи моддаи 43 Қонуни ҶТ "Дар бораи арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ" аз 18 марти соли 2015, № 1183. Дар ҳамаи ҳолатҳо арбитраж мутобиқи шартҳои шартнома ва бо назардошти одатҳои тиҷоратие, ки нисбати ҳамин аҳд татбиқ мешаванд, ҳалнома қабул менамояд. Яъне ҳангоми ба вуҷуд омадани баҳс байни субъектони хоҷагидори ду ва зиёда давлатҳо арбитр метавонад вобаста ба шартҳои дар шартнома пешбини намудаи тарафҳо, ки ба одатҳои байналмилалӣ ишора шудааст баҳсро ҳал намояд.

Одатҳои байналмилалӣ қоидаҳои аз ҷониби палатаи савдои Париж (Франсия), соли 1936 ҷамъ оварда шуда, Кодификатсия карда шудааст. Албатта, то ин ҷониб қоидаҳои ИНКОТЕРМС чанд маротиба тағйир дода шуда, базе аз қоидаҳои он ихтисор шудаанд. Қоидаҳои ИНКОТЕРМС 13 намуди шартҳои молсупориро дар бар мегирад: EXW (Франко завод) FCA (Франко интиқолдиҳанда) FAS (Франко бо дарозии борти киштӣ) CFR (Арзиш ва фрахт) CIP (Пардохт кардани боркашонӣ ва суғурта ухдадории фурӯшанда) CPT (Пардохти боркашонӣ то ҷойи таъини мол) DAP DAF DES DDU (Ин чор қоида мазмуни якхела дошта, маънои ба ҷойи лозима расонидани молро доанд) DAT (Ба терминали таъин шуда расонидани мол) DDP (Расонидани моп бо пардохт намудани

боҷи гумрукӣ).[1] Тавассути ин шартҳо тарафҳои аҳдкунанда муносибатҳои тиҷорати худро амали мегардонад: Кодификатсияи муҳиме, ки аз тарафи Палатаи байналмилалии савдо амалӣ карда шудааст «Қоидаҳои байналмилалии савдо – ИНКОТЕРМС» дар соли 2010 ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии ИНКОТЕРМС кор карди маҷмӯаи қоидаҳои байналмилалии тафсири истилоҳҳои бештар дар савдои байналмилалӣ истифодашаванда, муайян намудани мазмун, моҳият ва тартиби истифодабарии дурусти онҳо ҳангоми ба миён омадани баҳс мебошад.

[1] Международные правила толкования торговых терминов ИНКОТЕРМС (Iternational Chamber of Commerce) 2010.

# ОБ ОСОБЕННОСТЯХ УГОЛОВНО-ПРАВОВОЙ ХАРАКТЕРИСТИКИ ОСУЖДЕННЫХ ЖЕНЩИН В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ.

***Шокирзода Г.***
***асипирант кафедры уголовного права***
***юридического факультета ТНУ***

Уголовно-правовой компонент характеристики осужденных женщин предусматривает такие необходимые признаки, которые отражают особенности совершаемых преступлений, их характер, степень общественной опасности, срок лишения свободы, рецидив преступлений. Сюда же, кроме того, следует отнести такие важные признаки, как возможность применения положений закона об условно-досрочном освобождении от отбывания наказания и замене неотбытой части наказания более мягким видом наказания.

Значение признаков уголовно-правовой характеристики состоит в том, что они позволяют судить, за совершение каких преступлений наиболее часто женщины осуждаются к лишению свобод, каковы размеры наказания, определяемого судами, исходя из характера и степени общественной опасности содеянного и личности виновного, и др. Это в свою очередь, является основной для осуществления дифференциации и индивидуализации исполнения наказания.

Квалификация преступлений как составная часть уголовно-правовой характеристики – наиболее важный показатель, в котором выражаются как личностные качества осужденных, так и степень общественной опасности деяний, за совершение которых отбывают наказание в виде лишения свободы, в исправительных учреждениях осужденные женщины.

За последние пять лет произошли изменения в отношении разных групп преступлений.

Доминирующими являются три группы преступлений. Это преступления против собственности (мошенничество – 51,7%, кража – 4,7%), преступления против жизни и здоровья (25,1%), и преступления, связанные с незаконным оборотом наркотиков (3,3%). Так, доля осужденных женщин за мошенничество в 2014г. – 51,1%, в 2017г. – 51,7%, увеличилось на 0,6%; доля осужденных женщин за убийство в 2014г. – 42,6%, в 2017г. – 25,1% резко уменьшилось на 17,5%; Доля осужденных женщин за торговлю людьми в 2014г. – 1,5%, в 2017г. 2,8% увеличилась, то есть имеет место тенденция к росту[1].

За прошедшие четыре года доля осужденных женщин за незаконный оборот наркотических средств или психотропных веществ с целью сбыта изменилась и составляет 6,2% против 3,3% в 2017 году, снижение составило 2,9%[2].

Доли женщин, отбывающих наказание за совершение умышленных убийств, свидетельствует о стойкой и весьма неблагополучной тенденции. Хотя за последние четыре года преступниц стало меньше на 17,5%. умышленные убийства являются опасными насильственными преступлениями. Поэтому из всех совершенных женщинами преступлений умышленное убийство следует признать одним из самых негативных изменений в структуре женской преступности, отходом от традиционно «женских» преступлений, для которых насилие не было доминирующим способом совершения посягательств.

Возросла категория женщин, осужденных за преступления, связанные с наркотиками. Так, из 187 осужденных женщин ИК общего режима в 2016 году отбывали наказания за преступления, связанные с незаконным оборотом наркотиков 3,1%. В настоящее время данный показатель незначительно изменился и составляет 3,3% от всех осужденных женщин, отбывающих наказания, то есть доля осужденных женщин увеличилась в 0,2%[3].

---

[1] Квартальный отчет Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан по состоянию на 1 апреля 2017 года.

[2] Там же.

[3] Там же.

Нередко данное преступление со стороны женщины – результат соучастия и пособничества на вторых ролях в группах, руководимых мужчиной, под влиянием которого она находится.

Проводимые в разные периоды криминологические исследования, посвященные проблеме женской преступности, неизменно подчеркивали отличие её от мужской преступности, как в отношении количественных показателей, так и качественных.

Общая структура преступлений, совершенных осужденными, отбывающими наказание в ИК общего режима, существенно изменилась, так как произошло перераспределение по группам преступлений. Значительно возросла доля осужденных женщин за преступления, связанные с незаконным оборотом наркотиков, вместе с тем увеличилась доля осужденных за преступления против жизни и здоровья.

Анализ отчета ГУИН РТ позволяют установить, что в числе всех категорий преступлений, совершаемых женщинами, наибольшую долю – 62,3% - составляют тяжкие преступления. Удельный вес особо тяжких преступлений достигает 32,5%. Наименьшую долю, совершенных женщинами преступлений, - 0,1% составили преступления небольшой тяжести. Преступления средней тяжести составили 5,1%[1].

Проанализировав соотношение возраста и категории совершенных преступлений, можно сказать, что наиболее часто совершают преступления всех категорий женщины в возрасте от 30 до 57 лет, наименьшую долю из них составляют женщины в возрасте свыше 57 лет. 19,1% совершенных преступлений приходится на долю женщин в возрасте до 30 лет.

Данные позволяют сделать вывод: с увеличением возраста увеличивается доля менее тяжких преступлений и преступлений средней тяжести (за исключением женщин возрастной категории 57 и более лет) и увеличивается доля тяжких и особо тяжких преступлений (также за исключением женщин указанной возрастной категории)[2].

При проведении исследования рассматривался вопрос о рецидиве, который представляется весьма значимым для характеристики осужденных женщин. Значение этого показателя позволяет судить не только об общественной опасности осужденной, но и определить вид исправительного учреждения.

Для организации профилактической работы большое значение имеют более детальные сведения о преступной прошлой деятельности осужденных. В целях получения достаточно полной картины состояния рецидивной преступности среди лиц, отбывающих наказание в ИК общего режима, нами были изучены личные дела осужденных, а именно: данные информационного центра о прежних судимостях к лишению свободы.

В сравнении с 2014, а так же с аналогичным показателем 2017 года изменилась доля как впервые судимых, так и рецидивисток. Количество имеющих одну судимость уменьшилось: 2014г. – 72,9%, на 1 апреля 2017г. – 69,8%, но возросла численность осужденных с 129 до 215 человек, то есть произошло увеличение в 1,6 раза.

Безусловно, отрицательным моментом является существенное увеличение доли рецидивисток, имеющих две и более судимостей. Так в 2014г. в ИК содержалось 27,1% осужденных женщин, то в 2017 году – 30,2% осужденных женщин, то есть увеличилось в 3,1%[3].

В характеристике осужденных числу судимостей принадлежит важная роль. Оно в значительной степени предопределяет степень общественной опасности осужденного, в ряде случаев – вид исправительного учреждения, в котором он будет отбывать наказание, следовательно, и уровень его правоограничений.

Фактическое изменения в структуре преступлений, за которые осужденным в ИК общего режима назначено наказание в виде лишения свободы, не повлекли за собой больших изменений среднего срока назначенного наказания. Хотя этот показатель уголовно-правовой характеристики личности осужденных является важным, так как длительность назначенного

---

[1] Квартальный отчет Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан по состоянию на 1 апреля 2017 года.

[2] Там же.

[3] Квартальный отчет Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан по состоянию на 1 апреля 2017 года.

наказания в виде лишения свободы отражает степень общественной опасности совершенных преступлений и личности осужденной.

При сравнении данных исследования установлены отличия групп осужденных к различным срокам наказания. Так, было установлено, что произошли изменения в определении срока лишения свободы осужденным в ИК в целом по стране.

Доля осужденных женщин со сроком до двух лет лишения свободы на 1 апреля 2017 года значительно изменилась в сравнении с 2014 г. и составила 0,9%. Существенно увеличилось доля женщин, которым назначено лишения свободы на срок от двух лет до пяти лет – с 7,8% до 29,3%[1].

Доля осужденных на срок свыше пяти лет до двенадцати лет включительно уменьшилась с 72,9% до 56,3%, т.е. на 16,6%, доля осужденных на срок свыше двенадцати лет до двадцати включительно уменьшилось с 19,3% до 11,2%. Кроме того, изменилась доля осужденных к лишению свободы на срок от двадцати до тридцати лет включительно с 0% до 2,3%[2].

Характеристика мер уголовно-правовой ответственности окажется неполной без сведений о назначении дополнительных наказаний осужденным женщинам. Исследования в этом направлении ИК общего режима позволили сделать выводы: по сравнению с данными переписи 2005 года произошли изменения в группе лиц, имеющих дополнительные наказания.

По нашим данным, 95,3% осужденных содержаться в исправительных колониях общего режима, не имеют дополнительных наказаний. 4,7% осужденных женщин, содержащихся в исправительных колониях общего режима, имели дополнительные наказания. Это на 24,7% ниже по сравнению с данными 2014 года. Удельный вес осужденных, которым в качестве дополнительного наказания был назначен штраф, составил 44,5% - в 2017 году, 32,5% - в 2014 году. То есть штраф в качестве дополнительного наказания стал применяться чаще. Частота других дополнительных наказаний уменьшилась. Так, конфисковано имущества у 10,7% осужденных женщин. Всего 34,4% составила доля женщин, которым было назначено лишение права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью. У 4,7% осужденных женщин конфискованы имущества и лишены права занимать определенные должности или заниматься определенной деятельностью.

Анализ личности осужденных к лишению свободы должен включать и изучение состояние их здоровья. Прежде всего, это необходимо для направления в специальные лечебные учреждения осужденных, страдающими инфекционными заболеваниями или нуждающихся в больничном режиме. Естественно, что выявление заболеваний и медицинское обследование – дело врача. Однако об установленных заболеваниях должно быть известно администрации колонии и в первую очередь – начальнику отряда. Это особенно важно, если речь идет о тяжелых заболеваниях, таких, как туберкулез, венерические, нервные, психические заболевания. Начальник отряда также должен знать, кто из осужденных женщин страдает алкоголизмом, наркоманией и в каких формах.

Что касается назначения принудительного или обязательного лечения, каждой пятой осужденной женщине был определен данный вид дополнительного наказания, что составило 2,7%. Основную долю среди них составило лечение от алкоголизма и наркомании. Удельный вес женщин, которым было назначено лечение от алкоголизма, составил 1,2%, от наркомании – 1,5%. Весьма немногочисленную долю составили женщины, нуждающиеся в обязательном лечении от туберкулеза – 0,3% и венерических заболеваний – 0,8%.

Вопрос о назначении принудительного или обязательного лечения тесно связан с тем, страдают ли осужденные женщины психическим расстройствами, не исключающими вменяемости. По данным ГУИН 97,9% женщин не страдает психическими заболеваниями, соответственно 2,1% - страдает той или иной формой заболевания, не исключающей вменяемости.

---

[1] Квартальный отчет Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан по состоянию на 1 апреля 2017 года.

[2] Там же.

За период с 2014 по 2017 годы, по данным статистической отчетности, доля осужденных, нуждающихся в принудительном лечении от алкоголизма и наркомании, существенно изменилась и составляет 0,5%[1]. Данная тенденция в уголовно-правовой характеристике отбывающих наказание в ИК общего режима должна быть учтена при организации воспитательной работы с осужденными и применении других средств исправления.

Прогрессивная система отбывания наказания, закрепленная в новом уголовно-исполнительном законодательстве, предусматривает возможность постепенного смягчения его условий. Например, все категории осужденных теперь имеют возможность условно-досрочного освобождения и замену части наказания более мягким. Это стимулирует процесс исправления осужденных и их правопослушное поведение. Это важно в практике исполнения наказания и организации воспитательной работы.

В исправительных учреждениях имеется система льгот, и разрабатываются различные методы обращения с разными категориями осужденных, чтобы поощрять их правопослушное поведение, развивать в них чувство ответственности, интерес к исправлению и сотрудничеству с администрацией, стремление к условно-досрочному освобождению.

Рассматривая вопрос о практике применения в настоящее время института условно-досрочного освобождения осужденных из мест лишения свободы, следует обратить внимание на то, что круг лиц, к которым он фактически применяется, зависит от вида режима исправительной колонии.

В 2014 году из исправительных учреждений по отбытии уголовного наказания освободилось 80% осужденных; в 2016 – 79,3% осужденных. Кроме того, в 2016 году доля женщин, освободившихся условно-досрочно, составляет 1,3% и 5,7% осужденные женщины были переведены в колонии-поселения.

Проведенные нами исследования, показали, что с вводом в действие нового уголовного и уголовно-исполнительного законодательства произошли существенные изменения в уголовно-правовой характеристике осужденных, отбывающих наказание в исправительных колониях. Резко увеличилась доля в ИК осужденных за преступления, связанные с мошенничеством.

Возможность применения положений об условно-досрочном освобождении от отбывания наказания и замене неотбытой части наказания более мягким видом наказания является важным признаком, имеющим большое значение в организации процесса исполнения наказания в отношении осужденных.

Применение института условно-досрочного освобождения осужденных от наказания позволяет на практике эффективно использовать положение уголовно-исполнительного законодательства об изменении условий отбывания наказания осужденным к лишению свободы, активнее привлекать осужденных к общественно полезному труду, учебе, участию в общественной жизни.

В практической деятельности осуществлять дифференцированный подход в воспитательной работе можно лишь при знании особенностей социально-правовой характеристики осужденных. Она представляет интерес и для научных, и практических работников, так как полученные сведения дают возможность выработать рекомендаций, по наиболее эффективному применению средств исправления осужденных, вносить предложения и по изменению законодательства, регулирующего порядок исполнения и отбывания наказания в виде лишения свободы в исправительных колониях.

---

[1] Квартальный отчет Главного управления исполнения уголовных наказаний Министерства юстиции Республики Таджикистан по состоянию на 1 апреля 2017 года.

# ПОНЯТИЕ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА

***Солехзода Г. Д.,***
***соискатель кафедры конституционного права юридического факультета ТНУ***

В статье 1 Конституции РТ в качестве одной из основных характеристик государства выступает понятие социального государства. Данная характеристика государства является относительно новой в конституционном регулировании государства в Таджикистане. Провозгласив себя социальным государством Таджикистан взял ряд обязательств по обеспечению достойного уровня жизни для своих граждан.

Понятие социального государство в Республики Таджикистан закреплено в статье 1 Конституции – Таджикистан, являясь социальным государством, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека.

В этом контексте важным является определение понятия «социальное государство». Существует большое количество понятий социального государства.

Так, Н.А. Волгина даёт следующее понятие социального государства «–это государство, политика которого направлена на создание условий, обеспечивающих достойную жизнь и свободное развитие человека. Основные направления, по которым реализуется принцип социального государства – охрана труда и здоровья людей, установление гарантированного минимального размера оплаты труда, обеспечение государственной поддержки семьи, материнства, отцовства и детства, инвалидов и пожилых граждан, развитие системы социальных служб, установление государственных пенсий, пособий и иных гарантий социальной защиты».[1]

В свою очередь М.В. Баглай социальным «называется государство, которое берет на себя обязанность заботиться о социальной справедливости, благополучии своих граждан, их социальной защищенности».[2]

А.А. Шулуса и Н.Н. Гриценко в своей книге «Основы социального государства» сформулировали понятие социального государство «Социальное государство – это такое государство, которое в полной мере выполняет свои социальные функции (наряду с экономическими, политическими и духовными) и одновременно является правовым и демократическим государством». [3]

«Социальное государство – это правовое демократическое государство, которое провозглашает высшей ценностью человека и создает условия для обеспечения достойной жизни, свободного развития и самореализации творческого (трудового) потенциала личности. Под достойной жизнью человека понимается его материальная обеспеченность на уровне стандартов современного развитого общества, доступ к ценностям культуры, гарантированность прав личной безопасности, а под свободным развитием человека – его физическое, умственное и нравственное совершенствование».[4]

Из приведенных понятий социального государства можно вывести ряд характерных признаков присущих данному понятию.

- социальное государство, создает условия, обеспечивающие достойную жизнь и свободное развитие каждого человека;
- обязанность заботиться о социальной справедливости, благополучии своих граждан, их социальной защищенности;

---

[1] Гриценко Н.Н.,. Волгин Н.А, Попов Ю.Н.,. Шарков Ф.И, Шулус А.А. Основы социального государства Москва – 2009.– С. 51, 77,416

[2] Баглай, М.В. Конституционное право Российской Федерации / М.В. Баглай. – М., 1997. – С. 118-119.

[3] Гриценко Н.Н.,. Волгин Н.А, Попов Ю.Н.,. Шарков Ф.И, Шулус А.А. Основы социального государства Москва – 2009.– С. 51, 77,416

[4] Гриценко Н.Н.,. Волгин Н.А, Попов Ю.Н.,. Шарков Ф.И, Шулус А.А. Основы социального государства Москва – 2009.– С. 51, 77,416

- социальное государство состоит из определенных функции – экономическими, политическими и духовными;

- достойная жизнь и свободная развития – это материальная обеспеченность и умственная.

Исходя из изложенного мы под социальным государством понимаем, что это государство создает условия, достойную жизнь, свободное развития, заботиться о социальное справедливости, защищенности, состоит из определенных функции, это материальная обеспеченность и умственная.

Понятия социального государство употребляется в конституциях стран мира, оно закреплено в конституциях европейских государств, как Албания, Бельгия, Италия, Испания, Румыния, Швейцария. В конституциях таких странах Азии, как Грузия, Молдова, Литва, Латвия, Эстония, Армении, Беларуси, Казахстана, Таджикистана, Украины, Азербайджана, Кыргызстана, Туркменистана, Узбекистан, а также в Конституции Федерации России. Конституционный закрепление «социального государства» впервые были воплощены таким государством как США, ФРГ, СССР.

Проанализировав термин «социального государство» в конституционных закреплениях стран Европы, Азии, стало ясно роль понятия социального государства и ценности в основном законодательстве государств.

| Конституция стран Европы | | |
|---|---|---|
| Конституция Италии 1947 года | Статья 1,2,3,4 | - «республика, основанная на труде»;<br>- принцип политической, экономической и социальной солидарности;<br>- «устранять препятствия экономического и социального порядка, которые, фактически ограничивая свободу и равенство граждан, мешают полному развитию человеческой личности и эффективному участию всех трудящихся в политической, экономической и социальной организации страны»;<br>- «способствующую материальному или духовному развитию общества».[1]; |
| Конституция Франции 1958 года и Преамбула к Конституции Франции 1946 года | Статья 1 | - Франция провозглашается социальной республикой<br>- «каждый обязан работать и имеет право на получение должности; нация гарантирует личности и семье необходимые условия для их развития; она гарантирует всем, в том числе ребенку, матери, престарелым трудящимся охрану здоровья, материальное обеспечение, отдых и досуг; всякое человеческое существо, лишенное возможности трудиться по своему возрасту, физическому или умственному состоянию, экономическому положению, имеет право на получение от коллектива средств, необходимых для существования».[2] |
